**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ «АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 340.1+342.556 (575.3)**
**ТКБ: 67.3+67.99 (2) 1 (2 тоҷик)**
**Н – 92**

**НУРИДДИНЗОДА СУФӢ НУРИДДИН**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ, ҲУҚУҚӢ ВА ТАШКИЛИИ ҲАМКОРИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Раҳимзода Рамазон Ҳамро

**Душанбе – 2025**

## МУНДАРИЧА


**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ…………..3**
**МУҚАДДИМА……………………………………………………4-23**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛИ ҲАМКОРИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ**
1.1. Асосҳои умуминазариявии ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ……………………………………………24-54
1.2. Асосҳои ҳуқуқии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ……………………………………………..55-84

**БОБИ 2. ТАҶРИБАИ АМАЛИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ҲАМКОРӢ БО ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
2.1. Нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар самти ташкили фаъолияти ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ……………………………………………………………85-114
2.2. Шакл ва усулҳои ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ……………………………………………..115-140
2.3. Таҷрибаи мақомоти корҳои дохилии мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ…………………..…………………………………141-169

**БОБИ 3. САМТҲОИ МУКАММАЛСОЗИИ ТАШКИЛИ ҲАМКОРИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ……………………………..………………170-183**

**ХУЛОСА………………………………………………………..184-189**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ………………………………………………………..190-191**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)……………………………..192-220**
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ…………221-223**
**ЗАМИМАҲО…………………..…………………………..224-269**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФР** – Федератсияи Россия

**ИШ** – Иттиҳоди Шуравӣ

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**МКД** – Мақомоти корҳои дохилӣ

**ВКД** – Вазорати корҳои дохилӣ

**ВАО –** Васоити ахбори омма

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**РВКД** – Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ

**ШВКД** – Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони ҷаҳонишавии давлатҳо, бархӯрди манфиатҳои миллию байналмилалӣ, задухӯрди мусаллаҳонаи байни қавму мазҳабҳои гуногун, тарғиби ақидаҳои экстремистӣ ва хусусияти ҷаҳонӣ касб намудани нақшаҳои тарҳрезишудаи гурӯҳҳои террористӣ, аҳаммияти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар дохили ҳар як давлат бараъло меафзояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таҳдиди хатарҳои болозикр истисно нест.

Албатта, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳукмфармоии сулҳу субот дар давлат ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, рушди иқтисоди миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, афзудани эътибори давлат дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дигар арзишҳои умумибашарӣ, мусоидат менамояд.

Бо пош хӯрдани давлати абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ (минбаъд – ИШ), ки дар ҶТ тартиботи ҷамъиятӣ ба таври оммавӣ вайрон гардида буд ва он тӯли чандин солҳо давом дошт, воқеан мавҷудияти арзишҳои умумибашарӣ ва ҳимояи онҳо зери суол қарор мегирифт. Давлатро зарур буд, ки мадди аввал дар заминаи хушку холӣ ё қисмати боқимондаи ноустувори сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ мақомоти таъмини тартиботи ҷамъиятиро ташкил ва асосҳои ҳуқуқии фаъолияти онро муайян намояд.

Дар чунин вазъ, 2 майи соли 1992, № 650 Қонуни ҶТ «Дар бораи милиса» қабул гардида, дар он дар қатори дигар вазифаҳо, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои асосии милитсия муайян карда шуд. Милитсияро мебоист вазифаи мазкурро дар ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иҷро намояд, аммо дар қонуни зикршуда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолияти дигар субъектони таъмини тартиботи ҳуқуқӣ шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва доираи фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ, махсусан, фаъолияти онҳо дар соҳаи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, муайян нашуда буд.

Бо қабул шудани Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 21 майи соли 1998, №644 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 3 декабри соли 2009, №566 шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба таври нопурра ҳам бошад, муайян гардиданд.

Муқоисаи солгарди қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ташкили фаъолияти ҳамкории мақомоти корҳои дохилиро бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муайян менамоянд, шаҳодатгари он мебошанд, ки мақсади аслӣ аз воқеияти мавҷуда хеле дур мондааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи баамаломадаро амиқ дарк намуда, қайд менамоянд: «Дар раванди пешгирии ҷиноятқорӣ ва мубориза бо унсурҳои ҷинояткор вусъат бахшидани ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус мақомоти милитсия, бо аҳолӣ хеле муҳим мебошад» [200].

Ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд – МКД) бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ метавонад, ки тартиботи ҷамъиятиро дар сатҳи интизориҳои аҳолӣ ва воқеан амалигардии ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва шаҳрвандон таъмин намояд. Ҳамчунин, дар раванди ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ маҳз намояндагони ҷомеа аз фаъолияти амалии МКД ба таври ошкоро маълумот пайдо намуда, дар як вақт моҳияти принсипи ошкорбаёнӣ ва демократизми фаъолияти милитсия тарғиб мегардад, самтҳои фаъолияти ҳамкорӣ дар якҷоягӣ ба нақша гирифта мешаванд, мушкилоти асосии ҳалталаб муайян гардида, барои ҳалли онҳо чораандешӣ мешавад, намояндагони фаъоли ҷомеа ҳамчун субъектони иловагӣ ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҷалб гардида, фаъолияти онҳо такмил дода мешавад, ҳавасмандии аҳолӣ оид ба таъмини тартибот дар нуқтаҳои аҳолинишин зиёд гардонида шуда, боварии шаҳрвандон ба фаъолияти МКД меафзояд, сатҳи шуурнокӣ ва донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон боло

рафта, дар умум ҷомеае, ки аз таҳдидҳои ҷиноятӣ ва дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ бехатар аст, эҳё карда мешавад.

Тибқи талаботи Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020, ҳамкорӣ бо ҷомеа яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти милитсия ба ҳисоб меравад [42]. Чи хеле ки ба мо маълум аст, бо гузашти муҳлати Барнома ҳадафҳои дар пеш гузошташуда ба пуррагӣ ҳалли хешро наёфтанд, ки яке аз ин ҳадафҳо коркард ва бознигарӣ намудани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории милитсия бо ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, бо мақсади ҳалли вазифаҳои иҷронашуда дар ҶТ Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 [44] қабул шуд. Аз талаботи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 [45] бармеояд, ки зиёда аз 10 банди онро иҷрои чорабиниҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва ташкилие дар бар мегирад, ки ба масъалаи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ бахшида шудаанд.

Нуктаҳои дар боло зикршуда мубрамияти таҳқиқоти илмии ташкили фаъолияти ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро тақозо намуда, хулосаи назарсанҷии [112, с. 274] дар байни кормандони МКД ва шаҳрвандон гузаронидаи диссертант, (замимаҳои №2 ва 4-и диссертатсия) беҳбудии ташкили корро дар самти мазкур нишон медиҳад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар давраи соҳибистиқлолии ҶТ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ ва дохилиидоравие қабул карда шудаанд, ки метавонанд дар танзим ва ташкили фаъолияти ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ заминаи ҳуқуқӣ гарданд. Аз ҷумла, 3 қонун [13; 15; 29], 4 фармони Президент [35; 38; 39; 40], 4 қарори Ҳукумат [42; 44; 46; 47] ва 6 фармон/фармоиши Вазорати корҳои дохилӣ [49; 51; 52; 53; 54; 55] (минбаъд – ВКД) ба тасвиб расонида шудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар ҶТ ҷанбаҳои алоҳидаи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар иҷрои вазифаҳои ҳокимиятӣ (давлатӣ),

ҳамкории МКД бо дигар субъектон дар муқовимат ба ҷинояткорӣ, нақши шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккули фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, МКД дар самти муқовимат ба кирдорҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ аз ҷониби олимон ва мутахассисони ватанӣ, ба монанди Ф.Р. Шарифзода [109; 197], Ҳ.С. Сангинов [188], А.А. Қаҳҳоров [167], А.Ш. Одиназода (А.Ш. Одинаев) [185], И.Т. Маҳмудов [177], У.И. Абдуллаев [156], М.О. Қудратов [170], М.А. Амрудинзода (М.А. Нажбудинов) [181], С.Ш. Шарифзода (С.Ш. Нуралиев) [183], А.Қ. Рустамзода (М.М. Мирзорустамов) [178], З.П. Ҳайдарзода [195], С.А. Ҳабибов [194], А.Л. Абдуллоев [157], Н.Ҷ. Назарзода (Н.Ҷ. Назаров) [82], Р.М. Раҷабзода (Р.М. Раҷабов) [90], Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) [94; 147; 155], А.Р. Абдулло [113], Ғ.Н. Қодирзода [135] ва дигарон мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудаанд.

Рисолаҳои диссертатсионии олимони ватанӣ Н.Д. Вализода (Н.Д. Валиев) [162] ва М.М. Мирзоҳофизиён [179] ҳамкории мақомоти корҳои дохилиро бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мушаххас менамоянд, аммо дар таҳқиқоти болозикр зимни баррасии масъалаҳои танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ҳамкории милитсия бо ҷомеа ба масъалаи хусусиятҳои ташкили ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аҳаммияти амиқ зоҳир нагардидааст. Гузашта аз ин, масоили ташкили ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар партави ислоҳоти милитсия дар давраи соҳибистиқлолии ҶТ то имрӯз мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор дода нашудааст.

Оид ба асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкили фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ оид ба иҷрои вазифаҳои мақомоти давлатӣ, ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, МКД бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи

ҷамъиятӣ, назорати ҷамъиятии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таҷрибаи МКД (полиси) давлатҳои хориҷӣ дар самти ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ олимони Федератсияи Россия (минбаъд – ФР) назарҳои гуногунро иброз намудаанд. Осори илмии олимони рус, ба монанди А.А. Аксенов [158], Н.В. Желтова [166], А.П. Матвеев [176], П.В. Десятих [165], Р.В. Колодин [169], А.А. Павлов [186], А.В. Маркитантов [174], С.А. Терентев [190], М.С. Лашенов [171], А.А. Федосеев [192], И.В. Потапенкова [89], В.К. Колпаков [75], Л.Д. Шаповалова [108], А.А. Гончаров [67], М.А. Бучакова [114], С.В. Егоришев [120], И.А. Зайтсев [123], П.Н. Кобетс [129], О.Н. Дунаева [119], И.В. Важенина [115], И.В. Гончаров [116], А.М. Сергиенко [148] ва дигарон ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро фарохтар гардонида, боиси баҳсу мунозираҳои илмӣ гардидаанд.

Чи тавре ки маълум мегардад, тадқиқоти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда аз ҷониби олимону мутахассисони ФР ва дигар давлатҳои хориҷӣ нисбат ба намояндагони илми ватанӣ дар пешрафт қарор дорад. Аз ин рӯ, вазъи ҷойдошта воқеан тақозо менамояд, ки ташкили фаъолият оид ба ҳамкории МКД бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ ба роҳ монда шавад. Анҷом додани тадқиқоти диссертатсионии мазкур низ маҳз бо мақсади омӯзиши муваффақиятҳои бадастомадаи соҳавии ҳам миллӣ ва ҳам хориҷӣ, таҳлил ва муқоисаи илмии онҳо, пешбинии истифодаи таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ ва шароити хизматии МКД ва тақвияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти ислоҳоти милитсия амалӣ гардида, ба мукаммалгардонии фаъолияти МКД ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур мутобиқи Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, мавзуи илмии кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД ҶТ «Идоракунии муосири фаъолияти

ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи ҳуқуқ» барои солҳои 2021-2025» ва мавзуи илмии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2 Академияи ВКД ҶТ «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти корҳои дохилӣ дар партави ислоҳоти милитсия: проблема ва дурнамои он» барои солҳои 2021-2025» ба роҳ монда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиши ҳамаҷонибаи мафҳум, моҳият, шаклу усул ва вазъи имрӯзаи ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, таҳлили қонунгузории соҳавӣ, муқоисаи ташкили кор ва ба роҳ мондани ҳамкории ниҳодҳои зикршуда дар ҶТ дар муқоиса ба дигар давлатҳои хориҷӣ, дарёфти таҷрибаи пешқадам, инчунин, манзур намудани пешниҳод вобаста ба рушди қонунгузории ҶТ  дар шароити ислоҳоти милитсия ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф ҳалли вазифаҳои зерин дар назар аст:

– омӯзиши мафҳум ва моҳияти ҳамкорӣ, ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва таҳлили илмии ақидаҳои назариявии олимону мутахассисони соҳавӣ;

– омӯзиш, таҳлил ва баррасии асосҳои ҳуқуқии ташкили ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

– муайян намудани нақши МКД дар самти ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

– пешниҳоди илмӣ ва асоснокӣ оид ба муайян намудани мавқеи МКД ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсози фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

– таҳлили таҳқиқоти илмӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ оид ба шакл ва усулҳои ташкили ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва дар ин замина, пешниҳоди асоснок оид

ба такмили шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

– бо дарназардошти омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ пешниҳод намудани шаклу усул ва механизми самараноки ҳамкории милитсия бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

– таълифи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти мукаммалсозии ташкили ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба таҳқиқи масоили назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** масоили мубрам марбут ба ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, муайян намудани шаклу усулҳои самараноки ҳамкории ин ду ниҳод ва ироаи пешниҳод ҷиҳати такмили қонунгузории миллӣ оид ба танзими муносибатҳои соҳавӣ дар шароити ислоҳоти милитсия ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамкории МКД ҶТ-ро бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз давраи соҳибистиқлолии ҶТ, бахусус, аз раванди оғози ислоҳоти расмии милитсияи давраи соҳибистиқлолии давлат то соли 2025 дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни моҳияти ҳамкорӣ, бахусус, ҳамкории бо шарикӣ асосёфта, мафҳум, сохтор, функсия ва шаклҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шакл, усул ва роҳҳои ташаккули ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Асоси таҳқиқотро асарҳои ҳуқуқшиносон ва ҷомеашиносони

давраи ИШ ва пасошуравӣ, инчунин, асарҳои илмӣ дар соҳаи таърих, бахусус, таърихи ташаккули милитсия, фаъолияти маъмурии МКД, низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, назарияи идоракунӣ, фалсафаи ҳуқуқ ва ғайра ташкил медиҳад.

Дар таҳияи рисола муаллиф ба осори олимони ватанӣ, ба монанди Ф.Р. Шарифзода, Ҳ.С. Сангинов, А.А. Қаҳҳоров, А.Ш. Одиназода, И.Т. Маҳмудов, У.И. Абдуллоев, М.О. Қудратов, М.А. Амрудинзода, С.Ш. Шарифзода, А.Қ. Рустамзода, З.П. Ҳайдарзода, С.А. Ҳабибов, А.Л. Абдуллоев, Н.Ҷ. Назарзода, Р.М. Раҷабзода, Р.Ш. Шарофзода, А.Р. Абдулло, Ғ.Н. Қодирзода ва олимони хориҷӣ, аз қабили А.А. Аксенов, Н.В. Желтова, А.П. Матвеев, П.В. Десятих, Р.В. Колодин, А.А. Павлов, А.В. Маркитантов, С.А. Терентев, М.С. Лашенов, А.А. Федосеев, И.В. Потапенкова, В.К. Колпаков, Л.Д. Шаповалова, А.А. Гончаров, М.А. Бучакова, С.В. Егоришев, И.А. Зайтсев, П.Н. Кобетс, О.Н. Дунаева, И.В. Важенина, И.В. Гончаров, А.М. Сергиенко ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ташкил додаанд. Дар диссертатсия усулҳои умумии фалсафӣ, ба монанди усулҳои диалектикӣ, низомнок, функсионалӣ, таҳлилӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили усулҳои махсуси расмӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, сохторӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ истифода гардидаанд.

Истифодаи усули низомнок дар таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамкории МКД бо ҷомеаро ҳамчун низоми томи муносибатҳои ҷамъиятии воқеан мавҷудбуда ва ташаккулёбанда тавсиф менамояд. Усули функсионалӣ нақши ҳамкории мақомоти корҳои дохилиро бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ошкор сохтааст. Усули диалектикӣ бошад, имкон дод, ки шаклу усулҳои самараноки ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳолати ташаккул ва рушд таҳия гарданд. Истифодаи усули таҳлилӣ дар таҳқиқи мавзуъ имкониятро фароҳам овард, ки дар натиҷаи омӯзиши асарҳо ва дигар маводи илмӣ

таҷрибаи пешқадами (афзалиятноки) ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муайян карда шавад.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои махсуси ҳуқуқии расмӣ-ҳуқуқӣ (ҳангоми тафсири талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ), муқоисавӣ-ҳуқуқӣ (ҳангоми гузаронидани таҳлили муқоисавии санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ), сохтори-ҳуқуқӣ (ҳангоми омӯзиши низоми асосҳои ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), таърихӣ-ҳуқуқӣ (ҳангоми омӯхтани таҷрибаи таърихии ташкили ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), истифода гардидаанд.

Бо мақсади омӯзиш ва муайян намудани ҳолати воқеии донишҳои назариявии кормандони МКД оид ба моҳияти ҳамкории онҳо бо ҷомеа ва муайян намудани омилҳои ба ҳамкории милитсия бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ монеъшаванда  муаллиф аз усули эмпирикӣ дар доираи татбиқи ҳадафҳои мушаххаси сотсиологӣ истифода намудааст. Дар баробари ин, таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ, ки муаллиф анҷом додааст, ба усулҳои зерини таҷрибавӣ асос ёфтааст: пурсиш (пурсиши хаттӣ), мусоҳиба (пурсиши шифоҳӣ) ва ғайра.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи меъёрии диссертатсияро Конститутсияи ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории амалкунандаи ҶТ ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот қонунгузории амалкунанда, барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳои давлатӣ, асарҳои олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқ, таърих, психология, педагогика, фалсафа, ҷомеашиносӣ ва ғайра мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Бо мақсади мавриди таҳқиқоти дақиқи илмӣ қарор додани раванди ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, дар таҳияи рисола санадҳои дохилиидоравии ВКД ҶТ, аз қабили фармоишҳо, оинномаҳо, низомномаҳо, ки механизм ва раванди ташкили фаъолияти ҳамкории байни милитсия ва ҷомеаро мушаххас менамоянд, таҳлил ва истифода гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он аввалин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ вобаста ба масъалаи ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мебошад, ки раванди амалигардонии ислоҳоти милитсияро тибқи ду барномаи давлатӣ (2014-2020 ва 2021-2025) дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар бар гирифтааст.

Инчунин, дар диссертатсия асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ, шакл ва усулҳои ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, нақши МКД дар ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, таҷрибаи МКД давлатҳои хориҷӣ дар ин соҳа мавриди таҳлил қарор дода шуда, ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории амалкунандаи ҶТ пешниҳодҳо манзур карда мешаванд.

Нуктаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузоштташударо инъикос мекунанд.

**I. Нуктаҳои хусусияти назариявидошта.** Дар асоси таҳлили илмии гузаронидашуда хулосаҳои назаривии зерин барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

**1.** Ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ин фаъолияти ташаббускорона, мутақобила ва ҳамоҳангшуда мебошад, ки бо мақсади ҳалли вазифаҳо вобаста ба таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани сатҳи дастрасии хизматрасонии милитсия ба ҷомеа, афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба МКД, рушди фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятӣ бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, муайян намудани механизми самараноки огоҳонӣ, пешгирӣ, ошкор намудан ва кушодани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо равона гардидааст.

**1.1.** Ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бо чунин хусусиятҳо тавсиф карда мешавад:

– ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар замони муосир тобиши сиёсиро касб намудааст. Яъне, ташкили ҳамкории МКД бо

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба амалишавии самти сиёсати давлат дар муқовимат ба ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мусоидат менамояд;

– ташаббус ба ҳамкорӣ марҳилаи аввалини пайвастани ҳамгироӣ байни МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Муқаррар намудани яке аз самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар шакли иштироки онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва пешбинӣ кардани ин самти фаъолият дар оинномаи (низомномаи) батанзимдарории фаъолияти онҳо, усули муҳимтарини таъмини иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад;

– ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ фаъолияти ҳамоҳангшуда мебошад. Ҳамоҳангсозии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби МКД назорати фаъолиятеро нисбати онҳо дар бар мегирад, ки танҳо барои иҷрои вазифаҳои оинномавӣ дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ёрӣ расонидан ба милитсия равона шудаанд;

– мақсади асосии ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро эҳёи ҷомеаи бехатар ташкил менамояд.

**1.2.** Омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи костакунандаи ҳамкории байни МКД бо ҷомеаи шаҳрвандиро метавон ба чунин намудҳо ҷудо намуд:

– омилҳои объективӣ (паст будани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ба чашм нарасидани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки маҳз бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсис дода шудаанд, ба иҷрои корҳои ғайрифунксионалӣ ҷалб кардани кормандони милитсия, зиёд будани сарбории нозирони минтақавии милитсия, аз ҷумла, дар минтақаи хизматӣ ба нозири минтақавии милитсия вобаста намудани шумораи аз ҳад зиёди аҳолӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани таъминоти моддӣ-техникии кормандони милитсия, майлу рағбат надоштани шаҳрвандон ба ҳамкорӣ);

– омилҳои субъективӣ (нокифоя будани сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ ва малакаи кории кормандони милитсия, сатҳи пасти маълумоти кормандони мақомот аз раванди ислоҳоти милитсия, хусусияти ҳукмфармоӣ доштани фаъолияти милитсия, беҳафсалагӣ дар иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ, надоштани таҷрибаи ҷалби аҳолӣ ба ҳамкорӣ, назорати сусти роҳбарони баъзе аз ҷузъу томи мақомот аз болои зердастон, дар вазифаҳои нозирони минтақавии милитсия ва нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила бештар таъйин гардидани ҷавонон, бехабарии кормандон аз зарурат ва ҳатмӣ будани ҳамкорӣ бо аҳолӣ, сатҳи пасти маълумоти кормандони мақомот аз фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди МКД).

**1.3.** Шакли ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ин тарзи ифодаи амали берунӣ ва таъсири мутақобилаи мақсадноки байни МКД ва шаҳрвандон мебошад, ки механизми баамалбарории он бо тарзу усулҳои ҳуқуқӣ ва иҷозатдодашуда муайян мегардад.

Шаклҳои ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бояд таснифотро вобаста ба хусусияти ошкорогӣ ва махфият, барасмиятдарории шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, самти фаъолият, ҳайат (аъзогӣ), таъйиноти функсионалӣ, мазмуни вазифаҳо ва тартиби иҷрои онҳо ва ҷузъиёти ҳифзиҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар бар гирад.

**2.** Ҳисоботдиҳии МКД дар байни аҳолӣ – усули ҳамкории мутақобилаи ҳатмӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар раванди он фаъолияти хизматии кормандони МКД оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, муқовимат ба ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар давраи муайян натиҷагирӣ карда шуда, аҳолӣ оид ба вазъи ҷойдоштаи тартибот, амнияти ҷамъиятӣ ва вазъи криминогении минтақаи зисти худ хабардор мегардад ва ҳалли мушкилоти асосии минтақаи хизматӣ бо дарназардошти фикру андешаҳои аҳолии минтақа ба амал бароварда мешавад.

Ҳисоботдиҳии нозири минтақавии милитсия дар байни аҳолии минтақаи хизматӣ ҳамчун яке аз маҳаки асосии баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматии нозири минтақавии милитсия арзёбӣ мегардад. Шакл, мазмун ва мундариҷаи ҳисоботдиҳии МКД – инъикоскунандаи моҳияти фаъолияти хизматӣ эътироф мегардад.

**3.** Роҳандозӣ намудани ҳамкории милитсияи ҶТ бо ҷомеа дар асоси моделҳои дахлдори таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз қабили милитсияи/политсияи ба ҳалли масоил нигаронидашуда (дар самти ҷалби ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ ба лоиҳаҳои ҳамкорӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ), политсияи ҳамсоягӣ (дар самти таъсир расонида тавонистани аъзоёни ҷомеа ба нақша ва афзалиятҳои политсия ва амалиёти муштараки полис бо шарикон ва ҷомеа), политсияи дастгирӣ (дар самти таҳияи Барномаи миллӣ оид ба баланд бардоштани боварии (эътимоди) шаҳрвандон ба фаъолияти политсия), политсияе, ки фаъолияташ ба шаҳрвандон нигаронида шудааст (дар самти таҳияи дастурамал оид ба принсипҳои кори корманди полис бо шабакаҳои иҷтимоӣ-интернетӣ) дар оянда ба татбиқи воқеии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаиислоҳоти милитсия/политсия ва устуворгардонии пояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд мусоидат менамоянд.

**II. Нуктаҳое, ки баҳри такмили қонунгузории кишвар дар соҳаи ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд:**

**4.** Вобаста ба мустаҳкам намудани коркардҳои назариявии муаллиф, механизми ҳуқуқии ҷойдоштаи ҳамкорӣ бо як қатор меъёрҳои мушаххаси иловагӣ пурзӯр карда мешаванд. Лоиҳаҳои пурраи ин меъёрҳои коркардшуда дар замимаи №7 диссертатсия оварда мешаванд.

**4.1.** Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, №258:

– дар қисми 1 моддаи 8 калимаи «узвият» ба ибораи «узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ» иваз карда шавад;

– «Моддаи 5 (1). Самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» илова карда шавад;

– ба қисми 1 моддаи 24 зербанди сездаҳум дар таҳрири: « – дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми баргузории чорабиниҳои оммавӣ иштирок намуда, оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ба мақомоти давлатӣ мусоидат намояд;» илова карда шавад;

– «Моддаи 24 (1). Кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» илова карда шавад.

**4.2.** Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, №41:

– номи моддаи 6 дар таҳрири: «Моддаи 6. Иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, корхонаю ташкилотҳо ва шаҳрвандон дар иҷрои вазифаҳои милитсия» ифода карда шуда, матни меъёри модда бо он мувофиқ карда шавад;

– «Моддаи 6 (1). Мақомоти давлатии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» илова карда шавад;

– «Моддаи 6 (2). Ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» илова карда шавад.

**4.3.** Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 22 июни соли 2023, №1969:

– ба қисми 3 моддаи 5 зербанди нав дар таҳрири: «1) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, иттиҳодияҳои ҷамъиятии дар самти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияткунанда;» илова карда шавад;

– ба моддаи 5 қисми 4 дар таҳрири: «4. Иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии зикршуда дар асоси барасмиятдарории ҳамкорӣ амалӣ гардида, қонун иштироки инфиродӣ ва дастаҷамъонаи шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бе барасмиятдарории ҳамкорӣ кафолат медиҳад» илова карда шавад;

– ба қисми 1 моддаи 25 зербандҳои 5), 6), ва 7) дар таҳрири: «5) рухсатии меҳнатии иловагӣ ба муҳлати аз 3 то 5 шабонарӯз, нисбати

шаҳрвандоне, ки дар ин ё он корхона, муассиса ва ташкилот кору фаъолият менамоянд; 6) роҳхат барои истироҳат дар санатория ва ё дигар истироҳатгоҳҳо; 7) кортҳои имтиёзноки истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ ҳангоми баамалбарории уҳдадории ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ;» илова карда шавад.

**4.4.** Ба Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ аз 13 феврали соли 2024, №60:

– банди 55 дар таҳрири: «55. Мақомоти корҳои дохилӣ дар ташкили фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дорои вазифаҳои зерин мебошад:

– муҳайё намудани шароит барои ташкили дастёрони ихтиёрӣ, инкишофи ҳамкорӣ бо онҳо ва фаъол гардонидани фаъолияти онҳо дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

– роҳнамоии методии кормандоне, ки барои амалисозии ҳамкорӣ бо дастёрони ихтиёрӣ масъул мебошанд;

– дар якҷоягӣ бо дастёрони ихтиёрӣ муайян намудани мушкилоти асосии минтақаи хизматӣ, ки ба вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат карданашон мумкин аст ва оид ба ҳалли онҳо ба таври ҳатмӣ ба инобат гирифтани фикри аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ;

– муайян намудани талаботи сокинони минтақаи аҳолинишин ва аз рӯи он ба роҳ мондани фаъолияти якҷоя бо дастёрони ихтиёрӣ ҷиҳати ҳалли масъала.» илова карда шавад.

**4.5.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008, №455:

– «Моддаи 482 (1). Муроҷиат ва (ё) истифодабарӣ аз хизматрасонии сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин» илова карда шавад.

**4.6.** Пешниҳод мешавад, ки Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ аз 3 январи соли 2018, №1 дар таҳрири нав қабул карда шавад. Дар таҳрири нав қабул намудани Консепсияи мазкур заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳоро оид ба шаклу усул ва механизми баамалбарории ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои

ҷомеаи шаҳрвандӣ мустаҳкам намуда, муқаррароти он ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ мутобиқ карда мешавад.

**4.7.** Бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, бахусус, баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ) оид ба муайян намудани мавқеъ ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳалли вазифаҳои мақомоти давлатӣ, кафолати иҷтимоӣ-ҳуқуқии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидаткунанда, тақвияти фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии айни замон фаъолияткунанда, дурнамои таъсиси шуроҳои ҷамъиятӣ дар самтҳои муайяни фаъолият, инчунин, ҷиҳати намояндагии манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷомеа дар муҳокима ва қабули қарорҳо дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ, дар ҶТ қабул намудани Қонун «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти давлатӣ» (замимаи №5-и рисолаи диссертатсионӣ) ва «Низомнома дар бораи тартиби суғуртаи шахсии хатмии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ ва ҷуброни зарари ба саломатӣ ва молу мулки онҳо расонидашуда» (замимаи №6-и рисолаи диссертатсионӣ) ба мақсад мувофиқ дониста мешаванд.

**4.8.** Бо мақсади тақвияти фаъолияти ҳамкорӣ байни МКД ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дар ин замина, ҳар чи бештар дастрас намудани маълумот оид ба фаъолияти мутақобилаи ҳамкорӣ, дар сомонаи расмии ВКД ҶТ ҷойгир кардани равзанаи алоҳида оид ба ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дар сомонаи расмии Вазорати адлияи ҶТ оид ба номгӯйи пурраи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳисоботи муфассали фаъолияти онҳо, ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти гузаронидашуда фаҳмишҳои илмӣ оид ба ҳамкории МКД бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус, бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мукаммал гардида, ба устуворгардии пояҳои давлати демократию ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон замина мегарданд. Ҳамзамон, натиҷаҳои кори мазкур метавонад барои таҳқиқоти минбаъда дар ин

самт ҳамчун сарчашма бароматд намоянд. Дар баробари ин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ба мо имкон медиҳад, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии ҳамкории МКД бо ҷомеаи шаҳрвандиро дар шароити ислоҳоти милитсияи давраи соҳибистиқлолӣ муайян созем.

Хулоса, нуктаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳо, стратегия ва консепсияҳои сатҳи идоравӣ ва давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии кормандони МКД дар шароити эъмори давлатӣ ҳуқуқбунёд истифода шаванд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои рисола метавонанд ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва амалии кормандони МКД ва дар раванди таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисоси кормандони МКД ва таълими фанҳои «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа», «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Фаъолияти маъмурии МКД», «Низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» ва ғ., ҳамзамон, ҳангоми таълифи маводи таълимӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ васеъ истифода гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назариявӣ, амалӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ марбут ба паҳлӯҳои гуногуни ҳамкории МКД бо ҷомеа дар шароити ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили ҳолати кунунӣ дар раванди ислоҳоти соҳа ва ташаккули ҳамкории МКД бо ҷомеаи шаҳрвандӣ асос ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия аз муайян намудани навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда иборат буда, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ муҳим арзёбӣ гашта, асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Диссертатсия дар кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД ҶТ омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи номбурда муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Маводи таҳқиқот, инчунин, дар маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва дигар интишороти илмӣ инъикос ёфтааст:

**а) байналмилалӣ:**

– IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» – маърӯза дар мавзуи: «Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» (ш. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 18 апрели соли 2025).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Самтҳои мукаммалгардонии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии кормандони милитсия дар партави ислоҳоти милитсия» – маърӯза дар мавзуи: «Кафолати ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии корманди милитсия дар доираи ислоҳоти милитсия» (ш. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 25 ноябри соли 2020);

– конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши шуроҳои ҷамъиятӣ дар ислоҳоти милитсия» – маърӯза дар мавзуи: «Шакл ва усулҳои ҳамкории Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бо аҳолӣ» (ш. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 28 октябри соли 2021);

– конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши қонунгузорӣ дарислоҳоти милитсия: муваффақият ва норасогиҳо» – маърӯза дар мавзуи: «Баъзе аз проблемаҳои амалӣ ва норасогии қонунгузорӣ оид ба баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» (ш. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 20 декабри соли 2022);

– мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Пешгирии зӯроварӣ дар оила: проблемаҳои амалии татбиқи қонунгузорӣ» – маърӯза дар мавзуи: «Масоили ҳамкории милитсия бо ҷомеа оид ба пешгирии ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила» (ш. Душанбе, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ, 17 октябри соли 2023);

– конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши ислоҳоти милитсия дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва амалҳои ҷиноятӣ: таҳлил ва муқоиса» – маърӯза дар мавзуи: «Назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия дар партави ислоҳоти милитсия» (ш. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 14 декабри соли 2023);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузорӣ оид ба мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи: «Баъзе аз проблемаҳои амалӣ ва норасогии қонунгузорӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» (ш. Кӯлоб, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 27 сентябри соли 2024);

– конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Аҳаммияти Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 дар таҷдиди сохтори мақомоти корҳои дохилӣ ва амалишавии он» – маърӯза дар мавзуи: «Асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ дар замони амалишавии Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025» (ш. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 17 декабри соли 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Ғайр аз ин, дар доираи таҳқиқот китоби дарсӣ ва дастури таълимӣ-методӣ ба нашр расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳо (натиҷаи назарсанҷӣ, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, лоиҳаҳо оид ба такмили қонунгузорӣ) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 269 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛИ ҲАМКОРИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

## 1.1. Асосҳои умуминазариявии ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

Дар замони таҳдидҳои бевосита ва эҳтимолии берунию дохилӣ ба амнияти миллии давлат нақши таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аҳаммияти бештарро тақозо менамояд. Зеро таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар як вақт ба таъмини амнияти давлатӣ мусоидат намуда, онҳо якдигарро пурра менамоянд. Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарифзода Ф.Р. асоснок ва бомаврид қайд менамояд, ки «... вазифаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ як ҷузъи таркибии амнияти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад» [197, с. 165]. Агарчи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ тибқи моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» яке аз самтҳои асосии фаъолияти милитсия [13] пешбинӣ гардад ҳам, аммо таҷрибаи фаъолияти МКД ва субъектони дигари асосии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ гувоҳӣ медиҳад, ки бе иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳамкории он бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, МКД таъмини тартиботи ҷамъиятӣ тибқи ҳадафҳои дар пеш гузошташуда, имконнопазир аст. Беҳуда нест, ки дар Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020 пешбинӣ гардидааст, ки масъалагузорӣ ва ҳалли вазифаҳои профилактикӣ ҳамкории мутақобилаи зичро бо аҳолӣ пешбинӣ менамояд, ки он ҳамчун манбаи иттилоот дар бораи вазъи тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳамчун субъекте, ки ба амалигардонии тадбирҳои муайян ҷиҳати нигоҳдории тартибот ва амният қодир аст, ба ҳисоб меравад [39].

Вобаста ба ин, дар давраи аввали оғози ислоҳоти расмии милитсияи тоҷик Президенти ҶТ дар суханронии хеш дар маҷлиси ботантана ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик, ки 10 ноябри соли 2012 доир гардид, иброз намуданд: «Маҳаки асосии ислоҳоти милитсияро

бояд ҳамкории зичи мақомот бо ҷомеа ташкил намуда, дар раванди пешбурди фаъолият зимни пешгирии ҷинояткорӣ ва мубориза бо он бояд аз имкониятҳои аҳли ҷомеа ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ васеъ истифода намуд» [204]. Ақида ва суханҳои болозикри Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳияти инкишоф додани шаклу усулҳои ҷалб ва таъмини ҳар чи бештари иштироки шаҳрвандонро дар муқовимат бо ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ доро мебошад.

Таъмини ҳамаҷонибаи амнияти ҷамъиятӣ аз ҷониби МКД ташаккул ва татбиқи доираи васеи тадбирҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамоҳангшудаи маъмурию ҳуқуқӣ, аз ҷумла, такмили ҳамкории мутақобила бо омма ва хусусан, иттиҳодияҳои ҷамъиятиро талаб мекунад. Дар баробари ин, мо ба чунин ақидаи Конин Н.М. розием, ки шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ субъектҳои таъмини амният мебошанд, ки барои иштироки онҳо дар таъмини амнияти ҷамъият ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян пешбинӣ мегардад, дар сурате, ки давлат аз тарафи худ бояд ин шаҳрвандон, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳоро бо ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ таъмин намояд [133, с. 53-54].

Вобаста ба таҳқиқи мавзуъ дар қисмати мазкури тадқиқоти диссертатсионӣ моро зарур аст, ки мазмун ва моҳияти «ҳамкорӣ»-ро ҳамчун категорияи илмӣ ва «иттиҳодияи ҷамъиятӣ»-ро ҳамчун категорияи илмӣ ва институти фаъолияти якҷояи одамон барои ба даст овардани мақсади ягона, таҳлил намоем.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» «ҳамкорӣ» ба маънои кор ва фаъолияти якҷоя; дастгирии кори якдигар [103, с. 488] омадааст.

Дар бораи моҳияти «ҳамкорӣ» ҳамчун категорияи илмӣ ҳарф зада, қайд кардан ба маврид аст, ки фаъолияти ҳаррӯзаи инсон, ҳаёт, рафтори ӯ ва муошират бо одамони дигар сабаби офариниши сохтори ҷамъият, табақаҳо ва тақсимоти меҳнат гардида, ба дигар унсурҳои миёнаравии ҷамъият таъсири мустақим мерасонад. Албатта, ки дар ин масъала маҳз қобилияти давлат ба созмон додани намунаи (модели) амалкунанда,

пешбаранда ва самарабахши ҷамъият ва нуқтаи асосии тараққиёт равона гардида, бешубҳа, ба рушди бемайлони кишвар такон мебахшад [118, с. 68].

Алоқамандии фаъол ва ғайрифаъоли объектҳо ва падидаҳои гуногун ҳамчун моҳияти умумиилмӣ, ба истилоҳ, «ҳамкорӣ» ном гирифтааст. Олими рус, доктори илмҳои фалсафа Федосеев А.А. моҳияти ҳамкории ғайрифаъолро бо мазмуни ҳуқуқӣ асосан дар мавҷудияти шароити тарафҳои ҳамкорикунанда мебинад ва чунин иброз намудааст, ки тарафҳои ҳамкорикунанда самтҳои фаъолияти ҳамкорӣ ва мақсади асосиро оид ба ҳамкорӣ муайян намуда, заминаи ҳамкории фаъолро пайдо менамоянд ва кафолати роҳ надодан ба сӯиистеъмоли ҳуқуқҳои якдигариро пешбинӣ менамоянд. Олими мазкур шакли фаъоли ҳамкориро аз рӯи мазмуни ҳуқуқӣ ҳамчун принсипи ҳамкорӣ ба ду намуд тақсим кардааст: 1) Ҳамкории амалӣ, ки дар амалҳои фаъоли субъектони ҳуқуқ оид ба бартараф намудани ҳолатҳои ғайричашмдошт, ки барои ба даст овардани мақсади ҳамкорӣ таъсир мерасонанд; ва 2) Ҳамкории иттилоотӣ, ки ба таъмини иттилооти зарурии субъектони ҳуқуқ оиди ба даст овардани мақсади ҳамкорӣ нигаронида шудааст [192, с. 11].

Ҳамкорӣ ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва умуман, олами ҳастиро фаро гирифта, баъзан дигаргуниҳо ва мафҳумҳои ба назар номувофиқро (мухолифро) ба ҳам меорад. Аз ин нуқтаи назар, ҳамкорӣ унсури таркибӣ ва моҳияти умумии низоми идоракунии биологӣ, техникӣ (технологӣ) ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Яъне, мавҷудияти таъсиррасонии мутақобилаи байни субъект ва объекти идоракунӣ, ки фаъолияти якҷояи онҳо бо мақсади умумӣ равона мегардад, маҳз дар ҳамкорӣ ифода ёфтааст.

Раванди ҳамкорӣ аз нуқтаи назари фаҳмиши умумиилмӣ асосан дар фалсафа мувофиқ омада, аз ҷониби намояндагони илми соҳаи мазкур бештар мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Дар яке аз мафҳумҳои умумие, ки дар адабиёти илмӣ пешниҳод шудааст, ҳамкорӣ ҳамчун

раванди дар як вақт таъсиррасонии объектҳо ва падидаҳо ба ҳамдигар, муайян карда мешавад [77, с. 34].

Ҷомеашиноси рус, файласуф, доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики Академияи илмҳои Россия Осипов Г.В. моҳияти ҳамкориро ҳамчун шакли муошивати иҷтимоии камаш ду нафар, ки дар раванди он таъсири онҳо ба ҳамдигар мунтазам ба амал бароварда мешавад, пешниҳод намудааст. Бо ин мазмун, дар раванди ҳамкорӣ амали ҷамъиятии ҳар як шарик барои ба даст овардани мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташуда ба вуҷуд меояд [87, с. 262].

Аз нуқтаи назари фалсафӣ истилоҳи ҳамкориро метавон ҳамчун мафҳуме муайян кард, ки барои инъикоси таъсири мутақобилаи объектҳои гуногун ба якдигар, ки дар натиҷаи он ҳайат ва функсияи онҳо тағйир ёфта, инчунин, ба ҷойи якдигар гузаштани онҳо имконпазир аст [105, с. 351], хизмат менамояд.

Дар соҳаи иқтисодӣ низ ҳамкорӣ ба маънои равобити мутақобила ва дуҷониба [106, с. 36] пешбинӣ мегардад. Вобаста ба ин, доктори илмҳои иқтисодӣ Трубитсина Т.И. қайд менамояд, ки ҳамкорӣ ҷониби фаъоли ҳамалоқамандии тарафҳо буда, муттасилии тамоми ҷараёну ҳодисаҳоро нишон медиҳад. Дар ин соҳа ҳамкорӣ хусусияти ҷудонашавандаи ҳар як низоми иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, низомро аз нуқтаи назари роҳҳои инкишоф ошкор менамояд ва ҳаракатҳои минбаъдаро тарҳрезӣ менамояд [153, с. 4]. Дар алоқамандӣ ба ин соҳаи илм Ширинов Р.К. мазмуни зерини истиллоҳи ҳамкориро пешниҳод мекунад: «... муносибатҳо оид ба мутобиққунии фаъолияти якҷоя» [198, с. 124].

Немцев А.В. бошад, «ҳамкорӣ»-ро ҳамчун категорияи илми сиёсӣ ва предмети тадқиқоти сотсиологӣ баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки ҷараёни ба ҳам омадани камаш ду объект дар давраи муайян, на танҳо дар мувофиқаи якдигарӣ, инчунин, ба ҳамдигар вобаста, ҳамкорӣ мебошад [143, с. 79]. Бо ин мазмун хусусияти муҳимми ҳамкорӣ вобастагии мутақобилаи тағйирёбии тарафҳо мебошад.

Гурӯҳи муаллифон назарияи ҳамкории ҳуқуқиро ба таври хеле амиқ ва васеъ мавриди таҳлил қарор дода, пешниҳод кардаанд, ки ҳамкории ҳуқуқӣ раванд ва натиҷаи таъсири мутақобилаи унсурҳо, сохторҳо ва объектҳои ҳуқуқ ва низомҳои ҳуқуқӣ, инчунин, равандҳои ба онҳо асосёфта, асосан дар шакли наздикшавӣ ё дуршавӣ ва тафовути онҳо, ки воситаи инкишофи ҳуқуқии ҷомеа мебошанд, ба ҳисоб меравад [99, с. 14].

Крилов А.В. бошад, дар асари илмии худ оид ба таҳқиқи мавзуи «Ҳамкории мақомоти прокуратура бо васоити ахбори омма (минбаъд – ВАО) дар давраи то истеҳсолоти судӣ: ҷанбаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва криминалистӣ» қайд менамояд, ки дар илмҳои ҳуқуқӣ истилоҳи «ҳамкорӣ» нисбат ба дигар илмҳо фарқият дорад. Ӯ ҳамкориро ҳамчун яке аз шаклҳои ташкилие, ки ба воситаи он мувофиқати ҳамаи қарорҳои қабулшуда ва амалҳо барои расидан ба мақсади мушаххас таъмин карда мешавад, маънидод менамояд [77, с. 34]. Аммо мо ба ин ақида то андозае вобаста ба мақсади таҳқиқоти мавзуи хеш розӣ шуда наметавонем. Чунки муҳаққиқи болозикр аслан ҳамкориро бо хусусияти фаъолияти яктарафа тасниф намудааст. Яъне, ҳамкорӣ бо ин мазмун яке аз тарафҳои ҳамкорикунандаро мавқеи марказӣ медиҳад ва имкониятҳои тарафи дигарро оид ба пешниҳоди мақсадҳояш маҳдуд мегардонад. Агар мушаххастар қайд намоем, мо ҷонибдори ҳамкорӣ ба маънои фаъолияти якҷоя мебошем, ки дар ёрии байниякдигарии тарафҳо ва баробарҳуқуқии онҳо ифода мегардад.

Аз омӯзиши асарҳои илмӣ ва нуқтаи назари олимону муҳаққиқони болозикр вобаста ба таҳлили моҳияти умумии «ҳамкорӣ» ҳамчун категорияи илмӣ муайян карда мешавад, ки он (категорияи мазкур) дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ҷой дошта, алоқамандии фаъол ва ғайрифаъоли объектҳо ва падидаҳои гуногун, ба ҳам овардани баъзан дигаргуниҳо ва мафҳумҳои ба назар номувофиқ, унсури таркибӣ ва моҳияти умумии низоми идоракунии биологӣ, техникӣ (технологӣ) ва иҷтимоӣ, раванди дар як вақт таъсиррасонии

объектҳо ва падидаҳо ба ҳамдигар, шакли муоширати ичтимоии камаш ду нафар бо таъсиррасонии мунтазами байниякдигарӣ, инъикоси таъсири мутақобилаи объектҳои гуногун ба якдигар, ки дар натиҷаи он ҳайат ва функсияи онҳо тағйир меёбад, ҷониби фаъоли алоқамандии тарафҳо, муайянкунандаи роҳҳои инкишофи соҳа ва ҳаракатҳои минбаъдаи тарҳрезишуда, ҷараёни ба ҳам омадани камаш ду объект дар давраи муайян, вобастагии мутақобилаи тағйирёбии тарафҳо, шакли ташкилии мувофиқаткунонии ҳамаи қарорҳои қабулшуда ва амалҳо барои расидан ба мақсади мушаххасро муайян менамояд.

Бояд зикр намоем, ки вобаста ба таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ ва қисмати баррасишавандаи он мо ақидаҳои илмӣ ва асоснокии ҳуқуқии моҳияти «ҳамкорӣ»-ро фақат дар қисмати ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мавриди таҳқиқоти худ қарор дода, пешниҳодҳо манзур менамоем.

Акнун зарурати таҳлили моҳияти «иттиҳодияи ҷамъиятӣ» ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ва илмӣ ба вуҷуд меояд. Ҳуқуқи шаҳрвандони ҶТ ҷиҳати муттаҳид шудан, дар ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намудан, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардидан дар Конститутсияи ҶТ мустаҳкам карда шудааст [1].

Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ» пешбинӣ мегардад, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ яке аз рукнҳои низоми ичтимоӣ-сиёсии ҷомеа ва шакли амалӣ намудани соҳибихтиёрии халқ мебошанд. Онҳо дар намудҳои гуногун ташкил ёфта, дар самтҳои мухталифи ҳаёти шаҳрвандон амал мекунанд [101, с. 177-178].

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ зинаи муҳимми низоми ниҳодҳои ичтимоӣ ва сиёсии ҷамъият ба ҳисоб мераванд. Яъне, иттиҳоди одамон бо назари умумӣ дар бораи табиат, ҷомеа, санъат, бо як намуди рафтори маъмулӣ аз замонҳои қадим маълум аст. Бо мазмуни дигар, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шакли иштироки муташаккилонаи омма дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии давлат мебошанд. Бо ин мазмун иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, чун қоида, бо хоҳиши мутлақи давлат ба вуҷуд намеоянд ва аз ҷониби давлат

таъсис дода намешаванд, балки шакли асосии созмонҳои ғайридавлатие мебошанд, ки ба ҷомеаи шаҳрвандӣ тааллуқ доранд.

Инак, мувофиқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», иттиҳодияи ҷамъиятӣ – иттиҳоди ихтиёрӣ, худидора ва ғайритиҷоратии шаҳрвандон мебошад, ки дар асоси умумияти манфиатҳо барои амалӣ намудани мақсадҳое муттаҳид гардидаанд, ки дар оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ нишон дода шудаанд [15]. Дар Қонуни Федералии ФР «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [8] ва қонунҳои соҳавии як қатор давлатҳои аъзои ИДМ [4; 9; 12; 22] мафҳуми «иттиҳодияи ҷамъиятӣ» дар асоси умумияти аломатҳои асосии таркибӣ бо ҳамин мазмун пешбинӣ карда мешавад.

Агар мо ба таҷрибаи қонунгузории давлатҳои гуногуни рӯи олам ва асарҳои муҳаққиқону олимони гуногунзабону гуногунмаҳал назар намоем, пас, ишорати номи «иттиҳодияи ҷамъиятӣ»-ро ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ бо истилоҳҳои гуногун, ба монанди, «иттиҳодияи ҷамъиятӣ», «иттиҳодияи ғайридавлатӣ», «ташкилоти ҷамъиятӣ», «ташкилоти ғайриҳукуматӣ», «ташкилоти ғайритиҷоратӣ», «ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ» ва ғайра муайян менамоем, ки аслан мазмун ва мақсади якхела доранд.

Маркитантов А.В. қайд менамояд, ки зери мафҳуми «иттиҳодияи ғайридавлатӣ» шакли ташкилии гурӯҳӣ, ихтиёрӣ, худидорашаванда, расмӣ (барасмиятдарории ташкилӣ) фаҳмида мешавад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи муштараки шаҳрвандон созмон дода шуда, бевоста ба фоидаи доимии ҷамъият фаъолият менамояд [175, с. 9-11].

Алиев А.А. ба сифати аломатҳои иттиҳодияи ҷамъиятӣ хусусиятҳои коллективӣ, ихтиёрӣ, мавҷудияти мақсадҳои умумӣ дар байни муттаҳидшудагон, фоиданок будани мақсадҳои иттиҳодия, қонунӣ будани таъсису фаъолият ва равшан ифода ёфтани сохтори ташкилии онро қайд менамояд [159, с. 10-31]. Дар қатори чунин аломатҳои номбаршудае, ки хос ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муайян карда шудаанд, Малий Д.А. иштироки на камтар аз ду нафар дар

иттиҳодия, мавҷудияти расмӣ ва хусусияти доимии иттиҳодияро нишон додааст [173, с. 3, 21].

Олими тоҷик Насриддинзода Э.С. иттиҳодияи ҷамъиятиро – иттиҳодияи шаҳрвандон, ки мувофиқ ба манфиатҳои онҳо ва дар асоси аъзогии ихтиёрӣ таъсис ёфтааст, тавсиф намудааст [84, с. 189]. Ҳамидов Х.Ҳ. бошад ба пайдоиши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пеш аз ҳизбҳои сиёсӣ ишора намуда, хусусиятҳои зерини онҳоро муайян намудааст: а) ин ё он манфиати муайянро ифода мекунанд; б) дорои созмони мустақили худ мебошанд; в) барои ба даст овардани мақсади муайян фаъолият мекунанд [107, с. 360].

Чи хеле ки зикр гардид, ибораи «иттиҳодияи ҷамъиятӣ»-ро ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ бо истилоҳҳои гуногун вохӯрдан мумкин аст [185, с. 26; 175, с. 9-18; 4; 8; 9; 12; 15; 22 ]. Аммо бо эътирофи муҳиммияти масъала оид ба он, ки меъёрҳои қонунгузорӣ ба рафти идоракунии тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ таъсиргузор мебошанд, қонунгузории аксарият давлатҳои аъзои ИДМ дар самти танзими муносибатҳо оид ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ зери таҳлил қарор дода шуда, мавқеи асосиро бо сабаби шабоҳати бештар қонунгузории ҶТ ва ФР барои муқоиса ишғол намуд. Яъне, мо барои тадқиқот усули муқоисавӣ-ҳуқуқиро ҳамчун намунаи ташаккули равиши ягона ба меъёрҳои ҳуқуқии низомҳои ҳуқуқии ҶТ ва ФР истифода мебарем.

Тибқи талаботи моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ва моддаи 7 Қонуни федералии ФР «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», ташкилоти ҷамъиятӣ яке аз шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ мегардад.

Ҳамин тавр, тибқи муқаррароти моддаи 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», ташкилоти ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки чун қоида, дар асоси узвият таъсис ёфта, барои фаъолияти якҷояи шаҳрвандони муттаҳидшуда ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ба даст овардани мақсадҳои оинномавӣ таъсис дода шудааст. Ҳамчунин, дар асоси талаботи моддаи 8 Қонуни федералии ФР «Дар бораи

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», ташкилоти ҷамъиятӣ ин ташкилоти дар асоси узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ таъсисёфта мебошад, ки дар асоси фаъолияти муштарак ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои оинномавии шаҳрвандони муттаҳидгардида равона гардидааст. Дар ҳамин қисмати таҳқиқот мо муайян менамоем, ки муқаррароти қонунгузории кадоме аз давлатҳои зикршуда мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ»-ро дурӯст ва оммафаҳм пешниҳод намудааст.

Ҳангоми муқоисаи меъёрҳои қонунгузории болозикри ҶТ ва ФР муайян карда мешавад, ки дар қонунгузории ФР (меъёре, ки мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ»-ро муайян кардааст) яке аз унсурҳои таркибии мафҳумро «дар асоси узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ» [8] нишон додааст. Аммо, дар қонунгузории ҶТ дар мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ» ибораи зикршуда фақат ба таври умумӣ «дар асоси узвият» [15] пешбинӣ гардидааст. Андеша дорем, ки ифодаи ибораи «дар асоси узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ» дар мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ» бо чунин асоснокӣ қобили қабул аст:

1. Ташкилоти ҷамъиятӣ худ як шакли ташкилӣ-ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад;

2. Ифодаи унсури мазкур дар мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ» фаҳмиши талабот барои аъзо гардидан ба иттиҳодияҳои ҷамъиятиро оммафаҳм мегардонад. Яъне, дар қонунгузорӣ талаботи таъсис ва аъзо гардидан маҳз дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст, на ба ташкилоти ҷамъиятӣ;

3. Дар мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ» мавҷуд будани ибораи «дар асоси узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ» хонандаро водор менамояд, ки ба таҳлили мафҳуми «иттиҳодияи ҷамъиятӣ» баргашта, унсурҳои (аломатҳои) дигари иттиҳодияи ҷамъиятиро омӯзад ва аз худ намояд.

Чи хеле ки мо дар боло ҳам муқаррароти санадҳои меъёрии хуқуқии соҳавӣ (қонунгузории ҶТ, ФР, Украина, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон) ва ҳам фикру ақидаҳои баъзе аз олимону муҳаққиқонро дида баромадем, новобаста аз он ки

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар кадом шакл ташкил карда мешаванд ва бо кадом истилоҳ номгузорӣ мегарданд, фаъолияти онҳо бо мақсади ягона, яъне, баҳри амалӣ кардани ҳадафҳои умумии гурӯҳи одамон равона гардидааст. Аз ин рӯ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ метавонанд бо мақсадҳои гуногун, аз қабили ҳимояи манфиатҳои ҷавонон, занон, соҳибкорон, кишоварзон, мусоидат ба давлат ва мақомоти он дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра таъсис дода шаванд.

Таъсис ва муҳиммияти фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки мақсади асосии онҳо иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мебошад, барои мо аз маъхазҳои таърихӣ ва маводи илмӣ айён мегардад. Ба ҳамин маъно, Даъвати дуюми депутатҳои халқии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (минбаъд – ИҶШС), масъалаи муҳимро «Дар бораи пурзур намудани мубориза зидди ҷинояткории муташаккил» дида баромада, қайд намуд, ки ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас, ҳеҷ як мутахассис нақши ҳатмии аҳли ҷамъият - ғайрирасмиро иваз карда наметавонад [75, с. 5].

Ленин В.И. таҷрибаи муҳофизати музаффариятҳои халқро ҳамчун шакли ташкилии фаъолияти милития дар ҳодисаҳои инқилоби соли 1905 таҳлил намуда, ғояи барпо намудани милитсияи пролетариро ҳамчун ташкилоти умумихалқии пролетарии тамоми аҳолӣ беистисно, ки дар асоси принсипи хизмати ҷамъиятӣ сохта шудааст, инкишоф дод. «Чунин милитсия, - навишта буд Ленин В.И., - 95 қисм аз 100 нафар коргарон ва деҳқононро дар бар мегирад, ки дар ҳақиқат ақлу ирода, озодӣ, қувва ва ҳокимияти аксарияти кулли халқро ифода мекунад». Дар натиҷа, вобаста ба баррасии ин масъала қарори (декрети) Комиссариати халқии корҳои дохилӣ «Дар бораи милитсияи коргарӣ» қабул гардида, милитсияи коргарӣ ҳамчун ташкилоти ҷамъиятии меҳнаткашон таъсис дода шуд [75, с. 6]. Бо ҳамин мазмун, фаъолияти ниҳодҳои иҷрокунандагони деҳот, дружинаҳои мубориза бо авбошӣ, судҳои рафиқона, милитсияи коргару деҳқон, дастаҳои ихтиёрии милитсияи коргарӣ, бригадаҳои ёрирасони милитсия ва ғайра шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки аҳолӣ дар

таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бар зидди ҷиноятқорӣ баромад мекарданд, ки нақши онҳо дар бозсозии ИҶШС ва таъмини ҳаёти осоиштаи аҳолӣ намоён буд.

Аҳаммияти муҳимми таъсири ҷамъиятӣ ба ҳуқуқвайронкунандагон, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ин таъсиррасонӣ дар ҷойи кор, ҳамсояҳои ҷойи истиқомат ва аъзоёни бонуфӯзи коллективҳои меҳнатӣ амалӣ карда мешавад. Ин таъсиррасонандагон ҳамеша ба таври васеъ ва ошкоро вайронкунандагони тартиботро мушоҳида намуда, дар атрофи шахсони алоҳида ва рафтори онҳо муҳити мувофиқи ахлоқӣ ба вуҷуд меоранд. Таъсиррасонии ҷамъиятӣ ҳам имконияти муқаррар намудани назорати қатъии мунтазам ба рафтори вайронкунандагон ва ҳам имконияти дар кор ва дар хона ба онҳо расондани ёрии заруриро дорад.

Акнун аз моҳияти умумии тадқиқот ба ҷузъӣ гузашта, бевосита масъалаи асосҳои умуминазариявии ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳем.

Зайтсев И.А., Репев А.Г. ва Фирсова Е.А. аҳаммияти такмили танзими қонунгузорӣ, ҷустуҷӯи шаклҳои беҳтарин (оптималӣ) ва ташкили ҳамкории самарабахши МКД бо аҳли ҷамъиятро асоснок қайд мекунанд [122, с. 43-44; 123, с. 120-121 ]. Шарифзода Ф.Р. ва Одиназода А.Ш. қайд менамоянд, ки бо дарназардошти он ки амнияти ҷамъиятӣ таъмини амнияти ҳамаи аъзоёни ҷомеаи шаҳрвандиро дар назар дорад, бояд ҳамчун масъалаи муштараки давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ баррасӣ карда шавад [154, с. 5]. Ҳамчунин, нуқтаи назари Ализода Н.Д. оид ба он ки таъмини ҳамаҷонибаи амнияти ҷамъиятӣ аз ҷониби МКД ташаккул ва татбиқи маҷмуи васеи тадбирҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамоҳангшудаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла, такмили ҳамкории мутақобила бо ҷомеа ва хусусан, иттиҳодияҳои ҷамъиятиро талаб мекунад [162, с. 17] ва ақидаи Кокорев В.Ю. ва Яковлев О.В., дар мавриди он ки айни замон иқтидори ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва

таъмини амнияти ҷамъиятӣ пурра истифода намешавад, талабот ба тадқиқоти илмии минбаъдаи ин соҳаро нишон медиҳанд [131, с. 15], ки дар ин қисмат мо ба ақидаи муҳаққиқони зикршуда ҳамфикр мебошем.

Бо мақсади асоснок намудани тақвияти ҳамфикрӣ дар масъалаи баррасишаванда бояд қайд намоем, ки вобаста ба зуҳури воқеияти шаклу усулҳои нави идоракунии фаъолияти МКД дар замони пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати тақвият ва инкишоф додани ҳамкории байни милитсия бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд омадааст, ки ин асоси воқеӣ ва ҳуқуқиро доро мебошад. Тибқи талаботи Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 19 марти соли 2013, №1438 тасдиқ гардидааст, Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 майи соли 2014, №296 тасдиқ шудааст ва Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 июни соли 2021, №211 тасдиқ гардидааст, яке аз ҳадаф ва вазифаҳои асосии ислоҳоти милитсияро рушди ҳамкории мутақобилаи милитсия бо ҷомеа ташкил менамояд.

Одиназода А.Ш. ба он назар аст, ки ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки мустақил аз давлат вуҷуд доранд, худташаккул ва худтанзимкунанда буда, дар шаклҳои гуногун бо давлат ҳамкории мутақобила доранд. Ҳамчунин, номбурда як қатор сабабҳоеро низ муайян намудааст, ки давлат ба ҳалли ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ таваҷҷуҳи зиёд дорад, аз ҷумла:

- ҷомеаи шаҳрвандӣ сарчашмаи қонунии қувваи сиёсии ҳокимият мебошад;

- иртибот бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои давлат як сарчашмаи васеъмиқёси иттилоот дар бораи вазъи ҷомеа, манфиатҳо, руҳияи он, муносибат ба ҳокимияти сиёсии ҳукмрон мебошад;

- дар давраҳои душвори таърихӣ (буҳрони иқтисодӣ, ҷангҳо ва ғайра) ҷомеаи шаҳрвандӣ, чун қоида, ба қувваи тавонои пуштибони давлат табдил меёбад;

- дар байни ташкилотҳои ҷамъиятӣ зиёданд, ки ба дастгирии моддии давлат эҳтиёҷ доранд, вале онҳое низ ҳастанд, ки ба давлат кӯмаки молиявӣ мерасонанд (иттиҳодияҳои бонкӣ, иттифоқҳои касаба ва ғайра). Мавқеъҳои дар боло зикршудаи ташкилотҳои ҷамъиятиро Одиназода А.Ш. барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле муҳим меҳисобад [185, с. 26].

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҷабзода Р.М. нақш ва афзалияти шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилиро барои пешгирии халалдоршавии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки кормандони МКД дар фаъолияти касбии ҳамарӯза бо аҳолӣ, гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандон, ки дорои сатҳи гуногуни шуури ҷамъиятианд, робита доранд [90, с. 140].

Колпаков В.К. қайд менамояд: «Пай дар пай ихтисор намудани таъсири усулҳои маъмурӣ ва фармонфармоии идоракунӣ ва демократикунонии ҳақиқии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, имконият медиҳад, ки худидоракунии халқ ба майдон баромада, ҳокимияти давлатӣ ба шакли устувори ҳуқуқӣ пӯшонда шавад, ки дар таҷриба барои босуръат ба амал баровардани пешрафти ташаббусҳои хоҷагӣ, дар асоси ошкорбаёнӣ ва гуногунандешӣ васеъ намудани доираи фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ҳамаи табақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолиро ифода менамоянд, мақомоти корҳои дохилиро ба шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ мегузорад» [75, с. 8].

Унсурҳои таркибии ақидаҳои олимон ва мутахассисони болозикр, ба монанди худташаккул ва худтанзимкунанда будани ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ихтисор намудани усулҳои маъмурӣ ва фармонфармоии идоракунӣ, демократикунонии ҳақиқии тамоми тарафҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ба майдон ворид шудани худидоракунии халқ, танзими фаъолияти ҳокимияти давлатӣ бо шакли устувори ҳуқуқӣ, тарғиби ошкорбаёнӣ ва гуногунандешӣ, васеъ намудани доираи фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятие, ки фарогирандаи ҳамаи табақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолӣ мебошанд, асоснок буда, зарурати ҳамкории

мутақобиларо дар байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва аҳолӣ ба вуҷуд меоранд. Албатта, ки ҳамкории мазкур вуҷуд дорад, аммо бо пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ он низ доимо зери тағйирёбӣ қарор дошта, такмили навро талаб менамояд. Беҳуда нест, ки дар барномаи нави ислоҳоти милитсия, ки барои солҳои 2021-2025 қабул гардид, чораандешиҳо ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ бо ҷомеа ҳамчун яке аз самтҳои асосии (афзалиятноки) ислоҳоти милитсия боқи монд.

Аз рӯйи таҳлили ақидаҳои болозикр мо ҳамфикриро эътироф намуда, ҳамчунин, қайд менамоем, ки ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар замони муосир тобиши сиёсиро низ дар худ касб намудааст. Яъне, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун шакли фаъоли иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳадафҳои муайяни худро доро мебошанд, ки дар умум ифодагари умедвории онҳо дар эҳёи ҷомеаи бехатар арзёбӣ карда мешавад ва дар як вақт ташкили фаъолияти ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба амалишавии сиёсати давлат дар муқовимат бо ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мусоидат менамояд. Вобаста ба ин, Колпаков В.К. иброз намудааст, ки барқарор намудани алоқаи мустаҳками корӣ бо коллективҳои меҳнатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва инкишоф додани алоқаи ҳамдигарӣ бо аҳолӣ дар мубориза ба муқобили ҳуқуқвайронкуниҳо, на танҳо тадбири самарабахши таъмини қонуну тартибот, балки вазифаи муҳимми сиёсӣ ҳам маҳсуб меёбад [75, с. 3].

Нақши ташкилотҳои ҷамъиятиро дар ҳаёти сиёсии давлат баъзе аз олимони тоҷик низ асоснок мешуморанд. Чунончи, меафзоянд, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ҳолате ба фаъолияти сиёсӣ машғул мегарданд, ки агар дар раванди иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба он зарурат ба миён омада бошад [81, с. 183]. Вобаста ба ин нуқтаи назар, бешубҳа, бояд иброз намуд, ки ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба зарурати иҷроиши вазифаҳои иҷтимоии давлат (ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои ҷамъиятию давлатӣ, пешгирии ҷинояткорӣ ва дигар кирдорҳои

зиддиҳуқуқӣ ва ғайра) ҷой дорад. Яъне, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба мақомоти давлатӣ мусоидат намуда, ба ин восита, дар амалигардонии сиёсати давлат иштирок менамоянд. Масъалаи муҳокимашавандаро метавон бо натиҷаи назарсанҷӣ асоснок намуд, ки бевосита аз ҷониби шаҳрвандон пешбинӣ гардидааст. Чунончи, ба саволи он, ки «Ба фикри Шумо, фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аъзоёни онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ зарурат дорад?», аз 220 нафар шаҳрвандони пурсидашуда 127 нафар, яъне, 57,73% посухи мусбат дода, 63 нафари дигар, ки аз ҳисоби умумӣ 28,63%-ро ташкил медиҳад, нақш ва мавқеи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аъзоёни онро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ намуданд [замимаи 2].

Ҷавҳари асосии баҳамалоқамандии милитсия ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар қисмати баррасишаванда «ҳамкорӣ» ташкил менамояд. Моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» муқаррар намудааст, ки милитсия вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, кормандони ғайриштатии милитсия ва шаҳрвандон иҷро мекунад. Мақомоти давлатӣ, корхонаю муассиса ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон вазифадоранд ба милитсия ҳангоми муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва муборизаи зидди ҷинояткорӣ кӯмак расонанд. Ҳамчунин, Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» иштироки ҷомеаро дар низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон яке аз принсипҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон муқаррар менамояд [28].

Чи хеле ки аз меъёри қонунҳои зикршуда бармеояд, шакли робитаи тарафҳо (субъектон) дар ҳамкорӣ зоҳир мешавад. Граждан В.Д. қайд мекунад, ки механизми амалишавии ҳамкориро фаъолият ташкил менамояд ва танзимгари он – «идоракунӣ» мебошад. Яъне, фаъолият дар

фарқият аз ҳамкорӣ ҳамеша идорашаванда мебошад [68, с. 42-46]. Аз ин ҷо бармеояд, ки фаъолият бо ҳамкорӣ мушобеҳ набуда, балки ҳамчун хусусияти ҳар як тарафҳои ҳамкорикунанда баррасӣ карда мешавад.

Натиҷаи омӯзиш ва таҳлили муқаррароти қонунгузории соҳавӣ, ақидаҳои илмии дар бораи «ҳамкорӣ» зикршуда ва адабиёти махсус ба мо имконият медиҳад, ки «ҳамкорӣ»-ро ҳамчун амали ташаббускорона ва мутақобилаи байни милитсия ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ қайд намоем. «Фаъолият» дар фарқият аз «ҳамкорӣ» бошад, ин шакли махсуси муносибати инсон ба олам ва тағйири бошууронаи он ба манфиати одамон мебошад, ки дар кӯшиш, серҳаракатӣ ва ҷиддият дар иҷрои коре зоҳир мешавад [103, с. 398]. Аз ин нуқтаи назар тавсиф намудани истилоҳи «фаъолият», ки воқеияти ҳолро инъикос менамояд, пас, идора намудани фаъолияти одамон, ашёи олами моддӣ ва дигар зуҳуроти ҷамъиятӣ дар фарқият аз «ҳамкорӣ» имконпазир мебошад. Яъне, ҳарчанд ки идоракунии ҳамкории милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қариб, ки ғайриимкон аст, аммо идоракунии фаъолияти мутақобилаи онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ имкониятро ба даст медиҳад. Ин ҳам бошад, маънои идоракунии фаъолияти мутақобила аз ҷониби роҳбаронро нисбати зертобеон дорад, на идоракунии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро аз тарафи милитсия.

Вобаста ба таҳлили мазкур моро зарурат пеш омад, ки меъёри мушаххаси қонунгузориро, ки ҳамкории байни милитсия ва дигар ниҳодҳои давлатию ҷамъиятиро муқаррар кардааст, баррасӣ намоем. Чи тавре ки дар боло қайд гардид, милитсия вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, кормандони ғайриштатии милитсия ва шаҳрвандон иҷро мекунад. Мақомоти давлатӣ, корхонаю муассиса ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон вазифадоранд ба милитсия ҳангоми муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ

кӯмак расонанд. Маълум мегардад, ки меъёри мазкури қонунгузории амалкунанда қисмати ҳамкории милитсияро бо дигар мақомоти давлатӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳадди мутлақи моҳияти умумӣ пешбинӣ кардааст. Бояд қайд намоем, ки ҳарчанд ки муҳокима ва таҳлили масъалаи мазкур предмети таҳқиқи кори илмӣ ба ҳисоб наравад ҳам, аммо бо эътирофи муҳиммияти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар замони муосир ба таври мухтасар бояд баррасӣ гардад. Бо чунин ҳадди умумии мутлақият ифода намудани ҳамкории милитсия бо дигар мақомоти давлатӣ, дар доираи қонун пешбинӣ нагардидани субъектони асосӣ ва ёрирасони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз ҳисоби мақомоти давлатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо то андозае метавонад, ки ба иҷрои талаботи қонун ва дар амал ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар давлат таъсири манфӣ расонад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Майорова С.А. қайд менамояд, ки дар байни принсипҳои ташкили ҳамкории политсия бо дигар мақомоти давлатӣ принсипи ҳамоҳангсозӣ ва дар байни шаклҳои ҳамкории политсия бо дигар мақомоти давлатӣ ҷаласаҳои ҳамоҳангсозӣ низ ҷойгузир аст. Номбурда мавҷудияти принсип ва шакли ҳамкории зикршударо дар якҷоягӣ бо дигар принсип ва шаклҳои ҳамкории байни политсия бо дигар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имконияти фаъолияти самараноки ҳамкории онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ меҳисобад [139, с. 85].

Лешина Э.Л. шаклҳои ҳамкории байни милитсия бо дигар субъектони таъмини тартиботи ҳуқуқиро ба ташкилӣ ва функсионалӣ ҷудо намуда, яке аз унсурҳои асосии шакли ташкилии ҳамкориро дар ташкили мақомоти ҳамоҳангсозӣ ва машваратӣ (шурои ҳамоҳангсозӣ, комиссияҳо ва кумитаҳо) медонад [172, с. 160]. Ҳамчунин, қайд менамояд, ки таҳлили натиҷаҳои фаъолияти якҷояи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба дуруст баҳо додан ба кори ҳар як мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намуда, хулосаҳои баровардашуда заминаи зарурӣ барои

корҳои таҳлилии минбаъдаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар доираи ҷаласаҳои ҳамоҳангсозӣ мебошанд.

Кормандони МКД ҳангоми назарсанҷӣ бар он назар қарор доштанд, ки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти милитсия ба ҳисоб меравад ва дар амал тартиботи ҷамъиятӣ дар давлат аз ҷониби онҳо таъмин карда мешавад, бинобар ин, мақомоти мазкур бояд фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятиро ҳангоми баамалбарории хизмати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ҳамоҳанг созанд [замимаи 4]. Оид ба ин масъала назари шаҳрвандон пешниҳоди кормандони милитсияро тақвият мебахшад. Чунончи, ҳангоми назарсанҷӣ ба саволи он, ки «Ба фикри Шумо, дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кадом мақомоти давлатӣ нақши калон ва саҳми бештар дорад» шаҳрвандони пурсидашуда бо шумораи 135 нафар, ки аз ҳайати умумӣ 61,36%-ро ташкил менамоянд, ба тарафдории МКД посух доданд [замимаи 2].

Муҳаққиқи тоҷик Шарифзода Ф.Р. дар тадқиқоти диссертатсионии доктории хеш дуруст қайд намудааст, ки функсияи ҳифзи ҳуқуқ ба фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ табдил ёфта, барои давлат аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад, зеро ин гуна фаъолият якпорчагии ҷомеаро ҳамчун субъекти ягона таъмин менамояд. Инчунин, мавсуф қайд кардааст, ки фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун муҳимтарин самти кори мақомоти ҳокимияти давлатӣ фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ аз кирдорҳои ғайриҳуқуқӣ амалӣ шуда, имконияти қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқҳифзкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунандаро барои муқовимат бо таҳдидҳо ба амнияти миллии давлат дар сатҳи мушаххас ва предметӣ доро мебошанд [197, с. 84]. Нуқтаи назари мазкурро бо дарназардошти алоқамандии байни «тартиботи ҷамъиятӣ» ва «амнияти миллии давлат» ба роҳбарӣ гирифта, мавқеи амалкарди муқарраротӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» [21]-ро, ки дар боби дуюм, моддаи 7-и он, низоми таъмини амният (маҷмуи мақомоти давлатӣ) муайян карда

шудааст, ҳамчун яке аз роҳҳои самараноки таъмини амнияти миллӣ арзёбӣ менамоем. Аммо, аз он лиҳоз, ки дар қатори алоқамандии байни «тартиботи ҷамъиятӣ» ва «амнияти миллии давлат» фарқияти мавҷудияти байни онҳо бо дарназардошти дигаргунии муносибатҳо, меъёрҳои тафриқавӣ ва алоҳидаи танзимнамоии муносибатҳо, субъектони фарққунандаи татбиққунандаи меъёрҳои қонун ҳангоми таъмин ва ҳифзи онҳо ҷой доранд, фикр менамоем, ки дар доираи талаботи қонунгузории амалкунанда муайян намудани доираи субъектони таъминкунандаи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар доираи баррасии масъалаи таҳқиқшаванда аз лиҳози назарияи илм ва талаботи қонунгузорӣ ва бо мақсади таъриф намудани мафҳуми «ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» бояд муайян намоем, ки ҳамкории мақомоти корҳои дохилиро бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар доираи чунин саволҳо чӣ паёмадҳо интизор аст:

- ташкили ҳамкории милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар чӣ зоҳир мешавад ва чӣ мақсад дорад?

- оё ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ ба ҳамдигар ҳаммаъноянд ё аз якдигар фарқ доранд?

- воқеияти алоқамандии байни милитсияи тоҷик бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳамкорӣ зоҳир мешавад ё шакли ҳамоҳангшудаи фаъолият мебошад?

Инак, тибқи талабот ва моҳияти умумии Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» [29], ҳамкории милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар иштироки ихтиёрии шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ зоҳир мешавад.

Азбаски шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба тариқи инфиродӣ ва дастаҷамъӣ иштирок менамоянд ва ин шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ моҳиятан иштироки ҷомеаро дар ин самт сазовор аст, пас, мафҳуми «ҳамкории

милитсия бо ҷомеа»-ро низ бояд ошкор созем. Ҳамкории милитсия бо ҷомеа ин фаъолияти мутақобила ва ташаббускорона буда, бо мақсади ҳалли вазифаҳо вобаста ба дастрасии хизматрасонии милитсия ба ҷомеа, таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгирӣ, ошкор намудан ва кушодани ҷиноят, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ равона гардидааст [93, с. 11].

Мақсади асосии ташкили ҳамкории милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳалли вазифаҳо вобаста ба баланд бардоштани сатҳи дастрасии хизматрасонии милитсия ба ҷомеа, афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти милитсия, инкишоф додани фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятии бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсисшуда, таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгирӣ, ошкор намудан ва кушодани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, муайян намудани механизми самараноки огоҳонии ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши корҳои илмии баъзе мутахассисон [162, с. 29-30; 171, с. 21; 181, с. 85-87] нишон медиҳад, ки онҳо дар бахши таҳлили моҳияти шарикии иҷтимоӣ ва принсипҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ чунин аломати муҳимми ҳамкориро аз қабили баробарӣ ҳангоми ҳалли дастаҷамъонаи вазифаҳо муайян мекунанд. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки чунин баробарӣ моҳиятан маънои иҷрои вазифаҳои хизматии милитсияро аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ надорад, ҳарчанд ки баъзе аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ маҳз бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсис дода мешаванд. Масалан, тибқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» дастёрони ихтиёрӣ фаъолияти худро таҳти роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ мегардонанд [29].

Аломати баробарӣ дар раванди ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аслан мустақилияти онҳоро дар доираи иҷрои вазифаҳои банақшагирифта дар назар дорад, ки назорати мутақобилаи тарафҳоро оид ба иҷрои вазифаҳо ба вуҷуд меорад. Ҳангоми пешбурди фаъолият

оид ба баррасӣ ва ҳалли мушкилоти дар ҷомеа ҷойдошта корманди милитсия бояд кӯшиш намояд, ки вобаста ба талаботи қонунгузорӣ роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилотро дастрас намояд ва аз лиҳози манфиати ҷомеа мушкилотро ҳал намояд.

Вобаста ба ин андешаҳо ёдовар шудан аз ҳамоҳангсозии фаъолияти милитсия ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муҳим мебошад. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (ҷилди 2) истилоҳи «ҳамоҳангсозӣ» ба маънои мутобиқсозӣ ва мувофиқ кардан [103, с. 490] пешбинӣ гардидааст. Истилоҳи «ҳамоҳангсозӣ» аз калимаи лотинии “coordinatio” гирифта шуда, маънои созиш, робитаи мутақобила, таносуб ё таъмини мувофиқати байни ашё, падидаҳо ё мафҳумҳоро дорад. Ба ибораи дигар, мафҳуми «ҳамоҳангсозӣ» ин ба тартиб даровардани ҷисмҳои таркибии унсурҳои низом фаҳмида мешавад, ки онҳо мутобиқшавии фаъолиятро дар рафти иҷрои вазифаҳои муқарраршуда таъмин менамоянд. Тавозун байни онҳо тавассути имкониятҳо ва таъсири баробар нигоҳ дошта мешавад [96, с. 179]. Тафовути назаррасро байни чунин мафҳумҳо, ба монанди «ҳамоҳангсозӣ» ва «ҳамкорӣ», таъкид кардан муҳим аст. Яъне, мутобиқатшавӣ ҳангоми ҳамоҳангсозӣ бо салоҳиятҳои субъекти идоракунӣ ба даст меояд ва дар ҳамкорӣ бошад, мутобиқат бо ризоияти тарафҳои баробар ноил мешавад.

Тибқи моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ мақомоти таъйиноти махсуси ҷумҳуриявӣ буда, дар доираи салоҳияти худ танзим ва идоракуниро дар соҳаи таъмини амнияти шахс, ҷамъият ва давлат ба амал бароварда, дар ин соҳа фаъолияти дигар мақомоти ҷумҳуриявии идораи давлатиро ҳамоҳанг месозад [16]. Дар моддаи 5 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии он ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти

прокуратура пешбинӣ шудааст [3]. Ҳамчунин, моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» субъектҳои фаъолияти огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғонро муайян намуда, ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳоро ҳамчун салоҳияти Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак пешбинӣ менамояд [28]. Агар ҳангоми ҳамоҳангсозӣ салоҳияти субъекти идоракунӣ ба мутобиқшавии тарафҳо дар ҳалли вазифаҳои дар пеш гузошташуда оварда расонад, пас, хусусиятҳои муносибатҳои ҳокимиятию мартаботӣ (субординатсия) ҳукмфармо гардида, маъмуриятчигӣ ба вуҷуд меояд. Маъмуриятчигӣ – тарзи роҳбарии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, ки моҳияти он аз ҳаллу фасли масъала дар доираи қоидаҳои мавҷуднабуда, бо роҳи қабул намудани санадҳои хусусияти роҳбарикунандадошта (фармон, амр, қарор ва ғ.) амалӣ карда мешавад [101, с. 279].

Бо муайян намудани фарқияти камтарин ва асосноки байни «ҳамкорӣ» ва «ҳамоҳангсозӣ» акнун таҳқиқ карда мешавад, ки воқеияти алоқамандии (баҳамоии) милитсияи тоҷик бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳамкорӣ зоҳир мешавад ё шакли ҳамоҳангшудаи фаъолият мебошад. Мавҷудияти принсипи «ихтиёрӣ» дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва принсипҳои «ихтиёрӣ», «баробарҳуқуқӣ» ва «худидоракунӣ» дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» воқеияти алоқамандии байни милитсияи тоҷик бо иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар ҳамкорӣ зоҳир менамояд. Баръакси ҳол, бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, санҷиши ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, таҳти роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба амал баровардани фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ва талаботи дигари қонунгузорӣ ҳамоҳангсозии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро аз ҷониби давлат ошкор месозад.

Аломати ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятиро аз ҷониби мақомоти давлатӣ бештар дар фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии

назди МКД мушоҳида намудан мумкин аст. Тибқи талаботи боби 2-и Низомнома дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ дар асоси фармоиши Вазири корҳои дохилӣ, сардорони Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ (минбаъд – РВКД) сардорони шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ (минбаъд – ШВКД) ташкил карда мешаванд, ки ин маънои ҳамоҳангсозии фаъолияти шурои ҷамъиятии мазкурро аз тарафи давлат дорад [46].

Ҳамин тавр, бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мафҳуми «ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»-ро таъриф намуда, унсурҳои таркибии онро таҳлил менамоем.

Инак, ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ин фаъолияти ташаббускорона, мутақобила ва ҳамоҳангшудаи байни милитсия ва шаҳрвандони муттаҳидгашта мебошад, ки бо мақсади ҳалли вазифаҳо вобаста ба таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани сатҳи дастрасии хизматрасонии милитсия ба ҷомеа, афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти милитсия, инкишоф додани фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятии бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсисшуда, пешгирӣ, ошкор намудан ва кушодани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, муайян намудани механизми самараноки огоҳонии ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ равона гардидааст. Дар мафҳуми пешниҳодгардида унсурҳои таркибие, ки ҷавҳари асосии ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятиро муайян менамоянд, хусусиятҳои «ташаббускорӣ», «мутақобила» ва «ҳамоҳангшуда»-и ҳамкорӣ мебошанд.

Ташаббускорӣ дар иқдом кардан ба иҷрои коре аз ҷониби касе мебошад, ки он аз худ ташаббусу ибтикор нишон медиҳад [103, с. 330]. Ибтикор моҳияти ба ҷо овардани кори бесобиқа ё шуруъ намудан ба коре ё чизе, ки пеш аз ин касе ба он даст назадааст [102, с. 533]. Аз ин ҷо бармеояд, ки ташаббускорӣ аломати асосии ҳамкорӣ дар байни МКД ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ба ғайр аз ин, ҳузури шаҳрвандон дар

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ худ ташаббуси онҳоро барои иҷрои фаъолияте (ҳалли манфиатҳои умумӣ) нишон медиҳад. Яъне, шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад [1]. Ҳеҷ як инсон наметавонад ба ягон иттиҳодия маҷбуран ҷалб карда шавад [2].

Ташаббускорӣ бештар дар марҳилаи оғози муносибатҳои ҳамкорӣ дар байни МКД ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷойгузир буда, ирода ва хоҳиши иттиҳодияи ҷамъиятиро бахри ба ҳамкорӣ пайвастан ифода мекунад. Ҳарчанд ки ташаббускорӣ мавқеи иштироки иттиҳодияи ҷамъиятиро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ифода намояд ҳам, аммо маънои фаъолияти ташаббускорона нишон надодани тарафи дигар, яъне, мақомоти корҳои дохилиро баҳри ҳамкорӣ надорад. Баръакс, ҳамкорӣ бо ҷомеа ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти милитсия [44], барои МКД хусусияти ҳатмӣ дорад. Аз ин рӯ, ташаббуси иттиҳодияҳои ҷамъиятиро барои иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ МКД на ин ки танҳо пазироӣ намояд, балки бояд кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии онҳоро дар раванди ҳамкорӣ таъмин намуда, тарғибу ташвиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ҷиҳати ҳар чи бештар ҷалб намудани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба ҳамкорӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ амалӣ гардонад. Ба ҳамин маъно, корманди милитсия вазифадор аст, ки ҷиҳати таъмини амнияти шахсӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсоне, ки дар бораи ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ хабар додаанд ва фош нашудани шахсияти онҳо чораҳои зарурӣ андешад [13].

Ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ фаъолияти мутақобила аст. Албатта, омӯхтани масъалаҳои алоқаи мутақобила бо истифода аз воситаҳои илмии соҳаҳои гуногуни дониши илмӣ ба мо имкон медиҳад, ки ин соҳаро васеътар фаро гирем, хусусиятҳои соҳавии алоқаро муайян кунем ва роҳҳои нави ҳалли масъаларо пешниҳод кунем. Фаъолияти мутақобила ҳангоме

устувор ва поянда буда метавонад, ки вазъи ҳуқуқии ду ҷонибро дар бар гирад. Вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки маҷмуи ҳуқуқ, уҳдадорӣ, кафолати ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии онҳоро дар бар мегирад дар меъёри моддаҳои 16 ва 23 Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» (барои дастёрони ихтиёрӣ) ва дар моддаҳои 24 ва 25 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (барои дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ) пешбинӣ гардидаанд. Аммо, ба андешаи мо, дар ин бахши танзими муносибатҳо оид ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар санадҳои меъёрии қонунгузорӣ холигӣ ва каме норасогӣ ба назар мерасад. Чунончи, дар доираи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ягон меъёри алоҳида вобаста ба ҳавасмандгардонии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва намояндагони онҳо пешбинӣ нагардидааст, ки ин холигӣ дар қонунгузориро нишон медиҳад. Ё ин ки, ҳарчанд мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» намудҳои ҳавасмандгардонии шаҳрвандоне, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок мекунанд, пешбинӣ гардидааст, аммо бо сабаби бениҳоят кам муқаррар шудани чораҳои ҳавасмандсозӣ норасогӣ дар қонунгузориро нишон медиҳад. Ҳамчунин, мо метавонем қайд намоем, ки кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардониҳое, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» пешбинӣ гардидаанд, ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аъзоёни он дахл надоранд. Ин фикрро бо он асоснок менамоем, ки ташкили фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятие, ки дар қонуни зикршуда пешбинӣ карда шудаанд, (дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорон) ба фаъолияти ташкилӣ-ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз лиҳози талабот ва мазмуни қонунгузорӣ мувофиқат намекунанд, ки таҳлили амиқтари масъала дар зербоби дуюми боби аввали рисолаи диссертатсионӣ баррасӣ карда мешавад. Холигӣ ва норасогии номбаршудаи меъёрҳои қонугузорӣ дар умум метавонанд, ки ба сатҳи

иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва намояндагони (аъзоёни) онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонанд.

Ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (аз ҷумла, дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятии назди МКД) фаъолияти ҳамоҳангшуда мебошад. Яъне, фаъолияти субъектони мазкур дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, чи тавре ки болотар қайд гардид, аслан таҳти назорати шахсони ваколатдори МКД ба роҳ монда мешавад. Амрудинзода М.А. чунин мешуморад, ки ҳамкории МКД бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ «маҷмуи амалҳои ҳамоҳангшудаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва МКД» [181, с. 77] мебошад. Шарифзода П.Р. танзими маъмурӣ-ҳуқуқии фаъолияти МКД ҶТ-ро дар соҳаи профилактикаи зӯроварӣ дар оила мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода, яке аз асосҳои консептуалии ташаккулёбии фаъолиятро дар ин соҳа, маҳз дар доираи талаботи қонунгузорӣ муайян намудани субъектони ваколатдор ва ҳамоҳангсозии фаъолияти байни онҳо медонад [196, с. 59-60]. Усенов К.И. қайд менамояд, ки ташкили ҳамкориро, пеш аз ҳама, ҳамчун таҳияи ҳадафҳои якҷоя, вазифа, шакл ва ҷараёни ҳамкорӣ фаҳмидан лозим аст [191, с. 10]. Дар баробари ин, Усенов К.И. ба назар гирифтани имкониятҳои воқеии ташкилию ҳуқуқии давлатро дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъкид менамояд.

Дар Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020 пешбинӣ гардидааст, ки ҷузъу томи милитсия дар ҷойҳо бояд озодии интихоби шаклу усулҳои кореро, ки барои ҳудуди мазкур самаранок мебошанд, инчунин, имконияти интихоб намудани шаклҳои мувофиқу самараноки ҳамкории мутақобила бо шаҳрвандон, сохторҳои давлатии марказиву маҳаллиро дошта бошанд [39].

Бо дарназардошти муқаррароти Стратегияи ислоҳоти милитсия ва ҳамфикрӣ ба андешаи Амрудинзода М.А., Шарифзода П.Р. ва Усенов К.И., ҳамчунин, бояд иброз дошт, ки ҳамоҳангсозии мазкур бояд назорати фаъолиятеро нисбати иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар бар гирад, ки танҳо барои иҷрои вазифаҳои оинномавӣ дар самти таъмини тартиботи

ҷамъиятӣ ва ёрӣ расонидан ба милитсия равона шудаанд, аммо набояд чунин назорат ба самти иҷрои вазифаҳои умумии оинномавие, ки дар салоҳияти МКД намедароянд, равона гардад. Аз лиҳози дигар, дар мавриди ҳамоҳангсозии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бояд фикру андешаҳои намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба манфиати кор мебошанд, аз тарафи МКД ба инобат гирифта шаванд, чуноне ки алоқамандӣ бо аҳолӣ ва ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ҳамчун принсипи фаъолияти милитсия дар моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» пешбинӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти афкори иброзгардида, хулосаву пешниҳодоти зеринро вобаста ба зербоби аввали таҳқиқоти диссертатсионӣ манфиатпазир медонем:

1. Фикр менамоем, ки ифодаи унсури «дар асоси узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ» дар мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ» аз рӯйи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи ФР дар самти танзими фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо чунин асоснокӣ қобили қабул аст:

1.1. Ташкилоти ҷамъиятӣ худ як шакли ташкилӣ-ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад;

1.2. Ифодаи унсури «дар асоси узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ» дар мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ» фаҳмиши талабот барои аъзошавӣ ба иттиҳодияҳои ҷамъиятиро оммафаҳм мегардонад. Яъне, дар қонунгузорӣ талаботи таъсис ва аъзо гардидан маҳз дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст, на ба ташкилоти ҷамъиятӣ;

1.3. Дар мафҳуми ташкилоти ҷамъиятӣ мавҷуд будани ибораи «дар асоси узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ» хонандаро водор менамояд, ки ба таҳлили мафҳуми «иттиҳодияи ҷамъиятӣ» баргашта, унсурҳои (аломатҳои) дигари иттиҳодияи ҷамъиятиро омӯзад ва аз худ намояд.

2. Ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар замони муосир тобиши сиёсиро дар худ касб намудааст. Яъне, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун шакли фаъоли иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини

тартиботи ҷамъиятӣ ҳадафҳои муайяни худро доро мебошанд, ки дар умум ифодагари умедвории шаҳрвандон дар эҳёи ҷомеаи бехатар арзёбӣ карда мешавад ва дар як вақт ташкили ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба амалишавии самти сиёсати давлат дар муқовимат ба ҷиноятkорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мусоидат менамояд.

3. Фаъолияти амалии мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳад, ки айни замон дар баргузории чорабиниҳои муҳимми давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо мақсади ҳифз ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ на танҳо қувва ва воситаҳои МКД, балки дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ, аз қабили Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ ва ғайра ҷалб мегарданд, ки ин дар як вақт ба таъмини амнияти миллии давлат мусоидат менамояд. Тавре дар Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 декабри соли 2018 таъкид гардид: «Тамоми кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, агентиҳои назорати маводи нашъаовар, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бо мақсади таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ «...» чораҳои ҷиддӣ андешанд» [201]. Фаъолияти мақомоти мазкур дар қисмати иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ тибқи талаботи қарорҳои идоракунии байниидоравӣ танзим гардида, меъёри танзимкунандаи чунин фаъолият дар сатҳи қонун ҷойгузир нашудааст. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» моддаи алоҳида дар таҳрири «Мақомоти давлатии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» илова карда шуда, дар матни меъёри модда субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба таври мушаххас нишон дода шаванд. Ҳамчунин, аз меъёри моддаи 6 қонуни зикршуда, ки мавриди амал қарор дорад, муқаррарот оид ба мақомоти давлатӣ, ки дар ҳалли вазифаҳои милитсия ба ӯ ёрӣ мерасонанд, хориҷ карда шавад. Ба таври расмӣ дар доираи талаботи қонун эътироф намудани пешниҳоди мазкур масъулияти мақомоти давлатиро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ

баланд бардошта, механизми иштироки онҳоро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муайян ва мустаҳкам менамояд.

4. Мусаллам аст, ки дар давлат ҳифз ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ вазифаи асосии милитсия мебошад. Аммо, то кунун дар доираи талаботи қонунгузорӣ масъалаи ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони таъминкунандаи тартиботи ҷамъиятӣ ҳалли хешро наёфтааст. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар доираи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» моддаи алоҳида дар таҳрири «Ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» илова карда шуда, дар матни меъёри модда милитсия мақомоти ҳамоҳангсоз ва механизми умумии ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муайян карда шавад.

5. Таърифи мафҳуми «ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»-ро дар чунин таҳрир пешниҳод менамоем: «Ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ин фаъолияти ташаббускорона, мутақобила ва ҳамоҳангшудаи байни милитсия ва шаҳрвандони муттаҳидгашта мебошад, ки бо мақсади ҳалли вазифаҳо вобаста ба таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани сатҳи дастрасии хизматрасонии милитсия ба ҷомеа, афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти милитсия, инкишоф додани фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятии бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсисшуда, пешгирӣ, ошкор намудан ва кушодани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, муайян намудани механизми самараноки огоҳонии ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ равона гардидааст.».

6. Ташаббус ба ҳамкорӣ яке аз марҳилаҳои аввалини пайвастани ҳамгироӣ байни МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба шумор меравад, ки бояд дар фаъолияти ҳар як иттиҳодияи ҷамъиятӣ новобаста аз мақсади оинномавии он ташаккул ва тақвият дода шавад. Ташаккул ва тақвиятдиҳии ташаббуси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои ҳамкорӣ бо МКД дар таъмини тартиботи

ҷамъиятӣ тавассути вохурии кормандони милитсия бо намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, тавассути ВАО тарғиби қонунгузорӣ дар самти таҳқиқшаванда ба мақсад мувофиқ дониста мешаванд. Ҳамчунин, дар замоне ки мавҷудияти хавфҳои эҳтимолию воқеӣ ба таъмини тартибот ва амнияти давлатию ҷамъиятӣ таҳдид менамоянд, ба фикри мо, барои тамоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муқаррар намудани яке аз самтҳои фаъолияти онҳо дар самти иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқаррар намудани ин самти фаъолият дар оинномаи батанзимдарории фаъолияти онҳо дуруст мебошад.

7. Бо дарназардошти таҳлили унсурҳои таркибии мафҳуми «Ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», ки дар боло пешниҳод кардем, зарурияти дарёфти механизми ҷалби ҳар чи бештари иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, таъсис ва инкишоф додани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки маҳз бо мақсади иштирок намудан дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ фаъолият менамоянд, дар доираи талаботи қонунгузории амалкунанда муқаррар кардани меъёрҳои алоҳида вобаста ба кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла, дастёрони ихтиёрӣ ва шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилиро зарур мешуморем.

8. Ҳамоҳангсозии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун унсури таркибии ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бояд назорати фаъолиятеро нисбати иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар бар гирад, ки танҳо барои иҷрои вазифаҳои оинномавӣ дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ёрӣ расонидан ба милитсия равона шудаанд, аммо набояд чунин назорат ба самти иҷрои вазифаҳои умумии оинномавие, ки дар салоҳияти МКД намедарояд, равона гардад. Бо ин мазмун, зарурати ҳамоҳанг сохтани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро, алалхусус, шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ ва дастёрони ихтиёриро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба мақсад мувофиқ дониста, ташкили

ассотсиатсияҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, ассотсиатсияҳои шуроҳои ҷамъиятии назди МКД ва дастёрони ихтиёриро яке аз роҳҳои амиқи табодули таҷрибаи фаъолият оид ба иҷрои вазифаҳои оинномавии онҳо меҳисобем.

## 1.2 Асосҳои ҳуқуқии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар давлат то кадом андоза ва дар кадом сатҳ қарор доштани ҳамкории мақомоти корҳои дохилиро бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун дигар зуҳуроти иҷтимоӣ мавҷудияти вазъ ва асосҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва дигар шароитҳо муайян менамоянд. Айни ҳол, вобаста ба тадқиқоти мавзуи диссертатсионӣ, дар қисмати зербоби таҳқиқшаванда мо мавҷудияти асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳоро дар самти ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пайгирӣ менамоем.

Мавҷудияти асосҳои ҳуқуқие, ки ҷараёни ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, МКД бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро танзим мекунанд, метавонад, ки ба инкишофи ҳамкорӣ ва дигар шароитҳои лозимӣ таъсиррасон бошанд [120, с. 53]. Аз ин нуқтаи назар, дар давлат асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятиро (соҳаи қонунгузории давлатро) ҳамчун соҳаи пешбарандаи тамоми соҳаҳои дигар эътироф намудан мумкин аст. Чунки тамоми соҳаҳои дигари фаъолияти давлат дар асоси талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешаванд. Дар тақвияти гуфтаҳои боло ин нуқтаи назарро дуруст мешуморем: «Баъди давлати мустақил гаштани Тоҷикистон зарурати ба таври куллӣ аз нав сохтани тамоми пояҳои ҳуқуқие, ки дар асоси онҳо ҳаёти давлати соҳибихтиёр ташкил ёфта, шаҳрвандонаш умр басар мебаранд, пайдо шуд. Барои ҳалли ин масъала аллакай корҳои зиёде ба сомон расонида шуд. Қонуну санадҳои меъёрии зиёде, ки ба ҳаёту фаъолияти идоракунии давлатӣ, иқтисодиёт, ҳифзи миллӣ, сиёсати хориҷӣ, ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолию табиат ва риояи тартиботи ҳуқуқӣ дахл доранд, қабул карда шуда, ба ҳаёт татбиқ гашта истодаанд» [60, с. 3]. Инчунин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат иброз доштанд, ки шарти муҳимми ба даст овардани муваффақият дар мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти ҳамоҳангшудаву босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тақвияти заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар ин самт мебошад [202]. Асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолият бояд ба пешрафти ҷомеа мусоидат намоянд. Чуноне ки Президенти ҶТ қайд менамоянд: «… вакилон вазифадоранд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти татбиққунандаи қонунҳо ҷиҳати ба талаботи рӯз мутобиқ намудани онҳо саҳм гузоранд ва бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳои ба талаботи рушду пешрафти ҷомеа мувофиқро омода ва пешниҳод намоянд» [203].

Истилоҳи «асосҳои ҳуқуқӣ» ҳарчанд ки дар таҷрибаи пештараи қонунэҷдкунии мақомоти қонунгузори ҶТ дар баъзе аз қонунҳо [6] истифода мешуд ва ба ин истилоҳ дар баъзе аз адабиёти илмию таълимӣ [60, с. 54] во хӯрдан мумкин аст, аммо айни замон дар меъёрҳои қонунҳои алоҳидаи ҶТ [13; 19; 29] ва дигар давлатҳо [4; 8; 9; 12] дар шакл ва ибораи «қонунгузории давлат дар соҳаи дахлдор» пешбинӣ гардида, Конститутсия ва маҷмуи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса, ташкилот ва дигар субъектони фаъолияти давлатию ҷамъиятӣ дар асоси муқаррароти онҳо ба роҳ монда мешавад. Дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ истилоҳи «асосҳои ҳуқуқӣ» бештар бо шакл ё маънои «сарчашмаҳои ҳуқуқӣ» [59, с. 318] ё «шакли ҳуқуқ» [85, с. 23] мавриди таҳлил ва тадқиқ қарор дода шудааст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки ҳарчанд вобаста ба таҳқиқоти мавзуи диссертатсионӣ аслан зарурияти дар сатҳи бисёр амиқ ва дақиқ таҳлил намудани истилоҳоти «асосҳои ҳуқуқӣ», «сарчашмаи ҳуқуқ», «шакли ҳуқуқ», фарқият ва алоқамандии онҳо, зарурат надошта бошад ҳам, аммо бо шарти муайян кардани дурустии мазмуни истифодаи ибораи «қонунгузории ҶТ дар соҳаи дахлдор» (мисол, қонунгузории ҶТ

дар бораи милитсия, қонунгузории ҶТ дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) дар қонунгузории амалкунанда, таҳлили мазмунию муқоисавӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Аз нуқтаи назари методологияи таҳқиқот, шарти зарурии омӯзиши масъалаи асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо ва ба маънои дигар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ё шакли ҳуқуқ аз таҳлили назариявӣ оғоз мегардад. Истилоҳи «сарчашмаи ҳуқуқ» одатан ба Титус Либия тааллуқ дорад, ки Қонуни XII ҷадвалро «сарчашмаи тамоми ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ» номидааст [98, с. 167; 85, с. 32-33]. Дар ҳақиқат, эҳёи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар ҳар давру замон зарурати қабули меъёрҳои нави ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд. Чи хеле ки дар алоқамандӣ ба омӯзиш ва таҳлили Қонуни XII ҷадвали Рим як гурӯҳи муаллифон дар асари хеш зери унвонии «Ҳуқуқи хусусии Рим», моҳияти деликтҳои хусусӣ (шахсӣ) ва ҷамъиятиро таълиф намуда [117, с. 56-57], қайд менамоянд, ки муборизаи шиддатноки синфӣ ва зиддиятҳои афзоянда дар байни ғуломону ғуломдорон давлатро водор менамояд, ки на танҳо манфиатҳои оммавӣ, балки манфиатҳои хусусиро, ки пештар танҳо бо муроҷиати ҷабрдида вобастагӣ доштанд, дида, баромада, баррасӣ намояд ва нисбати шахси гунаҳгор ҷавобгарӣ татбиқ намояд [91, с. 591-594].

Ҳарчанд ки истилоҳи «сарчашмаи ҳуқуқ» таърихи тӯлонӣ дорад ва дар асарҳои аксари олимону муҳаққиқони барҷастаи илми ҳуқуқшиносӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст, аммо дар илми ҳуқуқ таърифи ягона ва фарқияти он аз «шакли ҳуқуқ» ба таври пурра ҷой надорад. Ҳол он ки, ибораи «асосҳои ҳуқуқӣ» дар баъзе аз сарчашмаҳо [60, с. 54; 5; 6] ҷойгузини он мешавад. Кечекян С.Ф. дар иртибот ба таҳлили масъалаи «сарчашмаи ҳуқуқ» қайд менамояд, ки «... на танҳо мафҳуми маъмулан қабулшудаи он вуҷуд дорад, балки мазмуне, ки дар он ибораи «сарчашмаи ҳуқуқ» муайян карда мешаванд, баҳснок аст» [125, с. 3]. Дар аввали асри гузашта, Петражитский Л.И. бо дарёфти маъноҳои гуногуни семантикӣ [164, с. 8], қайд карда буд, ки баъзеҳо сарчашмаҳои ҳуқуқро ҳамчун шакли ташкили қонун, дигарон, ҳамчун асоси пайдоиши қонун,

сеюмин, ҳамчун омилҳое, ки қонунро ба маънои объективӣ асоснок мекунанд, чаҳорум, ҳамчун аломатҳои ҳатмии меъёрҳои ҳуқуқӣ, панҷум, ҳамчун шаклҳои гуногуни изҳори ҳуқуқ медонанд [88, с. 517-518].

Чи тавре ки дар боло изҳор намуда будем, таърифи мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» дар адабиёти ҳуқуқӣ бо таносуби он бо мафҳуми дигар – «шакли ҳуқуқ» алоқаманд аст. Аксари олимон мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро афзал медонанд; баъзеҳо тарафдори иваз кардани истилоҳи «сарчашмаи ҳуқуқ» ба истилоҳи «шакли ҳуқуқ» мебошанд; гурӯҳи сеюми муаллифон номи дугона – «шакли (сарчашмаи) ҳуқуқ»-ро истифода мебаранд. Венгеров А.Б., қайд менамояд, ки дар асри 20 сарчашмаҳои доктринаи ҳуқуқии фитрӣ, ки, пеш аз ҳама, ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дахл доранд, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, шакли ҳуқуқии санадҳои меъёрии аз ҷониби давлатҳо иҷозатдодашударо пайдо намуда, дар эъломияҳои байналмилалӣ, конститутсияҳои давлатҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ватанӣ муқаррар гардиданд. Бо ҳамин асос, дар ибтидои асри 21 фарқияти байни қонуни табиӣ ва позитивӣ асосан равшан гардид, ки дар натиҷа, сарчашмаи ҳуқуқ (ҳамчун муродифи ҳуқуқи фитрӣ) ва шакли ҳуқуқ (ҳамчун категорияи мувофиқ ба ҳуқуқи позитивӣ) муайян карда шуд» [64, с. 403-404].

Дар ҳамин қисмат, мо ба ақидаи он ки сарчашмаи ҳуқуқ (ҳамчун муродифи ҳуқуқи фитрӣ) ва шакли ҳуқуқ (ҳамчун категорияи мувофиқ ба ҳуқуқи позитивӣ) эътироф гардиданд, то ҳадди зарурӣ розӣ шуда наметавонем. Чунки айни замон аксарияти ҳуқуқҳои фитрӣ низ дар доираи меъёрҳои қонунгузории давлат муайян карда мешаванд, ки ин зарурияти воқеӣ дорад ва механизми амалӣ кардани ҳуқуқҳои мазкурро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян намудаанд. Мисол, ҳуқуқ ба озодӣ ин ҳуқуқи фитрии инсон мебошад, аммо то ҳадде, ки ӯ барои содир намудани кирдори ҷиноятӣ ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо қарор ё

ҳукми суд ба ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ [11] ё ҳабси маъмурӣ [17] фаро гирифта нашудааст.

Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 14 Конститутсияи ҶТ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад. Дар меъёри зикршудаи Конститутсия ибораи «маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» метавонад, ки категорияи ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсон ва шаҳрвандро низ дар бар гирад. Ё аз лиҳози дигар, бояд қайд намоем, ки амалигардонии ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ бе мавҷудияти ҳуқуқҳои позитивӣ, риоя ва иҷрои онҳо ғайриимкон мегардад, яъне, омехтагии танзими ҳуқуқии чунин категорияҳои ҳуқуқ ва озодиҳо ба чашм мерасад (вуҷуд дорад). Вобаста ба ақидаи мазкури хеш, ҳамчунин, бояд қайд намоем, ки дар асл мафҳумҳои ҳаммаъно не, балки калимаҳои ҳаммаъно бештар вуҷуд доранд.

Аз рӯи назария ва ақидаҳои илмие, ки оид ба мафҳуму моҳияти сарчашмаҳои ҳуқуқ дар боло зикр кардем, ба ақидаи Кутафин О.Е. оид ба он ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» бо вуҷуди шартӣ будани худ, барои истифода мувофиқ ва бар замми ин, барои ҳуқуқи ҷаҳонӣ анъанавӣ мебошад» [78, с. 165], розӣ шудан мумкин аст.

Дар «Луғати муосири калимаҳои хориҷӣ» вожаи «шакл» ба маъноҳои: 1) намуди зоҳирӣ, тарҳи берунӣ; 2) тарзи мавҷудият ва ифодаи ҳама гуна мундариҷа; 3) дастгоҳ, сохтори чизе, низоми ташкили чизе, масалан, шаклҳои идоракунӣ; 4) қолаби муқарраршудаи чизе, қолаб... 6) дидашаванда будани чизе, расмият...» [92, с. 657], пешбинӣ мегардад, ки ҳамаи ин маъноҳои вожаи «шакл» дар забони оддӣ ба маънои ҳуқуқӣ низ ба кор бурда мешаванд. Ҳамчунин, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [103, с. 621] вожаи «шакл» ба маънои 1) мисл, монанд, назир; 2) тарз, навъ, намуд; 3) қиёфа, шамоил, афту андом, башара; 4) сурат,

пешбинӣ мешавад. Дар ҳамин асос, агар мо вожаи «шакл»-ро ба маънои дидашавандагии он алоқаманд намоем, пас, гуфтан мумкин аст, ки шакли ҳуқуқ ин ифодаи зоҳирии меъёри ҳуқуқ дар ин ё он санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Ҳол он ки, дар корҳои илмӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми «сарчашмаҳои ҳуқуқӣ» низ бо ҳамин мазмун дида мешавад [70, с. 9; 80, с. 237; 160, с. 27-28].

Аз лиҳози дигар, дар адабиёти ҳуқуқӣ навъҳои гуногуни тавзеҳи сарчашмаҳои ҳуқуқ ҷой дорад. Аз ҷумла: ба маънои моддӣ ва расмӣ (Алексеев С.С., Вилнянский С.И., Голунский С.А., Иоффе О.И., Керимов Д.А., Кечекян С.Ф., Марченко М.Н., Митскевич А.В., Строгович М.С., Сюкяйнен Л.Р., Шаргородский М.Д.); манбаи иҷтимоии қонун (Гурова Т.В.); манбаи сиёсии қонун (Гурова Т.В., Нерсесянс В.С.); сарчашмаҳои ҳуқуқии генетикӣ, маънавӣ, байналмилалии ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои пайдоиши меъёрҳои ҳуқуқӣ (Нерсесянс В.С.); сарчашмаҳои дониши ҳуқуқ (Муромтсев Г.И., Калинин А.Ю., Комаров С.А.); сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқ (Муромтсев Г.И); сарчашмаҳои ҳуқуқ ба маънои идеалӣ ё идеологӣ (Баранов В.М., Калинин А.Ю. ва Комаров С.А.) ва дигарон [88, с. 517-518; 111, с. 368-369].

Чи хеле ки аз нуқтаи илмии назариявӣ ба мо маълум гардид, новобаста аз он ки дар сарчашмаҳои илмӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ баъзе аз мутахассисон ибораи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва баъзеи дигар шакли ҳуқуқ ё баъзе сарчашмаҳои (шакли) ҳуқуқ истифода мебаранд, аммо, новобаста аз дигаргунии истифодабарии чунин истилоҳот, аслан мақсади умумӣ доранд. Аз ҷумла, Алексеев С.С. қайд менамояд, ки сарчашмаҳои ҳуқуқ усулҳои ҳуҷҷатие мебошанд, ки аз давлат бармеоянд ё аз ҷониби он расман эътироф гардида, меъёрҳои ҳуқукро ифода ва мустаҳкам намуда, ба онҳо аҳаммияти ҳуқуқӣ, умумиҳатмӣ медиҳанд [57, с. 76-77].

Мо нуқтаи назари Алексеев С.С., ки аллакай ифода гардид ва нигоҳи дигар олимону мутахассисонеро, ки ба моҳияти сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ҳамчун меъёрҳои дар ҳуҷҷатҳои расмӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) мустаҳкам ва ифодаёфтаи аҳаммияти умумиҳатмидошта менигаранд,

ҷонибдорӣ менамоем, чунки мо қаблан аллакай зикр карда будем, ки вазифаи таҳқиқотӣ дар ин самт маҳз бо мақсади то кадом андоза дуруст ё нодуруст истифода намудани истилоҳи «қонунгузории ҶТ дар соҳаи дахлдор» (мисол, қонунгузорӣ дар бораи милитсия – дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», қонунгузорӣ дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ – дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ва ғайра), ки қонунҳои амалкунанда мебошанд, анҷом дода мешавад.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» вожаи «қонунгузор» ба маънои он, ки қонунро вазъ ва муқаррар мекунад ва вожаи «қонунгузорӣ» ба маънои фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлат оид ба баровардани қонун ифода гардидааст [102, с. 690]. Агар мо аз нуқтаи назари моҳияти вожавӣ ба калимаҳои «қонунгузор» ва «қонунгузорӣ» нигоҳ кунем, пас, маълум мегардад, ки қонунгузор ифодаи ном ва шинохташавии мақомоти қонунгузор (дар ҶТ – Маҷлиси Олӣ) ва қонунгузорӣ фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ (дар ҶТ – фаъолияти Маҷлиси Олӣ) оид ба қабул намудани қонун, дар назар дошта мешавад, ки маҳз фаъолияти мақомоти салоҳиятдор ҷиҳати қабули қонун ба маънои маҳдуди ҳуқуқэъҷокунӣ тавъам аст. Чунончи, ба андешаи Попов О.В., ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои васеъ ҷараёни ташаккули ҳуқуқ буда, ба маънои маҳдуд бошад, фаъолияти қонунэҷодкунӣ аст, ки қабули санадҳои қонунгузориро пешбинӣ мекунад [187, с. 6].

Тибқи таълимот дар бораи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, яке аз функсияҳои асосии парлумони давлат қабули қонунҳо мебошад, яъне, парлумон ба сифати мақомоти ҳокимияти қонунгузор, ки ҳуқуқи мустаснои қабули қонунҳои давлатро дорад, баромад мекунад [101, с. 240].

Раҷабзода Р.М. фаъолияти қонунгузориро ҳамчун яке аз шаклҳои фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон ҷудо намуда, онро ҳамчун фаъолияти касбии узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ [90, с. 53], медонад.

Ба ақидаи Малишева И.В., ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои васеъ фаъолиятест, ки дар натиҷаи он ҳамаи шаклҳои имконпазири ифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амсоли ҳуқуқӣ, шартномаи меъёрӣ) ташаккул меёбанд. Ба маънои маҳдуд бошад, ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти махсус оид ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад. Дар ин ҳолат қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ ҷудо карда мешаванд [79, с. 6-8].

Семянов Е.В. ҳуқуқэҷодкуниро ба чунин маъно шарҳ медиҳад:

1. Ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои фаъолияти қонунгузорӣ ё қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ бо мақсади муайян намудани асосҳои низоми ҳуқуқӣ;

2. Ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ, яъне, қоидаҳои амали ҳуқуқии умумиҳатмӣ;

3. Ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои ташаккул ё эҷоди ҳуқуқ [189, с. 6].

Профессор Шарофзода Р.Ш. бошад, мафҳуми зерини ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод намудааст: «Ҳуқуқэҷодкунӣ – фаъолияти субъектони салоҳиятнок мебошад, ки бо мақсади қабул, тағйир ва қатъи муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ, эътирофи талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад» [95, с. 492].

Бо дарназардошти таҳлили вожаҳои «қонунгузор» ва «қонунгузорӣ» аз рӯи «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ва мафҳуми «ҳуқуқэҷодкунӣ» ба маънои маҳдуд, ки моҳиятан таърифи қонунгузориро (қонунэҷодкуниро) ошкор менамояд, ба фикри мо, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ифодаи ибораи «қонунгузорӣ дар бораи милитсия дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», ибораи «қонунгузорӣ дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ва умуман ибораи «қонунгузории ҶТ дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти ин ё он субъекти фаъолият» нодуруст мебошад. Ақидаи мазкури хешро бо чунин фикр ва андешаҳо асоснок менамоем:

1. Иборан «қонунгузор» ифодакунандаи субъекти қабулкунандаи қонун ва «қонунгузорӣ» ифодакунандаи фаъолияти субъекти қабулкунандаи қонун оид ба қабули қонун мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ифодаи иборан «қонунгузорӣ дар бораи милитсия дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» гӯё фаъолияти милитсияро танҳо аз рӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқие муайян менамояд, ки онҳоро мақомоти қонунгузорӣ (Маҷлиси Олӣ) қабул намудааст ва мазмуни мантиқии ин меъёр амали дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти милитсияро гӯё истисно намудааст. Ин тарзи муносибат дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти субъектони дахлдор [3; 15; 29] ҷой дорад;

2. Ифодаи иборан «Қонунгузории ҶТ дар бораи милитсия дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» ва моҳиятан ифодаи мазмунии иборан «қонунгузории ҶТ дар дигар қонунҳои амалкунанда» ифодаи иродаи халқро оид ба қабули Конститутсия ва тағйиру иловаҳои он истисно менамояд, ҳарчанд ки калимаи «Конститутсия» дар меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ ифода ёфта бошад ҳам. Чунки Конститутсия аз ҷониби халқ қабул карда мешавад, на аз ҷониби мақомоти қонунгузор;

3. Аз баррасӣ ва таҳлили қонунҳои ҶТ «Дар бораи милитсия», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ва дигар қонунҳо бармеояд, ки дар меъёрҳои дахлдори онҳо, ки дар самти асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияташон муқаррар гардидаанд, иборан «дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ» ифода ёфтааст, аммо ҷойдошти ин ибора бо таҳрири номи модда аз рӯи қонунгузории амалкунанда мувофиқат наменамояд. Чунки дар алоқамандӣ ба пешниҳоди аввал мақомоти қонунгузор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро танҳо дар намуди қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо (кодексҳо), қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва қарорҳои Маҷлиси намояндагон қабул менамояд. Ҳол он ки, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, ба монанди оиннома, низомнома ва ғайра дар танзими фаъолияти мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳо нақши муҳим доранд;

4. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд [1]. Дар тақвият ба андешаҳои болозикр фикр менамоем, ки ифодаи ибораи «Қонунгузории ҶТ» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалкарди қувваи ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро оид ба танзими фаъолияти субъектон истисно менамояд.

Вобаста ба андешаҳои боло дар бахши таҳлили дурустӣ ё нодурустии ифодаи ибораи «Қонунгузории ҶТ» дар бораи милитсия дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», ибораи «қонунгузориро» бо мазмун ва моҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар маънои васеъ дастгирӣ намуда, такмил ва тағйироти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти таҳқиқшуда зарур ва мақсаднок арзёбӣ менамоем.

Пурзӯр намудани ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ масъалаи муҳимми рӯзмарра барои инкишофи низоми ҳифзи ҳуқуқӣ тамоми давлатҳо, аз ҷумла, ҶТ ба ҳисоб меравад. Зеро дар замони ҷаҳонишавии босуръати давлатҳо таҳдидҳои воқеию эҳтимолӣ ба бехатарии ҷамъият ҳеҷ як давлатро истисно наменамоянд. Албатта, ки дар давлат вазифаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ бар дӯши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузошта мешавад, аммо бе ба роҳ мондани ҳамкории мутақобила бо дигар субъектони фаъолият ва аҳолӣ мақсадҳои ниҳоиро ба даст овардан ғайриимкон аст. Дар алоқамандӣ ба ин масъала, қайд намудан бамаврид аст, ки яке аз шартҳои муҳимми ташкили ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мавҷудияти асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти ҳамкории байни онҳо зоҳир мешавад.

Азбаски субъекти асосии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҶТ МКД ба ҳисоб меравад, пас, ба воситаи тамоми роҳҳою имкониятҳо бояд ин вазифаро дар назди давлат ва халқи Тоҷикистон иҷро намояд. Яке аз роҳҳои имконпазири иҷрои самараноки вазифаи МКД оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳамкории мутақобилаи он бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, алалхусус, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар назар дошта мешавад. Ҳарчанд ки айни замон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

[1; 13; 15; 19; 29; 30] ва зерқонунӣ [38; 39; 44; 46; 47; 49; 52; 54; 55] оид ба ҳамкории мутақобилаи байни МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қабул карда шуда, тартиб ва механизми ҳамкории онҳоро дар сатҳи лозимӣ ба танзим даровардаанд, аммо замоне буд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамкории мазкур бе мавҷудияти асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолият ба роҳ монда шуда буд, ки дар ин ҷода саҳми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии собиқ Иттиҳоди Давлатҳои Шӯравӣ ва хусусиятҳои анъанавии ҳамкории МКД бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз ҳамон замон ҳукмфармо буданд, назаррас буданд. Барои тақвият ва асоснокии андеша бояд қайд намоем, ки бо соҳибистиқлолии комил ба даст овардани ҶТ аз сабаби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ имконияти воқеӣ даст надод, ки бо мақсади танзими фаъолияти тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шаванд. Аз ин рӯ, фаъолияти соҳаҳои гуногуни давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони тозаистиқлол аз рӯи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда буданд. Новобаста аз он ки ҶТ баъд аз пош хурдани ИШ мақоми соҳибихтиёрии комилро пайдо намуд ва ба низоми нави давлатдорӣ гузашт, аммо дар давлат то қабул шудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор (аз ҷумла, Қонун «Дар бораи милиса») механизми иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз рӯи Қарори Кумитаи марказии ҳизби комунистии шурои сотсиалистӣ ва Шурои Вазирони ИҶШС «Дар бораи иштироки меҳнаткашон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар кишвар» [32], ба роҳ монда шуда буд. Санади меъёрии мазкур маҳз заминаи инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва баъдан Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар соҳаи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Мирзоҳофизиён М.М. масъалаи инкишофи механизмҳои маъмурӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таҳлил намуда, онҳоро ба

зинаҳои (давраҳои) алоҳида ҷудо намудааст. Номбурда дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш давраи аввали инкишофи механизмҳои маъмурӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҶТ, аз давраи қабули Қарори Кумитаи марказии ҳизби комунистии шурои сотсиалистӣ ва Шурои Вазирони ИҶШС «Дар бораи иштироки меҳнаткашон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар кишвар» то соли 1991 вобаста медонад [179, с. 41]. Мо ба фикри Мирзоҳофизиён М.М. то андозае розӣ шуда наметавонем. Чунки соли 1991 ҳарчанд ки Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол гардида бошад ҳам, аммо ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ ё зерқонунӣ, ки  муносибатҳоро оид ба иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба таври умумӣ ё ба таври мушаххас танзим намояд, қабул нагардида буд. Аз ин рӯ, давраи аввали инкишофи асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳоро дар соҳаи таҳқиқшаванда мо аз соли 1959 бо қабул шудани Қарори Кумитаи марказии ҳизби комунистии шурои сотсиалистӣ ва Шурои Вазирони ИҶШС «Дар бораи иштироки меҳнаткашон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар кишвар», ки асос барои қабули Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Федералии Шуравии Сотсиалистии Россия «Дар бораи дружинаҳои ихтиёрии халқӣ оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ» аз 25 марти соли 1959, №474 гардид, то 2 майи соли 1992, яъне, то давраи қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милиса», вобаста медонем.

Фаъолияти дружинаҳои ихтиёрии халқӣ дар давраи мазкур ҳам аз рӯи ҳайат ва ҳам аз рӯи корнамоӣ ҷолиби диққат мебошад. Дар алоқамандӣ ба ин масъала, Галоян К.О. дар кори диссертатсионии хеш, ки ба мавзуи «Таҷрибаи ҳамкории дружинаҳои ихтиёрии халқӣ ва милитсияи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Армения» бахшида шудааст, қайд менамояд, ки дар соли 1970 дар ИҶШС зиёда аз 100 ҳазор, соли 1984 282 ҳазор дружинаҳои ихтиёрии халқӣ фаъолият мекарданд, ки 13 миллион нафарро дар бар мегирифтанд ва наздик ба 50 ҳазор нуқтаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ вуҷуд дошт, ки дар онҳо ситодҳои

дружинаҳои ихтиёрии халқӣ созмон дода шуда буданд [163, с. 17]. Иванов А.И. вобаста ба корнамоӣ ва ҷонфидоии аъзоёни Дружинаҳои ихтиёрии халқӣ дар роҳи муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ ҳарф мезанад. Чуноне ки ӯ қайд менамояд, 3 декабри соли 1965 дар муқовимат бо ҷинояткори силоҳбадаст аъзои отряди оперативии дружинаи комсомолии Донишкадаи авиатсионии Казон Артем Айдинов ва 5 апрели соли 1969 дар вақти дастгиркунии гурӯҳи авбошҳо аъзои отряди оперативии дружинаи комсомолии Донишкадаи авиатсионии Казон Игор Ассман ба қатл расонида шуданд [71, с. 22].

Бояд қайд намуд, ки дар давраи мазкур фаъолияти дружинаҳои ихтиёрӣ танҳо бо таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар кӯчаҳо маҳдуд намегашт. Аъзоёни дружинаҳои ихтиёрии халқӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ ба сарҳадбонон дар дастгиркунии вайронкунандагони низоми сарҳадӣ ва ба нозирони бозрасии давлатии автомобилӣ дар таъмини қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ бевосита ёрӣ мерасониданд. Дружиначиён дар мубориза бар зидди азхудкунии моликияти ҷамъияти шуравӣ ва суиқасдҳои дуздӣ дар муассисаҳои истеҳсоли маҳсулот, коркарди ашёи хом ва дигар арзишҳои моддӣ иштирок намуда, ба ғайр аз ин, бо супориши кормандони милитсия онҳо варақаҳои судиро ба суроғаи дахлдор дастрас намуда, дар тарғибу ташфиқоти ҳуқуқӣ иштирок менамуданд.

Ба сифати ҳавасмандгардонии дружиначиён рухсатии иловагии пардохтшаванда, мушарраф гардонидан бо ифтихорномаи фахрӣ, нишони сарисинагӣ, мукофоти пулӣ ва туҳфа муайян гардида буд. Ҳамчунин, онҳо ҳуқуқи имтиёзнок оид ба гирифтани манзили истиқоматӣ ва роҳхати имтиёзнок ба истироҳатгоҳҳоро доро буданд.

Бар замми тамоми паҳлуҳои фаъолияти муваффақиятноки Дружинаҳои ихтиёрии халқӣ зарурияти такмили минбаъдаи фаъолияти онҳо ба вуҷуд омад. Ҳамин буд, ки 20 майи соли 1974, №379 Қарори Кумитаи марказии ҳизби комунистии шурои сотсиалистӣ, Шурои Вазирони ИҶШС «Дар бораи такмили минбаъдаи фаъолияти

Дружинаҳои ихтиёрии халқӣ оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ» [34] қабул гардид. Дар муқаддимаи ҳуҷҷат гуфта мешавад, ки «таҳти роҳбарии мақомоти ҳизбӣ ва шуроҳо дружинаҳои ихтиёрии халқӣ аз ҷиҳати ташкилӣ мустаҳкам гардиданд, дар мубориза ба муқобили ҳуқуқвайронкуниҳо таҷрибаи калон ба даст оварданд, дар байни оммаи васеи аҳолӣ обрӯю эътиборро сазоворанд, бо вуҷуди ин, дар як қатор ҷойҳо сатҳ ва самаранокии кори дружинаҳои ихтиёрӣ ҳанӯз ҳам нокифоя боқӣ мемонад. Имкониятҳои мавҷудаи дружинаҳо дар таъмини тартибот дар кӯчаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди авбошӣ, мастигарӣ, азхудкунии моликияти ҷамъияти шуравӣ, дар огоҳикунии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон ва тарғиботи ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, суст итифода мешавад. Ҳангоми қабули дружинаҳо аксар вақт принсипи ихтиёрӣ вайрон карда шуда, ба далелҳои беасоси васеъ намудани ҳайати дружинаҳо роҳ дода мешавад. Аъзоёни дружинаҳои ихтиёрии халқӣ вазифаҳои ҷамъиятии худро дар сатҳи паст иҷро менамоянд, кумитаҳои алоҳидаи ҳизбӣ ва мақомоти шуроҳо на он қадар ба фаъолияти дружинаҳои ихтиёрӣ диққати хуб медиҳанд. Иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти дружинаҳо, таҷрибаи кори беҳтарин дружиначиён ва дружинаҳо нокифоя ҷамбаст гардида, дар ВАО ба таври суст таъкид ва тарғибу ташфиқ мегардад».

Дар давраи таҳқиқшаванда ҳуқуқ ва вазифаҳои дружиначиён ба воситаи санади меъёрии махсус, ки дар сатҳи Анҷумани Шурои Олии ИҶШС [33] қабул карда мешуд, муайян карда шуда буд.

Аз натиҷаи баррасӣ ва таҳлили фаъолияти Дружинаҳои ихтиёрии халқӣ ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар алоқамандӣ ба асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар давраи таҳқиқшуда бармеояд, ки фаъолияти онҳо хусусияти фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиеро доро будааст, ки маҳз бо мақсади иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ созмон дода шудаанд. Мавҷудияти аломатҳои иштироки ихтиёрии шаҳрвандон дар ҳайати Дружинаҳои ихтиёрии халқӣ ва мақсади умумӣ

доштани онҳо, ки дар Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Федералии Шуравии Сотсиалистии Россия «Дар бораи Дружинаҳои ихтиёрии халқӣ оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ» аз 25 марти соли 1959, №474 пешбинӣ мегарданд, ягонагии ташкили фаъолият ва мақсади Дружинаҳои ихтиёрии халқиро бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳад.

Дар санади меъёрии зикршуда вазифаҳои дружинаҳои ихтиёрии халқӣ то ҳадде пешбинӣ карда мешаванд, ки (масалан, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз амалҳои зиддиҳуқуқӣ, таъмини тартибот дар кӯчаҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳои соҳаи тартиботи ҷамъиятӣ бо роҳи огоҳонӣ ва таъсиррасонии маҷбурии вайронкунандагон ва ғайра) гӯё фаъолияти онҳо хусусияти фаъолияти ҳокимиятӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, мо метавонем қайд намоем, ки фаъолияти амалии дружинаҳои халқӣ дар давраи таҳқиқшуда бо принсипи ихтиёрии фаъолияти онҳо мувофиқат наменамояд. Яъне, дар ин ҳолат фаъолияти байни дружинаҳои ихтиёрӣ бо давлат хусусияти ҳамкорӣ не, балки ҳокимиятию тобеиятиро доро мегардад.

Новобаста аз он ки асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо оид ба иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар давраи ИШ бо кадом мазмун ва дар кадом сатҳ қабул шудаанд, амалияи воқеии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба кадом шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии субъектони фаъолият эҳтиёҷ дошт, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар ин соҳа бо кадом ном ва шакл вуҷуд доштанд, аммо нақши таърихии онҳо аз тавсифу арзёбии натиҷанок орӣ набуда, дар як вақт ба инкишофи қонунгузории соҳавӣ ва фаъолияти амалии давлатдории давлатҳои собиқ ИШ (имрӯза – ИДМ), аз ҷумла, ҶТ мусоидати аввалиндараҷа намудаанд.

Давраи дуюми инкишофи асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо оид ба ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро аз 2 майи соли 1992, яъне, аз санаи қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи милиса» [6] то 3 декабри соли 2009, яъне, то

давраи қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» [18] муайян кардан мумкин аст.

2 майи соли 1992, №650 Қонуни ҶТ «Дар бораи милиса» қабул карда шуд ва дар он ҳамкории мутақобила бо коллективҳои меҳнатӣ ва аҳолӣ, доимо ба назар гирифтани афкори умум ҳамчун принсипҳои асосии фаъолияти милитсия пешбинӣ карда шуданд. Ҳамчунин, тибқи талаботи моддаи 8 қонуни зикршуда пешбинӣ гардида буд, ки милитсия вазифаҳои ба зиммааш гузоштаро дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ, инчунин, ташкилотҳои аҳли ҷомеа, ки барои мусоидат ба милитсия таъсис дода мешаванд ва кормандони ғайриштатии милитсия бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории ҶТ анҷом медиҳад. Чи тавре ки аз меъёри моддаи зикршуда бармеояд яке аз субъектони ҳамкорӣ дар ҳалли вазифаҳои милитсия иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ гардида буд. Аммо, мафҳуми «иттиҳодияи ҷамъиятӣ», асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, принсипҳои фаъолият ва дигар талабот оид ба фаъолияти онҳо дар сатҳи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян нагардида буд. Номуайянии мафҳуми «иттиҳодияи ҷамъиятӣ» дар сатҳи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми нави давлатдорӣ на ин ки ҳамкории воқеии онҳоро бо милитсия таъмин карда наметавонист, балки ба механизми таъсис ва фаъолияти онҳо таъсири бевосита мерасонид.

Бо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 21 майи соли 1998, №644 [10], ки он дар таҳрири нав аз 12 майи соли 2007, №258 қабул гардидааст, ба ҶТ муяссар гардид, ки дар сатҳи қонунгузории хеш мафҳуми иттиҳодияи ҷамъиятӣ, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо, принсипҳои таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муносибати давлат ба онҳо, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва ҳудуди фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро муқаррар намояд [15].

Аз натиҷаи таҳлили меъёрҳои муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» бармеояд, ки дар қонуни мазкур самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ нагардидааст, ки ин

норасогӣ дар қонунгузорӣ метавонад ба бохабарии шаҳрвандон аз мақсади таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсир расонад. Дар фарқият аз қонуни мазкури ҶТ, дар қонунҳои баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ, ки вобаста ба танзими фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қабул карда шудаанд, самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар шаклҳои асосҳои фаъолият [9], мақсади таъсис ва фаъолият [12], мақсади таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ [4] пешбинӣ карда мешаванд, ки метавонад таваҷҷуҳи бештари шаҳрвандони давлатро оид ба самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷалб гардонад. Мисол, тибқи талаботи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо мақсади татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инкишоф додани фаъолият ва ташаббуси шаҳрвандон; инкишоф додани эҷодиёти илмию техникӣ ва бадеӣ, ҳифзи ҳаёт ва саломатии одамон, ҳифзи муҳити табиӣ; иштирок дар корҳои хайрия; гузаронидани чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ, варзишӣ ва фароғатӣ; ҳифзи ёдгориҳои таърих ва маданият; тарбияи ватандӯстӣ, ҳуқуқӣ ва инсонпарварӣ; вусъат ва мустаҳкам намудани ҳамкории байналмилалӣ; иҷрои дигар фаъолиятҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон манъ накардааст, таъсис дода шуда, фаъолият менамоянд.

Аз ин рӯ, дар алоқамандӣ ба зербоби таҳқиқшавандаи рисолаи диссертатсионӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ворид намудани моддаи алоҳидаро вобаста ба самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бомаврид арзёбӣ менамоем. Ҳамчунин, аз фаъолияти амалӣ ба мо маълум аст, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми баргузории чорабиниҳои оммавӣ иштирок менамоянд ва аз ин зиёда баъзе аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ маҳз дар самти мусоидат ба мақомоти давлатӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамоянд, аммо дар доираи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», ки ҳуқуқҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятиро муайян намудааст, меъёри муайянкунандаи

ҳуқуқи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иштироки онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ вуҷуд надорад, ки ин метавонад ба бархӯрди манфиатҳои намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми баргузории чорабиниҳои оммавӣ ҷалб мегарданд ва категорияи шаҳрвандони аз муқаррароти қонунгузории амалкунанда бохабар оварда расонад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, дар доираи талаботи қонунгузории амалкунанда муайян намудани ҳуқуқи (салоҳияти) иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар баргузории чорабиниҳои оммавӣ ҷиҳати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Давраи сеюми инкишофи асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти МКД ҶТ-ро бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, мо ба марҳилаи қабул ва дар амал татбиқ кардани талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» вобаста медонем. Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 3 декабри соли 2009, №566 қабул гардида, шаклҳо ва принсипҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, тартиби таъсис ва фаъолияти дружинаҳои ихтиёрӣ (айни замон дастёрони ихтиёрӣ), кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва чораҳои ҳавасмандгардонии дружинаҳои ихтиёрӣ, салоҳияти МКД ҶТ дар соҳаи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро ба таври мушаххастар пешбинӣ намуд. Дар ҳақиқат амалигардонии талаботи меъёрҳои қонуни мазкур имкониятро ба даст дод, ки кор дар самти ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи хубтар ба роҳ монда шуда, теъдоди шаҳрвандони ба мақомот мусоидаткунанда оид ба пешгирии ҷиноятҳо, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ афзоиш ёбад. Новобаста аз он ки муваффақиятҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» дар самти ҷалби бештари шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва дуруст ба роҳ мондани фаъолият дар ин самт баҳогузории мусбатро сазовор

мебошад, аммо бо таҳлили амиқ ва чуқур қарор додани меъёрҳои он бо баъзе норасогиҳои муқаррароти соҳавӣ низ во хурдан мумкин аст, ки аз сабаби дар таҳрири нав қабул гардиданаш дар марҳилаи ниҳоӣ аз он ёдовар мешавем.

Давраи чоруми такмили қонунгузории ҶТ дар мавзуи таҳқиқшаванда аз соли 2009 то соли 2014, яъне, то давраи қабули Барномаиислоҳоти (рушди) милитсияро дар бар мегирад. Дар ин марҳилаи таҳқиқотӣ Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 августи соли 2010, №400 дар бораи «Низомномаи дружинаҳои ихтиёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани нақши нозирони минтақавии милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва тавсеаи ҳамкории онҳо бо аҳолӣ [38], Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи Стратегияиислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020» [39] ва Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020» [42] қабул карда шуданд, ки фазои бемаҳдуд ва сатҳи баланди ҳамкории мақомоти корҳои дохилиро бо шаҳрвандон, аз ҷумла, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, таъмин намуданд.

Дар Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020 тақвият додани ҳамкории мутақобилаи милитсия бо аҳолӣ яке аз вазифаҳои стратегии ислоҳоти милитсия пешбинӣ карда шуда, дар он зикр гардидааст, ки масъалагузорӣ ва ҳалли вазифаҳои профилактикӣ ҳамкории мутақобилаи зичро бо аҳолӣ пешбинӣ менамояд, ки он ҳамчун манбаи иттилоот дар бораи вазъи тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳамчун субъекте, ки ба амалигардонии тадбирҳои муайян ҷиҳати нигоҳдории тартибот ва амният қодир аст [39], мебошад. Ҳамчунин, дар Стратегия иштироки ҷамъиятчигӣ дар фаъолияти милитсия ҳамчун принсипи асосии ислоҳоти милитсия муайян шуда, боби алоҳидаи он ба масъалаи ҳамкории мутақобилаи милитсия бо аҳолӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма бахшида шудааст. Дар алоқамандӣ ба ин, муқаррароти Стратегия талабот оид ба таъсиси Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия дар назди

ВКД ва РВКД дар вилоятҳо ва шуроҳои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар назди мақомоти милитсия дар шаҳру ноҳияҳоро муайян кард. Ҳамчунин, чораандешиҳо ҷиҳати беҳтар намудани ҳамкории нозирони минтақавии милитсия бо аҳолӣ, баланд бардоштани саҳму нуфӯз ва нақши онҳо дар ошкор ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани нақши нозирони минтақавии милитсия ва тавсеаи ҳамкории онҳо бо аҳолӣ» [38] муайян карда шудааст.

Тибқи талаботи Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020, ҳамкории мақомоти милитсия бо ҷомеа ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти милитсияи ҶТ арзёбӣ гардида, бо мақсади ҳалли вазифаҳо оид ба мукаммалгардонии дастрасии милитсия ба ҷомеа, таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, пешгирӣ, ошкор намудан ва кушодани ҷиноятҳо, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ амалӣ гардонида мешавад [42]. Дар Барнома таҳия ва тасдиқ намудани Консепсияи ҳамкории мутақобилаи милитсия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, такмили фаъолияти ниҳодҳои дружиначиёни ихтиёрӣ, кормандони ғайриштатӣ, дигар шаклҳои ҳамкории шаҳрвандон ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ бо МКД, ҳамчун мақсадҳои ислоҳотии ислоҳоти милитсия муайян гардидаанд.

Дар асоси фармоиши ВКД ҶТ Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ қабул гардида [54], дар он механизмҳои асосии ҳамкории милитсия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, самтҳои асосии ҳамкории байни онҳо дар пешгири намудани қонунвайронкуниҳо, шаклҳои иштироки ҷомеа дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва тартиби ҳавасмандгардонии шаҳрвандоне, ки ба милитсия мусоидат менамоянд, муайян карда шуданд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар алоқамандӣ ба муқаррароти дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба шаклу

усулҳои ҳамкории МКД бо ҷомеа, механизми баамалбарории онҳо ва дигар хусусиятҳои ҳамкории ин ду ниҳодро маҳз дар ҳамин марҳилаи таҳқиқотӣ танзим мекарданд, қабул гардида буд. Аммо омӯзиши масоили мазкур маълум менамояд, ки минбаъд дар раванди татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти ислоҳоти милитсия қонунгузории ҶТ такмил дода шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигаре қабул карда шуданд [29; 44; 46; 47], ки ба шаклу усулҳои ҳамкории МКД бо ҷомеа, механизми баамалбарории он ва дигар паҳлуҳои мавзуи мазкур тақвият бахшиданд. Аз ин рӯ, муқаррароти Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ наметавонад, ки ба пуррагӣ талабот оид ба ҳамкории мутақобилаи МКД бо ҷомеаро дар бар гирад. Ба таври дигар, талаботи Консепсияи мазкур ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии навқабул мувофиқат наменамояд.

Бо мақсади амалӣ намудани муқаррароти Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020 [43] тасдиқ гардид, ки аз чорабиниҳои барномавӣ оид ба такмили фаъолияти ташкилӣ-ҳуқуқии ҳамкории МКД бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ орӣ набуд. Дар ҳамин асос, соли 2014 Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия дар назди ВКД ҶТ [51] ва соли 2017 Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар назди мақомоти милитсия [53] таъсис дода шуданд.

Давраи ниҳоии инкишофи асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо оид ба ташкили ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро мо ба қабули Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 [44] то айни замон вобаста медонем.

Тибқи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 [45] чорабиниҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва ташкилидоштаи самти ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз қабили, таҳияи лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар

таъмини тартиботи ҷамъиятӣ»; омода намудани лоиҳаи Қарори Ҳукумати ҶТ «Оид ба ташкили кори дружинаҳои ихтиёрӣ»; ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, хусусан раисони маҳалҳо, аъзои шуроҳои ҷамъиятӣ, дружиначиёни ихтиёрӣ, кормандони ғайриштатӣ, волонтёрон ва ҷавонони ташаббускор ҷиҳати огоҳонӣ, пешгирӣ, ошкор ва кушодани ҳуқуқвайронкуниҳо; бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия ва татбиқ намудани чорабиниҳои махсуси пешгирии ҷиноятҳои гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, ҷинояткорӣ дар байни ноболиғону ҷавонон, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ, экстремистӣ ва равияҳои диние, ки фаъолияташон дар ҶТ манъ карда шудааст; баргузор намудани вохӯрии кормандони милитсия бо аъзои шуроҳои ҷамъиятӣ, кормандони ғайриштатӣ, ҷавонони ташаббускор ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятии МКД; баргузор намудани чорабиниҳо ҷиҳати назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия; барои давраи ислоҳотӣ ба нақша гирифта шуданд.

Аз ҳама кори муҳимме, ки тибқи нақшаи чорабинии зикршуда дар самти ҳамкории милитсия бо ҷомеа амалӣ гардид, ин дар таҳрири нав омода намудани лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва ба таври расмӣ қабул шудани он мебошад [29].

Қонуни навқабул мафҳумҳои асосии соҳавӣ, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии инфиродӣ ва дастаҷамъонаи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, тартиби ташкил ва фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди МКД ва ҳудуди фаъолияти онҳо, кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоӣ, аз ҷумла, ҳавасмандгардонии шаҳрвандонеро, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок менамоянд, дар таҳрир ва мазмуни нав муқаррар кард. Муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ»-ро дар муқоиса бо қонунгузории соҳавии баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ мавриди таҳлил қарор дода, дар баъзе аз меъёрҳои он норасоӣ ва холигиро муайян намудан мумкин аст.

Дар моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» мафҳуми «иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» пешбинӣ гардидааст, ки дар расондани кумак ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ба истисноии мақомоти прокуратура, бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, молумулк, манфиатҳои ҷомеа ва давлат, зоҳир мешавад. Вобаста ба ин мафҳум фикри мо бештар ба истисно гардидани кӯмак расонидани шаҳрвандон ба мақомоти прокуратура ҷалб мегардад. Аз таҳлили қонунгузории соҳавии баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ [14; 23] бармеояд, ки дар мафҳуми таҳқиқшаванда истисноии мазкур ҷой надорад. Мо низ қонунгузории соҳавии давлатҳои таҳқиқшударо ҷонибдорӣ намуда, зарурияти дар мафҳуми «иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ҷой доштани ибораи «ба истисноии мақомоти прокуратура,» – ро зиёдатӣ эътироф менамоем.

Аз мазмуни моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» [29] бармеояд, ки меъёри қонун шаклҳои инфиродӣ ва дастаҷамъонаи барасмиятдаровардашудаи иштироки шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муайян менамояд. Аммо шаҳрвандон метавонанд, ки ҳам ба таври инфиродӣ ва ҳам дастаҷамона бе барасмиятдарории ҳамкорӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок намоянд. Дар ин бора ақидаи Колпаков В.К. қобили эътимод аст, ки ӯ тамоми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро, ки бо милитсия ҳамкорӣ менамоянд, дар умум, ба ду намуд ҷудо менамояд: аввал, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки маҳз бо мақсади муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ созмон дода шудаанд ва дувум, шаҳрвандон ва ниҳодҳои онҳо, ки дар самти муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ қарзи шаҳрвандии худро фаъолона иҷро менамоянд [76, с. 60]. Долгополов А.М. бошад, ҳамаи шаклҳои иштироки шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд: 1) ҷалби шаҳрвандон ба

кори мақомоти давлатӣ, ки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ вазифаи онҳо мебошад; 2) иштироки мустақилонаи шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо [69, с. 179]. Ақидаҳои илмии мазкурро вобаста ба иштироки фаъоли шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шакли бебарасмиятдарории ҳамкорӣ хулосаи натиҷаи назарсанҷии шаҳрвандон ва кормандони МКД тақвият мебахшад. Яъне, ҳангоми назарсанҷӣ ба саволи он, ки «Ба фикри Шумо, шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба милитсия бо кадом роҳҳо ёрӣ мерасонанд?» шаҳрвандони пурсидашуда бо шумораи 84 нафар, ки аз ҳайати умумӣ 38,19% [замимаи 2] мебошанд ва кормандони МКД бо шумораи 163 нафар, ки 57,39% [замимаи 4]-и пурсидашудагонро ташкил менамоянд, хабар расонидан дар бораи ҳодисаҳои ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро роҳи асосии ёрии шаҳрвандон ба милитсия арзёбӣ намуданд.

Ҷиҳати асоснокии ақида аз меъёри конститутсионии Конститутсияи ҶТ ёдовар мешавем, ки чунин пешбинӣ кардааст: Шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд [1]. Аз ин рӯ, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» муқаррар намудани меъёри алоҳида вобаста танзими шаклҳои барасмиятдаровардашуда ва бе барасмиятдарории иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ фикр менамоем, ки норасогии қонунгузориро пурра мегардонад.

Қисми 3 моддаи 5 қонуни зикршуда шаклҳои иштироки дастҷамъонаи шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро тавассути узвияти онҳо дар дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ ва шуроҳои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ кардааст. Ҳарчанд ки фаъолияти шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мазкур хусусияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро доранд, аммо баён гардидани хусусиятҳои ташкил ва фаъолияти онҳо дар қонун аломатҳои фарқкунандаи онҳоро

низ аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ равшан мегардонад. Ҳамчунин, бояд қайд намоем, ки мо қаблан дар асоси истифодаи усули муқоиса фарқияти байни иттиҳодияҳои ҷамъиятиро аз дигар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти дастаҷамонаи шаҳрвандон, ки ба МКД дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, муайян карда будем.

Дар қонунгузории ФР яке аз шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ин фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар самти ҳифзи ҳуқуқ таъсис дода шудаанд [23]. Аз ин рӯ, бо мақсади танзими фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки айни замон ба мақомоти давлатӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд ва дурнамои ташкили фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқ, фикр менамоем, ки қонунгузории амалкунандаи ҶТ ба тағйироту мукаммалгардонӣ дар соҳаи баррасигардида эҳтиёҷ дорад.

Дар марҳилаи таҳқиқшаванда бо қабул гардидани Низомнома «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ» [46], фармонҳои ВКД ҶТ аз 11 ноябри соли 2014, №841 б/з «Дар бораи таъсис додани Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия дар назди ВКД ҶТ» ва аз 10 июли соли 2017, №256 б/з «Дар бораи тасдиқ намудани «Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар назди мақомоти милитсия ва таъсис додани чунин шуроҳо дар назди ШВКД дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ», аз эътибор соқит дониста шуда, таъсиси шакли ягонаи шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди ВКД, РВКД, ШВКД ва шуъбачаҳои милитсия дар шаҳрак ва деҳот, инчунин, минтақаҳои хизматии милитсия муайян гардид.

Дар ҳамин қисмати тадқиқоти диссертатсионӣ бо дарназардошти омӯзиш ва таҳлили талаботи Низомнома «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ», ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 13 феврали соли 2024, №59 тасдиқ гардидааст, мо бояд таҳлил намоем, ки оё фаъолияти шуроҳои

ҷамъиятии назди МКД ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мувофиқат менамояд ё не?

Мавҷудияти талабот оид ба шаҳрванди ҶТ будани аъзои шуроҳои ҷамъиятии мазкур дар асоси ихтиёрӣ ва ташаббуси ҷамъиятӣ созмон додани онҳо, мақсади умумӣ (иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мусоидат ба милитсия) ва танзими фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ дар асоси низомнома, фаъолияти онҳоро ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз рӯи асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ монанд мегардонад. Аммо, таъсиси шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди МКД, бо фармоиши Вазири корҳои дохилӣ, сардорони РВКД ва ШВКД, ҳайати онҳо, ки бояд аз ҳафт нафар кам набошад, ба ҳайати онҳо қабул нагардидани узви иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, зери роҳбарии мақомоти корҳои дохилӣ фаъолият намудан ва ба амал баровардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, талаботе мебошанд, ки фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилиро аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фарқ мекунонанд. Агар фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди МКД ҳамчун фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ эътироф нагардад, пас, боз масъалае ба миён меояд, ки асоси ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии мазкур кадом санади меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Аз таҳлили низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ маълум гардид, ки то соли 2023 (то дар таҳрири нав қабул намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ягон санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида дар сатҳи қонун ва санадҳои зерқонунӣ дар соҳаи танзими муносибатҳо оид ба таъсис ва фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ қабул нагардидааст ва фаъолияти чунин шуроҳо дар асоси низомнома, ки бо фармони ВКД тасдиқ шудаанд, ба роҳ монда мешуд. Танҳо дар таҳрири нав қабул шудани Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва баъдтар (соли 2024) қабул гардидани Низомнома «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ» тавонистанд, ки таъсис ва фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилиро дар сатҳи қонун ва санади зерқонунӣ муайян

намоянд. Агар оид ба масъалаи мазкур таҷрибаи қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ [25; 27; 37]-ро, ки ислоҳоти милитсияро гузаронидаанд, таҳлил намоем, дар натиҷа муайян мегардад, ки дар таҷрибаи онҳо вобаста ба ташкили фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, шуроҳои ҷамъиятии назди МКД қонуни алоҳида қабул карда шудааст. Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки қабули қонуни алоҳида вобаста ба танзими муносибатҳо оид ба таъсис ва фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти давлатӣ метавонад дар инкишофи фаъолияти чунин ниҳодҳои ҷамъиятӣ ба таври мусбат мусоидат намуда, хусусиятҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, мақсад ва самтҳои фаъолият, вазъи ҳуқуқӣ ва шаклу усулҳои ҳамкории мақомоти давлатиро бо онҳо ба таври пурра ба танзим дарорад.

Вобаста ба таҳлили масъалаи мазкур, айни замон таъсис ва фаъолияти шуроҳои ҷамъиятиро на танҳо дар назди МКД, балки дар назди дигар мақомоти давлатӣ низ талабот ва эҳтиёҷи замони мутамаддин медонем. Аз ин рӯ, фикр менамоем, ки дар ҶТ қабули санади меъёрии ҳуқуқии танзими муносибатҳо оид ба таъсис ва фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти давлатӣ ба иштироки аъзоёни ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли вазифаҳои давлат ва мақомоти он бевосита мусоидат менамояд. Ҳамчунин, таъсиси шуроҳои ҷамъиятии назди МКД дар самтҳои алоҳидаи фаъолият дар оянда метавонад, ки ба коҳиш додани сатҳи ҷиноятҳо, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва дигар зуҳуроти номатлуби категорияи алоҳида таъсири мақсаднок расонад.

Бо дарназардошти афкори иброзгардида, хулосаву пешниҳодоти зеринро вобаста ба зербоби дуюми тадқиқоти диссертатсионӣ манфиатпазир медонем:

1. Ифодаи ибораи «Қонунгузории ҶТ дар бораи милитсия» дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» моҳиятан ва мазмунан дарбаргирандаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки аз тарафи мақомоти қонунгузорӣ қабул карда шуда, фаъолияти милитсия аз рӯи онҳо ба роҳ монда мешавад. Ибораи мазкур амалкарди муқаррароти

дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонуние, ки аз ҷониби дигар субъектон қабул карда мешаванд ва фаъолияти милитсияро танзим мекунанд, истисно менамояд. Аз ин рӯ, мо ибораи «қонунгузорӣ»-ро бо мазмун ва моҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар маънои васеъ дастгирӣ намуда, пешниҳод менамоем, ки номи моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» дар таҳрири «Моддаи 2. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти милитсия» ифода карда шуда, матни меъёри он ба номи модда мувофиқ гардонида шавад. Ҳамчунин, бо ҳамин мазмун дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ иваз намудани ибораи «қонунгузории ҶТ»-ро бо ибораи «асосҳои ҳуқуқии фаъолият» шакли дурусти ифодаи меъёри ҳуқуқ оид ба танзими муносибатҳои дахлдор эътироф менамоем.

2. Дар доираи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» муайян намудани меъёри алоҳида вобаста ба самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқи онҳо оид ба иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ ҷиҳати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ бомаврид арзёбӣ карда мешавад.

3. Дар таҳрири нав қабул намудани Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳоро оид ба шаклу усул ва механизми баамалбарории ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мустаҳкам намуда, муқаррароти он ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ мутобиқ карда мешавад.

4. Бо дарназардошти талаботи воқеии замони муосир оид ба ҳамкории давлат бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳлили муқаррароти қонунгузории соҳавии баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ пешниҳод карда мешавад, ки аз мафҳуми «иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки дар моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» пешбинӣ гардидааст, ибораи «ба истиснои мақомоти прокуратура,» бардошта шавад.

5. Аз мазмуни моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» бармеояд, ки меъёри қонун шаклҳои инфиродӣ ва дастаҷамъонаи барасмиятдаровардашудаи иштироки шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муайян менамояд. Бо дарназардошти кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба иштироки онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешниҳод менамоем, ки дар доираи талаботи қонуни зикршуда шакли бебарасмиятдарории ҳамкории шаҳрвандон бо мақомоти давлатӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ низ муайян карда шавад.

6. Бо мақсади танзими фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки айни замон ба мақомоти давлатӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд ва дурнамои ташкили фаъолияти онҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқ, пешниҳод карда мешавад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» дар қатори шаклҳои дастаҷамъонаи муайянгардидаи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин, меъёри алоҳида оид ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, иттиҳодияҳои ҷамъиятии дар самти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияткунанда ҳамчун яке аз шаклҳои алоҳидаи дастаҷамъонаи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пешбинӣ карда шавад.

7. Бо мақсади тақвияти фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии айни замон фаъолияткунанда, инчунин, ҷиҳати намояндагии манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷомеа дар муҳокима ва қабули қарорҳо дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ дар ҶТ қабул намудани Қонун «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти давлатӣ» саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад (лоиҳаи қонун дар замимаи №5 диссертатсия оварда шудааст).

8. Таъсиси шуроҳои ҷамъиятии назди МКД дар самтҳои алоҳидаи фаъолият ба такмили фаъолияти соҳавии аъзоёни шуроҳо

мусоидат намуда, дар оянда метавонад, ки ба коҳиш додани сатҳи ҷиноятҳо, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва дигар зуҳуроти номатлуби категорияи алоҳида, инчунин, тақвияти фаъолияти онҳо оид ба иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсири мақсаднок расонад.

# БОБИ 2. ТАҶРИБАИ АМАЛИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ҲАМКОРӢ БО ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар самти ташкили фаъолияти ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» вожаи «нақш» [102, с. 891] ба маънои маҷозӣ мақом, мавқеъ ва мартаба омадааст. Калимаи «мақом» [102, с. 749] бошад, бо як маъно, ҳамчун вазъи ҳуқуқӣ ишора гардидааст. Сохтори вазъи ҳуқуқӣ аз унсурҳои муҳим, аз қабили ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти субъекти ҳуқуқ иборат мебошад [61, с. 432]. Аз ин нуқтаи назар, ваколати МКД ва мавҷудияти вазъи ҳуқуқии он аз вазъи ҳуқуқии кормандони мақомот бармеояд, ки маҷмуи ҳуқуқ (ваколат ва салоҳият), уҳдадориҳои хизматӣ ва масъулияти онҳоро дар иҷрои вазифаҳо ташкил менамояд ва аз қобилияти ҳуқуқдорӣ, амалкунӣ ва субъективии онҳо вобастагӣ дорад. Нуралиев С.Ш. дар рисолаи диссертатсионии хеш, ки ба мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии корманди мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ)» бахшида шудааст, унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро нишон додааст, ки яке аз онҳоро қобилияти амалкунии маъмурӣ ташкил намуда, амалигардонии ҳуқуқ ва иҷрои уҳдадориҳои вазифавии кормандонро дар бар мегирад [184, с. 14].

Вобаста ба тадқиқоти зербоби таҳқиқшавандаи рисолаи диссертатсионӣ моро зарур аст, ки ваколати мақомоти корҳои дохилиро оид ба ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дида бароем. Истилоҳи «ваколат» дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [102, с. 260] ба маънои ба иҷрои коре маъмур будан, ихтиёри иҷрои кореро доштан ишора гардидааст. Аз ин рӯ, мо бояд муайян намоем, ки МКД дар ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иҷрои кадом корҳоро ба

ихтиёр дорад. Ҳамчунин, таҳлили мувофиқат, муваффақият ва мухолифати байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба ваколати МКД дар ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ предмети муҳокима ва баррасии зербоби таҳқиқшаванда ба ҳисоб меравад.

Тибқи талаботи моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» алоқамандӣ бо аҳолӣ ва ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ҳамчун яке аз принсипҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамчунин, қонуни зикршуда пешбинӣ намудааст, ки милитсия вазифаҳои ба зиммааш гузоштаро якҷоя бо мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, кормандони ғайриштатии милитсия ва инчунин, ташкилотҳои ҷамъиятие, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ барои мусоидат ба милитсия таъсис дода шудаанд [13], иҷро мекунад. Қобили зикр аст, ки сабт ва ишораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, кормандони ғайриштатии милитсия ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамчун аъзо ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ шарти асосии муваффақият оид ба дар сатҳи қонун муайян гардидани ҳамкории милитсия бо онҳо ба ҳисоб меравад. Аз лиҳози дигар, чунин меъёри қонуни амалкунанда аз ҳад зиёд хусусияти умумиро дар бар гирифтааст. Мо бо он розӣ шуда метавонем, ки баъзе аз санадҳои зерқонунӣ ва дохилиидоравии МКД амал менамоянд [38; 44; 46; 47; 49; 50; 52; 54; 55], ки шаклҳои алоҳидаи ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар соҳаи ҳамкорӣ бо МКД  муайян менамоянд. Аммо, аз ҷиҳати низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррароти санадҳои зерқонунӣ бояд ба меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқат намоянд.

Мақсад аз суханони болозикр дар он аст, ки муқаррароти қонунгузории ҶТ оид ба он, ки милитсия вазифаҳои ба зиммааш гузоштаро якҷоя бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, кормандони ғайриштатии милитсия ва инчунин, ташкилотҳои ҷамъиятие, ки барои мусоидат ба

милитсия таъсис дода шудаанд, иҷро мекунад, ба пуррагӣ танзими фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятиро дар бар гирифта наметавонад. Чи хеле ки мо дар зербобҳои қаблӣ ба таври алоҳида қайд намуда будем, айни замон ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандие, ки дар назди МКД фаъолият менамоянд (шуроҳои ҷамъиятӣ, дастёрони ихтиёрӣ), аз лиҳози тартиби ташкилнамоӣ, фаъолият, ҳайат, иҷрои вазифаҳо ва дигар асосҳои мавҷуда ба ҳайси иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ баромад карда наметавонанд, ҳарчанд ки аз ҷиҳати баъзе аз хусусиятҳо ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ умумият доранд. Вализода Н.Д. дуруст қайд менамояд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» ягон муқаррарот оид ба танзими фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ вуҷуд надорад [162, с. 80]. Зиёда аз ин, қаблан қайд намуда будем, ки дар баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ бо мақсади танзими таъсис ва фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, назди МКД қонуни алоҳида қабул шудааст, аммо дар ҶТ вобаста ба танзими фаъолияти ин гуна ниҳодҳои ҷамъиятӣ қонуни алоҳида то ҳол вуҷуд надошта, фаъолияти онҳо дар асоси талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва Низомнома «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ» муайян карда шудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мо фикр мекунем, ки дар меъёри дахлдори Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», ки ҳамкории онро бо дигар субъектон дар ҳалли вазифаҳои мақомот муайян намудааст, дар қатори дигар субъектон шуроҳои ҷамъиятии назди МКД, дастёрони ихтиёрӣ ва шурои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба таври алоҳида бояд нишон дода шаванд.

Дар моддаи 10 ва 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», ки вазифа ва ҳуқуқҳои милитсия пешбинӣ карда шудааст, вазифаи милитсияро дар якҷоягӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии беназоратии кӯдакон ва ҳуқуқи милитсияро оид ба ҳавасманд гардонидани шаҳрвандонеро, ки ба милитсия дар иҷрои вазифаҳояш кӯмак расонидаанд [13], муқаррар намудааст. Мазмун ва моҳияти чунин

талаботи ҳамкорӣ ва ваколати мушаххаси мақомот дар ин соҳа ба ҳеҷ ваҷҳ ифшо нагардидааст.

Таҳлил нишон дод, ки дар асоси муқаррароти дар боло зикргардидаи Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», аз ҷониби ВКД ва ҷузъу томи сохтории он як қатор санадҳои дохилиидоравӣ [49; 50; 52; 54; 55] қабул карда шудаанд, ки ҳар яки онҳо ба иҷрои вазифаҳои мушаххас нигаронида шуда, ҳамчунин, ваколати кормандони мақомоти корҳои дохилиро оид ба ташкили ҳамкорӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври умумӣ муайян намудаанд. Мазмуни меъёрии чунин ҳуҷҷатҳо ба Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», дигар қонунҳо ва санадҳои зерқонунии ҷумҳурӣ мухолифат намекунад. Умуман, онҳо қонунгузории ҷумҳуриро мустаҳкам менамоянд, амалияи татбиқи қонунро ба тартиб медароранд, ки ин ба татбиқи самарабахши фаъолияти МКД дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Аммо, бешубҳа, бояд иброз намуд, ки омилҳои субъективӣ ва объективии фаъолияти ташкилӣ-идоравии баъзе аз сохторҳои таркибӣ ва воҳидҳои кории МКД ҳамкории самараноки мақомотро бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ коста мегардонанд. Сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқӣ ва малакаи касбии баъзе аз кормандон, беҳафсалагӣ ва саҳлангорӣ дар иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ, назорати сусти роҳбарони ҷузъу томи дахлдор аз болои зердастон, шумораи аз меъёр зиёд вобасташавии нозирони минтақавии милитсия ба аҳолии минтақаи хизматӣ, шумораи ками воҳидҳои кории нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила, таъминоти нокифояи моддӣ-техникӣ ва воситаҳои хизматии кормандон шаҳодати гуфтаҳои боло мебошад, ки аксарияти ҳолатҳо боиси аз тарафи манфӣ муаррифӣ намудани ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои онҳо мегардад.

Беҳуда нест, ки дар мулоқоти Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони роҳбарикунандаи мақомоти қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти тартиботи ҳуқуқӣ, ки 9-уми феврали соли 2020 доир гардид, вазифаҳо дар самти баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи

кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сатҳи дониш ва маҳорати касбии онҳо гузошта шуданд. Тавре дар суханронии Роҳбари давлат таъкид гардид, ҳар як амали ғайрикасбӣ, бесифат ва бемасъулиятии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, обрӯву нуфузи давлатро паст мекунад [199].

Такмили донишҳои ҳуқуқии касбӣ ва маҳорати касбии кормандони МКД дар Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020, Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020 ва Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, пешбинӣ мешавад. Фасли алоҳидаи Стратегияи ислоҳоти милитсия ба такмили маҳорати касбӣ дар кори милитсия, омодакунии кадрҳо дар фаъолияти милитсия, аз ҷумла, интихоб, қабул ба кор ва пешрафт дар хизмати кормандони милитсия бахшида шудааст [39].

Ҳамин тариқ, дар робита ба таъкидҳои пайвастаи Сарвари давлат оид ба баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва такмили маҳорати касбии онҳо аз рӯи Стратегияи ислоҳоти милитсия, мувофиқи банди 8 Нақшаи чорабиниҳои ташкилӣ оид ба ворид намудани курси махсуси таълимии «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа», дар факултетҳои дахлдори Академияи ВКД ҶТ бо дастгирии шарики иҷтимоии раванди ислоҳоти милитсия - Намояндагии ташкилоти байналмилалии «Дунёи бехатар» (Сейферволд) барои июни соли 2019 то апрели 2020, ки бо фармони Вазири корҳои дохилии ҶТ аз 2 июни соли 2019 тасдиқ шудааст, бо мақсади таҳияи «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа», муаллифи рисолаи диссертатсионӣ ҳамчун аъзои гурӯҳи корӣ оид ба гузаронидани пурсишҳои сотсиологии аҳолӣ, пурсиши кормандони МКД дар минтақаҳо ва мониторинги афкори ҷамъиятӣ бо мақсади муайян намудани сабабҳо ва омилҳои асосии таъсиррасони манфӣ ба ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намудааст.

Арзёбии тадқиқот ва пурсиши сотсиологии кормандони МКД дар мавзуи «Ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ» аз ҳисоби роҳбарияти РВКД ва ШВКД дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони

Бадахшон (минбаъд – ВМКБ), РВКД ва ШВКД дар вилояти Суғд, РВКД ва ШВКД дар минтақаи Кӯлоб, РВКД ва ШВКД дар минтақаи Рашт ва Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати 16 нафар, аз ҳисоби намояндагони ВАО, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ ва аҳолии маҳаллии воҳидҳои марзию ҳудудии зикршуда дар ҳайати 77 нафар гузаронида шуд ва бо мақсади гирифтани посухҳои аниқ оид ба мушкилиҳои ҷойдошта дар мавзуи таҳқиқшаванда байни пурсидашудагон 9 маротиба мусоҳиба ва гуфтугӯи мустақим анҷом дода шуд.

Ҳангоми назарсанҷӣ муайян карда шуд, ки қисмати зиёди пурсидашудагони ҷалбшуда (95%) дорои маълумоти олӣ буда, шумораи ҳадди ниҳоии (5%) онҳо дорои маълумоти таҳсилоти ибтидоӣ мебошанд. Бо мақсади арзёбии тадқиқот ва гузаронидани пурсиши сотсиологӣ дар мавзуи «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа» аз ҷониби гурӯҳи корӣ 10 савол оид ба самтҳои гуногуни фаъолият ва ҳамкории милитсия бо ҷомеа интихоб карда шуданд, ки фарогирандаи масъалаҳо ва мавзуи танзими муқаррароти Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020 – ро ташкил медоданд. Бояд қайд намоем, ки бо мақсади муқоисаи андешаи мутақобилаи кормандони МКД ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мавриди мусоҳибаҳои мустақим ҳайати гурӯҳи корӣ саволҳои якхеларо низ ба ҳар ду ҷониб ҳавола намуданд.

Ба саволи «Нигоҳи Шумо вобаста ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа чӣ гуна аст?» пурсидашудагон аз ҳисоби роҳбарони ҷузъу томҳои ҳудудии МКД 56,25% қайд карданд, ки ҳамкории милитсия бо аҳолӣ дар сатҳи хуб ба роҳ монда шудааст. Аммо, 43,75% пурсидашудагон ҷавоб гардониданд, ки ҳамкории милитсия бо аҳолӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Аз ҷумла, дар минтақаи Кӯлоб қайд намуданд, ки аз ҳисоби паст будани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва баъзе кормандони мақомот ҳамкорӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Роҳбарияти Академияи ВКД ҶТ қайд намуданд, ки нобоварии халқ ба милитсия, сатҳи нокифояи донишу малакаи кормандони милитсия ва мушкилӣ эҷод

намудан ба шахсони ба милитсия мусоидаткунанда, инчунин, кашолакорӣ дар барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, ҳавасмандии аҳолиро оид ба ҳамкорӣ бо милитсия аз байн мебарад.

Дар иртибот ба ҳамин савол намояндагони ВАО, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои ҷамъиятии назди МКД ва аҳолии маҳаллӣ, дар маҷмуъ 77 нафар, пурсида шуд. Аз ин шумора 60 нафари онҳо, яъне, 66,79% пурсидашудагон посух гардониданд, ки қисми зиёди кормандони милитсия барои ҳамкорӣ бо аҳолӣ омода нестанд. Дар мавриди мусоҳиба намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ омода набудани қисми зиёди кормандони милитсияро барои ҳамкорӣ бо аҳолӣ бо омилҳои донишҳои нокифояи ҳуқуқӣ, малакаи корӣ, огоҳӣ надоштан аз раванди ислоҳоти милитсия дар давлат, хусусияти ҳукмфармоӣ доштани фаъолияти милитсия, беҳафсалагӣ дар иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ, надоштани таҷрибаи ҷалби аҳолӣ ба ҳамкорӣ, назорати сусти роҳбарони баъзе аз ҷузъу томҳои мақомот аз болои зердастон ва дигар омилҳо вобаста донистанд. Танҳо 33,21% пурсидашудагон аз ҳисоби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкории милитсияро бо ҷомеа дар сатҳи қаноатбахш баҳогузорӣ карданд.

Ба саволи «Аз нигоҳи Шумо дар самти ҳамкории милитсия бо ҷомеа кадом мушкилиҳо ҷой доранд?», пурсидашудагон аз ҳисоби роҳбарони МКД дар ҳайати 16 нафар, яъне, 100% бештар омилҳои объективиро, аз қабили ба чашм нарасидани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки маҳз бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсис дода шудаанд, ба иҷрои корҳои ғайрифунксионалӣ ҷалб кардани кормандон, зиёд будани сарбории нозирони минтақавии милитсия, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани таъминоти моддӣ-техникии кормандони милитсия, сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон, майлу рағбат надоштани шаҳрвандон ба ҳамкорӣ ва дигар омилҳои бештар хусусияти объективидоштаро ҳамчун мушкилоти асосии самти ҳамкории милитсия бо ҷомеа тавсиф карданд.

Намояндагони ВАО, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои ҷамъиятии назди МКД ва аҳолии маҳаллӣ дар ҳайати 61 нафар, ки тахминан 69%-ро аз ҳисоби умумии пурсидашудагон ташкил менамоянд, дар иртибот ба саволи пешниҳодшуда баракси роҳбарияти МКД бештар омилҳои субъективии костакунандаи ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои онҳоро, аз қабили норасогии донишҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаи кории кормандони мақомот, дар вазифаҳои нозирони минтақавии милитсия ва нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила бештар таъйин гардидани ҷавонон, бехабарии кормандон аз зарурат ва ҳатмӣ будани ҳамкорӣ бо аҳолӣ, маълумот надоштани кормандони мақомот аз фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди МКД, вобаста донистанд. Танҳо 31% пурсидашудагон аз ҳисоби аҳолӣ қисман фикри роҳбарияти мақомотро оид ба мушкилоти ҷойдошта, ки ҳамкории милитсия бо аҳолиро коста мегардонанд, дастгирӣ карданд.

Дар иртибот ба саволи «Ташкили кори зердастон оид ба ҳисоботдиҳӣ дар назди аҳолӣ», пурсидашудагон аз ҳисоби роҳбарони МКД дар ҷойҳо бо шумораи 75% иброз намуданд, ки кори зердастони мо дар ин самт ба таврӣ зарурӣ ба роҳ монда шудааст. 25% дигар бошад қайд намуданд, ки айни замон зердастон, аз ҷумла, нозирони минтақавии милитсия таҷрибаи пурраи ҳисоботдиҳиро дар назди аҳолӣ надоранд, аз ин сабаб, дар чорабиниҳои ҳисоботдиҳӣ бештар роҳбарони МКД ҷалб мегарданд.

Аз муқоисаи натиҷаи пурсиш ва мусоҳиба бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ маълум гардид, ки онҳо баъракс 75% ҳисоботдиҳиро дар назди аҳолӣ ба фаъолияти роҳбарони мақомот вобаста медонанд. Яъне, қайд карда шуд, ки қариб дар тамоми чорабиниҳои ҳисоботдиҳӣ ба ҷойи нозирони минтақавии милитсия дар минтақаи хизматии онҳо роҳбарони мақомот ташриф оварда, чорабиниро мегузаронанд. Намояндагони шуроҳои ҷамъиятии назди МКД дар ҳама ҷойҳои пурсидашуда қайд намуданд, ки баъзе

ҳолатҳо мо ҳарчанд нозирони минтақавии милитсияро барои гузаронидани чорабинии ҳисоботдиҳӣ мехоҳем ҷалб намоем, аммо онҳо аз иҷрои ин уҳдадории хизматии худ бо ҳар баҳонаи беасос дурӣ меҷуянд. Пурсидашудагон аз ҳисоби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ бо шумораи 25% иброз доштанд, ки айни замон бар замми дар вақтҳои муқаррарӣ баргузор накардани чорабинии ҳисоботдиҳӣ ва сатҳи нокифояи таҷрибаи кормандон, ҳисоботдиҳии нозирони минтақавии милитсия дар назди аҳолӣ доир карда мешавад.

Чи тавре ки аз натиҷаи таҳлили арзёбӣ ва назарсанҷӣ маълум гардид, ба саволҳои якхелае, ки дар самти ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод шуд, посухҳои пурсидашудагон аз ҳисоби кормандони МКД ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳамдигар мувофиқат намекунанд. Ба фикри мо, роҳбарони ҷузъу томи ҳудудии МКД ҳангоми мусоҳиба кӯшиш намуданд, ки манфиатҳои идоравиро боло гузошта, ба ин восита зердастони худро дастгирӣ ва ҳимоя намоянд, аммо посухҳои намояндагони ҷомеаи шаҳрвандиро мо бо чунин асосҳо ба мақсад қонеъкунанда ҳисобидем: якум, дар назарсанҷӣ аз ҳисоби аҳолӣ шахсони фаъоли ҷомеа ҷалб гардида буданд; дуюм, шумораи пурсидашудагон аз ҳисоби ҷомеаи шаҳрвандӣ нисбат ба кормандони мақомот чанд маротиба зиёд буд; сеюм, мусоҳиба дар шароити озоди баёни фикру андеша доир карда шуд ва чаҳорум, қисмате аз пурсидашудагонро ашхосе ташкил менамуданд, ки аъзоёни шуроҳои ҷамъиятии назди МКД буданд ва онҳо бевосита пайвандгари байни милитсия ва ҷомеа дар масъалаи ҳамкорӣ ба ҳисоб мераванд.

Вобаста ба арзёбии тадқиқот ва пурсишҳои сотсиологӣ, мо омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи костакунандаи ҳамкории байни милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандиро ба чунин намудҳо ҷудо карда метавонем:

1. Омилҳои объективӣ (паст будани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ба чашм нарасидани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки маҳз бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсис дода шудаанд, ба иҷрои корҳои ғайрифунксионалӣ ҷалб кардани кормандон, зиёд будани сарбории нозирони минтақавии милитсия, аз ҷумла, дар минтақаи хизматӣ ба нозири минтақавии милитсия вобаста намудани шумораи аз ҳад зиёди аҳолӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани таъминоти моддӣ- техникии кормандони милитсия, майлу рағбат надоштани шаҳрвандон ба ҳамкорӣ).

2. Омилҳои субъективӣ (нокифоя будани донишҳои ҳуқуқӣ ва малакаи кории кормандони МКД, огоҳӣ надоштани кормандони мақомоти мазкур аз раванди ислоҳоти милитсия дар давлат, хусусияти ҳукмфармоӣ доштани фаъолияти милитсия, беҳафсалагӣ дар иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ, надоштани таҷрибаи ҷалби аҳолӣ ба ҳамкорӣ, назорати сусти роҳбарони баъзе аз ҷузъу томҳои МКД аз болои зердастон, дар вазифаҳои нозирони минтақавии милитсия ва нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила бештар таъйин гардидани ҷавонон, бехабарии кормандон аз зарурат ва ҳатмӣ будани ҳамкорӣ бо аҳолӣ, маълумот надоштани кормандони мақомот аз фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди МКД).

Бояд қайд намоем, ки омилҳои объективӣ ва субъективие, ки дар раванди арзёбии тадқиқот ва назарсанҷӣ ҳамчун мушкилоти костакунанда ва таъсиррасонандаи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян карда шуданд, барои интихоби мавзуъҳо ва таҳияи «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа» нақши калидиро ишғол намуданд.

«Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа» таҳия гардида, дар асоси фармоиши ВКД омӯзиши ҳатмии он дар байни ҳайати шахсии МКД ба роҳ монда шуд.

Семинари омӯзишӣ дар мавзуи «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа» дар асоси Нақша-чорабиниҳо оид ба иҷроиши нақшаи якҷояи ВКД

ҶТ ва Дафтари барномавии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар доираи Фармони ВКД ҶТ аз 10 июни соли 2017, №256 ва «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа», содироти 19/6-1066 аз 20 октябри соли 2020 дар байни кормандони МКД ҳудудии аксарияти шаҳру ноҳияҳо ва аъзоёни шуроҳои ҷамъиятии назди онҳо ба роҳ монда шуд. Масалан, аз санаи 08.12.2020 то 22.12.2020 семинари омӯзишӣ дар байни кормандони МКД (66 нафар) ва аъзоёни шуроҳои ҷамъиятии назди МКД (12 нафар) дар шаҳрҳои Истаравшан, Исфара ва ноҳияҳои Фархор, Ҷайҳун ва Қубодиён баргузор гардид.

Гурӯҳи корӣ (ҳайати омӯзгорон) бо мақсади дар оғози семинари омӯзишӣ ва баъд аз анҷоми семинари омӯзишӣ муайян намудани сатҳи фаҳмиши омӯзандагон оид ба масъалаҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа, аз рӯи мавзуъҳои «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа» саволҳои дахлдорро оид ба самтҳои гуногуни фаъолият ва ҳамкории милитсия бо ҷомеа интихоб карданд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Дар зери моҳияти ҳамкории милитсия бо ҷомеа чиро мефаҳмед?

2. Кадом намудҳои ҳуқуқу озодиҳои инсонро медонед?

3. Принсипҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа кадомҳоянд?

4. Фаъолияти милитсия аз рӯи кадом нишондиҳандаҳо баҳогузорӣ карда мешавад?

5. Оид ба шуроҳои ҷамъиятии назди МКД чӣ медонед?

6. Кадом қоидаҳои муошират ва рафтори кормандони милитсияро медонед?

7. Ҳангоми банақшагирии ҳамкории милитсия бо ҷомеа кадом талабот бояд ба инобат гирифта шаванд?

8. Кадом самтҳои самараноки ҳамкории милитсия бо ҷомеаро медонед?

9. Қоидаҳои муошират бо ҷабрдидагон кадомҳоянд?

10. Оид ба ҳисоботдиҳии милитсия дар назди ҷомеа чиро медонед?

## НАТИҶАИ ПУРСИШ ПЕШ АЗ ОМӮЗИШ:

| **Саволҳо** | **С.1** | **С.2** | **С.3** | **С.4** | **С.5** | **С.6** | **С.7** | **С.8** | **С.9** | **С.10** | **Шумораи умумӣ** | **Фоиз** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷавоб нагардо-ниданд | 6 | 19 | 35 | 23 | 41 | 28 | 49 | 19 | 17 | 47 | 284 | 36,41 % |
| Ҷавоби нопурра | 27 | 30 | 11 | 26 | 12 | 23 | 2 | 38 | 26 | 26 | 221 | 28,33 % |
| Ҷавоби нодуруст | 45 | 29 | 32 | 29 | 25 | 27 | 27 | 21 | 35 | 5 | 275 | 35,26 % |
| Шумораи иштирок-чиён | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 780 | 100% |

## НАТИҶАИ ПУРСИШ БАЪД АЗ ОМӮЗИШ :

| **Саволҳо** | **С.1** | **С.2** | **С.3** | **С.4** | **С.5** | **С.6** | **С.7** | **С.8** | **С.9** | **С.10** | **Шумораи умумӣ** | **Фоиз** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷавоби пурра | 73 | 74 | 70 | 68 | 64 | 67 | 61 | 77 | 71 | 72 | 697 | 89,37% |
| Ҷавоби нопурра | 3 | 3 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 0 | 7 | 5 | 68 | 8,71% |
| Ҷавоб нагардониданд | 2 | 1 | 0 | 1 | 4 | 0 | 5 | 1 | 0 | 1 | 15 | 1,92% |
| Шумораи иштирокчиён | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 78 | 780 | 100% |

Таҳлили пурсиши пеш аз семинари омӯзишӣ нишон дод, ки иштирокчиён, яъне, донишомӯзандагон, вобаста ба масъалаҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа дорои маълумоти зарурӣ набуданд. Аз посуххои баргардонидаи донишомӯзандагон маълум гардид, ки 36,41% онҳо ба саволҳо умуман ҷавоб нагардониданд, 28,33% ҷавобҳои нопурра ва номукаммалро пешниҳод намуданд. Боқимонда 35,26% донишомӯзандагон ба саволҳо пеш аз семинарии омӯзишӣ ҷавоби нодуруст пешниҳод карданд.

Аз натиҷаи таҳлили пурсиши баъд аз омӯзиш маълум гардид, ки вобаста ба масъалаҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа, ки дар рафти семинар мавриди баррасӣ қарор дода шуд, донишомӯзандагон фоизи

назарраси донишҳоро дар ин самт ноил гардиданд. Чунончи, баъд аз семинари омӯзишӣ омӯзандагон ба саволҳои пешниҳодгардида 89,37% ҷавоби пурра гардонида, 8,71% онҳо бошад, ба таври қаноатманд ҷавобҳоро пешниҳод карданд. Фақат 1,92% иштирокчиён баъд аз семинарии омӯзишӣ низ ба саволҳои пешниҳодшуда ҷавоб пешниҳод накарданд.

Ба ҳамин тартиб, натиҷагирии посуххои иштирокчиёни семинари омӯзишӣ оид ба омӯзиши «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа» пеш аз баргузорӣ ва баъд аз анҷоми чорабинӣ, дар байни ҳайати кормандони милитсия ва аъзоёни шуроҳои ҷамъиятии назди МКД шаҳру ноҳияҳои кишвар дарак дод, ки таҳияи «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа» ва ба таври васеъ ба роҳ мондани омӯзиши он яке аз ташаббусҳои муҳимми роҳбарияти ВКД ҶТ дар амалӣ гардонидани яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти милитсия ва роҳи асосии дарки масъалаҳои ҳамкории мутақобилаи ҳам кормандони милитсия ва ҳам ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

Чи тавре ки мо қаблан қайд намуда будем, марҳилаи кунунии инкишофи асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа ва ниҳодҳои он аз замони қабули Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 оғоз мегардад, ки талаботи нави ҳамкорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқию зерқонуниро оид ба танзими фаъолияти шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба вуҷуд овард.

Дастовардҳои муҳимми Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти милитсия ба ҳисоб меравад. Тибқи талаботи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 [45], таҳияи лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва омода намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати ҶТ «Оид ба ташкили кори дружинаҳои ихтиёрӣ» пешбинӣ гардида буд.

Чорабиниҳои нақшавии мазкур аз мақсадҳои дар пеш гузошташуда дида, дар сатҳи болотар амалӣ карда шуданд. Яъне, Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» [29] дар таҳрири нав қабул шуда, лоиҳаи қарори Ҳукумати ҶТ «Оид ба ташкили кори дружинаҳои ихтиёрӣ» бо мувофиқкунонии номи ин ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ бо қонунгузорӣ дар бораи забони давлатӣ ҳамчун қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ» [47] коркард шуда, мақоми расмӣ пайдо намуд. Санадҳои меъёрии зикршуда ташкили ҳамкории мутақобилаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, мақомоти корҳои дохилиро бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар асоси шаклу усулҳо ва ҳуқуқу уҳдадориҳои нави тарафҳои ҳамкорикунанда пешбинӣ намуданд.

Дар моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ваколати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пешбинӣ мегарданд, ки чунин ваколатҳо дар як вақт асосан ба МКД дахл доранд ва аз инҳо иборат мебошанд:

1) омодагии кормандони ғайриштатӣ ва аъзои дастёрони ихтиёриро аз рӯйи самтҳои асосии фаъолият, аз ҷумла, барои амалҳо ҳангоми баргузории чорабиниҳои муҳимми ҷамъиятию сиёсӣ ва чорабиниҳои дигар дар шароити алоқаманд ба истифодаи қувваи ҷисмонӣ, расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ташкил карда, мегузаронанд;

2) кормандони ғайриштатӣ, аъзои дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятиро бо шаҳодатномаҳои дахлдор ва аломатҳои фарқкунанда таъмин менамоянд;

3) нақшаҳои дахлдори кори шуроҳои ҷамъиятӣ, дастёрони ихтиёрӣ, макон ва вақти гузаронидани чорабиниҳо оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, шумораи аъзои дастёрони ихтиёриро, ки ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҷалб карда мешаванд, бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқа менамоянд;

4) шуроҳои ҷамъиятиро бо воситаҳои дастурию методӣ таъмин менамоянд ва ба онҳо иттилооти заруририро барои фаъолият доир ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пешниҳод мекунанд;

5) пешниҳоди шуроҳои ҷамъиятиро оид ба масъалаҳои марбут ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо баррасӣ менамоянд;

6) ба шаҳрвандон барои ташкили дастёрони ихтиёрӣ кумак ва мусоидат мекунанд;

7) ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамоянд.

Ваколати зикршудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, аз як нигоҳ, бештар хусусияти ҳамоҳангсозии ҳамкориро нишон медиҳанд, ҳарчанд ки чунин навъи ҳамкорӣ бояд дар асоси шарикии иҷтимоӣ ба амал бароварда шавад. Дуруст аст, ки таваҷҷуҳи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, МКД дар ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мавқеи созгор бояд дошта бошад, чунки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти он аст. Аз лиҳози дигар, чунин тарзи ҳамкорӣ, ки мавқеи мақомоти корҳои дохилиро устувор ва марказгир мегардонад, ба арзишҳои ташаккулёфта ва ташаккули арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсири манфӣ расонида метавонад.

Дар ваколати дар боло зикршуда ягон меъёр оид ба танзими фаъолияти ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ зикр нашудааст. Дар зербобҳои қаблии рисолаи диссертатсионӣ мо хусусиятҳои умумӣ (монанд) ва фарқияти байни иттиҳодияҳои ҷамъиятиро аз ин шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ (дастёрони ихтиёрӣ ва шуроҳои ҷамъиятии назди МКД) ҷамъбаст намуда будем. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ваколатҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои ташкили иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ки дар боло зикр карда шуданд, ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ алоқамандӣ надоранд.

Бояд зикр намуд, ки дар таҳрири нав қабул шудани Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» тавонист то ҳадди зарурӣ танзими муносибатҳо оид ба иштироки шаҳрвандон ва ниҳодҳои онҳоро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба роҳ монда, фаъолияти баъзе аз ниҳодҳои ҷамъиятиро, аз қабилӣ, дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ ва шурои собиқадоронро дар сатҳи қонун муайян намояд. Бар замми ҳамаи муваффақиятҳо ҳамчун дигар зуҳуроти ҷамъиятӣ, муқаррароти қонун аз камбудӣ тамоман орӣ нест. Нофаҳмоии меъёри амалкунандаи қонун, ки ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидаткунандаро муайян менамояд, шаҳодат аз гуфтаҳои боло мебошад. Чуноне ки дар қонуни мазкур пешбинӣ карда мешавад: «Шаҳрванде, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат намуда, дар натиҷа ҷароҳат бардоштааст, осеб дидааст ё захм гирифта, муваққатан корношоям шудааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ кумаки пулии яквақта дода мешавад» [29]. Мушкилоти даркнамоии меъёри қонун дар он аст, ки оё кумаки пулии яквақта, ки ба шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидаткунанда дода мешавад бо кадом тартиби муқарраршуда, ченак ва меъёри ҳисоб баробар карда мешавад. Ин масъала аз ҷониби худи кормандони МКД низ дар натиҷаи як назарсанҷӣ асоснок гардид. Дар натиҷаи назарсанҷӣ кормандони МКД аз ҳисоби умумии 284 нафар, 55,63%-и онҳо, ки 158 нафарро ташкил менамояд, посух доданд, ки тартиб ва воситаҳои молиявии ҳавасмандгардонии дастёрони ихтиёрӣ муайян нагардидааст. 14,09% пурсидашудагон бар он назаранд, ки аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ шаҳрвандоне мебошанд, ки қарзи ҷамъиятии худро адо менамоянд, бинобар ин, ба онҳо барои ёрӣ расонидан дар кори мақомот аз ягон сарчашма ҳавасмандгардонӣ муқаррар намегардад [замимаи 4].

Бо дарназардошти таҳлили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузорӣ оид ба танзими шаклҳои иштироки дастҷамъонаи шаҳрвандон дар

таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, хусусияти шарикии иҷтимоӣ касб намудани ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидаткунанда, тақвияти ваколатҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти ташкили фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва пуррагардонии норасогии дигари қонунгузорӣ мо фикр менамоем, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ба тағйиру иловаҳо эҳтиёҷ дорад. Ҳамчунин, мо аз байни ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба саҳми дастёрони ихтиёрӣ дар ҳамкорӣ бо милитсия дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва иҷрои дигар вазифаҳои ба дӯши милитсия гузошташуда афзалият дода, ба таври расмӣ қабул намудани асоси ҳуқуқии танзими муносибатҳо оид ба суғуртаи шахсии ҳатмии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ ва ҷуброни зарари ба саломатӣ ва молу мулки онҳо расонидашударо зарур мешуморем.

Чи хеле ки болотар қайд кардем, тибқи талаботи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ [47] қабул карда шуд, ки тартиби таъсис ва фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ва шаклу усулҳои ҳамкории онҳоро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, бо МКД дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ваколати МКД дар самти ташкили ҳамкорӣ бо дастёрони ихтиёриро ба танзим медарорад.

Тибқи низомномаи зикршуда, дастёрони ихтиёрӣ (дастёрони ихтиёрии халқӣ) – гурӯҳи ихтиёрии на камтар аз 10 нафар шаҳрвандони ҶТ мебошанд, ки дар ҷойи кор, таҳсилот ва маҳалли зисти шаҳрвандон бо мақсади мусоидат кардан ба МКД барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ таъсис дода шуда, аз қайди

баҳисобгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаштааст ва дар маҳалҳо таҳти роҳбарии МКД фаъолият мекунад.

Бояд қайд намоем, ки ҷойдошти низоми дастёрони ихтиёрӣ, аз қабили, маҷлиси умумии дастёрони ихтиёрӣ, ситодҳои дастёрони ихтиёрӣ, дастаҳои дастёрони ихтиёрӣ ва дастёрони ихтиёрӣ, ки дар низомномаи танзими фаъолияти онҳо пешбинӣ карда шудааст, аз такмили қонунгузории давлат дар самти танзими фаъолияти ин ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки он дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин, аз натиҷаи таҳлили Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ бармеояд, ки бештари ваколатҳои идоракунии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ба низоми дастёрони ихтиёрӣ вогузор шудааст.

Ваколати низоми дастёрони ихтиёриро, ки дар Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ нишон дода шудаанд, мо метавонем шартан ба чунин намудҳо ҷудо намоем:

**1. Ваколати низоми дастёрони ихтиёрӣ вобаста ба ташкили фаъолияти дастёрон ва дастёри ихтиёрӣ:** мақоми олии идоракунӣ ва ҳамоҳангсози фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ба ҳисоб рафтани маҷлиси умумии дастёрони ихтиёрӣ; мақоми асосии идоракунии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ дар сатҳи вилоят, шаҳр ва ноҳия ба ҳисоб рафтани ситоди дастёрони ихтиёрӣ; пешниҳоди ситодҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ё ноҳиявӣ дар бораи барҳамдиҳии дастёрони ихтиёрӣ; ҷиҳати роҳбарии бевоситаи фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ дар назди воҳидҳои сохтории МКД дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо таъсис додани ситодҳои дастёрони ихтиёрӣ; интихоб ва бозхонди сардори ситод аз ҷониби маҷлиси умумии дастёрони ихтиёрӣ; ташкили фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ (аз он ҷумла, тасдиқи нақшаи корӣ, ҷадвали навбатдорӣ, ташкил ва баргузории ҷаласа, мукофотонидани аъзо, ташкили воҳӯрию суҳбатҳо); аз тарафи сардори ситод ба сардорони дастёрони ихтиёрӣ оид ба масъалаҳои фаъолият ёрӣ ва машварат додан ва дар назди онҳо вазифаҳои мушаххас гузоштан, барои аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шаклу усулҳои фаъолиятро ташкил

карда, машғулиятҳои тарбиявӣ-ҷисмониро баргузор кардан; аз тарафи сардорони дастаҳои дастёрони ихтиёрӣ  интихоби аъзои дастёрони ихтиёрӣ.

**2. Ваколати низоми дастёрони ихтиёрӣ вобаста ба ташкили фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ:** аз тарафи ситод ҳангоми зарурат муайян намудани низоми фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ вобаста ба вазъияти иҷтимоӣ-сиёсӣ, зарурати таъмини ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амният ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои гуногуни ҷамъиятӣ-сиёсӣ, варзишӣ-оммавӣ ва фарҳангӣ; аз тарафи ҷаласаи ситод таклифу пешниҳод намудан ҷиҳати мукаммалсозии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ, зиёд намудани сафи аъзои онҳо, муайян, иваз ё кӯчонидани хатсайрҳои пайраҳадорӣ, пешниҳоди ҳисоботи омории фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ва дигар масъалаҳои ҳалталаб ба МКД; аз ҷониби сардори ситоди дастёрони ихтиёрӣ ҳамоҳангсозии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ, ба роҳ мондани равандҳои таълим ва тайёрии ҷисмонии дастёри ихтиёрӣ, таъмини ҳамкории мутақобилаи дастёрони ихтиёрӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷрояи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ба идораҳои дахлдори давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба бартараф намудани сабабу омилҳои ба содиршавии ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидаткунанда ва фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ таклиф пешниҳод намудан, фаъолияти дастёрони ихтиёриро назоратбарӣ намуда, дар назди маҷлиси умумии дастёрони ихтиёрӣ, МКД ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳисобот додан,  мавриди санҷиш қарор додани фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ва баҳри бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида тадбирҳо андешидан, ба унвони МКД, инчунин, ба унвони роҳбарияти вазорату идора, корхона, муассиса ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликияташон, барои ҳавасманд гардонидани дастёри ихтиёрӣ, ки натиҷаҳои мусбати корӣ доранд, пешниҳод манзур намудан; аз тарафи сардорони дастаҳои дастёрони ихтиёрӣ

назоратбарии кори дастёри ихтиёрӣ ҳангоми навбатдорӣ, муқаррар кардани хатсайри посбонӣ ва дидбонгоҳҳои алоҳида, муттаҳидкунӣ ва пурзӯр намудани фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ, баланд бардоштани интизоми дохилӣ ва самаранокии фаъолият амалии онҳо, амалӣ намудани ҳамкорӣ бо ситоди дастёрони ихтиёрӣ ва МКД оид ба масъалаҳои фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ, ба роҳ мондани омӯзиши дастёри ихтиёрӣ оид ба асосҳои қонунгузории ҶТ ва шаклу усулҳои муқовимат ба ҷиноят ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳоро, банақшагирӣ, дастурдиҳӣ, баҳисобгирӣ ва назоратбарии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ, баррасии гузоришҳои аъзои дастёрони ихтиёрӣ дар бораи ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳо; аз тарафи дастёрони ихтиёрӣ ҷиҳати амалигардонии фаъолияти хеш истифода бурдани воситаҳои ахбори омма, интернет ва дигар шаклу усулҳое, ки ба қонунгузории ҶТ мухолиф нестанд.

Новобаста аз он ки ваколати низоми дастёрони ихтиёрӣ дар ҳадди хеле зиёд пешбинӣ мегарданд, аммо бе алоқамандӣ ва мувофиқакунонӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, МКД, амалӣ гардидани онҳо қариб ки имконнопазир аст. Ҷиҳати асоснок намудани фикр ва дар алоқамандӣ ба таҳқиқоти зербанди таҳқиқшавандаи рисолаи диссертатсионӣ моро зарур аст, ки ваколати мақомоти корҳои дохилиро дар самти ташкили ҳамкорӣ бо дастёрони ихтиёрӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ маҳз аз рӯи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ пайгирӣ намоем, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Роҳбарии умумии дастёрони ихтиёрӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

2. Ба аъзои дастёрони ихтиёрӣ додани шаҳодатнома, нишони сарисинагӣ ва дастбанд;

3. Барои бойгонӣ ба МКД супоридани тамоми ҳуҷҷатҳои корӣ, дастурамалҳои методӣ, ҳисоботи оморӣ ва дигар парвандаҳои фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ баъд аз барҳам додани дастёрони ихтиёрӣ;

4. Ҷиҳати роҳбарии бевоситаи фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ташкил намудани ситодҳои дастёрони ихтиёрӣ дар назди воҳидҳои сохтории МКД дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо;

5. Назорати фаъолияти ситоди дастёрони ихтиёрӣ;

6. Ҳамоҳангсозӣ ва назоратбарии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ва ситодҳои онҳо дар сафарбаркунии онҳо дар хатсайр;

7. Дар ҷаласаҳои ситод ширкат варзидани роҳбарияти МКД ва бо мақсади самаранокии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ таклифу дархостҳо пешниҳод кардан;

8. Аз тарафи сардори ситоди дастёрони ихтиёрӣ дар назди МКД ҳисобот додан;

9. Зери роҳбарӣ ва иштироки кормандони МКД ба роҳ мондани фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ дар самтҳои зерин:

9.1. Иштирок дар чорабиниҳо оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

9.2. Посбонӣ кардан ва гузоштани дидбонгоҳҳо дар хиёбону майдонҳо, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва дар дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, дар вақти гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ, инчунин, гузаронидани тафтишҳои ногаҳонӣ (амалиёт, рейдҳо) барои ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳо ва шахсони онҳоро содирнамуда;

9.3. Иштирок намудан дар чорабиниҳои пешгирии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо;

9.4. Андешидани чораҳои таъхирнопазир барои бартараф кардани оқибати офатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ намудани онҳо ва расонидани кӯмак ба зарардидагон;

9.5. Пешгирӣ намудани беназоратии кӯдакон ва ҳуқуқвайронкунии ноболиғон;

9.6. Иштирок дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ;

9.7. Иштирок дар таъмини бехатарӣ аз сӯхтор.

10. Роҳбарии умумӣ, ташкили фаъолият, ҳуҷҷатгузорӣ, таҳлил, ҷамъбаст намудан ва назоратбарии натиҷаи фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ;

11. Дастурдиҳӣ ва сафарбаркунии дастёрони ихтиёрӣ ба хизмат;

12. Барои таҳлил ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ аз ҷониби ВКД коркард шудани китобҳои махсуси бақайдгирии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ;

13. Ҷиҳати иштироки фаъолонаи дастёрони ихтиёрӣ дар гузаронидани чорабиниҳои муштараки муқовимат ба ҷиноят ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо андешидани чораҳо;

14. Ҷиҳати тарбияи ҳуқуқии аъзои дастёрони ихтиёрӣ анҷом додани корҳои мақсаднок, онҳоро бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, воситаҳои таълимӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ таъмин намудан ва ба сардорони ситодҳои дастёрони ихтиёрӣ дар бораи ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳо маълумоти зарурӣ пешниҳод намудан;

15. Аъзои дастёрони ихтиёриро бо тарзу усулҳои муқовимат ба ҷиноят ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо шинос гардонидан, ба дастёрони ихтиёрӣ дар банақшагирӣ ва бақайдгирии фаъолияташон кӯмаки амалӣ расонидан, ҳамкории онҳоро бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамоҳанг сохтан;

16. Роҳбарии бевоситаи фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ҷиҳати ташкили чорабиниҳои муштарак дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳо;

17. Дар доираи имконият ба ситоди дастёрони ихтиёрӣ ҳангоми навбатдориаш таъмин намудани воситаҳои алоқа ва дигар воситаҳои махсус.

Чи хеле ки дида баромадем, ваколатҳо дар самти ташкили фаъолият ва ташкили иштироки дастёрони ихтиёрӣ ва аъзоёни он дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аслан ба МКД дахл доранд. Аз як тараф, мо мавқеи мақомоти корҳои дохилиро дар ташкили фаъолияти ин

ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ асосӣ ва калидӣ медонем. Чунки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти МКД ба ҳисоб рафта, қаблан мо низ пешниҳод намуда будем, ки оид ба ташкили фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар давлат мақомоти мазкур бояд мақомоти ҳамоҳангсоз (ваколатдор) ҳисобида шавад. Аммо, аз лиҳози дигар, Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ тартиби таъсис ва фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ва шаклу усулҳои ҳамкории онҳоро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян намудааст. Яъне, аз ин ҷиҳати муқаррароти Низомнома ваколати дар боло қайдгардида оид ба ташкили фаъолият ва ташкили иштироки бевоситаи дастёрони ихтиёрӣ ва аъзоёни он дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бояд ба дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ дахлдор бошад.

Ба ғайр аз ин, пай бурда мешавад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ бештар ваколатҳое ба МКД дода шудаанд, ки оид ба ташкили фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ҳуқуқҳои мақомотро пешбинӣ менамоянд. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, дар ин самт ба салоҳияти МКД вазифаҳои зерин низ бояд вогузор шаванд:

- муҳайё намудани шароит барои ташкили дастёрони ихтиёрӣ, инкишофи ҳамкорӣ бо онҳо ва фаъол гардонидани фаъолияти онҳо дар соҳаи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

- роҳнамоии методии кормандоне, ки барои амалисозии ҳамкорӣ бо дастёрони ихтиёрӣ масъул мебошанд;

- дар якҷоягӣ бо дастёрони ихтиёрӣ муайян намудани мушкилоти асосии минтақаи хизматӣ, ки ба вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат карданашон мумкин аст ва оид ба ҳалли онҳо ба таври ҳатмӣ ба инобат гирифтани фикри аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ;

- муайян намудани талаботи сокинони минтақаи аҳолинишин ва аз рӯи он ба роҳ мондани фаъолияти якҷоя бо дастёрони ихтиёрӣ ҷиҳати ҳалли масъала.

Қайд намудан бамаврид аст, ки айни замон мо дар марҳилаи дуюми ислоҳоти расмии милитсияи давраи соҳибистиқлолии ҶТ қарор дорем ва яке аз дастовардҳои муҳимми ин марҳилаи ислоҳотӣ дар омода гардидани лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи политсия» зоҳир мешавад. Тибқи талаботи моддаи 4 лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи политсия» ҳисоботдиҳӣ, мувофиқат, ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ бо ҷомеа яке аз принсипҳои фаъолияти политсия нишон дода шудааст. Азбаски принсипҳои фаъолият меъёрҳои асосӣ ва роҳбарикунанда ба ҳисоб мераванд ва риоя нагардидани онҳо вайроншавии дағалонаи талаботи қонунгузорӣ ҳисобида мешавад, пас, метавон гуфт, ки бо хусусияти расмӣ пайдо кардани меъёри лоиҳавии мазкур ҳамкории байни милитсия бо ҷомеа ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз муваффақиятҳои имрӯза дида, боз ҳам беҳтар мешавад [31].

Тибқи меъёрҳои лоиҳавии лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи политсия», политсия дар иҷрои вазифаҳои ба зиммадоштаи худ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон ҳамкорӣ менамояд. Ҳар як корманди политсия барои дар руҳияи боварӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва хайрхоҳӣ нигоҳ доштани робитаи қавӣ бо ҷомеа, масъул аст.

Меъёри лоиҳавии лоиҳаи қонун оиди он ки дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсис дода мешавад, бештар диққатро ҷалб менамояд. Пешбинӣ карда шудааст, ки шурои мазкурро раиси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ роҳбарӣ намуда, ба ҳайати он намояндаи политсия дар сатҳи сардори Шуъба, шуъбача ва ё муовинони онҳо, инчунин, сокинони фаъоли маҳаллаҳо ва дигар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ шомил шуда метавонанд. Инчунин, дар ҳайати Шурои ҷамъиятии мазкур мансаби нозир оид ба кор бо ноболиғон ва мансаби нозир оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила таъсис дода мешавад. Ин нозирон ба муовини раиси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки

самти фаъолияти мазкурро роҳбарӣ мекунад, тобеъ мебошанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки лоиҳаи қонун робитаи фосилавии байни полис ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар шакли мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар мекунад.

Мо дар оянда нақши Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро дар ҳалли мушкилот оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бо чунин асоснокӣ муҳим медонем:

1. Роҳбарии фаъолияти Шуро дар сатҳи раиси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки ӯ шахси калидии пешбарандаи сиёсати давлат дар сатҳи маҳал ва намояндаи Президент дар шаҳру ноҳия ба ҳисоб меравад;

2. Ба ҳайати Шуро шомил будани намояндаи политсия дар сатҳи сардори Шуъба, шуъбача ва ё муовинони онҳо, ки онҳо субъектони масъули таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар минтақаи хизматӣ мебошанд;

3. Дар ҳайати Шуро иштирок доштани сокинони фаъоли маҳаллаҳо ва дигар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз амалишавии самти афзалиятноки ислоҳоти милитсия дар соҳаи ҳамкории милитсия бо ҷомеа дарак медиҳад;

4. Дар ҳайати Шуро таъсис додани мансаби нозир оид ба кор бо ноболиғон ва мансаби нозир оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила фаъолиятро дар самти пешгирии беназоратии ноболиғон, ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби онҳо, ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила пурзӯр намуда, ба риояи самараноки талаботи қонунҳои ҶТ «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» мусоидат менамоянд.

Дар иртибот ба ҳамин масъала бояд қайд намоем, ки солҳои охир дар ҶТ баъзе мушкилот, аз қабили даст ба нашъамандӣ задани бархе аз ҷавонону наврасон, ҷанҷол ва задухӯрд байни мактаббачагон, ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ даст задани бархе аз шаҳрвандон ва ғайра, ба вуҷуд омада истодаанд, ки тартиботи ҷамъиятиро вайрон ва ахлоқи ҷомеаро коста намуда, ба ҳифзи саломатии аҳолӣ таҷовуз менамоянд. Махсусан,

тавре ки маълум аст, имрӯз дар байни аҳолии ҶТ густариши идеологияи ифротӣ ва таассубу хурофотпарастӣ доимо майл ба сатҳи болоравӣ дорад. Маҳз чунин зуҳурот ба арзишҳои асили фарҳанги миллӣ, динӣ, эътиқодмандии аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, ҳамчунин, омили амиқи гаравидани шаҳрвандон ба сафи ташкилотҳои экстремистию террористӣ гардида, дар як вақт ба воқеан амалӣ гардидани талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» монеагӣ эъҷод менамояд. Чунон ки санаи 9-уми марти соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеа ва ходимони дини кишвар қайд намуданд: «…таассубу хурофот дар байни аҳолӣ авҷ гирифтааст. Мисол, дар соли 2024 аз тарафи кормандони мақомоти ваколатдори давлатӣ 1500 ҳолати даст задани шаҳрвандон ба амали сеҳру ҷоду ва фолбинӣ ошкор карда шудааст» [205]. Албатта, яке аз омилҳои асосии сол аз сол зиёд гардидани ҳолатҳои даст задани шаҳрвандон ба амалҳои сеҳру ҷоду ва фолбинӣ ин муроҷиатҳои шаҳрвандон ба шахсони ба ин амал машғул ба ҳисоб меравад, аммо, набояд фаромуш сохт, ки даст ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ задан худ амали зиддиҳуқуқӣ буда, оид ба ошкор намудани чунин ҳолатҳо шаҳрвандон ба милитсия бояд ёрӣ расонанд. Мутаассифона, чи тавре ки ба чашм мерасад, шаҳрвандон худ барои содиршавӣ ва афзоиш ёфтани чунин амалҳои зиддиҳуқуқӣ мусоидат мекунанд ва зиёда аз ин, барои муроҷиат ба шахси ҷодугар ва фолбин ва истифода намудан аз хизматрасонии он дар қонунгузории ҶТ ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ нагардидааст. Вобаста ба баррасии ҳамин масъала, ба андешаи мо, намояндагони иттиҳодияҳои динӣ, бахусус, имомхатибон, дар пешгирӣ ва коҳиш додани таассубу хурофотпарастӣ бояд нақши муҳим ва созгор дошта бошанд.

Бо дарназардошти баррасии масъала ва таҳлили таҷрибаи амалии МКД оид ба муайян намудани сабабу шароитҳое, ки ба вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ, бехатарии ҷамъиятӣ ва ахлоқи ҷомеа мусоидат

менамоянд, пешниҳод менамоем, ки ба ҳайати Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз ҳисоби кормандони МКД сардори шуъбачаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти умумии ҳамагонии дахлдор муовинони директори мактаб оид ба самти тарбия ва аз ҳисоби иттиҳодияҳои динӣ имомхатибони воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор низ шомил гардонида шаванд. Ҳамчунин, ба андешаи мо, дар доираи талаботи қонунгузорӣ барои мурочиат ба шахси сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин ва истифода намудан аз хизматрасонии онҳо муқаррар кардани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба коҳиш додани сатҳи ҳуқуқвайронкунии машғул гардидан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ мусоидат намуда, то андозае метавонад, ки густариши идеологияи ифротӣ ва таассубу хурофотпарастиро дар байни аҳолӣ пешгирӣ намояд.

Лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи политсия» меъёрҳоеро дар бар гирифтааст, ки корманди мақомоти корҳои дохилиро дар самти ҳамкорӣ бо ҷомеа соҳибихтиёр намегузорад, балки мавҷудияти чунин меъёрҳо зарурати ҳамкории ҳатмиро тақозо менамояд. Ба таври мисол, афкори умум яке аз меъёрҳои асосии баҳогузории фаъолияти политсия муқаррар шудааст, ки тартиби онро Вазири корҳои дохилӣ муайян мекунад. Бо ин мақсад, ВКД дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО ва марказҳои тадқиқотӣ, мунтазам мониторинги афкори ҷомеаро мегузаронад. Натиҷаи мониторингҳо ба самъи мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, маҳаллӣ ва шаҳрвандон ба таври хаттӣ, тавассути ВАО ва шабакаҳои иттилоотии Интернет расонида мешавад. Аз ин лиҳоз, барои он ки фаъолияти хизматии корманди милитсия аз ҷониби ҷомеа хуб баҳогузорӣ карда шавад, ӯ маҷбур мешавад, ки бо ҷомеа ҳамкорӣ намояд ва фикру ақидаи ҷомеаву ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар ҳалли вазифаҳои хизматӣ оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба инобат гирад.

Бо дарназардошти таҳқиқи илмӣ ва таҳлили муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, вобаста ба зербоби сеюми тадқиқоти диссертатсионӣ хулосаву пешниҳодҳои зеринро манзӯр менамоем:

1. Ниҳодҳои ҷамъиятии дар назди МКД фаъолияткунанда (дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шурои собиқадорон) аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ, вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро доро намебошанд. Аз ин лиҳоз, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» бояд дар қатори субъектони дигари ба иҷрои вазифаҳои милитсия мусоидаткунанда, ба таври алоҳида зикр карда шаванд.

2. Вобаста ба арзёбии тадқиқот ва пурсишҳои сотсиологӣ, ки бо мақсади омода намудани «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа» гузаронида шуд, мо омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи костакунандаи ҳамкории байни милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандиро ба чунин намудҳо ҷудо намудем:

- омилҳои объективӣ (паст будани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ба чашм нарасидани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки маҳз бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсис дода шудаанд, ба иҷрои корҳои ғайрифунксионалӣ ҷалб кардани кормандони милитсия, зиёд будани сарбории нозирони минтақавии милитсия, аз ҷумла, дар минтақаи хизматӣ ба нозири минтақавии милитсия вобаста намудани шумораи аз ҳад зиёди аҳолӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани таъминоти моддӣ-техникии кормандони милитсия, майлу рағбат надоштани шаҳрвандон ба ҳамкорӣ);

- омилҳои субъективӣ (нокифоя будани донишҳои ҳуқуқӣ ва малакаи кории кормандони милитсия, огоҳӣ надоштани кормандон аз равандиислоҳоти милитсия дар давлат, хусусияти ҳукмфармоӣ доштани фаъолияти милитсия, беҳафсалагӣ дар иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ, надоштани таҷрибаи ҷалби аҳолӣ ба ҳамкорӣ, назорати сусти роҳбарони баъзе аз ҷузъу томҳои мақомот аз болои зердастон, дар вазифаҳои нозирони минтақавии милитсия ва нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила бештар таъйин гардидани ҷавонон, бехабарии кормандон аз

зарурат ва ҳатмӣ будани ҳамкорӣ бо аҳолӣ, маълумоти сатҳи пасти кормандони мақомот аз фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди МКД).

3. Натиҷагирии посухҳои иштирокчиёни семинари омӯзишӣ оид ба омӯзиши «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа» пеш аз баргузорӣ ва баъд аз анҷоми чорабинӣ дар байни ҳайати кормандони милитсия ва аъзоёни шуроҳои ҷамъиятии назди МКД шаҳру ноҳияҳои кишвар дарак дод, ки таҳияи «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа» ва ба таври васеъ ба роҳ мондани омӯзиши он яке аз ташаббусҳои муҳимми роҳбарияти ВКД дар амалӣ гардонидани яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти милитсия ва роҳи асосии дарки масъалаҳои ҳамкории мутақобила аз ҷониби кормандони милитсия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

4. Дуруст аст, ки таваҷҷуҳи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, МКД дар ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мавқеи созгор бояд дошта бошад, чунки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти он аст. Аз лиҳози дигар, чунин тарзи ҳамкорӣ, ки мавқеи мақомоти корҳои дохилиро устувор ва марказгир мегардонад, ба арзишҳои ташаккулёфта ва ташаккули арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсири манфӣ расонида метавонад.

5. Бо мақсади мушаххас гардонидани меъёри амалкунандаи Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» дар самти ҳимояи иҷтимоии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат намуда, дар натиҷа ҷароҳат бардоштааст, осеб дидааст ё захм гирифта, муваққатан корношоям шудааст, қабул намудани «Низомнома дар бораи тартиби суғуртаи шахсии ҳатмии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ ва ҷуброни зарари ба саломатӣ ва молу мулки онҳо расонидашуда»-ро зарур ва саривақтӣ арзёбӣ менамоем (лоиҳаи низомнома аз ҷониби муаллифи диссертатсия омода гардида, ҳамчун замимаи №6 дар диссертатсия оварда шудааст).

6. Таснифи ваколати низоми дастёрони ихтиёрӣ вобаста ба ташкили фаъолияти дастёрон ва дастёри ихтиёрӣ ва низоми дастёрони ихтиёрӣ вобаста ба ташкили фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ имконият медиҳад, ки Нақша-чорабиниҳои фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ

оид ба ташкили фаъолият (муносибатҳои дохилиидоравӣ) ва оид ба иштироки онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ алоҳида ва мукаммал гардонида шавад.

**7.** Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ тартиби таъсис ва фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ва шаклу усулҳои ҳамкории онҳоро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян намудааст. Аммо, дар Низомнома ваколат дар самти ташкили фаъолият ва ташкили иштироки дастёрони ихтиёрӣ ва аъзоёни он дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аслан ба МКД ҳавола карда шудаанд. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки  ваколат оид ба ташкили фаъолият ва ташкили иштироки бевоситаи дастёрони ихтиёрӣ ва аъзоёни он дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ вобаста карда шаванд.

8. Тақвият додани вазифаҳои мақомоти корҳои дохилиро дар самти ташкили фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ зарур арзёбӣ менамоем.

9. Мо дар оянда нақши Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандиро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ки таъсиси он дар оянда тибқи талаботи лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи политсия» дар назар дошта шудааст, дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ намуда, инчунин, пешниҳод менамоем, ки ба ҳайати Шуро аз ҳисоби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ: сардори шуъбачаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти умумии ҳамагонии дахлдор: муовинони директори мактаб оид ба самти тарбия ва аз ҳисоби иттиҳодияҳои динӣ: имомхатибони воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор низ шомил гардонида шаванд. Ба андешаи мо, дар доираи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ барои муроҷиат ба шахси сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин ва истифода намудан аз хизматрасонии онҳо муқаррар кардани ҷавобгарии маъмурӣ ба коҳиш додани сатҳи сеҳру ҷоду ва фолбинӣ мусоидат намуда, густариши идеологияи ифротӣ ва таассубу хурофотпарастиро дар байни аҳолӣ то андозае пешгирӣ менамояд.

## 2.2. Шакл ва усулҳои ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ

Қайд намудан бамаврид аст, ки айни замон мавҷудият ва фаъолияти озоди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки шаҳрвандон дар амалӣ гардонидани сиёсати давлат ҳамчун шароит ва аломати муҳимми демократияи инкишофёфта ва босубот ба ҳисоб меравад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ барои риояи принсипҳои асосии демократия, аз қабили, озодӣ ва баробарҳуқуқӣ шароити заруриро бунёд месозад. Аз ҷумла, дар шароити Тоҷикистони муосир раванди мустаҳкамшавии низоми демократӣ бо ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд аст.

Олими барҷастаи тоҷик, Шарофзода Р.Ш. қайд менамояд, ки дар шароити бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ривоҷи худфаъолиятӣ, худтанзимшавӣ, фаъолияти озоди фардӣ дар ҷараёни идоракунии давлатӣ дар баробари усули императивӣ истифодаи усули диспозитивӣ низ аз аҳаммият холӣ нест [110, с. 269].

Аз ин лиҳоз, ба фикри мо, дар ҷомеаи демократӣ шаҳрвандони давлат бояд дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ иштирок дошта бошанд ва давлат бояд барои иштироки онҳо шароитҳои заруриро ба вуҷуд орад. Баҳри тақвияти фикр бояд зикр намуд, ки дар ҶТ Конститутсия ба таври раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардида, Президент аз ҷониби халқ ба таври мустақим ба вазифа интихоб мешавад. Асосҳои сохтори конститутсионӣ ва низоми давлатдорӣ бо Конститутсияи давлат муқаррар шуда, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷиро Президент муайян менамояд. Пас, чӣ тавр метавон иштироки халқро аз пешбурди фаъолияти давлатӣ истисно намуд? Яъне, вобаста ба ин, мо метавонем бо боварии комил қайд намоем, ки иштироки ҷомеа дар раванди амалӣ гардонидани сиёсати давлат ва иҷрои вазифаҳои мақомоти он асоси ҳуқуқӣ дорад, ҳол он ки, дар замони муосир мақомоти давлатӣ дар иҷрои вазифаҳои хеш бе ҷалбӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ

оҷизӣ мекашад ва ин талабот асоси воқеии иштироки шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳоро дар ҳаёти давлатӣ ошкор менамояд.

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти давлатӣ самти ҳуқуқмуҳофизавӣ мебошад, ки аслан аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ гардонида мешавад ва фаъолияти МКД дар ин ҷабҳа нақши созгор дорад. Ҳамчунин, МКД низ барои иштироки шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо дар ҳалли вазифаҳои худ, алалхусус, ҳалли вазифаҳо дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ эҳтиёҷманд ва ҳавасманд мебошад, ки оид ба ин масъала мо дар зербобҳои таҳқиқшуда зарурият ва асоси ҳуқуқии ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандиро дида баромадем.

Дар алоқамандӣ ба таҳқиқи мавзуи рисолаи диссертатсионӣ, бахусус, зербоби таҳқиқшаванда, бояд қайд намоем, ки паҳлӯҳои гуногуни масъалаи иштироки шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷиноятҳои алоҳида олимони ватанӣ, ба монанди, Шарифзода Ф.Р [197], Амрудинзода М.А [181], Ваﻟизода Н.Д [162], Мирзоҳофизиён М.М [179], ба таври таҳлили хеле амиқ дар корҳои илмии хеш таҳқиқ намудаанд. Махсусан, Ваﻟизода Н.Д. дар рисолаи диссертатсионии худ, ки ба мавзуи «Танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» бахшида шудааст, масъалаи шакл ва усулҳои ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба таври умумӣ дида баромада, онро маҳз дар самти ҳамкории милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ алоқаманд накардааст. Яъне, метавон гуфт, ки дар корҳои илмии олимони болозикр, новобаста аз арзишнокии онҳо, маҳз ба масъалаи шакл ва усулҳои ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи бевосита равона нагардидааст.

Аз ин рӯ, мавқеи асосии мо дар зербоби таҳқиқшаванда бо мақсади муайян намудани моҳият ва таснифи шаклу усулҳои ҳамкории МКД бо

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ равона гардидааст, аммо қабл аз он мо бояд муайян намоем, ки дар зери истилоҳи шакл ва усулҳои ҳамкорӣ чи фаҳмида мешавад?

Истилоҳоти шакл ва усулҳои ҳамкорӣ вобаста ба равиш (соҳа)-и истеъмолшаванда метавонанд, ки ҳар гуна тафсир ва маънидод карда шаванд. Аммо, барои маҳдуд намудани ҳудуди таҳқиқшавандаи мавзуъ мо моҳияти истилоҳҳои шакл ва усулҳои ҳамкориро дар алоқамандӣ ба фаъолияти ҳокимияти иҷроия, ки дар як вақт хусусияти ҳуқуқӣ дорад, равшан менамоем, чунки МКД худ сохтори таркибии ҳокимияти иҷроия буда [41], тавассути ҳамкорӣ бо субъектони гуногун мақомоти ҳокимияти иҷроияро намояндагӣ менамояд.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» калимаи шакл ба маъноҳои гуногун, аз қабили: мисл, монанд, назир, тарз, навъ ва намуд пешбинӣ мегардад [103, с. 621].

Дар фалсафа истилоҳи шакл «тарзи мавҷудият, ифода ва табдили мундариҷа»-ро ифода менамояд [104, с. 621].

Моҳияти «шакл»-ро аз рӯи мақсади таҳқиқотии рисолаи диссертатсионии мо (дар алоқамандӣ ба фаъолияти идоракунӣ) профессор Старилов Ю.Н. равшантар ифода намуда, шаклҳои идоракуниро ба ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ ҷудо намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки шакли ҳуқуқии идоракунӣ мазмуни ҳуқуқӣ дошта, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад. Ҳамчунин, он ба таври ҳуқуқӣ ба расмият дароварда шуда, ба салоҳият ва оқибати ҳуқуқии фаъолият мувофиқат менамояд [97, с. 212].

Батурина Ю.А. шакли ҳуқуқиро ҳамчун маҷмуи категорияҳои ҳуқуқие мефаҳмад, ки падидаҳои гуногуни иҷтимоии ғайриҳуқуқиеро, ки танзими ҳуқуқиро талаб мекунанд, миёнарав мекунад ва ҳамчунин, дар дохили худи қонун ҳамчун чорчӯба хизмат карда, унсурҳои гуногуни ба ҳуқуқ дохилшударо муттаҳид мегардонад [161, с. 8]. Вай чунин мешуморад, ки шакли ҳуқуқӣ тамоми падидаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо танзими ҳуқуқиро талаб мекунанд. Дар ин маврид шакли ҳуқуқӣ, аз

ҷумла, он аст, ки аллакай аз ҷониби қонун танзим шуда, дар марҳилаи татбиқ қарор дорад. Дар алоқамандӣ ба ин ақида, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарофзода Р.Ш. шакли ҳуқуқиро натиҷаи ниҳоии идоракунӣ тавсиф карда, қайд менамояд, ки шакли фаъолияти идоракунӣ ин ифодаи берунаи натиҷаи ниҳоии (амалии) идоракунӣ аст [110, с. 90].

Инчунин, бояд дар назар дошта бошем, ки дар соҳа ва назарияи илмҳои ҳуқуқӣ сарчашмаҳои ҳуқуқиро чун анъана, ҳамчун шаклҳои берунии (зоҳирии) ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқ фарқ менамоянд [57, с. 76; 70, с. 9; 124, с. 3-4].

Слободнюк С.Л. чунин мешуморад, ки воқеияти ҳуқуқӣ муносибатҳои ҷамъиятии байни шаҳрванд ва ҷомеа, шаҳрванд ва давлат, инчунин, байни ҷомеа ва давлат мебошад, ки танзими ҳуқуқии ҳамкории ин субъектҳоро талаб мекунад [150, с. 346]. Дар ҳамин ҳол, категорияи механизми ҳуқуқӣ, ба гуфтаи Алексеев С.С. низоми воситаҳоеро пешниҳод мекунад, ки ба воситаи онҳо таъсири самарабахши субъектҳо ба ҳамдигар ба амал баровarda мешавад [56, с. 267].

Козлов Ю.М. бар он ақида аст, ки шакл «ифодаи амали берунии фаъолияти идоракунии давлатӣ» [74, с. 364]-ро ифода менамояд. Мутаносибан, шакли ҳамкорӣ ин ифодаи мазмуни берунии амали мутақобилаи субъектҳо мебошад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки моҳияти «шакли ҳуқуқӣ» вобаста ба ақидаҳои дар боло зикршуда аслан хусусияти фаъолияти идоракунии давлатиро, ки субъект ва объектҳои он дар муносибати ҳокимиятию тобеъиятӣ қарор доранд ва сарчашмаҳои ҳуқуқро ифода намудаанд, доро мебошад. Аммо, мо моҳияти «шакли ҳуқуқӣ»-ро дар алоқамандӣ ба «фаъолияти мутақобила» бояд муайян намоем.

Василев С.А. категорияҳои «шакли ҳуқуқӣ» ва «фаъолияти мутақобила»-ро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки «шакли мутақобила – тарзи ифодаи таъсири мутақобила, механизм бошад, воситаи ба амал баровардани он мебошад. Масалан, табодули иттилоот ин шакл, аммо

ирсоли дархост ва гирифтани посуххо механизми ҳамкории мутақобила мебошанд» [63, с. 49].

Ба назари мо, ирсоли дархост ва гирифтани посуххо на механизм, балки усул ё усули амали мутақобила мебошад. Зеро механизм бисёрҷанба буда, мафҳуми мураккаб ва васеъ мебошад. Яъне, мо метавонем қайд намоем, ки механизм аз низоми унсурҳои таркибии баамалбарории фаъолияте иборат мебошад. Чунончи, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» истилоҳи «механизм» ба як маъно ҳамчун маҷмуи сохт ё сохторе, ки тартибу қоидаи ягон соҳаи фаъолиятро муайян мекунад, пешбинӣ мегардад [102, с. 792].

Оид ба шаклҳои ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ олимон ва муҳаққиқон аз лиҳози тасниф ва тавсиф назари гуногун доранд. Вазифаи асосии муаллифи рисолаи диссертатсионӣ дар таҳқиқи зербоби мазкур аз муқоисаи назария ва ақидаҳои илмӣ бо муқаррароти қонунгузории амалкунандаи ҶТ, ошкор намудани масоил ва пешниҳоди асосноку илмӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии ҳамкории милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Ба гуфтаи Калюжний С.М., ҳамкории политсия (милитсия) ва аҳолӣ мумкин аст дар ду шакли умумӣ: машваратдиҳӣ ва ҳамкории бевосита ба амал баровардa шавад [73, с. 272]. Бояд гуфт, ки чунин шакли таснифи ҳамкории милитсия ва аҳолӣ хеле маҳдуд аст ва дигар шаклҳои ҳамкории ин ду ниҳодро, аз ҷумла, ҳамкории иттилоотонӣ ва методиро маҳдуд менамояд.

Колпаков В.К. шаклҳои ҳамкории милитсия бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ба намудҳои зерин ҷудо намудааст: таҳия ва татбиқи якҷояи чорабиниҳо оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ; ҳамоҳангсозии амалҳои мустақил оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии ҷамъиятӣ; мубодилаи ахбор ба манфиати тарафайн; гузаронидани чорабиниҳо аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо ташаббуси нозири минтақавии милитсия; ёрии нозири минтақавии милитсия ба ниҳодҳои

ҷамъиятӣ дар гузарондани чорабиниҳо оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии ҷамъиятӣ [75, с. 35].

Музичук О.М. ба чунин хулоса меояд, ки таснифоти аз ҳама бештар қобили қабули шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки ҷомеа дар фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ бо чунин асосҳо вобастагӣ дорад:

1. Вобаста ба хусусияти вазифаҳое, ки бояд иҷро шаванд: ташкилотҳои ҷамъиятие, ки махсус барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо созмон дода мешаванд; ташкилотҳои ҷамъиятие, ки тибқи низомномаи фаъолияташон дар самти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо иштирок карда метавонанд. Ба монанди марказҳои иҷтимоӣ-тавонбахшӣ, кумитаҳои маҳаллӣ, маҷлиси умумии шаҳрвандон дар ҷойи истиқомат, комиссияҳои шуроҳои маҳаллӣ ва ғайра;

2. Вобаста ба барасмиятдарории шакли ташкилии фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ: иштироки инфиродии шахсӣ дар фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ (кормандони ғайриштатии милитсия, ёрдамчии ҷамъиятӣ, шахсони боваринок) ва иштироки шаҳрвандон дар ташкилотҳои ҷамъиятие, ки хусусияти ҳифзиҳуқуқӣ доранд (дружиначиёни ихтиёрии халқӣ, нуқтаҳои ҷамъиятии ҳифзи тартибот, ташкилотҳои «Боздошти ҷинояткор», «Ёрии ҳамсоягӣ» ва ғайра);

3. Вобаста ба ҳайат (аъзогӣ): ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар ҳайати онҳо кормандони милитсия аъзо ҳастанд ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ҳайати онҳоро танҳо шаҳрвандон ташкил менамоянд;

4. Вобаста ба таъйиноти функсионалӣ: ташкилотҳои ҷамъиятие, ки бевосита дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо иштирок менамоянд (дружиначиёни ихтиёрии халқӣ, дастаҳои фаврии донишҷӯён, гурӯҳҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра), ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки бо ҳуқуқвайронкунанда баъд аз дастгир намудани он дар муносибат қарор мегиранд, яъне, баъд аз содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ фаъолият менамоянд (комиссияҳои маъмурӣ, маҷлиси шаҳрвандон аз рӯи маҳалли

истиқомат, шуроҳои профилактикаи ҳуқуқвайронкуниҳо ва ғайра) [180, с. 118].

Каблов Д.С. бошад, таснифи шаклҳои ташкилотҳои ҷамъиятиро, ки фаъолияти онҳо хусусияти ҳифзиҳуқуқӣ дорад, бо ин тарз муайян менамояд:

1. Вобаста ба самти фаъолият: а) ҳифзкунандагони тартиботи ҷамъиятӣ; б) ҳиссагузор дар ҳифзи сарҳади давлатӣ; в) ҳифзкунандагони ёдгориҳои маданӣ-равшаннамоӣ, бустонсаройҳо, хонаҳои шахсӣ ва монанди инҳо; г) ҳифзкунандагони олами набототу ҳайвонот (ҷамъияти шикорчиёну моҳидорон, ташкилотҳои муҳофизати табиат ва монанди инҳо); д) ҳиссагузор дар таъмини қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва дигар шаклҳои ташкилотҳои ҷамъиятии махсусгардонидашуда;

2. Вобаста ба тартиби иҷрои вазифаҳои дар наздашон гузошташуда: а) ташкилотҳои ҷамъиятие, ки вазифаҳоро дар якҷоягӣ бо кормандони МКД иҷро менамоянд (ташкилотҳои ҷамъиятие, ки хатсайри муайянро посбонӣ мекунанд) ва б) ташкилотҳои ҷамъиятие, ки вазифаҳои ҳифзи ҳуқукро мустақилона иҷро карда метавонанд;

3. Вобаста ба мавҷудияти доштани ҳуқуқ, ки аз рӯи мурочиат ҳаққи баамалбарории чораҳои маҷбуркунӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои мурофиавиро доранд ё не: а) ташкилотҳои ҷамъиятие, ки чунин ҳуқукро доранд (ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ; б) ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дорои чунин ҳуқуқ набуда, фақат ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оид ба ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ хабар мерасонанд;

4. Вобаста ба мавҷудият ё мавҷуд набудани ҷузъиёт дар вақти баамалбарории вазифаҳои ҳифзиҳуқуқӣ: а) онҳое (аъзои ташкилоти ҷамъиятӣ), ки дар вақти иҷрои вазифа либоси махсус ва дигар ҷузъиёти фарққунандаро дар бар менамоянд; б) афроде, ки функсияҳои ҳифзиҳуқуқиро бо либосҳои шаҳрвандӣ ба амал мебароранд [72, с. 115].

Долгополов А.М. ҳамаи шаклҳои иштироки шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ ва дигар

ҳуқуқвайронкуниҳо ба ду намуд ҷудо менамояд: а) ҷалби шаҳрвандон ба кор дар мақомоти давлатӣ, ки барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ даъват шудаанд; б) иштироки ихтиёрии шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, муқовимат бо ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо [69, с. 179].

Олими ватанӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзоҳофизиён М.М. иттилоотонӣ ва машваратдиҳиро ҳамчун усулҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа медонад [142, с. 229]. Мо ба ин ақида то андозае розӣ шуда наметавонем, чунки иттилоотонӣ ва машваратдиҳӣ, ба фикри мо, шаклҳои ҳамкории милитсия бо шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо буда, усулҳои гуногуни амалигардониро доранд. Масалан, иттилоотонӣ оид ба масъалаҳои дахлдори ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби милитсия ба аҳолӣ ва ҳамчунин, дар ҳолати баръакс метавонад бо усули ғайримустақим (баромад дар телевизион ва радио, газета ва маҷаллаҳои ҷумҳуриявию маҳаллӣ, пахши маълумот дар шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва ғайра) ва мустақим (вохурии кормандони милитсия бо аҳолӣ, ҳисоботдиҳии нозирони минтақавии милитсия дар байни аҳолии минтақаи хизматӣ ва монанди инҳо) ба амал бароварда шавад. Машваратдиҳӣ бошад, ҳамчун шакли ҳамкории милитсия бо ҷомеа метавонад, ки тавассути усулҳои гуногун, аз қабили, маслиҳати ҳуқуқӣ ба аҳолӣ ва шахсони алоҳида, аз рӯи нақшаи корӣ ё аз рӯи муроҷиати шаҳрвандон ва монанди инҳо амалӣ карда шавад.

Гурӯҳи муаллифони ватанӣ чунин шаклҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеаро нишон додаанд: иттилоотонӣ (маълумотдиҳӣ); машваратӣ; усулӣ ва ташкилӣ [93, с. 35-36]. Ҳамчунин, чунин мепиндоранд, ки дар масъалаҳои нисбатан муҳим ва мубрами фаъолияти МКД ҳамкорӣ бо ВАО аҳаммияти калон дошта, дар якҷоягӣ бо онҳо ба амал баровардани пресс-конференсияҳо, брифингҳо, пресс-релизҳо ва дигар навъи мулоқот ҳамкории байни милитсия бо ҷомеаро тақвият бахшида, аз вазъи он шаҳрвандон бохабар мешаванд [58, с. 328-329].

Чи хеле ки қайд намудем, вобаста ба таҳлили масъалаи таҳқиқшаванда байни олимон ва муҳаққиқон фикру ақидаҳои якхела вуҷуд надорад, ҳарчанд ки чунин ақидаҳои назариявӣ якдигарро пурра мегардонанд. Яъне, агар яке аз онҳо шаклҳои ҳамкории МКД бо аҳолиро ба таври маҳдуд тасниф намудааст (Калюжный С.М), дигаре шакл ва усулҳои ҳамкориро бо дигар категорияи ҳуқуқӣ омехта менамояд (Васильев С.А) ва сеюмин чорабиниҳоеро, ки моҳиятан шакли ҳамкорӣ мебошанд, ҳамчун усулҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа номидааст (Мирзоҳофизиён М.М).

Таснифи шаклҳои ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои онҳоро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ки Музичук О.М. (ба истисноӣ таснифи вобаста ба хусусияти вазифаҳое, ки бояд иҷро шаванд) ва Каблов Д.С. пешниҳод намудаанд, мо ба мақсад мувофиқ медонем.

Барои боз ҳам аниқтар намудани масъалаи баррасишаванда моро зарур меояд, ки ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ аҳаммияти бештар диҳем. Тибқи талаботи моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», ки самтҳои асосии фаъолияти милитсияро ошкор менамояд, дар доираи муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» ва дигар қонунҳои ҶТ гузаронидани таблиғоти ҳуқуқӣ дар байни шаҳрвандон, шахсони мансабдор, дар корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳо [13], ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти милитсия муқаррар шудааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки гузаронидани таблиғоти ҳуқуқӣ дар байни субъектони мушаххас ҳамчун усули фаъолияти милитсия баромад намуда, метавонад, ки мазмунан яке аз усулҳои иттилоотикунонии милитсия нисбати ҷомеа бошад.

Илова бар ин, дар баъзе аз моддаҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» меъёрҳое муқаррар гардидааст, ки мазмунан ҳамчун шакл ё усулҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа баҳогузорӣ шуданашон мумкин аст, ҳарчанд ки зери сарлавҳаи алоҳида ҳамчун шакл ё усулҳои ҳамкорӣ муаррифӣ нагардидаанд. Мисол, бо мақсади пешгирӣ ва ошкор кардани ҷиноятқорӣ, шаҳрвандон метавонанд ба таври махфӣ бо мақомоти

милитсия мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ҳамкорӣ кунанд (моддаи 6); дар тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон иштирок намоянд, якҷоя бо дигар мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ беназоратии кӯдаконро пешгирӣ кунанд; барои ҳифзи шахс ва амволи шоҳидон, ҷабрдидагон ва дигар шахсоне, ки ҳаёт, саломатӣ ва моликияти онҳо аз сабаби расонидани ёрӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо зери хатар аст, тадбирҳо андешанд; амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар асоси шартнома муҳофизат намояд; шаҳрвандонеро, ки ба милитсия дар иҷрои вазифаҳояш кумак расонидаанд, ҳавасманд гардонад, таъйин гардидани мукофотро барои кӯмак кардан дар ошкор намудани ҷиноятҳо ва дастгир кардани шахсоне, ки онҳоро содир намудаанд, эълон кунад ва онро ба шаҳрвандон супорад (моддаи 10).

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» шаклҳои инфиродӣ ва дасдаҷамъонаи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ [29] муайян карда шудааст, ки аз рӯи назарияҳои илмии таҳқиқшуда мазмунан шаклҳои ҳамкории милитсия ва ҷомеа (шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо)-ро дар бар мегирад. Ҳамчунин, дар натиҷаи таҳлили амиқи қонуни зикршуда пай бурдан мумкин аст, ки дар баъзе аз моддаҳои он низ ба монанди меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», ки дар боло зикр ёфтанд, меъёрҳои алоҳидае вуҷуд доранд, ки мазмунан ин ё он шакли ҳамкории милитсия бо ҷомеаро ифода менамоянд. Мисол, дар моддаи 3 Қонун мубодилаи иттилоот ҳамчун яке аз принсипҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ акс ёфтааст. Моддаи 5 Қонун бошад, муқаррар кардааст, ки бо мақсади мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шаҳрвандон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ дар фаъолияти ҳамоҳангсозӣ, маслиҳатӣ, экспертӣ ва машваратии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ иштирок менамоянд.

Бо чунин мазмун дар Низомнома «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2024, №59 тасдиқ гардидааст, низ меъёрҳоеро муайян намудан мумкин аст, ки шаклҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеаро муайян менамоянд. Яъне, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими муносибатҳо оид ба фаъолияти милитсия ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, хусусан ҳамкории милитсия бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ собит менамояд, ки дар қонунгузории ҶТ мазмуни шакл ва усулҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа ҳамчун амали мутақобилаи ду ҷониб дар намудҳои меъёр - самти фаъолият, меъёр - принсип, меъёр - вазифа, меъёр - шакли ҳамкорӣ, меъёр - усули ҳамкорӣ ва ғайра пешбинӣ гардидаанд.

Вобаста ба таҳлили мафҳумҳои «шакл», «шакли ҳуқуқӣ» ва «шакли ҳамкорӣ», ки дар зербоби мазкур ва зербобҳои қаблии рисолаи диссертатсионӣ айён гардидаанд, зарур мешуморем, ки мафҳуми «шакли ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»-ро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пешниҳод намоем.

Инак, Шакли ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ин тарзи ифодаи амали берунӣ ва таъсири мутақобилаи мақсадноки байни милитсия ва шаҳрвандон мебошад, ки механизми баамалбарории он бо тарзу усулҳои ҳуқуқӣ ва иҷозатдодашуда муайян мегардад.

Вобаста ба таҳлили илмии муқаррароти қонунҳо ва санадҳои дохилиидоравии дар боло зикршуда, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии асосии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа мебошанд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар бахши танзими шаклҳои ҳамкории милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бенизомӣ ва парокандагӣ ба чашм мерасад. Аз сабаби он ки Қонун «Дар бораи милитсия» дар батанзимдарории муносибатҳо оид ба тамоми паҳлуҳои фаъолияти милитсия хусусияти умумӣ дорад ва санадҳои зерқонунӣ ва дохилиидоравӣ ба тамоми аҳолӣ хислати дастнорасӣ доранд, пас, зарурат ба пеш меояд, ки ба Қонун «Дар

бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки батанзимдарории муносибатҳоро мушаххас мегардонад, дар қисмати меъёрҳои танзимкунандаи шаклҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа, тағйироти зарурӣ ворид карда шавад.

Пешниҳод ба тағйирот бояд шаклҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа (шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ)-ро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ вобаста ба хусусияти ошкорогӣ ва махфият, барасмиятдарории шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, самти фаъолият, ҳайат (аъзогӣ), таъйиноти функсионалӣ, мазмуни вазифаҳо ва тартиби иҷрои онҳо ва ҷузъиёти ҳифзиҳуқуқӣ дар бар гирад.

Дар мавриди усулҳои мутақобила бошад, дар корҳои илмӣ ба онҳо хеле кам эътибор дода мешавад. Науменко Е.С. вобаста ба ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба ҳамкорӣ, ҳамкориро дар асоси баробарӣ ва ҳамкориро бо ташаббуси як тараф, ки бо ташаббуси мақомоти давлатӣ ва ё бо ташаббуси субъекти ҷомеаи шаҳрвандӣ имконпазир аст, фарқ мекунад [182, с. 10]. Ба ақидаи ӯ, шаклҳои амали мутақобила усулҳо ё тарзҳои муносиби амали мутақобиларо муайян мекунанд.

Вализода Н.Д. ба ақидаи Науменко Е.С. такя намуда, усулҳои ҳамкории мутақобилаи мақомоти корҳои дохилиро бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси баробарӣ, бо ташаббуси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ во бо ташаббуси МКД дар чунин намудҳо пешкаш намудааст:

- ҳамкорӣ дар асоси баробарӣ: машваратҳо, гуфтушунидҳо ва миёнаравӣ, гузаронидани чорабиниҳои муштарак, чорабиниҳои муштараки оммавӣ, муҳокима, аз ҷумла, муҳокимаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қабули санадҳои машваратӣ ва эъломияҳо;

- ҳамкорӣ бо ташаббуси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ: ташрифи намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба МКД, қабули роҳбарони ваколатдори онҳо, мурочиатҳо, муоинаи ҷамъиятӣ, назорати ҷамъиятӣ, ташаббусҳои гуногуни шаҳрвандӣ, иштироки фаъолона дар ҳалли масъалаҳои МКД;

- ҳамкорӣ бо ташаббуси МКД: мониторинги афкори ҷамъиятӣ, таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ, ташаккули он, гирифтани ризоияти ҷамъиятӣ, дастгирии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ [162, с. 110-111].

Ба андешаи мо, дар таснифи мазкури усулҳои мутақобилаи ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамчунин, ҳисоботдиҳии МКД дар назди аҳолии минтақаи хизматӣ (ҳамчун ҳамкорӣ дар асоси баробарӣ); омода ва нашр намудани воситаҳои таълимию омӯзишӣ аз ҷониби шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, аз ҷониби шуроҳои ҷамъиятии назди МКД (ҳамчун ҳамкорӣ бо ташаббуси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ); гузаронидани корҳои тарбиявӣ, тарғиботӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳо, омода ва нашр намудани тавсияҳои амалӣ, ҷалби ҷомеа дар баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ ва ташкил намудани нуқтаҳои сайёри қабули муроҷиатҳои шаҳрвандон (ҳамчун ҳамкорӣ бо ташаббуси МКД) бояд вуҷуд дошта бошанд.

Бояд қайд намуд, ки усулҳое, ки ба категорияи усулҳои ҳуқуқии ҳамкорӣ дохил мешаванд, барои ба вуҷуд овардани оқибати самараноки ҳамкорӣ ва расидан ба мақсади ҳамкорӣ нақши калон доранд. Мисол, муроҷиати шаҳрвандон ба таври инфиродӣ ё дар шакли дастаҷамъона ба МКД бо тартиби мурофиавӣ дида баромада шуда, оид ба ҳалли он санади муайяни ҳуқуқӣ қабул мегардад, ки оқибат як тарафро барои иҷрои ухдадориҳои муайян водор менамояд. Тибқи маълумотнома оид ба фаъолияти кори шуъбачаи «Алоқаи Мадад-и 1919»-и Раёсати нозироти-ташкилии ВКД ҶТ дар давоми панҷ соли охир (солҳои 2020-2024) ҳамагӣ 110212 адад зангҳо ба телефони боварии Вазири корҳои дохилӣ (221-21-21) ва «Алоқаи Мадад-и 1919» ворид гардидаанд, ки аз ин шумора ба 31012 адад муроҷиати шаҳрвандон кӯмакҳои саривақтӣ расонида шуда, гурӯҳҳои фаврӣ-тафтишотии МКД шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба суроғаи онҳо фиристода шуданд, инчунин, дар асоси

мурочиати шаҳрвандон 93 адад парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби ҷузъу томҳои ВКД оғоз карда шудааст.  Аммо, дар фарқият аз ин мубодилаи иттилоот дар баъзе ҳолатҳо метавонад, ки оқибати ҳуқуқиро ба вуҷуд наёрад. Мисол, аз ҷониби шаҳрвандон ба МКД ирсол гардидани иттилооте, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматии мақомот алоқамандӣ надорад ё чунин иттилоот аз рӯи мазмун аллакай беаҳаммият эътироф мегардад. Тибқи маълумотнома оид ба фаъолияти кори шуъбачаи «Алоқаи Мадад-и 1919»-и Раёсати нозироти-ташкилии ВКД ҶТ аз 17 апрели соли 2025, №4/34. 527 дар давоми панҷ соли охир (солҳои 2020-2024) ҳамагӣ 110212 адад зангҳо ба телефони боварии Вазири корҳои дохилӣ (221-21-21) ва «Алоқаи Мадад-и 1919» ворид гардидаанд, ки аз ин шумора 21606 адади он зангҳои беасос буда, ҳалли онҳо ба салоҳияти МКД дохил намешавад. Аз ин рӯ, ҳар як усули ҳамкории мутақобилаи МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд дар ин ё он шакли ҳуқуқӣ вобаста карда шавад (мурочиатҳо, нақшаҳои фаъолияти якҷоя, тартиб додани протокол аз натиҷаи ҳисоботдиҳии милитсия дар назди аҳолии минтақаи хизматӣ, сабти суҳбатҳои инфиродӣ бо шаҳрвандон дар дафтари қайдҳои суҳбатҳои инфиродӣ бо шаҳрвандон ва ғайра).

Дар мавриди усулҳои ҳуқуқии ҳамкории мутақобила сухан гуфта, маврид ба зикр аст, ки мавҷудияти онҳо ба фаъолияти МКД алоқамандии ногусастанӣ дорад. Чунки хусусияти фаъолияти хизматии МКД талаб менамояд, ки ин мақомот дар фарқият аз дигар мақомоти давлатӣ ба аҳолӣ наздиктар бошад. Аз ин рӯ, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар ҶТ [13; 29; 38; 44; 46; 47] меъёрҳоеро пешбинӣ менамоянд, ки ҳамкории мақомоти зикршударо бо аҳолӣ ҳатмӣ мегардонанд.

Дар МКД вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва дигар хусусиятҳои фаъолият нозирони минтақавии милитсия бо аҳолӣ, аз ҳамаи дигар воҳидҳои корӣ наздик мебошанд ва ҳамкорӣ байни ин субъектҳо бо истифода аз усулҳои зерин сурат мегирад:

- бо мақсади пурра омӯхтани вазъи оперативии минтақаи хизматии милитсия аз маълумоте, ки дар натиҷаи ҳамсуҳбат шудан бо аҳолӣ ва дар натиҷаи санҷиши арзу шикояти шаҳрвандон ба даст овардааст, истифода мебарад;

- дар вақти содир шудани садамаҳо, ҳодисаҳои нохуш, сӯхтор, ҳодисаҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулодда дар ҳолати зарурӣ ба аҳолии минтақае, ки ҳодиса содир гардидааст, хабар мерасонад;

- дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳиро доир ба роҳҳо ва тарзи муҳофизат, истифодаи воситаҳои муҳофизатӣ, худмудофиакунӣ аз ҷинояткорӣ ва дигар амалиёти зиддиҳуқуқӣ таъмин намуда, тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба воситаи ахбори оммаи маҳаллӣ аҳолиро огоҳ менамояд;

- дар минтақаи хизматии милитсия ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аҳолии минтақа ва шаҳрвандони алоҳидаро доир ба пешгирии ҷиноят, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар вақти баргузории чорабиниҳои оммавӣ ҷалб менамояд;

- барои гирифтани ахбор оид ба пешгирӣ, кушодани ҷиноят, дастгир намудани ҷинояткорони дар ҷустуҷӯйбуда, шахсони беному нишон гумшуда ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо бо шаҳрвандон муносибати боварибахш барқарор менамояд;

- бо мақсади пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноят бо дастгоҳи ёрирасон ва аҳли ҷомеа, ки нисбати шахсони гумонбар маълумоти оперативӣ доранд, алоқаи зич менамояд;

- на кам аз як маротиба дар се моҳ, дар назди аҳолии минтақаи хизматӣ ва на камтар аз як маротиба дар як сол дар назди вакилони халқӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ дар маҷлисҳои сокинони минтақаи хизматӣ оид ба вазъи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҷиноят, фаъолияти маъмурӣ, профилактикаи пешбурди корҳои инфиродӣ ва дигар самтҳои фаъолияти хизматӣ, ҳисобот медиҳад;

- ҳамкориро бо роҳбарон ва аъзоёни ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ғайридавлатӣ ва дигар корхонаҳо новобаста аз шакли моликияташон, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ саҳм доранд, барқарор намуда, шахсони зикршударо барои иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар вақти гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ ҷалб менамояд;

- дар вақти ба хизмати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ сафарбар намудани роҳбарон ва аъзоёни ташкилотҳои ҷамъиятӣ, кормандони ғайриштатии милитсия, аъзоёни дастёрони ихтиёрии милитсия ва дигар шаҳрвандон, бо онҳо дастурдиҳӣ гузаронида, оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноятҳои дар минтақа содиршуда ва ё содиршаванда онҳоро хабардор менамояд;

- натиҷаи фаъолияти корхона, муассиса, ташкилот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дастёрони ихтиёрӣ, кормандони ғайриштатии милитсия ва дигар шаҳрвандонеро ба таври ихтиёрӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ иштирок намудаанд, таҳлил ва ҷамъбаст намуда, ба сардори ШВКД, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъектони дахлдор оид ба ҳавасманд гардонидани онҳо таклифҳо пешниҳод менамояд;

- бо ҷалби шуроҳои ҷамъиятӣ ва роҳбарони дигар корхонаю ташкилотҳо ҷиҳати бурдани корҳои тарбиявӣ ҳамкории тарафайн барқарор менамояд [49].

Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи Низомномаи нозирони минтақавии милитсия дар вақти баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматии нозирони минтақавии милитсия аз тарафи он ҷалб намудани шаҳрвандон ба ҳамкорӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, муносибати боваринок барқарор намудан бо аҳолӣ ва гузаронидани суҳбату баромадҳо дар байни аҳолӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳо, ҳамчун маҳакҳои асосии баҳодиҳӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Чи тавре ки муайян гардид, нозири минтақавии милитсия дар минтақаи хизматӣ дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ҳамкориро ба роҳ монад. Аммо аз

маҳакҳои баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматии нозири минтақавии милитсия бармеояд, ки талабот оид ба усулҳои гуногуни ҳамкории ӯ нисбати аҳолӣ хеле кам ба инобат гирифта шудааст. Суҳбату баромад дар байни аҳолӣ ҳамчун маҳаки баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматии нозири минтақавии милитсия бояд аз ҳисоботдиҳии ӯ дар байни аҳолӣ фарқ карда шавад, аммо дар маҳакҳои баҳодиҳӣ ҳисоботдиҳӣ дар шакли алоҳида пешбинӣ нагардидааст. Ба ҳайси маҳаки асосии баҳодиҳӣ пешбинӣ нагардидани ҳисоботдиҳӣ дар фаъолияти хизматии нозири минтақавии милитсия, ки он субъекти асосии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар минтақаи хизматии дахлдор ба ҳисоб меравад, беаҳаммиятӣ ва беҳафсалагии нозири минтақавии милитсияро зиёд мегардонад, ки оқибат ба амалӣ накардани чорабинии мазкур мусоидат менамояд. Дар натиҷаи назарсанҷӣ аз ҳисоби шаҳрвандон 49,09%-и пурсидашудагон посух гардониданд, ки боре дар ҳисоботдиҳии нозири минтақавии милитсия иштирок накардаанд. 15,91%-и дигар бар он назаранд, ки нозири минтақавии милитсияи маҳалли зисти онҳо боре ҳам дар байни аҳолӣ ҳисобот пешниҳод накардааст. Зиёда аз ин, шумораи муайяни пурсидашудагон вобаста ба ин масъала тамоман мавқеи худро муайян накарданд [замимаи 2].

Аз ин рӯ, мо ҳисоботдиҳии нозири минтақавии милитсияро дар байни аҳолии минтақаи хизматӣ ҳамчун усули ҳамкории мутақобилаи байни милитсия ва ҷомеа эътироф намуда, зарурати ҳамчун маҳаки асосӣ ва ҳатмии баҳодиҳи ба фаъолияти хизматии нозири минтақавии милитсия муайян намудани онро бо чунин хусусиятҳо пешниҳод менамоем:

- яке аз усулҳои асосии дар амал татбиқ намудани ҳамкории милитсия бо ҷомеа мебошад;

- усули ҳамкории мутақобилаи ҳатмӣ (дар доираи талаботи санади ҳуқуқӣ муайяншуда) ва ҳуқуқӣ (аз натиҷаи баргузории он протоколи ҳисоботдиҳӣ ба расмият дароварда мешавад) ба ҳисоб меравад;

- боварии аҳолӣ ба шахси ҳисоботдиҳанда (корманди милитсия) зиёд мегардад;

- фазои мусоид барои кормандони милитсия ва аҳли ҷомеа ҷиҳати табодули афкор ба миён меояд;

- ҳисси масъулияти тарафҳо барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти минтақа бедор мешавад;

- заминаи мусоид барои ҷалби ҳар чи бештари аҳолӣ ҷиҳати бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноят ва дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ба миён меояд;

- шаҳрвандон аз натиҷаи фаъолияти корманди милитсия ва вазъи криминогении минтақа ва маҳалли зисташон бохабар мешаванд;

- роҳи дастаҷамъона ошкор ва ҳал намудани мушкилоти ҳалталаби мардум ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба хусусиятҳои зикршудаи ҳисоботдиҳии МКД дар байни аҳолии минтақаи хизматӣ мафҳуми онро бо чунин моҳият пешниҳод менамоем:

Ҳисоботдиҳии МКД дар байни аҳолӣ – усули ҳамкории мутақобилаи ҳатмӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар раванди он фаъолияти хизматии кормандони МКД оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, муқовимат ба ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар давраи муайян натиҷагирӣ карда шуда, аҳолӣ оид ба вазъи ҷойдоштаи тартибот, амнияти ҷамъиятӣ ва вазъи криминогении минтақаи зисти худ хабардор мегардад ва ҳалли мушкилоти асосии минтақаи хизматӣ бо дарназардошти фикру андешаҳои аҳолии минтақа ба амал бароварда мешавад.

Тибқи талаботи қонунгузории ҶТ [13; 29; 44; 46; 47], шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) бо амалӣ кардани усулҳои ҳамкории зерин бо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус МКД, дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ ёрӣ мерасонанд: таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми баргузор шудани

чорабиниҳои оммавӣ; тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани фарҳанг ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ; пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ба шахсоне, ки барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ майл доранд; иштирок дар фаъолияти ҳамоҳангсозӣ, маслиҳатӣ, экспертӣ ва машваратии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ; андешидани чораҳои таъхирнопазир барои бартараф кардани оқибати садамаҳо, зуҳуроти табиии хавфнок, фалокат, офатҳои табиӣ ё офатҳои дигар, пешгирӣ намудани онҳо ва расонидани кумак ба зарардидагон; пешгирӣ намудани беназоратии кӯдакон ва аз ҷониби ноболиғон содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ; иштирок дар таъмини амнияти шахсии шаҳрвандон, бехатарии ҳаракат дар роҳ ва бехатарӣ аз сӯхтор; манзур намудани пешниҳодҳо ба роҳбарони МКД оид ба беҳтар намудани фаъолияти МКД ва ҳамкории онҳо бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; муроҷиат ва дархост ба роҳбарони МКД ҷиҳати риояи рафтори хизматӣ ва қоидаҳои одоби касбӣ аз ҷониби кормандони милитсия; пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои ҳамкорӣ дар самти мустаҳкам намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бар зидди ҳуқуқвайронкунӣ ба мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; ташкил ва баргузор намудани конференсия ва семинарҳои омӯзишӣ; ташкили назоратбарӣ ҷиҳати ба инобат гирифтани дархостҳои ҷамъиятӣ дар ҷараёни таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, рушд ва такмили ҳамкории мақомоти милитсия бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳолӣ; назорати ҷамъиятӣ оид ба самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷавӣ, кумакҳои техникӣ ва грантҳо, ки аз тарафи донорҳо ҷудо карда мешаванд; расонидани кумакҳои машваратӣ, методӣ ва дигар намуди дастгириҳо ба фаъолияти МКД.

Яке аз падидаҳои муҳимме, ки дар раванди ислоҳоти милитсияи баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ [20; 24; 26], аз ҷумла, милитсияи ҶТ мақоми расмӣ гирифт, ин назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия ба ҳисоб меравад, ки бо гузаронидани чорабиниҳои мониторинги ҳарсолаи

натиҷаҳои фаъолияти милитсия, пешниҳоди ҳисобот оид ба фаъолияти хизматӣ, ташкил ва гузаронидани машваратҳои муштарак бо шуроҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ [44] амалӣ карда мешавад.

Сергиенко А.М. қайд менамояд, ки назорати ҷамъиятӣ институти муҳим ва воситаи асосии назоратии ҷомеаи демократӣ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад [148, с. 90].

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» назорат ба як маъно, ҳамчун назар кардан ва таҳти назар гирифтани рафтори касе [102, с. 887] ва ҷамъият ба маънои аҳолии шаҳре ё маҳаллае [103, с. 581] пешбинӣ мегардад. Бо ин мазмун, назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия, ин таҳти назорат қарор додани фаъолияти хизматии корманди милитсия аз тарафи аҳолии маҳалли истиқоматии муайян дар назар дошта мешавад.

Назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар якҷоягӣ бо милитсия дар қабули қарор, татбиқи он, иҷрои вазифаҳои ба дӯши мақомот гузоштаашуда ва ҳам дар натиҷагирӣ аз иҷроиши талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштироки фаъолона дошта бошанд.

Назорати ҷамъиятӣ воситаи асосии ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрвандон эътироф гардида, метавонад, ки ҳам дар шакли инфиродӣ ва ҳам дар шакли дастаҷамъона ба амал бароварда шавад.

Аз нигоҳи олимон ва муҳаққиқони илми ҳуқуқ ва назарияи идоракунӣ шаклҳои гуногуни назорати ҷамъиятӣ пешбинӣ мегардад.

Гончаров А.А. назорати ҷамъиятии байнидавлатӣ ва дохилидавлатии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро қайд менамояд. Ба ақидаи ӯ, назорати ҷамъиятии байнидавлатӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятии байналмилалӣ амалӣ карда мешавад, ки ба ҳудуди ягон давлат ва иттиҳодияи он алоқамандӣ надоранд. Назорати шаҳрвандии дохилидавлатӣ бошад, аз ҷониби шаҳрвандони давлат ё

иттиҳодияҳои онҳо дар сатҳи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ сурат мегирад [67, с. 13-17].

Сергиенко А.М. вобаста ба дараҷаи амалигардонии функсияҳои назоратӣ, назорати ҷамъиятии бевосита ва бавоситаро муайян намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки назорати ҷамъиятии бавосита дар шаклҳои таҳқиқоти ҷамъиятӣ ва журналистӣ, нашри маълумот, баромадҳои шаҳрвандон дар ВАО, муҳокимаи умумихалқии ташаббусҳои қонунгузорӣ ва назорати ҷамъиятии бевосита дар шакли иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар корҳои идоракунӣ тавассути мақомоти худидоракунии маҳаллӣ сурат мегирад [148, с. 91].

Одиназода А.Ш. ба он ақида аст, ки ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки мустақил аз давлат вуҷуд доранд, худташаккул ва худтанзимкунанда буда, дар шаклҳои гуногун бо давлат ҳамкории мутақобила доранд. Ҳамчунин, номбурда як қатор сабабҳоеро низ муайян намудааст, ки давлат ба ҳалли ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ таваҷҷуҳи зиёд дошта, чунин ҳамкорӣ ҳам дар шакли ёрӣ расонидан дар иҷрои вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳам дар назорат аз болои фаъолияти он зоҳир мешаванд [185, с. 49-52].

Моҳият, мақсад ва намудҳои назорати ҷамъиятиро аз рӯи ақидаҳои назариявии муҳаққиқони болозикр дар пешбурди фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии самараноки давлатӣ манфиатбахш ҳисобида, дар умум ба ақидаи Князев Р.М. оид ба он ки ҳамаи шаклҳои назорати ҷамъиятӣ имконияти дастрасии аҳолиро барои ба даст овардани иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор таъмин менамояд, ки ин таҳкурсии асосии ҳамаи давлатҳои демократӣ ба ҳисоб меравад, ҳамфикриро иброз медорем. Князев Р.М., ҳамчунин, қайд намудааст, ки ошкороии иттилоот дар фаъолияти мақомоти ҳокимият, шарти асосии муносибати инкишофёфтаи байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад [128, с. 37-38].

Қайд намудан бамаврид аст, ки милитсия низ яке аз сохторҳои таркибии мақомоти ҳокимияти иҷроия ба ҳисоб меравад [41], аз ин рӯ, назорати ҷамъиятӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз рӯи ақидаҳои дар боло зикршуда, назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсияро низ дар бар мегирад.

Вобаста ба таҳлили масъала, моро зарурат пеш омад, ки меъёри мушаххаси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки муносибатҳо оид ба назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсияро танзим менамоянд, баррасӣ намоем.

Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва Низомнома «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ» тартиби таъсис ва фаъолияти Шурои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилиро муайян намуда, баъзе аз ҳуқуқҳои онро дар соҳаи назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия дар шаклҳои зерин пешбинӣ намудаанд:

- ба роҳбарони МКД оид ба беҳтар намудани фаъолияти МКД ва ҳамкории онҳо бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳодҳо манзур менамояд;

- бо тартиби муқарраркардаи Вазири корҳои дохилӣ ҳангоми аз ҷониби шахсони мансабдори мақомот қабул намудани шаҳрвандон ва намояндагони шахсони ҳуқуқӣ оид ба ҳалли муроҷиати онҳо ҷиҳати барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон иштирок намояд;

- ба роҳбарони дахлдори МКД оид ба гузаронидани санҷиш дар бораи аз ҷониби кормандони МКД поймол намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, талаботи рафтори хизматӣ, меъёрҳои одоби касбӣ, дархост кунад, дар чунин санҷишҳо иштирок намояд ва бо натиҷаҳои онҳо шинос шавад;

- дар таҳияи лоиҳаҳои барномаҳо ва стратегияҳои давлатии муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, барномаҳои рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иштирок намояд;

- бо тартиби муқарраршудаи Вазири корҳои дохилӣ дар кори ҷаласаҳое, ки МКД мегузаронанд, иштирок кунанд;

- иттилооти шахсони мансабдори МКД-ро дар бораи фаъолияти МКД дар муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ шунаванд [29; 46].

Бояд қайд намуд, ки тибқи талаботи Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020, яке аз вазифа ва мақсадҳои асосии ислоҳоти милитсияро таъсиси низоми назорати ҷамъиятӣ дар фаъолияти милитсия, ташкил намуда [42], дар мухлати пешбинишуда пурра ҳалли худро наёфт, аз ин рӯ, тибқи Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, масъалаи мазкур ҳамчун масъалаи ҳалталаб имрӯз ва оянда боқӣ мондааст.

Дар Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 қайд карда шудааст, ки ҳамкории милитсия бо ҷомеа на танҳо дар самти огоҳонӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ амалӣ мегардад, балки барои ҷомеа шароит фароҳам оварда мешавад, ки назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсияро амалӣ намояд [44]. Аз ин рӯ, Барнома дар қатори арзёбии дохилиидоравӣ, ҳамчунин, арзёбии берунии назорати фаъолияти милитсияро пешбинӣ менамояд. Раванди арзёбии берунӣ бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо гузаронидани пурсиш ва назарсанҷии аҳолӣ амалӣ карда мешавад.

Чорабиниҳо оид ба назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия аз ҳамкории мутақобила ва хусусиятҳои ҳамкорӣ дар намуди шарикии иҷтимоӣ дарак медиҳанд. Аз ин бештар, бояд қайд намоем, ки дар самти назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия ҳуқуқҳои бештар ба шуроҳои ҷамъиятии назди МКД дода шудааст.

Шуроҳои ҷамъиятӣ мақоми намояндагӣ, ташхисию машваратӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мушоҳидавӣ мебошанд, ки ба роҳбарони МКД оид ба беҳтар намудани фаъолияти МКД ва ҳамкории онҳо бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳодҳо манзур менамоянд, ташхиси (экспертизаи) ҷамъиятии лоиҳаҳои санадҳои меъёри ҳуқуқии ғайримахфии мақомоти корҳои дохилиро дархост намуда, ҷиҳати холисона ва ҳаматарафа баҳогузорӣ намудани шахсони барои хизмат ба мақомоти милитсия

қабулшаванда дар кори комиссияҳои аттестатсионии Вазорат ва раёсатҳои ВКД, ки тартиби онро Вазири корҳои дохилӣ муайян мекунад, иштирок менамоянд [44; 46].

Қобили зикр аст, ки вобаста ба раванди баамалбарории ислоҳоти милитсияи тоҷик қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ дар назар аст, ки дар байни онҳо аз ҳама муҳим Қонуни ҶТ «Дар бораи политсия» эътироф мегардад. Аз ин рӯ, дар оянда Қонуни мазкур масъалаи назорати ҷамъиятии фаъолияти политсияро бо дарназардошти аз ҷониби ВКД дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО ва марказҳои тадқиқотӣ ба таври мунтазам гузаронидани мониторинги афкори ҷомеа ва воқеан ба инобат гирифтани фикру ақидаи ҷомеа ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли вазифаҳои хизматӣ оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бо мақсади ба даст овардани боварии ҷомеа, бояд танзим намояд.

Чи тавре ки болотар зикр намуда будем, дар фаъолият оид ба ҳамкорӣ бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз ҳама бештар нозирони минтақавии милитсия имконияти васеъ ва воқеӣ доранд. Чи хеле ки маълум аст, дар самти зикршуда фаъолияти нозирони минтақавии милитсияро шуъбаи дахлдори Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ВКД ҶТ ташкил ва назорат менамояд [48], аммо дар ин самти бисёр муҳимми фаъолият дар Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ то ҳол ягон воҳиди сохторӣ ва корӣ пешбинӣ нашудааст. Ҳамчунин, аз таҳлили низомномаи сохтори зикршудаи ВКД муайян мегардад, ки то ҳатто ягон вазифа ва функсияи мушаххас оид ба назорати фаъолияти нозирони минтақавии милитсия дар самти ҳисоботдиҳии онҳо дар назди аҳолӣ дар низомнома пешбинӣ нагардидааст. Фикр менамоем, ки дар ҳайати раёсати зикршуда таъсис додани сохтори алоҳида оид ба назорати ташкили кори нозирони минтақавии милитсия бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳисоботдиҳии он дар назди аҳолии минтақаи хизматӣ ё вазифагузории мушаххас ҷиҳати муайян намудани механизми ташкили фаъолият дар самтҳои зикршуда аз манфиат холӣ нест.

Бо дарназардошти таҳқиқи асарҳои илмӣ ва таҳлили муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, вобаста ба зербоби чоруми тадқиқоти диссертатсионӣ хулосаву пешниҳодҳои зеринро манзур менамоем:

1. Дар қонунгузории ҶТ мазмуни шакл ва усулҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа ҳамчун амали мутақобилаи ду ҷониб дар намудҳои меъёр - самти фаъолият, меъёр - принсип, меъёр - вазифа, меъёр - шакли ҳамкорӣ, меъёр - усули ҳамкорӣ ва ғайра пешбинӣ гардидаанд.

2. Мафҳуми шакли ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бо чунин мазмун ва моҳият ифода мегардад: «Шакли ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ин тарзи ифодаи амали берунӣ ва таъсири мутақобилаи мақсадноки байни милитсия ва шаҳрвандон мебошад, ки механизми баамалбарории он бо тарзу усулҳои ҳуқуқӣ ва иҷозатдодашуда муайян мегардад».

3. Шаклҳои ҳамкории милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бояд таснифотро вобаста ба хусусияти ошкорогӣ ва махфият, барасмиятдарории шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, самти фаъолият, ҳайат (аъзогӣ), таъйиноти функсионалӣ, мазмуни вазифаҳо ва тартиби иҷрои онҳо ва ҷузъиёти ҳифзиҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар бар гирад.

4. Ҳисоботдиҳии милитсия дар байни аҳолӣ ҳамчун маҳаки асосии баҳодиҳи ба фаъолияти хизматии корманди МКД арзёбӣ гардида, мафҳуми он дар чунин шакл пешниҳод мегардад: «Ҳисоботдиҳии МКД дар байни аҳолӣ – усули ҳамкории мутақобилаи ҳатмӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар раванди он фаъолияти хизматии кормандони МКД оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, муқовимат ба ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар давраи муайян натиҷагирӣ карда шуда, аҳолӣ оид ба вазъи ҷойдоштаи тартибот, амнияти ҷамъиятӣ ва вазъи криминогении минтақаи зисти худ хабардор мегардад ва ҳалли мушкилоти асосии минтақаи хизматӣ бо дарназардошти фикру андешаҳои аҳолии минтақа ба амал бароварда мешавад.».

5. Назорати ҷамъиятӣ ҳамчун усули ҳамкории мутақобилаи байни милитсия бо ҷомеа дар Қонуни ҶТ «Дар бораи политсия» бояд муайян карда шавад.

6. Дар ҳайати Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ВКД ҶТ бояд сохтори алоҳида оид ба назорати ташкили кори нозирони минтақавии милитсия оид ба ҳамкорӣ бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳисоботдиҳии он дар назди аҳолии минтақаи хизматӣ ё вазифагузории мушаххас ҷиҳати муайян намудани механизми ташкили фаъолият дар самтҳои зикршуда таъсис дода шавад.

## 2.3. Таҷрибаи мақомоти корҳои дохилии мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ

Дар мавриди таҳлили мафҳуму моҳият, асосҳои ҳуқуқии батанзимдарорӣ, механизм, шакл ва усулҳои ҳамкорӣ, аз ҷумла, ҳамкории мутақобилаи байни милитсия бо шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ба инобат гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҷустуҷӯи намунаҳои умумии ҳамкорӣ дар он аҳаммият дорад, ки дар асоси он бояд тадбирҳо оид ба беҳтар намудани ҳамкориҳо байни милитсия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираи ислоҳоти милитсия инкишоф дода шавад. Чунончи Кобетс П.Н. менависад: «Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ барои беҳтар кардани фаъолияти муштараки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва хадамоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ муҳим мебошад» [129, с. 59; 130, с. 33].

Қайд намудан бамаврид аст, ки принсипҳое, ки фаъолияти МКД кишварҳои хориҷӣ ва як қисми онҳо фаъолияти МКД ҶТ-ро ба танзим медароранд, аслан дар асри XIX ташаккул ёфтаанд. Агар ба таърихи ташаккул ва фаъолияти политсияи муосир назар андозем, муайян мегардад, ки он аз полиси Англия сарчашма мегирад ва асосгузори он Арбоби давлатӣ ва сиёсии Британия, асосгузори полиси муосир дар Британияи Кабир Роберт Пил ба ҳисоб меравад. Пил Р. ҳангоми таъсиси политсия як қатор принсипҳои асосиеро, ки фаъолияти мақомот тибқи онҳо бояд ба роҳ монда шавад, мураттаб намуд. Дар қатори принсипҳои дигар яке аз онҳо, ки мо онро метавонем ҳамчун аввалин сарчашмаи ҳамкории байни милитсия ва ҷомеа муаррифӣ намоем, ин принсипи «Политсия – ин ҷомеа ва ҷомеа – ин политсия» ба ҳисоб меравад [66, с. 9].

Омӯзиши саҳифаҳои таърихӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда ошкор менамоянд, ки дар давраи баланд шудани касбияти милитсия он аз аҳолӣ дур шуд. Ҳамчунин, дар он замон ақидае низ маъмул буд, ки мутахассисон кор ва фаъолияти ҳифзи ҳуқукро беҳтар медонанд ва дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ маҳорати бештар доранд. Аз ин сабаб,

иштироки аҳолӣ дар муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ нолозим дониста шуд, аммо дар оянда аҳаммияти ҳамкории милитсия бо аҳолӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳалли мушкилоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ беш аз пеш меафзояд [121, с. 113].

Агар таҷрибаи амалии субъектони таъмини амният ва тартиботи ҷамъиятиро дар давлатҳои ҷаҳон дар охири асри XX ва аввали асри XXI таҳлил намоем, муносибати нави консептуалиро дар иҷрои вазифаҳои соҳавии баррасишуда дарёфт менамоем, ки моҳияти асосии он «пешбурди дастаҷамъонаи бехатарӣ» мебошад ва он танҳо дар натиҷаи ҳамкории зичи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, милитсия бо аҳолӣ ба даст оварда мешавад.

Дар замони ислоҳоти ҳуқуқӣ ва хусусан, соҳавии милитсия хусусияти мавқеъгирии марказӣ ва муҷозотии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷойи худро ба мафҳуми башардӯстона ва дар айни замон, муассиртари «шарикии иҷтимоӣ»-и байни милитсия ва аҳолӣ дод, ки нуфузи милитсияро дар ҷомеа баланд бардошта, то андозае ба пешгирии самараноки ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат намуд. Дар ибтидо ин мафҳум дар кишварҳои дорои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ мувофиқи дархости ҷомеаи шаҳрвандӣ ва инкишофи он пайдо шуда, баъдан ба далели муассир буданаш дар дигар кишварҳо бо дарназардошти хусусиятҳои миллии онҳо паҳн гардид [137, с. 107].

Асоснокии муносибати консептуалии нави (муосири) ҳамкории байни милитсия ва ҷомеа дар ислоҳоти соҳа зоҳир гардида, падидаҳои навро дар фаъолияти амалии мақомот ва ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ касб намуд ё ба онҳо тақвият бахшид. Матлаб аз ин иддао дар он мебошад, ки ниҳодҳои ҷамъиятии дастаҷамъӣ ва инфиродии ҳамкории аҳолӣ бо милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ нерӯи нав гирифта, такмили фаъолияти ташкилӣ ва сохтори таркибӣ намуданд, вазъи ҳуқуқии онҳо дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

муайян ва такмил дода шуда, баъзе аз онҳо хусусияти фаъолияти асосӣ – ҳифзиҳуқуқӣ касб намуданд.

Айни замон дар Ҷумҳурии мардумии Чин Вазорати бехатарии ҷамъиятӣ дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар нақши муҳим дошта, ҳифзи сохти давлатӣ ва сиёсӣ, роҳбарияти олии давлат ва объектҳои муҳимми давлатӣ, пешгирӣ ва муқовимат бар зидди терроризм, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, муқовимат бо ҷинояткорӣ ва дигар вазифаҳои муҳимро иҷро менамояд. Қисми асосии ҳайати шахсии Вазорати бехатарии ҷамъиятиро политсияи мардумии кишвари Чин ташкил медиҳад.

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии мардумии Чин «Дар бораи политсияи мардумӣ» муқаррар гардидааст, ки политсия дар фаъолияти худ ба оммаи васеи мардум такя намуда, ба онҳо алоқаи зич доранд, эродҳо ва назорати ҷомеаро қабул менамояд [7], ки онҳо барои ташаккули ҳамкории муассир бо ҷомеа замина мегарданд.

Дунаева О.Н. таҷрибаи ташаккули ҳамкории байни политсия ва ҷомеаро дар Ҷумҳурии мардумии Чин мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки дар ин кишвар ба ташаккули симои мусбати (имиджи) политсия аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад. Ӯ зикр намудааст, ки кишвари Чин таҳти роҳбарии Вазорати бехатарии ҷамъиятӣ дар давраи соли 2000-2010 таҷрибаи кишварҳои хориҷиро фаъолона омухта, бо мақсади дуруст ба кор бурдани он якчанд конференсияҳои байналмилалӣ ташкил намуд ва дар онҳо мавзуъҳо, аз қабили, созмон додани технологияи эҷоди симои мусбати полис; ҳамкорӣ бо матбуот; иттилооти криминалӣ дар ВАО; фаъол намудани ҳамкории политсия ва аҳолӣ дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ; амалӣ гардонидани шаклу технологияи ҳозиразамон барои такмил додани фаъолияти политсия ва ғайра баррасӣ гардиданд. Вазорати бехатарии ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сохтори худ марказ оид ба ҳамоҳангсозии инкишофи муносибатҳои байни политсия ва ҷомеа, сомонаи мақомот бо номи «Муносибати фоидаовари байниякдигарии политсия ва ҷомеа»-ро

ташкил намуд. Ҳамчунин, барои кормандони политсия «Роҳнамо оид ба ташкили муносибатҳои мутақобилаи судманди политсия ва ҷомеа» нашр гардидааст, ки ҳамаи ин тадбирҳо барои амалӣ гардидани ҳамкории мутақобила, яъне, шарикии иҷтимоии байни политсия ва ҷомеа, мусоидат намудаанд [119, с. 111-113].

Дар Чин политсия ҳамчун ташаббускор ва ташкилотчии фаъоли ҷараёни ҳамкории ба ҳам фоидабахши байни политсия ва ҷомеа баромад менамояд, ки чунин ҳамкорӣ ҳадафҳои мушаххас ва натиҷаҳои пешбинишудаи зеринро дар бар мегирад:

- ба даст овардани фаҳмиш ва дастгирӣ аз тарафи ҷомеа;

- ташаккули симои мусбати полис (ҳамчун ташкилотчӣ);

- баланд бардоштани нуфӯзи касбии политсия (ҳамчун намояндаи алоҳидаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ);

- созмон додани муносибати бовариноки байни политсия ва ҷомеа, ки он барои ба таври самаранок ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амалигардии вазифаҳои политсия таъсир расонида метавонад [137, с. 108].

Хусусиятҳои ба амал баровардани ҳамкории мутақобилаи байни политсия ва ҷомеаро дар кишвари Чин метавон бо чунин мисол нишон дод. Дар кӯчаи Ли Тсзян (Цзян)-и шаҳри Харбин, ки ба 36 ҷамоатҳо (ноҳияҳои хурд) ҷудо карда шуда, дар онҷо зиёда аз 33 ҳазор оила (100 ҳазор нафар) зиндагӣ мекунанд, шуъбаи политсияе, ки ҳайати шахсии он иборат аз 64 нафар кормандони политсия мебошад, хизмат мерасонад.

Дар ҳудуди кӯчаи мазкур сохтмони пуршиддати биноҳои нави истиқоматӣ ва марказҳои тиҷоратӣ ҷараён дошта, аҳолӣ пайваста муҳоҷират менамояд, шахсони иҷоранишин шумораи хеле зиёд дошта, аз дигар мамлакатҳо низ шумораи хеле зиёди одамон ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ мавҷуданд ва чунин вазъият ҳолати криминогениро дигаргун намуда, зарурияти ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро беш аз пеш тақозо менамояд. Аз ин рӯ, бинобар сабаби ҳолатҳои дар боло зикршуда бо мақсади пешгирии ҷиноятҳо ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ минтақаи

хизматрасонӣ ба 25 дидбонгоҳи доимоамалкунанда (статсионарӣ) тақсим карда шуда, дар ҳар яки он байни кормандони полис гурӯҳи WeChat-и ба шуъбаи полис пайваст созмон дода шудааст. Кормандони полис дар хизмати чорбаста фаъолият намуда, хизмати онҳо аз рӯи барномаҳои «Дар бораи таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии политсияи шаҳрвандӣ», «Реҷаи махсуси хабардоркунии шуъбаи полиси Ли Тсзян» ва тартиби «Қабули шаҳрвандон дар шуъбаи полис» ба роҳ монда мешавад [140, с. 107].

Мансуров А.Ю – муовини Намояндаи ВКД ФР дар Ҷумҳурии мардумии Чин қайд менамояд, ки кори кормандони политсия оид ба ҳамкории мутақобила бо ҷомеа дар шуъбаи полиси Ли Тсзян дар се самти асосӣ ба роҳ монда шудааст:

Якум, қабули шаҳрвандон дар шуъбаи политсия (одилона рафтор намудан ва муносибати масъулиятнок ба ҳалли муроҷиатҳо (саволҳо, масоил, шикоятҳо); ҳамроҳӣ кардани шаҳрвандон дар рафти ҳалли масъала «аз дар ба дар»; дар ҳолатҳои зарурӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти шаҳрвандон расонидани муроҷиатҳои онҳо ба роҳбарияти олии мақомот.

Дувум, дароз кардани реҷаи корӣ дар шароитҳои зарурӣ (воқеӣ) ва хизматрасонии шаҳрвандон тавассути технологияҳои инноватсионии замони муосир, аз ҷумла, тавассути барномаи WeChat барои ҳалли масъалаҳои соҳибкорӣ, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, муҳофизат аз сухтор, кӯчонидани аҳолӣ ва ғайра.

Сеюм, иҷрои масъулиятноки кор дар дидбонгоҳҳои доимоамалкунанда ва диққати ҷиддӣ равона намудан ба корҳои профилактикӣ бо аҳолӣ тавассути алоқаи телефонии «боварӣ», занги фаврии «110».

Дар Ҷумҳурии мардумии Чин кормандони политсия барои ҳалли мушкилии бавуҷудомада ба оилаҳо, коллективи муассисаҳои таълимӣ, роҳбарони корхонаҳо, инчунин, ба иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва ассотсиатсияҳои онҳо муроҷиат намуда, бо онҳо ҳамкории мутақобила

ва самаранокро ба роҳ мемонанд, ки аз ин ҳисоб симои афсари полис дар ин кишвар намунаи мусбат ҳисобида мешавад. Политсия фаъолияти худро дар асоси принсипи дастаҷамъонаи ҳалли мушкилот ба роҳ монда, муваффақияти умумии бадастовардаро оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ натиҷаи ҳамкорӣ ва масъулияти дастаҷамъона медонад [214, с. 369].

Хусусиятҳои хосси модели шарикии ҳамкории политсия ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ин боварии шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ ва иштироки шаҳрвандон дар фаъолият оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии ҷамъиятӣ ба ҳисоб мераванд, ки Иёлоти Муттаҳидаи Америко (минбаъд – ИМА) таҷрибаи мусбати ҳамкории политсияро бо шаҳрвандон дар асоси чунин модел соҳиб буда, онро роҳи ҳал ва иҷрои муқаррароти барномаҳои махсуси соҳаи ҳифзи ҳуқуқ медонад.

Дар ИМА яке аз принсипҳои асосии фаъолияти политсияро «Шарикии фаъоли иҷтимоӣ» ташкил медиҳад, ки мувофиқи он ҷомеа ҳар чи бештар дар фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ ҷалб ва фаъол гардонида мешавад. Аҳолии ин кишвар, ки ҳамчун захираи муносиб барои баамалбарории амалҳои фаъолона эътироф мегардад, рисолати баланди шаҳрвандии худро дар бобати иҷрои қарзи шаҳрвандӣ оид ба мустаҳкамкунии қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ба таври хуб дарк менамояд. Дар байни шаклҳои самарабахши иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ инҳо хос мебошанд: ташкил намудани захираи политсия (ёрдамчиён); ташкили посбонии ҷойҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби дастаҳои ихтиёриён (отрядҳои волонтёрон); таъсиси воҳидҳои ҷамъиятии ҳифзи ҳуқуқ.

Захираи политсия, ки аз намояндагони ҷамъият иборат аст, ихтиёран ва ройгон вазифаҳои таъмини бехатарии ҷамъиятиро иҷро менамоянд. Онҳо аз тайёрии махсус мегузаранд ва барои пешгирии

ҳуқуқвайронкуниҳо ваколатдор мебошанд [206]. Киричёк Е.В. қайд менамояд, ки дар фаъолияти амалиии мақомоти давлатии баъзе аз давлатҳои хориҷӣ шаклҳои инфиродӣ ва коллективии иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст, ки ҳавасмандии ҷомеаро дар самти мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зиёд намуда, эътимод ба давлат ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқукро афзудааст. Чунончи захираи полис (ёрдамчиён) ва ниҳодҳои ҷамъиятии самти ҳифзи ҳуқуқ дар ИМА, нуқтаҳои таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷопон ва ғайра. Мақсади таъсиси чунин ниҳодҳои ҷамъиятӣ шинос кардани аҳолӣ бо фаъолияти политсия, ташаккул додани муносибати мусбат нисбат ба политсия ва мустаҳкам намудани алоқаи байни политсия ва шаҳрвандон мебошад [126, с. 42].

Барномаи «Посбонии хонаи ҳамсоя» (Neighborhood Watch Program) дар кишвари Амрико эътирофи васеи ҷомеаро пайдо намудааст. Моҳияти ин барнома аз он иборат аст, ки сокинон бо истифода аз алоқаи телефонӣ, шабакаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла, тавассути шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ (Twitter ё дигарон), ба афсарони полис дар бораи ҷиноятҳо хабар медиҳанд. Дар минтақаҳое, ки ин барнома амал мекунад, аслан шумораи ҷиноятҳо хеле коҳиш меёбад [151, с. 19].

Ташкили фаъолияти политсияи Амрико ба доктринаи иҷтимоии «тоқатнопазирӣ нисбат ба ҷиноят» (нулевой терпимости к преступлениям) асос ёфтааст, ки мувофиқи он ҳуқуқвайронкуниҳо бояд пешгирӣ карда шуда, ҷиноятҳои содиршуда ҷазо дода шаванд. Дар муносибат бо ҷомеа политсия ғояҳои фаъолияти политсияи ҷамъиятиро – «полис дар хизмати ҷомеа» (community policing), ки сиёсати анъанавии касбии муошират бо ҷомеаро иваз кард, роҳнамоӣ мекунад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки низоми баҳодиҳии фаъолияти департаментҳои политсия дар ИМА аз рӯи нишондиҳандаҳо нисбат ба якдигар дар ҳолати мухолифат қарор дорад. Яъне, аз як тараф, нишондиҳандаҳои стандартии оморӣ мавҷуданд, аз қабили шумораи

ҷиноятҳои ошкоркардашуда, парвандаҳои дар пешбурд қарордошта, сатҳи ҷинояткорӣ дар минтақаҳои алоҳида, шумора ва ҳолатҳои такроршавии ҷиноятҳо ва ғайра, ки бо гузориши кормандони политсия ба расмият дароварда шуда, бо хусусияти бюрократии худ сиёсати анъанавии касбии фаъолияти политсияро то ҳол намоён месозад. Аз тарафи дигар, бо паҳн шудани падидаи фаъолияти политсияи ҷамъиятӣ ба баҳодиҳии худи сокинони маҳаллӣ ба фаъолияти полис таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, дар баробари системаи анъанавии гузоришдиҳии полис, таҷрибаи пурсиши аҳолии маҳаллӣ вуҷуд дорад, ки воқеияти фаъолияти корманди политсияро оид ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ равшан намуда, ба зиёдаравии пешниҳоди маълумоти беасос ва сохтакоронаи соҳавӣ монеъ мешавад. Вобаста ба ҳамин масъала бояд қайд намоем, ки дар ҶТ баъд аз ба таври расмӣ қабул гардидани Қонун «Дар бораи политсия» мониторинги афкори ҷомеа мунтазам гузаронида шуда, натиҷаи он ҳамчун маҳаки асосии баҳодиҳӣ ба фаъолияти политсия баромад менамояд. Аз ин рӯ, бо мақсади дар оянда омода будани МКД дар гузаронидани мониторинг ва аз байн бурдани номутобиқатии нишондиҳандаҳои афкори ҷомеа дар алоқамандӣ ба воқеияти фаъолияти хизматии кормандони политсияи ҶТ, ки бархӯрди манфиатҳои тарафҳоро ба вуҷуд меорад, зарурияро тақозо менамояд, ки айни замон мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (аз ҷумла, шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ) ба таври шартӣ мониторинги афкори ҷомеаро оид ба фаъолияти хизматии кормандони мақомот амалӣ намуда, заминаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии гузаронидани чунин чорабиниро омода ва мустаҳкам намояд.

Саетгараев В.Ф. сиёсати ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандиро дар фаъолияти политсияи ИМА мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки фалсафаи тақсимоти вазифаҳо байни ҷомеа ва полис оид ба пешгирии ҷиноятҳо самараи хеле хуб дорад, аммо ҳам аз роҳбарони полис нисбат ба ҷомеа ва ҳам ҷомеа нисбат ба полис уҳдадориҳои зиёди иҷрои

вазифаҳои хизматӣ ва қарзи шаҳрвандиро талаб менамояд. Баъзе аз роҳбарони полис муқаррароти барномавиро оид ба ҷалби шаҳрвандон дар ин самт бо масъулияти баланд иҷро менамоянд. Яъне, роҳбарони мазкури политсия консепсияи панҷ қадами таҳия ва дастгирии Барномаи «Посбонии хонаи ҳамсоя»-ро риоя мекунанд, ки ин қадамҳо барои ҳар чи бештар ҷалб ва иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ нақши созгор дошта, аз инҳо иборатанд:

1. **Банақшагирии стратегия.** Пеш аз ҷалби ҷомеа, ташкилкунандагон бояд стратегияҳои муқовимат бо ҷиноятҳои ҳамшабеҳ ва стратегияҳои дурусти ҳамкории ҷомеа ва полисро таҳия намоянд.

2. **Омӯзиши полис.** Афсари ботаҷрибаи полис барои роҳбарии хадамоти муқовимат бо ҷинояткорӣ намунаи асосӣ эътироф гардида, ҷиҳати иҷрои бомуваффақияти Барномаи «Посбонии хонаи ҳамсоя» саҳми арзанда мегузорад.

3. **Баҳодиҳии (арзёбии) талаботи аҳолӣ.** Қадами мазкур баҳодиҳии муассири муносибат ва андешаҳои ҷомеаро дар бораи хизмати полис ва хусусиятҳои Барномаи «Посбонии хонаи ҳамсоя»-ро дар бар мегирад.

4. **Интихоб ва омӯзиши ихтиёриён.** Роҳбарони политсия бояд ба иштирокчиёни Барномаи «Посбонии хонаи ҳамсоя» курси омӯзишии босифат гузаронанд. Ҳамчунин, Департаментҳои политсия бояд вақти омӯзишии мувофиқ ба хоҳиши иштирокчиёрно интихоб кунанд, то ки шахсони обрӯманди минтақаи хизматӣ дар ин чорабинӣ иштирок карда тавонанд. Минбаъд иштирокчиёни курси омӯзишӣ барои аъзоёни нави Барнома ҳамчун шахси дастурдиҳанда баромад менамоянд.

5. **Таҳияи лоиҳаҳои пурмазмун.** Ба сарпарастон супориш дода мешавад, ки шавқу ҳавас ва қобилиятҳои аъзоёни гурӯҳро ба инобат гирифта, ҳангоми ҳамкорӣ муносибати эҷодкоронаро бо ҷалби сокинон ба роҳ монда, чораҳои ҳавасмандгардониро нисбати онҳо андешанд.

Иқдоми мазкур таваҷҷуҳи сокинони маҳаллиро ба Барнома нигоҳ медорад [146, с. 205-206].

Дар доираи Барномаи «Посбонии хонаи ҳамсоя» муносибати байни корманди политсия ва аъзоёни ҷомеа, ки дар пешгирии ҷиноятҳо иштирок мекунанд, дар сурати дақиқ муайян кардани нақшҳои онҳо хеле беҳтар мегардад. Корманди полис ва шаҳрванд ҳамчун шарик ҳамкорӣ намуда, дар иҷрои вазифаҳои барномавӣ мавқеи баробар доранд ва ба якдигар роҳбарӣ наменамоянд. Тоҳатто, дар амалиёти пешгирикунандае, ки аз тарафи шаҳрвандон амалӣ карда мешаванд корманди политсия роҳбарӣ наменамояд ва шаҳрвандони аъзои Барномаи «Посбонии хонаи ҳамсоя» ба ӯ итоат наменамоянд. Яъне, дар он ҷойҳое, ки стратегияи иштироки ҷомеа дар муқовимат бар зидди ҷиноядкорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дуруст таҳия гардидааст, дар масъалаи назорат аз болои Барнома ихтилоф ба вуҷуд намеояд. Дуруст тақсим намудани нақшҳои корманди полис ва шаҳрванд дар марҳилаи аввали банақшагирии пайроҳадории минтақа мунокишаҳоро ба таври назаррас коҳиш медиҳад ва ҳолати баръакси он бошад, шавқу ҳаваси иштирокчиёнро (шаҳрвандонро) аз сабаби дарк накардани рисолати шахсӣ дар ҳалли вазифа коста мегардонад.

Айни замон дар ИМА ва дигар мамлакатҳои ғарб (Канада, Британияи Кабир, Олмон ва ғайра) ҳамкории полис бо ҷомеа ва шаҳрвандони алоҳида, чун қоида, дар доираи барномаҳое, ки бо ташаббуси полис таҳия шудаанд («community policing» (политсияи ҷамъиятӣ) – политсияи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ бо иштироки аъзоёни ҷамъият) ба роҳ монда шудааст. Мафҳуми («community policing») «политсияи ҷамъиятӣ» аз се унсури асосӣ иборат аст: шуроҳои политсияи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ бо иштироки аъзоёни ҷамъият («community policing councils»); ҳамкории байниидоравӣ; ҷорӣ намудани вазифаи констабл (constables -корманди полис) оиди кор бо ҷомеаи шаҳрвандӣ («community constables») [149, с. 3-5, 9].

Дар воқеъ, полиси ҷамъиятӣ («community policing») на танҳо ба ҷалби ҷомеа ба фаъолияти мақомоти политсия мусоидат менамояд, балки имкон медиҳад, ки аъзоёни ҷомеа фикру ақидаи худро оид ба фаъолияти полис дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ озодона баён кунанд. Ҳамчунин, ин барнома ташаббусҳои сершумореро дар бар мегирад, ки аъзоёни ҷомеаро ба ҳалли вазифаҳои полис ҷалб намуда, ба ин васила, ба муносибати боэътимоди байни полис ва ҷомеа мусоидат менамояд.

Майоров В.И. ва Севрюгин В.Е. қайд менамоянд, ки бар асоси доктринаи «полис дар хизмати ҷомеа» («community policing»), таъкиди омӯзиши касбӣ дар академияҳои полиси ИМА ва Аврупо тағйир ёфт. Вобаста ба тағйир ёфтани нақши иҷтимоии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз кормандони политсия талаб карда мешавад, ки онҳо бояд сатҳи баланди таҳсилот, тафаккури интиқодӣ, дарки мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ ва ҳалли онҳоро дошта бошанд. Барномаҳои муосири омодагии иҷтимоӣ-психологии кормандони политсия барои муошират самараноки касбӣ бо категорияҳои гуногуни шаҳрвандон (ҷабрдидагон, шоҳидон, беморони руҳӣ, нашъамандон, шаҳрвандони синну соли гуногун ва ғайра), инчунин, омӯзиши ҳамкорӣ ва ҳалли ҳолатҳои мунокиша, ба таври фаъолона ҷорӣ карда шуданд [138, с. 99].

Дар таҷрибаи ҳамкории мақомоти полис ва ҷомеаи шаҳрвандии ИМА ҳамчунин фаъолияти ёрдамчиёни (волонтёрони) ихтиёрии политсия, ки фаъолияти онҳо аз ҷониби шуъбаҳои робита бо ҷомеаи полис идора карда мешавад, ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон оид ба кумаки политсия, ки дар назди департаментҳои политсия таъсис дода шудаанд, шуъбаи сайёри политсия (дар маркази шаҳри Вена фаъолият менамояд), барномаҳои «Назорати ҳамсоя», (дар Канада, Британияи Кабир, Фаронса ва Нидерландия низ чунин таҷриба амал мекунад) ва «Боз доштани ҷинояткорӣ» (Crime stoppers), нақши намоёнро соҳиб мебошанд [162, с. 140-143].

Яке аз кишварҳои дорои низоми ҳуқуқии англосаксонии Иттиҳоди Аврупо, ки муносибати муттамадинро ба ҳалли мушкилоти ҷиноятҳо мавриди таҷрибаи худ қарор додааст ин Шветсия мебошад. Кишвари мазкур Барномаи «Политсияи ҷамъиятӣ» (community policing) –ро дастгирӣ намуда, амалигардонии онро асоси талабот ба алоқаи мустаҳками байни политсия ва ҷомеа, баланд бардоштани сифатҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва тахассусии кормандони полис, аз ҷумла, тайёрии хуби касбӣ, ки афзалияти таҳсилоти олиро зиёд менамояд; интихоби кадрҳои баландсифат; риояи меъёрҳои стандартии рафтор, эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, медонад [138, с. 100-101].

Дар ҳаёти политсияи Шветсия ҷанбаи ахлоқии кормандонро бо таълимоти «Эҳтиром ба қонун аз эҳтиром ба шаҳрвандон оғоз меёбад» ифода менамоянд. Зеҳникунонии кор дар фаъолияти политсия ва баланд бардоштани музди меҳнати кормандони полис ба тасвири симои мусбати корманди полис мусоидат намуда, дар натиҷа ин касб дар давлат шуҳрат пайдо намуда, мақоми баланди иҷтимоиро соҳиб гардид [134, с. 151]. Дар алоқаманди ба он, маҳз дар кишварҳои Скандинавия оид ба фаъолияти политсия намунаи зерин муайян ва ба инобат гирифта шудааст – нишондиҳандаи маълумот ва сатҳи фарҳанги умумии кормандони полис ҳар қадар баландтар бошад, самаранокии фаъолияти касбии онҳо ҳамонқадар баланд мегардад.

Дар доираи стратегияи ба иҷтимоӣ нигаронидашудаи фаъолияти политсияи Шветсия муносибати «инсондӯстона» нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон ба миён омад. Яъне, мутобиқи ин консепсия ба ҳуқуқвайронкунандагон полис на танҳо ҳамчун ҷинояткороне, ки ба таъсири маҷбуркунӣ ниёз доранд, балки ҳамчун одамоне, ки «рафтори ҳуқуқии вайроншуда» доранд, бояд муносибат намояд ва дар муносибат ба онҳо на танҳо чораҳои маҳдудкунанда, балки ёрирасонӣ низ татбиқ карда шавад. Дар асоси амалигардонии чунин консепсия ба ин кишвар муяссар гардид, ки азнавҷамъиятикунонии маҳкумшудагон ва шахсони аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ озодшударо ба роҳ монад.

Дар Шветсия усули «фаъолияти политсияи ба проблемаҳо нигаронидашуда» («problem oriented policing») дар ҳама ҷо ва ба таври васеъ ҷорӣ карда шудааст, ки дар алоқамандӣ ба он муроҷиатҳои шаҳрвандон ба таври пурра ва саривақт омӯхта баромада шуда, сабаб ва шароитҳои мусоидаткунандаи ҳуқуқвайронкуниҳо таҳлил карда мешавад ва ҷиҳати аз байн бурдани онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Амалигардонии усули мазкури ҳамкории политсия бо ҷомеа ҳолатҳои даст ба амалҳои коррупсионӣ задани кормандони полисро то ҳадди ақал коҳиш додааст.

Таҷрибаи амалии мақомоти политсияи Шветсия аз рӯи усули «фаъолияти политсияи ба проблемаҳо нигаронидашуда» нишон дод, ки эътимоди шаҳрвандон ба фаъолияти политсия дар сатҳи баланд афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин, шаҳрвандони ин кишвар сатҳи баланди рафтори зериқонунӣ дошта, дар амалигадонии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба кормандони полис кӯмак намуда, дар мурофиаҳои судӣ ба таври фаъол ба ҳайси шоҳид ё шахси холис иштирок менамоянд.

Дар байни кишварҳои Осиё ва минтақаи Укёнуси Ором Ҷопон давлате мебошад, ки бо сатҳи пасти ҷинояткорӣ намоён буда, дар фаъолияти худ ҳамгироии технологияҳои муосир ва анъанаҳои пешинаи кориро ба роҳ мондааст.

Тибқи талаботи Конститутсияи Ҷопон, политсия мақомоти мустақили давлатӣ мебошад, ки дар тобеъияти ҳукумат қарор дошта, ба ягон вазорат ва идораи дигар итоат наменамояд [144, с. 44].

Аз соли 1954 сар карда, дар ҳама ҳуҷҷатҳои асосии соҳавӣ, аз ҷумла, Қонун «Дар бораи политсия», дар Ҷопон ҳангоми муайян намудани вазифаҳои политсия истилоҳҳои «огоҳонӣ», «пешгирӣ» ва «ёрӣ расонидан ба шаҳрвандон дар ҳамагуна душвориҳо» ҷой ва бартарӣ дорад.

Моҳияти асосии фаъолияти полиси муосири Ҷопонро профилактикаи ҷиноятҳо – ҳам дар ҳолати содиршавии якум бор, ҳам ҳолатҳои такрорӣ ва ҳам ҳолатҳои ретсидивӣ, дар ҳамкории зич бо дигар

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳамгироии фаъоли ҳамкорӣ бо аҳолӣ ташкил менамояд.

Дар назди ҳар як шуъбаи политсия «Шурои ҳамкорӣ бо аҳолӣ» таъсис дода шудааст, ки дар ҳайати он намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, кумитаҳои маҳаллӣ, маъмурияти маҳалҳои калони истиқоматӣ, кумитаҳои мактабҳо ва роҳбарони дружинаҳои ихтиёрӣ аъзо мебошанд.

Политсияи Ҷопон дар иҷрои вазифаҳои худ аҳолиро ба таври фаъолона ҷалб менамояд. Айни замон дар кишвари мазкур ба воситаи минтақаҳои (участкаҳои) хурди политсия бо номи «Кобан» (дар онҳо аз се то панҷ корманди полис фаъолият менамояд) дар шаҳрҳо ва «Чузайшо» (дар онҳо як корманди полис фаъолият менамояд) дар деҳот низоми фаъол ва шавқовару самарабахши ҳамкории политсия бо ҷамъият ба вуҷуд оварда шудааст. Яке аз кормандони полис ба таври доимӣ дар даромадгоҳи дари кушодаи бинои истиқоматӣ қарор гирифта, вазъиятро назорат менамояд, ӯ ҳамаро мебинад ва худаш низ намоён аст. Боқимонда кормандони полис асосан ба назорат ва азназаргузаронии ҷойи ҳодиса сафарбар мешаванд ва ба посбонии минтақаи хизматрасонӣ машғул мегарданд [65, с. 25]. Кормандони полис дар вақти пайроҳадорӣ шаҳрвандонро аз хатарҳои эҳтимолӣ, аз қабили истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва дигар моддаҳои зарароввар, ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ дар байни наврасону ҷавонон ва ғайра огоҳ менамоянд.

Ғайр аз ин, дар назди ҳар як шуъбаи политсия ҷузъу томи ташкилоти давлатӣ-ҷамъиятӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамоянд, ки онҳо аҳолиро оид ба масъалаҳои таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва пешгирии ҷиноятҳо хабар медиҳанд, маълумотро оид ба ҳодисаҳои баамаломада ба политсия мерасонанд, бо шаҳрвандоне, ки ба ҷузъу томи политсия муроҷиат намудаанд, суҳбат мегузаронанд ва вобаста ба муроҷиати шаҳрвандон оид ба ҳодисаи ҷиноят аз рӯи хоҳиши онҳо ба политсия хабар медиҳанд.

Илова бар ин, дар корхонаҳо таҳти роҳбарии полис сохторҳои ҳифзиҳуқуқӣ ташкил карда мешаванд. Фаъолияти чунин сохторҳои ташкилӣ махсусан дар ҷойҳое пурсамар аст, ки хавфи қурбонии ҷиноят шудани шаҳрвандон ё ҳолатҳои содиршавии ҷиноят мавҷуд мебошад. Яке аз чунин созмонҳое, ки бо ноболиғон кор мекунад ин ассотсиатсияи «Бародарони калон ва хоҳарон» ба шумор меравад, ки дар ҳама профектураҳои Ҷопон таъсис дода шудааст [144, с. 44].

Ташкилоти маъруфи давлатӣ-ҷамъиятии Ҷопон ин ассотсиатсияи «Таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ» мебошад, ки воҳидҳои сохтории он аз сатҳи миллӣ то маҳаллӣ дар ҳар як шуъбаи полис фаъолият менамоянд. Зинаҳои охирини чунин ташкилот ин нуқтаҳои алоқаи пешгирии ҷиноятҳо ба ҳисоб мераванд. Барои ҳар як панҷоҳ оила як нуқта мавҷуд мебошад. Ализода Н.Д. бовар дорад, ки чунин таҷрибаро бомуваффақият дар шароити ҶТ мутобиқ кардан мумкин аст [162, с. 126]. Аммо, хусусиятҳои мутобиққунии таҷрибаи мазкури Ҷопонро дар Тоҷикистон баррасӣ накардааст. Мо низ ба пешниҳоди олими ватанӣ ҳамфикр буда, чунин хусусиятҳои мутобиққунии таҷрибаи зикршударо пешниҳод менамоем:

- ҳар чи бештар мусоидат намудан барои таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки тибқи оинномаи бақайдгирӣ мақсади ҳифзиҳуқуқӣ доранд;

- дар оинномаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии амалкунанда ворид намудани самти фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо;

- таъсис додани ассотсиатсияҳои ҳамоҳангсозии шуроҳои ҷамъиятии амалкунандаи назди мақомоти корҳои дохилӣ;

- тақвият бахшидани фаъолияти ситодҳои дастёрони ихтиёрӣ;

- ҷалби бештари шаҳрвандон ба ҳамкорӣ бо милитсия дар ҳайати дастаҷамъӣ (шакли ташкилӣ-ҳуқуқии дастаҷамъонаи ҳамкорӣ).

Дар Полша муайянкунандаи нишондиҳандаи таъмини тартиботи ҳуқуқӣ бо иштироки шаҳрвандон сатҳи эътимоди мардум ба полис

мебошад. Бо баланд шудани сатҳи иқтисодиёт ва некӯаҳволӣ шаҳрвандон ба кори политсия бештар диққат дода, зарурати ҳамкорӣ ва масъулияти худро барои иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дарк намуданд. Дар натиҷа дар шаҳраку деҳотҳо шарикии иҷтимоӣ фаъол гардид. Политсияи Полша ҳанӯз соли 1995 барномаи «Шаҳри бехатар»-ро амалӣ намуд [162, с. 117]. Барномаи мазкур кори политсияро ба сатҳи нав бурда, нигоҳи онро ба сӯи ҷамъият дигар мекунад ва ба назар гирифтани ташаббуси шаҳрвандонро дар муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби политсия талаб менамояд.

Политсияи Нидерландия барои таъмини амнияти кӯдакон ва мактаббачагон, аз ҷумла, дар рӯзҳои таътили тобистона барномаҳои мухталиферо анҷом медиҳад. Барои амалӣ кардани барномаҳо гурӯҳҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо ва ҳамсояҳо ҷалб карда шуданд. Ҳамаи чунин ташаббусҳои андешидашуда ба баланд шудани сатҳи худшиносӣ, ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат намуда, мавқеи фаъоли шаҳрвандонро дар иҷрои вазифаҳо оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба вуҷуд овард [132, с. 93-94]. Дар иртибот ба ин масъала, назари муҳаққиқон оиди он ки ҷалби ёрдамчиёни ихтиёрӣ (волонтёрон) имкон медиҳад, ки бо хароҷоти ҳадди ақали молиявӣ ба натиҷаҳои баланд ноил гардид [62, с. 20], сазовори дастгирӣ мебошад.

Дар ҳақиқат, вобаста ба омӯзиши таҷрибаи давлатҳои гуногун, ки дар боло зикр гардиданд, муайян мегардад, ки онҳо ба ҷалби ҷомеа дар ҳалли вазифаҳои давлатӣ, бахусус, иҷрои вазифаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бештар аҳаммият медиҳанд ва ҳавасманд мебошанд. Аз нигоҳи мо, ҳавасмандии давлат оид ба ҷалби ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ чунин хусусиятҳои тавсифкунандаро соҳиб мебошад:

- ҷомеа худ сарчашмаи асосии маълумот дар бораи ҷиноят, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва вайронкуниҳои тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад;

- эҳёи ҷомеаи бехатар яке аз унсурҳои асосии таъмини шароити арзанда ва осоиштаи ҳаёти шаҳрвандон буда, барои аҳолии воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор аҳаммияти бештар дорад;

- ҳамкорӣ дар асоси шарикии иҷтимоӣ шумораи шаҳрвандони ҳамкорикунандаро бо кормандони МКД бомаротиб зиёд гардонида, ба самаранокии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамояд;

- қисме аз сарбории кормандони мақомот аз ҳисоби қувва ва воситаҳои ҷомеа иҷро карда мешавад;

- иштироки шаҳрвандон дар ҳалли вазифаҳои МКД (татбиқи сиёсати давлат оид ба муқовимат ба ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ) аслан ба буҷети давлат таъсир намерасонад, чунки онҳо барои чунин фаъолият маоши вазифавӣ намегиранд;

- иштироки шаҳрвандон дар ҳалли вазифаҳои ҳифзиҳуқуқии давлат ба талаботи консепсия ва стратегияҳои давлатӣ оид ба интихоби номзадҳои арзанда ба кор дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, устуворгардонии пояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд.

Баженина И.В. хусусиятҳои ташкили фаъолияти политсияи давлатҳои хориҷиро дар соҳаи ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода, якчанд моделҳои ташкили фаъолияти политсияи давлатҳои хориҷиро, ки дар асоси муколамаи созанда бо ҷомеаи шаҳрвандӣ сохта шудаанд, муайян намудааст, ки аз инҳо иборат мебошанд:

- политсияи демократӣ (Democratic Policing);

- политсияи ҳифзиҳуқуқӣ (Human Rights Policing);

- политсияи ҷамъиятӣ (Community Policing);

- политсияи ба ҳалли масоил нигаронидашуда (Problem-oriented Policing);

- политсияи ҳамсоягӣ (Neighbourhood Policing);

- политсияи дастгирӣ (Reassurance Policing);

- политсияе, ки фаъолияташ ба шаҳрвандон нигаронида шудааст (Citizen Focused Policing);

- политсияе, ки бо арзишҳо асос ёфтааст (Value-based Policing) [115, с. 20-21].

Тибқи модели политсияи демократӣ вазифаҳои асосии политсияро таъмини тартиботи ҳуқуқӣ; эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандон; пешгирии ҷиноятҳо ва муқовимат бар зидди онҳо; расонидани ёрӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ташкил менамоянд. Фаъолияти политсияи демократӣ бештар дар ҷомеаҳои дар давраи гузариш қарордошта, амал мекунад [152, с. 38-39].

Бинобар маълумоти Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, политсия намоёнтарин зуҳуроти ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки иҷрои вазифаҳои таъхирнопазирро оид ба таъмини беҳбудии шахсони алоҳида ва ҷамъият ба амал мебарорад. Инчунин, демократияи намояндагӣ барои ҳамаи давлатҳои ҷаҳон низоми асосии идоракунӣ ва меъёри қонунияти сиёсӣ гардидааст, ки он аз вобастагии мутақобилаи баланди байни демократия ва ҳуқуқҳои инсон бармеояд [215, с. 42].

Мувофиқи тавсияҳои Созмони Милали Муттаҳид, фаъолияти политсияи ҳифзиҳуқуқиро амалӣ намудани сиёсати васеъмиқёс дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон; ворид намудани меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ ба оинномаи политсия; ба таври мунтазам ташкил намудани чорабиниҳои омӯзишӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон ҳамчун қисми тайёрии касбии кормандони полис; тақвият бахшидан ба рафтори ахлоқӣ ва одоби касбии кормандони полис; таъмини ҳамкорӣ бо ташкилотҳои миллӣ ва байналхалқии ҳифзи ҳуқуқи инсон, ташкил менамояд [207].

Ҳифзи ҳуқуқи инсон на танҳо дар кишварҳои Аврупо, балки дар кишварҳои Осиё низ ҷузъи муҳимми фаъолияти полис (милитсия) гардидааст. Масалан, яке аз самтҳои асосии фаъолияти политсияи Ҷумҳурии мардумии Чин ва, ҳамчунин, милитсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистонро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз амалҳои ғайриқонунӣ ташкил менамояд [7; 13].

Фаъолияти политсияи ҷамъиятӣ ба риояи қонун, ба даст овардани ризоият ва кам кардани маҳдудиятҳо ба озодии шаҳрвандону дахолати нолозим ба ҳаёти шахсии онҳо аз ҷониби политсия, нигаронида шудааст. Унсурҳои асосии фаъолияти политсияи ҷамъиятиро масъулият ва механизми самарабахши баррасии шикоятҳо аз амалҳои полис ташкил менамоянд.

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо принсипҳои асосии модели фаъолияти политсияи ҷамъиятиро муайян намудааст, ки аз инҳо иборатанд: ҳамгирой бо ҷомеа; қонуният; эътироф ва дастрасӣ; ҷавобгарӣ; муносибати фаъолона ба ҳалли мушкилот; масъулиятшиносӣ [208].

Модели политсияи ҷамъиятӣ дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, кишварҳои Осиё маъмул гардидааст. Хусусиятҳои модели мазкур ба пуррагӣ дар фаъолияти политсияи Гонконг, ки асосан анъанаҳои кории политсияи Британияи Кабирро ба худ ҳамчун намуна қарор додааст, дида мешавад. Филиппин ва Таиланд яке аз ҳадафҳои асосии ислоҳоти политсияро таҳкими эътимоди мардум ба фаъолияти политсия ва дар ин замина ёрӣ расонидани аҳолӣ дар таъмини амнияти ҷамъиятӣ эътироф намуда, бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкории мутақобилаи зич менамоянд [216, с. 115; 219, с. 83-90; 220, с. 89].

Сарфи назар аз кӯшишҳо дар раванди ислоҳоти милитсия (политсия), дар мамлакатҳои Осиё ба чашм мерасад, ки дар созмон додани барномаҳо ва принсипҳои модели политсияи ҷамъиятӣ ба пуррагӣ муваффақ нашудаанд. Аз ин зиёда, тибқи маълумоти сарчашмаҳои илмӣ маълум мегардад, ки дар баъзе аз давлатҳо ҳамкории зичи полис бо ҷомеа мушкилотро низ ба вуҷуд овардааст. Масалан, дар Ҳиндустон [215, с. 41-42] ва Корея [218, с. 158-163] дар натиҷаи амалигардонии шарикии ҷомеа бо полис ҳолатҳои ҷалби аъзоёни

ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ҷосус ва истифодаи маълумоти онҳо ба мақсадҳои ғаразнок ошкор карда шудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки мавҷудияти модели политсияи ҷамъиятӣ хусусиятҳои идоракунии марказонидашудаи политсияро коста мегардонад. Яъне, ваколати қабули қарорҳо ва идоракунии захираҳо аз сатҳи шахсони мансабдори мақомот ба афсарони полис воқеъ дар минтақаҳои хизматӣ интиқол дода мешавад. Ба афсарони полиси сатҳи поёнӣ мустақилияти бештар дода мешавад ва роҳбарони бевоситаи онҳо асосан нақши ҳамоҳангсозӣ ва ёрирасониро ба уҳда мегиранд. Афсарони сатҳи поёнии полис, ки асосан субъектони асосии ҳамкорӣ бо ҷомеа мебошанд, бо шаҳрвандон ба таври шаффоф ҳамкорӣ намуда, оид ба натиҷаи фаъолияти хеш ҳисобот медиҳанд ва барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ масъулияти бештарро ба дӯш мегиранд.

Модели политсияи ба ҳалли проблемаҳо нигаронидашуда ба таҳлили муфассал ва ҳалли мушкилоте, ки дар ҷараёни фаъолияти ҳаррӯза дучор меояд, бо ҳамкории фаъол бо ҷомеа ва аҳолии маҳаллӣ асос меёбад. Самаранокии кор ва фаъолияти полис аз тарафи шаҳрвандон бодиққат назорат ва баҳо дода мешавад. Модели мазкур дар солҳои 70-уми асри XX дар муқобил ба шакли анъанавии фаъолияти полис пешбарӣ карда шудааст. Дар ИМА (Иёлоти Аризона) Маркази фаъолияти политсияи ба ҳалли масоил нигаронидашуда амал менамояд, ки аз рӯи пешниҳоди маълумоти лозимӣ (ахбор) оид ба роҳҳои самаранок ва одилонаи ҳалли мушкилоти мушаххаси ҷиноятқорӣ чораҳои зарурӣ меандешад [209].

Фаъолияти политсияи ба ҳалли масоил нигаронидашуда на танҳо ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, балки ба ҳалли дигар мушкилот, аз қабили нигоҳубини биноҳо ва иншооти фарсудаю бекорхобида, воситаҳои нақлиёти азкормонда, муносибати бераҳмона нисбат ба ҳайвонот, зӯроварӣ дар оила ва беэътиноӣ нисбат ба аъзоёни оила, талбандагӣ, истифодаи таҷҳизоти садотақвиятдиҳандаи бе иҷозат истифодашаванда, пешгирии майзадагӣ, нашъамандӣ ва дигар

мушкилоти дар минтақаи хизматӣ бавуҷудомада равона гардидааст. Модели мазкур ба воситаи тарзу усулҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Яке аз намунаҳои таҷрибаи фаъолияти политсияи ба ҳалли проблемаҳо нигаронидашуда лоиҳаи политсияи Гонконг бо номи «Ситораи қутбӣ» [210] ба ҳисоб меравад. Ҳайати амаликунандагони лоиҳа аз чор корманд иборат буда, бо истифода аз усулҳои ғайрирасмӣ, дӯстона ва иттилоотӣ-таблиғотӣ ва дар ҳамгироии байниидоравӣ ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғро ба лоиҳа ҷалб менамоянд. Ҷалби шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои дахлдори иҷтимоӣ дар пешгирии ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон содиршавандае, ки ба лоиҳа ҷалб гардидаанд, такроран содир кардани ҷиноятҳоро аз ҷониби онҳо хеле ба сатҳи паст бурдааст.

Политсияи ҳамсоягӣ (маҳаллӣ) фаъолияти худро ба таври доимӣ дар паҳлуи шаҳрвандон ва ҷомеа амалӣ менамояд. Онҳо наметавонанд, ки одамонро ҳабс кунанд ё боздошт кунанд, аммо онҳо метавонанд ҷаримабандӣ кунанд, машрубот ва тамокуро аз ноболиғон мусодира кунанд ва дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқвайронкуниҳои камаҳаммиятро ҳал кунанд. Афсарон қудрати истифодаи қувваи оқилона доранд, аммо интизор меравад, ки ба таври ғайримуқаррарӣ фаъолият намуда, аз ҳар гуна коре, ки барои онҳо хатар дорад, худдорӣ намоянд. Дар ин шакли фаъолияти политсия нақши асосӣ ба нозири политсияи ҳамсоягӣ (хизматчии шаҳрвандӣ), ки бо аҳолии маҳаллӣ ҳамкорӣ менамояд, дода мешавад ва салоҳияти ӯ дар ҳамин доира маҳдуд карда мешавад [86, с. 90].

Агентии миллии такмили фаъолияти политсияи (National Policing Improvement Agency) Британияи Кабир хусусиятҳои фарқкунандаи модели политсияи ҳамсоягиро равшан менамояд: дастрасӣ ба политсияи маҳаллӣ тавассути намояндаи он; таъсир расонида тавонистани аъзоёни ҷомеа ба нақша ва афзалиятҳои политсия; амалиёти муштараки полис бо шарикон ва ҷомеа; алоқаи бозгашт аз аҳолӣ. Тибқи иттилои Агентӣ вазифаи асосии политсияи ҳамсоягӣ барои муайян кардани масъалаҳои

ҷомеаро нигаронкунанда ва ҳаллӣ онҳо, ҳамкорӣ бо аҳолии маҳаллӣ бо мақсади коҳиш додани таъсири ҷиноят ва бетартибиҳо дар ҷомеа, равона карда шудааст. Принсипи асосии фаъолияти политсияи ҳамсоягиро розигии ҷомеа ташкил менамояд. Барои амалӣ кардани модели фаъолияти политсияи ҳамсоягӣ (маҳаллӣ) дар Британияи Кабир сомонаи махсуси миллии интернетӣ таҳия ва дастрас карда шудааст, ки тавассути он ҳамкории полис бо аҳолии маҳаллӣ самаранок ба роҳ монда шуда, аз ҷониби полис ба аҳолии маҳаллӣ дар ҳалли мушкилоти бавуҷудомада кӯмак расонида мешавад [211].

Политсияи дастгирӣ модели ташкили фаъолияти политсияе мебошад, ки хусусиятҳои он ба таври васеъ дар таҷрибаи фаъолияти политсияи Уэлс истифода мешавад. Политсия ба зангҳои телефонии сокинон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои эҳтимолӣ бо назардошти фикру ақидаи онҳо дар ҳалли ҳамагуна ҳуқуқвайронкуниҳо тамаркуз менамояд. Аз ҷиҳати назариявӣ модели мазкурро профессори Институти таҳқиқоти ҷиноятkорӣ ва бехатарии Донишгоҳи Кардиффи Британияи Кабир Мартином Иннесом пешниҳод намудааст [217, с. 176-179]. Таҳқиқоти таҳти роҳбарии ӯ гузаронидашуда нишон дод, ки рафторҳои зиддиҷамъиятии ҷавонон, ҳамчунин, масъалаҳои марбут ба воситаҳои нашъадор алоқаманд, ба ҳайси проблемаҳои ҳукмфармое баромад менамоянд, ки онҳо эҳсоси ноамнии аҳолиро ба вуҷуд меоранд. Инчунин, кирдорҳои ҷиноятӣ дар рӯйхати мушкилоти ҷамъиятӣ нишон дода шуданд, аммо бо дигар шаклҳои ҳуқуқвайронкуниҳо омехта буданд. Ҳамин тариқ, дар консепсияи ҷиноятҳои эътирози ҷомеаро бавуҷудоваранда нишон дода шуд, ки сатҳи зарари расонидашавандае, ки алоқаманд ба мушкилоти маҳаллӣ мебошанд, ба таърифи воқеии ҷиноятҳои мазкур, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд, вобастагӣ надоранд. Ин номутобиқатӣ «фосилаи эътимод» ном гирифтааст. Барои аз байн бурдани чунин номутобиқатӣ, ки яке аз сабабҳои асосии коҳиш додани сатҳи боварии ҷомеа ба фаъолияти политсия буд, Барномаи миллии баланд бардоштани боварӣ ба фаъолияти политсия ҳамчун яке аз

ташаббусҳои охирин ба ҳисоб мерафт, ки аз ҷониби ҳукумат ва политсия маблағгузорӣ карда шудааст. Мақсади асосии Барнома аз беҳтар намудани муносибати ҷомеа бо полис ва аз байн бурдани мушкилиҳое иборат буд, ки эътимод ва боварии ҷомеаро ба фаъолияти политсия коҳиш медоданд.

Модели мазкур ваколатҳои бештари полисро ҳангоми пайроҳадорӣ (посбонӣ) дар алоқамандии зич бо ҷомеа муайян намуд. Тибқи он, пеш аз ҳама, вокӯниши қувваи политсия бояд ба зангҳои телефонии сокинони маҳаллӣ дар ҳолатҳои авҷгирии ҷиноят ё бетартибиҳои ҷамъиятӣ ва таъмини боварии сокинони маҳаллӣ ба фаъолияти политсия, ки он ҳамчун мақомоти таъминкунандаи бехатарии онҳо ба ҳисоб меравад, равона гардад.

Стратегия аз се ҷузъи асосӣ иборат аст, яъне: ташкили пайроҳадории минтақаи хизматӣ аз ҷониби афсарони намоёни полис; мубориза бо ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои зуд-зуд содиршаванда; назорати ҷамъиятии ғайрирасмӣ аз ҷониби ҷомеаи маҳаллӣ [213, с. 129-131].

Модели политсияе, ки фаъолияташ ба шаҳрвандон нигаронида шудааст, барои баланд бардоштани боварии мардум ба фаъолияти политсия пешбинӣ шудааст. Агентии миллии такмили фаъолияти политсияи Британияи Кабир таҷрибаи беҳтарини полисро, ки ба шаҳрвандон нигаронида шудааст, баррасӣ намудааст. Як қатор ҷузъу томҳои политсияи Британияи Кабир фаъолияти худро оид ба таҳлили эҳтиёҷоти мизоҷон (корафтодагон) шурӯъ карданд. Муайян ва таҳлил карда мешуд, ки дар ҷамъият «чӣ рӯй дода истодааст» ва шаҳрвандон афзалияти ҳамкориро то кадом андоза муҳим медонанд. Усулҳои гуногуни барқарор намудани робита бо ҷомеа, аз қабили вохӯриҳои якҷоя, брифингҳои кӯчагӣ, боздидҳои доимӣ аз марказҳои савдо, пайроҳадории доимии хатсайрҳо дар маҳалҳои истиқоматӣ, инчунин, муоширaт бо шаҳрвандон тавассути сомонаҳои махсуси ҳамкорӣ хусусиятҳои модели зикршудаи фаъолияти политсияро тавсиф

менамоянд. Дар доираи стратегияи ҳамкорӣ бо ҷомеа политсияи Англия ва Уэлс сомонаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ-интернетиро ба таври васеъ истифода менамоянд. Агентии миллии такмили фаъолияти политсия пайваста хадамоти полисро барои дарёфти технологияҳои нав, инчунин, истифодаи ВАО ҳангоми ҳамкорӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дастгирӣ мекунад. Дар якҷоягӣ бо Ассотсиатсияи афсарони калони политсия дастур барои кормандони политсия оид ба кор дар шабакаҳои рақамӣ ва иҷтимоӣ нашр карда шуд. Дар дастур шарҳи манзараи рақамӣ пешбинӣ гардида, принсипҳои кори корманди полис оид ба истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ муайян шудааст, тавсияҳо оид ба таъмини бехатарии кор дар Интернет ва мисолҳои амалии чи гуна истифода бурдани шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҳамкорӣ бо ҷомеа пешниҳод карда шудаанд. Ҳамкории самарабахши полис бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар татбиқи вазифаи ҳифзи ҳуқуқ иштирок мекунанд, ба баланд гардидани маърифати ҳуқуқии ҷомеа ва шуури касбии кормандони полис мусоидат намуда, донишҳои махсуси кормандон ва таҷрибаи онҳоро оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои муосири алоқа афзоиш медиҳад [136, с. 28-30].

Модели фаъолияти политсия дар асоси арзишҳо, бо арзишҳои ахлоқӣ асос ёфта, фаъолияти он ба манфиати ҳадди аксари ҷомеа равона мебошад. Ба ҳайси унсурҳои асосии фаъолияти политсия дар модели мазкур арзишҳои асосии ҷомеа ва Кодекси ахлоқ баромад менамоянд [168, с. 73].

Фаъолияти касбии кормандони политсия аз ташаккули мақсадноки шуури инсонпарваронаи инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ дар асоси низоми арзишҳои инфиродӣ иборат мебошад. Зарурати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, истисно намудани худсарии шахсони мансабдор дар муносибат бо шаҳрвандон боиси гузоштани талаботи зиёд нисбат ба шахсоне гардид, ки тартиботи ҳуқуқиро ҳифз ва дастгирӣ мекарданд [145, с. 53-54].

Дар модели мазкур ба омӯзиши пешакии номзадҳо барои хизмат дар мақомоти политсия аҳаммияти зиёд дода мешавад. Барои қабул намудан ба хизмат дар политсия аз довталабон санҷишҳои тестии психологӣ қабул карда мешавад. Чунин санҷиш имконият медиҳад, ки номзадҳое, ки дорои малака ва арзишҳои зарурӣ буда, дар оянда бо эҳтимолияти зиёд афсари муваффақи полис шуда метавонанд, ба кор қабул карда шаванд. Барои роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, вазифаи интихоби номзадҳои салоҳиятдор ва дорои сатҳи баланди ахлоқӣ ба полис метавонад, ки нисбат ба нигоҳ доштани хадамоти (шуъбаи) полис дар асоси арзишҳо, мушкилтар бошад. Вайрон кардани принсипҳои ахлоқӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва дастурҳои бо ин арзишҳо асосёфта дар ниҳоят ба парокандашавӣ оварда мерасонад. Ҳангоми кӯшиши эҷоди полис дар асоси арзишҳо, зарур аст, ки сабабҳои вайрон кардани арзишҳои ахлоқӣ ва дигар арзишҳое, ки афсарон ҳангоми ба кор қабул шуданашон доштанд, муайян карда шаванд [212].

Фаъолияти политсия метавонад дар асоси арзишҳо ташаккул дода шавад, ҳамчунин, шаҳрвандон метавонанд, ки фаъолияти полисро аз рӯи арзишҳои муайян арзёбӣ намоянд. Зинаи асосии қонунияти иҷтимоии политсия аз тарафдории адолати мурофиавӣ, эътимоди ҷамъият ба фаъолияти политсия ва боварии шаҳрвандон ба корманди полис мебошад, ки дар ҳамкории байни давлат ва шаҳрвандон зоҳир мешавад. Мардум маҳз ба политсияе эҳтиёҷ дорад, ки он на қувва, тавоноӣ ва ҳокимият, балки шарикии оддии инсонии худро нишон медиҳад, ки сирри асосии қонунияти политсияи бо арзишҳо асосёфта дар ҳамин ифода меёбад [127, с. 40].

Омӯзиш ва таҳлили моделҳои ташкили фаъолияти политсияи давлатҳои хориҷӣ, ки дар асоси муколамаи созанда бо ҷомеаи шаҳрвандӣ созмон дода шудаанд, имконият дод, ки мо бо истифода аз усули муқоиса хусусиятҳои тавсифкунандаи чунин моделҳоро дар таҷрибаи амалии МКД ҶТ дақиқ намоем. Яъне, мавҷудияти меъёрҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба давлати

демократӣ будани ҶТ, эътироф гардидани халқ ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ, кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ҷиҳати дар алоҳидагӣ ё якҷоя муроҷиат намудан ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ доштани МКД ҳамчун мақомоти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ҳамчун самти асосии фаъолияти МКД, дар сатҳи қонун муқаррар гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон ҷиҳати иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки онҳо дар ин соҳа, ташкили фаъолияти шӯроҳои ҷамъиятии назди МКД ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятии ёрирасони милитсия, риояи меъёр ва қоидаҳо оид ба қабули номзад ба кор дар сафи кормандони мақомот, танзими одоби касбӣ, хушмуомилагии кормандон байни якдигар ва шаҳрвандон ва рафтори кормандони мақомот дар муҳити корӣ ва берун аз он, амалигардонии чорабиниҳои гуногуни аҳаммияти ташкилӣ-ҳуқуқидоштаи ҳамкории милитсия бо ҷомеа, аз қабили, конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинар-тренингҳои омӯзишӣ, вохӯриҳои кормандони мақомот бо аҳолӣ, ҳисоботдиҳии милитсия дар назди ҷомеа, ташкили марказҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа ва ғайра аз риояи талаботи ҳамкории милитсия бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси моделҳои политсияи демократӣ, ҳифзиҳуқуқӣ, ҷамъиятӣ ва политсияи бо арзишҳо асосёфта дарак медиҳад.

Бояд қайд намоем, ки хусусиятҳои ташкили фаъолият оид ба ҳамкории МКД ҶТ-ро бо ҷомеа дар муқовимат бо ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз рӯи талаботи моделҳои дигари таҳқиқшудаи фаъолияти политсияи давлатҳои хориҷӣ ба таври умумӣ муайян намудан мумкин аст. Аммо бо мақсади ҳалли масоили баррасишаванда ва мушаххас ифода намудани бартарияти истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти ҳамкории политсия (милитсия) бо ҷомеа дар фаъолияти амалии кормандони МКД ҶТ зарур мешуморем, ки таҷриба дар ин соҳа аз рӯи моделҳои политсияи ба ҳалли масоил нигаронидашуда (дар самти ҷалби ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ ба

лоиҳаҳои ҳамкорӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ), политсияи ҳамсоягӣ (дар самти таъсир расонида тавонистани аъзоёни ҷомеа ба нақша ва афзалиятҳои политсия ва амалиёти муштараки полис бо шарикон ва ҷомеа), политсияи дастгирӣ (дар самти таҳияи Барномаи миллӣ оид ба баланд бардоштани боварии (эътимоди) шаҳрвандон ба фаъолияти политсия), политсияе, ки фаъолияташ ба шаҳрвандон нигаронида шудааст (дар самти таҳияи дастурамал оид ба принсипҳои кори корманди полис бо шабакаҳои иҷтимоӣ-интернетӣ) бояд коркард ва роҳандозӣ карда шавад.

Ба инобат гирифтани таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои хориҷӣ ва мутобиқ кардани фаъолияти милитсия дар самти ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ аз нигоҳи шаҳрвандон ва кормандони МКД яке аз мақсадҳои асосии ислоҳоти милитсияро дар ҶТ ташкил менамояд. Чунончи, шаҳрвандони пурсидашуда бо шумораи 96 нафар, ки аз ҳисоби умумӣ 43,64% [замимаи 2] ва кормандони МКД бо шумораи 146 нафар, ки аз шумораи умумии пурсидашудагон 51,41%-ро [замимаи 4] ташкил менамоянд, мақсади асосии ислоҳотро дар милитсияи тоҷик дар баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ, малакаи касбии кормандон ва мутобиқ гардонидани фаъолияти милитсия ба стандартҳои байналмилалӣ изҳор менамоянд.

Бо дарназардошти омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи МКД (полиси) мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, моделҳои ташкили фаъолияти политсияи давлатҳои хориҷӣ дар ин самт ва муқоисаи он ба фаъолияти МКД ҶТ пешниҳод менамоям:

1. Ба таври шартӣ гузаронидани мониторинги афкори ҷомеа аз ҷониби МКД дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар оянда ҳамчун маҳаки асосии баҳодиҳии фаъолияти политсия ба ҳисоб меравад, заминаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии гузаронидани чунин чорабиниро аз рӯи талаботи лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи политсия» мустаҳкам намуда, ҷиҳати пешгирии номутобиқатии нишондиҳандаҳои афкори ҷомеа дар

алоқамандӣ ба воқеияти фаъолияти хизматии кормандони милитсияи (политсияи) ҶТ, ки бархӯрди манфиатҳои тарафҳоро ба вуҷуд меорад, мусоидат менамояд.

2. Ҳар чи бештар мусоидат намудан ҷиҳати ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятии фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ, дар оинномаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии амалкунанда ворид намудани самти фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо, таъсис додани ассотсиатсияҳои ҳамоҳангсозии шуроҳои ҷамъиятии амалкунандаи назди МКД, тақвият бахшидани фаъолияти ситодҳои дастёрони ихтиёрӣ ва ҷалби бештари шаҳрвандон ба ҳамкорӣ бо милитсия дар ҳайати дастаҷамъӣ дар оянда ба таъсиси ассотсиатсияи ташкилоти давлатӣ-ҷамъиятии «Таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ» аз рӯи таҷрибаи давлати Ҷопон оид ба ҳамкории политсия бо ҷомеа, заминаҳои ташкилӣ-ҳуқуқиро фароҳам меорад.

3. Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои гуногун оид ба ҳавасмандии онҳо ҷиҳати ҷалби ҷомеа дар ҳалли вазифаҳои давлатӣ, бахусус, иҷрои вазифаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат бо ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, хусусиятҳои тавсифкунандаи зеринро соҳиб мебошад: ҷомеа ҳамчун сарчашмаи асосии маълумот оид ба иттилоот дар бораи ҷиноят, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва вайронкуниҳои тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад; эҳёи ҷомеаи бехатар яке аз унсурҳои асосии таъмини шароити арзанда ва осоиштаи ҳаёти шаҳрвандон буда, барои аҳолии воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор аҳаммияти бештар дорад; ҳамкорӣ дар асоси шарикии иҷтимоӣ иқтидори шаҳрвандонро аз лиҳози шумора нисбат ба кормандони МКД чандҳо маротиба зиёд мегардонад, ки ба самаранокии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамояд; қисме аз сарбории кормандони мақомот аз ҳисоби қувва ва воситаҳои ҷомеа иҷро карда мешавад; иштироки шаҳрвандон дар ҳалли вазифаҳои МКД (татбиқи сиёсати давлат оид ба муқовимат ба ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ) аслан ба буҷети давлат таъсир намерасонад, чунки онҳо барои

чунин фаъолият маоши вазифавӣ намегиранд; иштироки шаҳрвандон дар ҳалли вазифаҳои ҳифзиҳуқуқии давлат ба талаботи консепсия ва стратегияҳои давлатӣ оид ба интихоби номзадҳои арзанда ба кор дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, устуворгардонии пояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд.

4. Бо дарназардошти бартарияти таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти ҳамкории политсия (милитсия) бо ҷомеа ва истифодаи он дар фаъолияти амалии МКД ҶТ зарур мешуморем, ки таҷриба дар ин соҳа аз рӯи моделҳои политсияи ба ҳалли масоил нигаронидашуда (дар самти ҷалби ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ ба лоиҳаҳои ҳамкорӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ), политсияи ҳамсоягӣ (дар самти таъсир расонида тавонистани аъзоёни ҷомеа ба нақша ва афзалиятҳои политсия ва амалиёти муштараки полис бо шарикон ва ҷомеа), политсияи дастгирӣ (дар самти таҳияи Барномаи миллӣ оид ба баланд бардоштани боварии (эътимоди) шаҳрвандон ба фаъолияти политсия), политсияе, ки фаъолияташ ба шаҳрвандон нигаронида шудааст (дар самти таҳияи дастурамал оид ба принсипҳои кори корманди полис бо шабакаҳои иҷтимоӣ-интернетӣ) бояд коркард ва роҳандозӣ карда шавад.

Роҳандозӣ намудани ҳамкории милитсия бо ҷомеа дар асоси самтҳои зикршудаи моделҳои дахлдори таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар оянда ба татбиқи воқеии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ислоҳоти милитсия ва устуворгардонии пояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд мусоидат менамоянд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ МУКАММАЛСОЗИИ ТАШКИЛИ ҲАМКОРИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

Ҳангоми муқоисаи меъёрҳои қонунгузории ҶТ, ФР ва дигар давлатҳои узви ИДМ муайян гардид, ки дар қонунгузории ФР ва бархе аз дигар давлатҳои узви ИДМ (меъёре, ки мафҳуми ташкилоти ҷамъиятиро муайян кардааст) яке аз унсурҳои таркибии мафҳумро «дар асоси узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ» нишон додааст. Аммо дар қонунгузории ҶТ дар мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ» ибораи зикршуда фақат ба таври умумӣ «дар асоси узвият» пешбинӣ гардидааст. Фикр менамоем, ки ифодаи ибораи «дар асоси узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ» дар мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ» фаҳмиши талабот барои аъзо гардидан ба иттиҳодияҳои ҷамъиятиро оммафаҳм гардонида, хонандаро водор менамояд, ки ба таҳлили мафҳуми «иттиҳодияи ҷамъиятӣ» баргашта, унсурҳои (аломатҳои) дигари иттиҳодияи ҷамъиятиро омӯзад ва аз худ намояд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ», ки дар моддаи 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» пешбинӣ гардидааст, дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ташкилоти ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки чун қоида, дар асоси узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ таъсис ёфта, барои фаъолияти якҷояи шаҳрвандони муттаҳидшуда ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ба даст овардани мақсадҳои оинномавӣ таъсис дода шудааст.».

Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар иҷрои вазифаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, МКД оид ба муқовимат ба ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ёрӣ мерасонанд, аз қабили дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ (тартиби барасмиятдарории низомномаи (оинномаи) фаъолият, талаботи синнусолии аъзоёни онҳо, мустақилият

дар баамалбарории ваколатҳо ва ғайра), вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро доро намебошанд. Аз ин лиҳоз, дар моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» бояд дар қатори субъектони дигари ба иҷрои вазифаҳои милитсия мусоидаткунанда, ба таври алоҳида зикр карда шаванд.

Инчунин, дар моддаи зикршудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» ба таври умумӣ ифода ёфтани иштироки мақомоти давлатӣ дар иҷрои вазифаҳои милитсия ба амалигардонии фаъолияти якҷояи МКД бо дигар мақомоти давлатӣ таъсири манфӣ расонида, масъулияти як тарафро (аслан мақомоти дигари давлатиро) то ҳадди лозимӣ пешбинӣ наменамояд. Яъне, бо мақсади тақвияти фаъолияти якҷоя ва ҳамкории мақомоти дахлдори давлатӣ бо МКД дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ зарурати мушаххас намудани низоми мақомоти давлатии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо ҷой дорад.

Оид ба масъалаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ андешаронӣ намуда, бояд қайд намоем, ки зарурати ба роҳ мондани онро хулосаи натиҷаи назарсанҷии кормандони МКД ва шаҳрвандон низ асоснок менамояд. Чунончи, ҳангоми назарсанҷӣ кормандони МКД аз рӯи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» таъмини тартиботи ҷамъиятиро самти асосии фаъолияти МКД ва мақомоти мазкурро ҳамчун субъекти асосии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар давлат медонанд. Онҳо иброз доштанд, ки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти милитсия ба ҳисоб меравад ва дар амал тартиботи ҷамъиятӣ дар давлат аз ҷониби онҳо таъмин карда мешавад, бинобар ин, мақомоти мазкур бояд фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятиро ҳангоми баамалбарории хизмати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ҳамоҳанг созад [замимаи 4]. Пешниҳод ва андешаи кормандони МКД-ро хулосаи натиҷаи назарсанҷии шаҳрвандон тақвият мебахшад. Яъне, ҳангоми назарсанҷии шаҳрвандон ба саволи он ки «Ба фикри Шумо, дар

таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кадом мақомоти давлатӣ нақши калон ва саҳми бештар дорад?» шаҳрвандони пурсидашуда, ки аз шумораи умумӣ 61,36%-ро ташкил медоданд, ба тарафдории МКД посух доданд [замимаи 2].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, пешниҳод менамоем, ки моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» дар таҳрири нав, ки дар зер нишон дода мешавад, ифода гардида, ба қонуни мазкур моддаҳои 6 (1) ва 6 (2) илова карда шаванд.

«**Моддаи 6. Иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, корхонаю ташкилот ва шаҳрвандон дар иҷрои вазифаҳои милитсия**

Милитсия вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кормандони ғайриштатии милитсия ва шаҳрвандон иҷро мекунад.

Корхонаю муассиса ва ташкилот, сарфи назар аз шакли моликияташон, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон вазифадоранд ба милитсия ҳангоми ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат зидди ҷинояткорӣ кӯмак расонанд.

Бо мақсади пешгирӣ ва ошкор кардани ҷинояткорӣ, шаҳрвандон метавонанд ба таври махфӣ бо мақомоти милитсия мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ кунанд.

Ҷалби маҷбурии шаҳрвандон барои ҳамкорӣ кардан бо милитсия манъ аст.

Маълумот дар бораи шаҳрвандоне, ки ба милитсия кумаки махфӣ мерасондаанд ё мерасонанд, танҳо бо розигии онҳо ошкор карда мешавад. Дар сурати мавҷудияти маълумоти кофӣ дар бораи таҳдиди хатар ба шахсони мазкур бинобар иштирок доштанашон дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин, ба аъзои оила ё хешовандони наздики онҳо мақомоти милитсия вазифадор аст барои ҳифзи ҳаёт, саломатӣ,

шаъну шараф ва амволи ин шахсон, муайян намудани сарчашмаҳои таҳдид ва ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон тадбирҳои зарурӣ андешад.

**Моддаи 6 (1). Мақомоти давлатии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

Мақомоти давлатии таъмини тартиботи ҷамъиятиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия, Агентии назорати маводи нашъаовар, Гвардияи миллӣ, Хадамоти гумрук, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, Кумитаи андоз ва мақомоти дигари таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд, ки дар асоси қонун амал мекунанд.

Таъмини тартиботи ҷамъиятӣ барои тамоми мақомоти дигари давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи салоҳияти муқарраршудаи онҳо, ҳатмӣ мебошад.

Милитсия дар иҷрои вазифаҳои худ метавонад бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ бо тартиби дар Қонуни мазкур ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ҳамкорӣ кунад.

**Моддаи 6 (2). Ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

Фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектони дигари таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҷиҳати иштироки онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шароитҳои муқаррарӣ, ҳангоми баргузории чорабиниҳои оммавӣ ва шароитҳои махсуси хусусияти криминогенидошта аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ҳамоҳанг карда мешавад.

Ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ Нақша-чорабиниҳои якҷояи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таҳия карда шуда, аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ тасдиқ карда мешавад.».

Мусаллам аст, ки аксари ҳолатҳо санадҳои дохилиидоравии танзимкунандаи фаъолияти субъектони татбиқи ҳуқуқ дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (қонунгузории кишвар) қабул карда шуда, вазифа ва уҳдадориҳои субъектони дахлдор, шаклу усул ва механизми баамалбарории онҳоро мушаххас мегардонанд. Ба ҳамин маъно, Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар заминаи амалкарди санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, аз қабили Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 3 декабри соли 2009, №566, Барномаиислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №296, Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия дар назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2014, №841, Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар назди мақомоти милитсия, бо фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2017, №256 ва ғайра қабул гардида, механизмҳои асосии ҳамкории милитсия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, самтҳои асосии ҳамкории байни онҳо дар пешгири намудани қонунвайронкуниҳо, шаклҳои иштироки ҷомеа дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва тартиби ҳавасмандгардонии шаҳрвандонеро, ки ба милитсия мусоидат менамоянд, муайян кард. Дар раванди ислоҳоти милитсия ҷиҳати татбиқи муқаррароти нақшаи чорабиниҳои амалигардонандаи ислоҳот санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии нав, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 22 июни соли 2023, №1969, Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021–2025, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №211, Низомнома «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ», бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2024, №59 ва ғайра қабул карда шуданд, ки маҳз бо муқаррароти худ амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ ва дохилиидоравие, ки дар асоси онҳо Консепсияи

ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ қабул гардида буд, бекор намуданд.

Воқеияти дар боло зикршуда зарурати дар таҳрири нав қабул намудани Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо менамояд. Дар таҳрири нав қабул намудани Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳоро оид ба шаклу усул ва механизми баамалбарории ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мустаҳкам намуда, муқаррароти он ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ мутобиқ карда мешавад.

Дар таҳқиқи зербоби дахлдори рисолаи диссертатсионӣ маълум карда шуд, ки ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ фаъолияти мутақобила мебошад. Омӯхтани масоили алоқаи мутақобила бо дарназардошти истифода аз сарчашмаҳои илмии соҳаҳои мухталифи дониши илмӣ имкон медиҳад, ки ин соҳаро васеътар фаро гирифта, хусусиятҳои соҳавии алоқаи мазкур муайян ва роҳҳои нави ҳалли масъала пешниҳод карда шаванд. Вобаста ба ин масъала, зикр кардан бамаврид аст, ки фаъолияти мутақобила дар ҳолате устувор ва поянда буда метавонад, ки вазъи ҳуқуқии ду ҷонибро дар бар гирад. Ба сифати унсурҳои муҳимми вазъи ҳуқуқии субъекти ҳуқуқ маҷмуи ҳуқуқ, уҳдадорӣ, кафолати ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо дохил мешаванд. Ба ҳамин маъно, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидаткунанда муқаррар карда шудаанд. Махсусан, дар моддаи 25 қонуни зикршуда номгӯи чораҳои ҳавасмандгардоние пешбинӣ гардидаанд, ки нисбат ба шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидаткунанда татбиқ карда мешаванд. Фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, МКД оид ба ҳамкорӣ бо шаҳрвандон дар ҳалли вазифаҳои ҳифзиҳуқуқӣ шаҳодат

аз он медиҳад, ки шахсони мусоидаткунанда дар қатори иҷрои қарзи шаҳрвандӣ, ҳамчунин, бештари ҳолатҳо барои ҳамкорӣ ҳавасманд аз татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ мебошанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва дар алоқамандӣ ба таҳлили меъёри дахлдори Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки чораҳои ҳавасмандгардонии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидаткунандаро муқаррар кардааст, андеша дорем, ки бояд номгӯи чораҳои ҳавасмандгардонии мазкур зиёд гардонида шаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки ба қисми якуми моддаи 25 Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» зербандҳои 5), 6), ва 7) дар таҳрири «5) рухсатии меҳнатии иловагӣ ба мухлати аз 3 то 5 шабонарӯз, нисбати шаҳрвандоне, ки дар ин ё он корхона, муассиса ва ташкилот кору фаъолият менамоянд; 6) роҳхат барои истироҳат дар санатория ва ё дигар истироҳатгоҳҳо; 7) кортҳои имтиёзноки истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ ҳангоми баамалбарории уҳдадории ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ;» илова карда шуда, зербанди 5-и меъёри амалкунандаи қонун мутаносибан зербанди 8 ҳисобида шавад.

Оид ба масъалаи кафолатҳои ҳимояи иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ҳавасмандгардонии шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар ҳалли вазифаҳои ҳифзиҳуқуқӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамоянд, андешаронӣ намуда, бояд қайд намоем, ки дар доираи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ягон меъёри алоҳида вобаста ба кафолати ҳимояи иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ҳавасмандгардонии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва намояндагони онҳо пешбинӣ нагардидааст, ки ҳолати мазкур холигӣ дар қонунгузориро нишон медиҳад. Зиёда аз ин, чи тавре ки дар боло зикр намудем, ҳарчанд ки мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» кафолати ҳимояи иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва намудҳои ҳавасмандгардонии шаҳрвандоне, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок мекунанд, пешбинӣ гардидааст, аммо номгӯи ками

онҳо, хусусан, чораҳои ҳавасмандгардонӣ метавонад, ки то дараҷае ба ҳамкории самараноки байни ҷомеа ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, алалхусус, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо МКД дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонад. Ҳамчунин, мо метавонем қайд намоем, ки кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардониҳое, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» пешбинӣ гардидаанд, ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аъзоёни он паҳн намегарданд. Андешаи мазкурро бо асоснокии ҳуқуқӣ ва илмӣ дар зербоби дуюми боби аввали рисолаи диссертатсионӣ пешниҳод карда, қайд намуда будем, ки ташкили фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятие, ки дар қонуни зикршуда пешбинӣ шудаанд, (дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорон) ба фаъолияти ташкилӣ-ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз лиҳози талабот ва мазмуни қонунгузорӣ мувофиқат намекунанд. Инчунин, дар замоне ки мавҷудияти хавфҳои эҳтимолию воқеӣ ба таъмини тартибот ва амнияти давлатию ҷамъиятӣ таҳдид менамоянд, ба фикри мо, барои тамоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муқаррар намудани яке аз самтҳои фаъолияти онҳо дар самти иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқаррар намудани ин самти фаъолият дар оинномаи батанзимдарории фаъолияти онҳо дуруст ва саривақтӣ мебошад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло пешниҳод менамоем, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» тағйироти зерин ворид карда шаванд:

**«Моддаи 24 (1). Кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

1. Кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва намояндагони он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба мақомоти давлатӣ дар иҷрои вазифаҳои давлатӣ, аз ҷумла, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ мусоидат

намудаанд, метавонанд, ки бо намудҳои зерини ҳавасмандгардонӣ мушарраф ва қадрдонӣ карда шаванд:

- изҳор намудани миннатдорӣ;
- сарфароз намудан бо ифтихорнома;
- мукофоти пулӣ;
- туҳфаи қиматнок;
- овехтани сурати шахсӣ дар лавҳаи фахрӣ;
- имтиёз барои қабул ба кор дар сафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таҳсил дар муассисаҳои таълимии тобеи онҳо;
- рухсатии меҳнатии иловагӣ ба муҳлати аз 3 то 5 шабонарӯз, нисбати шаҳрвандоне, ки дар ин ё он корхона, муассиса ва ташкилот кору фаъолият менамоянд;
- роҳхат барои истироҳат дар санатория ва ё дигар истироҳатгоҳҳо;
- кортҳои имтиёзноки истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ ҳангоми баамалбарории уҳдадории ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ;
- намудҳои дигари ҳавасмандгардонӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.»

**«Моддаи 5 (1). Самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрвандон, ташаккули фаъолият ва ташаббусҳои онҳо; қонеъ гардонидани манфиатҳои касбӣ ва ҳаваскорон; инкишоф додани эҷодиёти илмию техникӣ ва бадеӣ; ҳифзи ҳаёт ва саломатии одамон, ҳифзи муҳити табиӣ; иштирок дар муқовимат бо ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ; иштирок дар корҳои хайриявӣ; гузаронидани корҳои фарҳангию маърифатӣ, варзишӣ ва солимгардонӣ; ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ; тарбияи ватандӯстӣ, ҳуқуқӣ ва инсонпарварӣ; вусъат ва мустаҳкам намудани ҳамкории байналмилалӣ, иҷрои дигар фаъолиятҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъсис дода шуда, фаъолият менамоянд.».

Ба қисми якуми моддаи 24 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» зербанди сездаҳум дар таҳрири « - дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми баргузории чорабиниҳои оммавӣ иштирок намуда, оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ба мақомоти давлатӣ мусоидат намояд;» илова карда шуда, зербанди сездаҳуми меъёри қонуни амалкунанда мутаносибан зербанди чордаҳум ҳисобида шавад.

Дар раванди таҳлили зербоби дахлдори таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок гардид, ки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ҳамчун шаклҳои дастаҷамъонаи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» пешбинӣ гардидаанд, аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фарқ менамоянд ва дар қонуни мазкур иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун субъекти алоҳидаи мусоидаткунанда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ нагардидаанд. Инчунин, таҳқиқот исбот намуд, ки қонунгузории ҶТ танҳо шаклҳои инфиродӣ ва дастаҷамъонаи барасмиятдаровардашудаи ҳамкории шаҳрвандонро бо милитсия танзим намуда, шаклҳои ҳамкории бебарасмиятдарории ҳуқуқиро пешбинӣ накардааст. Ақидаҳои илмии мазкурро вобаста ба иштироки фаъоли шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шакли бебарасмиятдарории ҳамкорӣ хулосаи натиҷаи назарсанҷии шаҳрвандон ва кормандони МКД тақвият мебахшад. Яъне, ҳангоми назарсанҷӣ ба саволи он ки «Ба фикри Шумо, шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба милитсия бо кадом роҳҳо ёрӣ мерасонанд?» шаҳрвандони пурсидашуда бо шумораи 84 нафар, ки аз ҳайати умумӣ 38,19% [замимаи 2] мебошанд ва кормандони МКД бо шумораи 163 нафар, ки 57,39% [замимаи 4]-и пурсидашудагонро ташкил менамоянд, хабар расонидан дар бораи ҳодисаҳои ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро роҳи асосии ёрии шаҳрвандон ба милитсия арзёбӣ намуданд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» тағйироти зерин ворид карда шаванд:

Ба қисми сеюми моддаи 5 зербанди нав дар таҳрири «1) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, иттиҳодияҳои ҷамъиятии дар самти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияткунанда;» илова карда шуда, зербандҳои 1), 2) ва 3) қисми зикршудаи меъёри амалкунандаи моддаи қонун мутобиқан зербандҳои 2), 3) ва 4) дониста шаванд.

Ба моддаи 5, қисми 4, дар таҳрири «4. Иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии зикршуда дар асоси барасмиятдарории ҳамкорӣ амалӣ гардида, қонун иштироки инфиродӣ ва дастаҷамъонаи шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бе барасмиятдарории ҳамкорӣ кафолат медиҳад» илова карда шуда, қисмҳои 4 ва 5 мутобиқан қисмҳои 5 ва 6 дониста шаванд.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ бештар ваколатҳое ба МКД дода шудаанд, ки оид ба ташкили фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ҳуқуқҳои мақомотро пешбинӣ менамоянд. Мавҷудияти ваколатҳо бо ин мазмун аввалан, имконияти воқеии таъсиррасонии фаъолияти дастёрони ихтиёриро аз ҷониби МКД ошкор менамояд, ки ҳолати мазкур метавонад ҳамкориро ҳамчун фаъолияти яктарафа арзёбӣ намояд, аз лиҳози дигар, татбиқи ваколатҳо дар ин шакл аслан дар ҳолате имконпазир аст, ки агар, воқеан, дастёрони ихтиёрӣ дар ин ё он шакли ташкилӣ-ҳуқуқии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъсис ёфта, фаъолият намуда истодааст ва барои ҳамкорӣ бо МКД ҷиҳати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ, омода мебошад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, дар ин самт ба салоҳияти МКД бояд вазифаҳо (уҳдадориҳо) оид ба ташкили фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ ва тақвияти ҳамкорӣ бо онҳо вогузор карда шаванд. Бо дарназардошти баррасии масъалаи мазкур, пешниҳод менамоем, ки ба Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ банди 55 дар таҳрири «55. Мақомоти корҳои дохилӣ дар ташкили фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дорои вазифаҳои зерин мебошад:

- муҳайё намудани шароит барои ташкили дастёрони ихтиёрӣ, инкишофи ҳамкорӣ бо онҳо ва фаъол гардондани фаъолияти онҳо дар соҳаи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

- роҳнамоии методии кормандоне, ки барои амалисозии ҳамкорӣ бо дастёрони ихтиёрӣ масъул мебошанд;

- дар якҷоягӣ бо дастёрони ихтиёрӣ муайян намудани мушкилоти асосии минтақаи хизматӣ, ки ба вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат карданашон мумкин аст ва оид ба ҳалли онҳо ба таври ҳатмӣ ба инобат гирифтани фикри аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ;

- муайян намудани талаботи сокинони минтақаи аҳолинишин ва аз рӯи он ба роҳ мондани фаъолияти якҷоя бо дастёрони ихтиёрӣ ҷиҳати ҳалли масъала.» илова карда шуда, меъёри амалкунандаи банди 55 Низомномаи мазкур мутобиқан банди 56 дониста шавад.

Баррасии масъалаи ҳамкории шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро бо МКД дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ пайгирӣ намуда, таъкид бояд кард, ки ҳарчанд, шаҳрвандон оид ба пешгирии амалҳои зиддиҳуқуқӣ қарзи шаҳрвандии хешро иҷро менамоянд ва оид ба ҳалли ин масъала бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ мекунанд, аммо, мутаассифона, солҳои охир ба чашм мерасад, ки оид ба болоравии сатҳи баъзе аз ҳуқуқвайронкуниҳо худ мусоидат менамоянд. Махсусан, имрӯз дар байни аҳолии ҶТ густариши идеологияи ифротӣ ва таассубу хурофотпарастӣ доимо майл ба сатҳи болоравӣ дорад, ки чунин зуҳурот ба арзишҳои асили фарҳанги миллӣ, динӣ, эътиқодмандии аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, ҳамчунин, омили амиқи гаравидани шаҳрвандон ба сафи ташкилотҳои экстремистию террористӣ гардида, дар як вақт ба воқеъан амалӣ гардидани талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» монеа эъҷод менамояд. Барои асоснокии ақида бояд қайд намоем, ки танҳо дар соли 2024 аз тарафи кормандони мақомоти ваколатдори давлатӣ 1500 ҳолати даст задани шаҳрвандон ба амали сеҳру ҷоду ва фолбинӣ ошкор карда шудааст [205]. Албатта, яке аз

омилҳои асосии сол то сол зиёд гардидани ҳолатҳои даст задани шаҳрвандон ба амалҳои сеҳру ҷоду ва фолбинӣ ин мурочиатҳои шаҳрвандон ба шахсони ба ин амал машғулбуда ба шумор меравад. Аммо набояд фаромӯш сохт, ки даст ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ задан худ амали зиддиҳуқуқӣ буда, оид ба ошкор намудани чунин ҳолатҳо шаҳрвандон ба МКД бояд ёрӣ расонанд. Зиёда аз ин, барои мурочиат намудан ба шахси сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин ва истифода намудан аз хизматрасонии онҳо дар қонунгузории ҶТ ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ нагардидааст.

Бо дарназардошти баррасии масъала ва таҳлили таҷрибаи амалии МКД оид ба муайян намудани сабабу шароитҳое, ки ба вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва ахлоқи ҷомеа мусоидат менамоянд, инчунин, бо мақсади пешгирӣ аз густариши идеологияи ифротӣ ва таассубу хурофотпарастӣ, ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ, динӣ ва эътиқодмандии аҳолӣ ва амалигардонии воқеии талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», пешниҳод менамоем, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ барои шахсоне, ки ба шахси сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин мурочиат менамоянд, инчунин, аз хизматрасонии онҳо истифода мебаранд, ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад. Моддаи дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад.

**«Моддаи 482 (1). Мурочиат ва (ё) истифодабарӣ аз хизматрасонии сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин**

1. Барои мурочиат ва (ё) истифодабарии хизматрасонии сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин, инчунин, мурочиат тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, шабакаи интернет,

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ ва ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ, такроран содир намудани кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда,

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист ва ба шахсони мансабдор аз бист то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.».

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

**1.** Ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар замони муосир тобиши сиёсиро дар худ касб намудааст. Ташкили ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба амалишавии самти сиёсати давлат дар муқовимат ба ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мусоидат менамояд **[1-М; 8-М].**

**2.** Бо мақсади муайян намудани механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ зарур аст, ки низоми субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муайян карда шавад. Бо дарназардошти он, ки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти МКД ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, мақомоти мазкур бояд ба ҳайси мақомоти ҳамоҳангсози фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пешбинӣ гардад.

**3.** Ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ин фаъолияти ташаббускорона, мутақобила ва ҳамоҳангшудаи байни милитсия ва шаҳрвандони муттаҳидгашта мебошад, ки бо мақсади ҳалли вазифаҳо вобаста ба таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани сатҳи дастрасии хизматрасонии милитсия ба ҷомеа, афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти милитсия, инкишоф додани фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятии бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсисшуда, пешгирӣ, ошкор намудан ва кушодани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, муайян намудани механизми самараноки огоҳонии ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ равона гардидааст **[9-М]**.

**4.** Ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар асоси муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, алалхусус, тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» ба роҳ монда мешавад. Ифодаи ибораи «Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти милитсия» ба ҷойи ибораи «Қонунгузории ҶТ дар бораи милитсия»-и қонуни

амалкунандаи ҶТ «Дар бораи милитсия» моҳиятан ва мазмунан тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ ва дохилиидоравиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби субъектони гуногуни ҳуқуқэъҷодкунӣ қабул гардида, фаъолияти милитсия, аз қабили фаъолияти он дар самти ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро танзим менамоянд.

**5.** Дар доираи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» пешбинӣ кардани меъёри мушаххас вобаста ба самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мақсади таъсиси онҳоро равшан намуда, барои тақвияти фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар самтҳои муайян ва аз рӯйи самти фаъолият муайян намудани вазифаҳои оинномавии чунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи ташкилӣ ва ҳуқуқиро фароҳам меорад.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди МКД, инчунин, ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷомеа дар муҳокима ва қабули қарорҳо дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ, дар ҶТ қабул намудани Қонун «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти давлатӣ» зарур ва саривақтӣ мебошад**.**

**6.** Дар таҳрири нав қабул намудани Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз 3 январи соли 2018, №1 амал мекунад, заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳоро оид ба шаклу усул ва механизми баамалбарории ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мустаҳкам намуда, муқаррароти он ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ мутобиқ карда мешавад.

**7.** Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» пешбинӣ намудани меъёри алоҳида вобаста ба шакли бебарасмиятдарории ҳамкории шаҳрвандон бо мақомоти давлатӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кафолати ҳуқуқи шаҳрвандонро дар самти мурољиати инфиродӣ ва якҷоя (дастаҷамъона)-и онҳо ба мақомоти

давлатӣ ва шахсони мансабдор ҳамчун ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрвандон амалӣ ва мустаҳкам мегардонад **[1-М; 8-М; 10-М].**

**8.** Дар қатори субъектони ҳамкорикунанда бо МКД, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» пешбинӣ гардидаанд, ба таври алоҳида муайян намудани дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ ва шурои собиқадорон ҳамчун субъектоне, ки барои иҷрои вазифаҳои милитсия дар самти муқовимат ба ҷинояткорӣ, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кумак мерасонанд, фарқияти байни ниҳодҳои ҷамъиятии зикршударо аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ нисбат ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муайян менамоянд **[1-М; 3-М].**

**9.** Омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи костакунандаи ҳамкории байни МКД бо ҷомеаи шаҳрвандиро метавон ба чунин намудҳо ҷудо намуд:

**-** омилҳои объективӣ (паст будани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ба чашм нарасидани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки маҳз бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсис дода шудаанд, ба иҷрои корҳои ғайрифунксионалӣ ҷалб кардани кормандони милитсия, зиёд будани сарбории нозирони минтақавии милитсия, аз ҷумла, дар минтақаи хизматӣ ба нозири минтақавии милитсия вобаста намудани шумораи аз ҳад зиёди аҳолӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани таъминоти моддӣ-техникии кормандони милитсия, майлу рағбат надоштани шаҳрвандон ба ҳамкорӣ);

**-** омилҳои субъективӣ (нокифоя будани сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ ва малакаи кории кормандони милитсия, сатҳи пасти маълумоти кормандони мақомот аз раванди ислоҳоти милитсия, хусусияти ҳукмфармоӣ доштани фаъолияти милитсия, беҳафсалагӣ дар иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ, надоштани таҷрибаи ҷалби аҳолӣ ба ҳамкорӣ, назорати сусти роҳбарони баъзе аз ҷузъу томи мақомот аз болои зердастон, дар вазифаҳои нозирони минтақавии милитсия ва нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила бештар таъйин гардидани ҷавонон, бехабарии кормандон аз зарурат ва ҳатмӣ будани ҳамкорӣ бо аҳолӣ,

сатҳи пасти маълумоти кормандони мақомот аз фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди МКД) **[3-М].**

**10.** Қабул намудани «Низомнома дар бораи тартиби суғуртаи шахсии хатмии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ ва ҷуброни зарари ба саломатӣ ва молу мулки онҳо расонидашуда» меъёри амалкунандаи Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ»-ро дар самти ҳимояи иҷтимоии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ мушаххас ва дар амал ҷорӣ менамояд.

**11.** Таснифи ваколати низоми дастёрони ихтиёрӣ вобаста ба ташкили фаъолияти дастёрон ва дастёри ихтиёрӣ ва низоми дастёрони ихтиёрӣ вобаста ба ташкили фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ имконият медиҳад, ки Нақша-чорабиниҳои фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ оид ба ташкили фаъолият (муносибатҳои дохилиидоравӣ) ва оид ба иштироки онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ алоҳида ва мукаммал гардонида шавад **[3-М].**

**12.** Дар қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои муроҷиат ба шахси сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин ва истифода намудан аз хизматрасонии онҳо ба коҳиш додани сатҳи ҳуқуқвайронкунии машғул гардидан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ мусоидат намуда, ҷиҳати коҳишёбии идеологияи ифротӣ ва таассубу хурофотпарастӣ дар байни аҳолӣ мусоидат менамояд **[3-М].**

**13.** Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ мазмуни шакл ва усулҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа ҳамчун амали мутақобилаи ду ҷониб дар намудҳои меъёр - самти фаъолият, меъёр - принсип, меъёр - вазифа, меъёр - шакли ҳамкорӣ, меъёр - усули ҳамкорӣ пешбинӣ гардидаанд.

**14.** Шакли ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ин тарзи ифодаи амали берунӣ ва таъсири мутақобилаи мақсадноки байни милитсия ва шаҳрвандон мебошад, ки механизми баамалбарории он бо тарзу усулҳои ҳуқуқӣ ва иҷозатдодашуда муайян мегардад.

Шаклҳои ҳамкории милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бояд таснифотро вобаста ба хусусияти ошкорогӣ ва махфият, барасмиятдарории шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, самти фаъолият, ҳайат (аъзогӣ), таъйиноти функсионалӣ, мазмуни вазифаҳо ва тартиби иҷрои онҳо ва ҷузъиёти ҳифзиҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар бар гирад.

**15.** Ҳисоботдиҳии МКД дар байни аҳолӣ – усули ҳамкории мутақобилаи ҳатмӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар раванди он фаъолияти хизматии кормандони МКД оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, муқовимат ба ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар давраи муайян натиҷагирӣ карда шуда, аҳолӣ оид ба вазъи ҷойдоштаи тартибот, амнияти ҷамъиятӣ ва вазъи криминогении минтақаи зисти худ хабардор мегардад ва ҳалли мушкилоти асосии минтақаи хизматӣ бо дарназардошти фикру андешаҳои аҳолии минтақа ба амал бароварда мешавад.

Дар ҳайати Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ВКД ҶТ таъсиси сохтори алоҳида оид ба назорати ташкили кори нозирони минтақавии милитсия оид ба ҳамкорӣ бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳисоботдиҳии онҳо дар назди аҳолии минтақаи хизматӣ ё вазифагузории мушаххас ҷиҳати муайян намудани механизми ташкили фаъолият дар самтҳои зикршуда, ба тақвияти фаъолияти нозирони минтақавии милитсия оид ба ҳисоботдиҳӣ, риоя ва иҷрои саривақтии чорабинии мазкур мусоидат менамояд **[2-М; 6-М].**

**16.** Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи политсия» пешбинӣ намудани назорати ҷамъиятӣ ҳамчун усули ҳамкории мутақобилаи байни милитсия бо ҷомеа дар оянда масъулияти кормандони МКД-ро оид ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар самти ҳамкорӣ бо ҷомеа ва ба инобат гирифтани афкори ҷомеа дар муқовимат бо ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ баланд бардошта, ҷиҳати баамалбарории механизм ва тартиби амалигардонии мониторинги афкори ҷомеа оид ба фаъолияти милитсия мусоидат менамояд **[2-М; 3-М; 4-М; 5-М; 8-М].**

**17.** Мусоидат намудан ҷиҳати ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятии фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ, дар оинномаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии амалкунанда ворид намудани самти фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо, таъсис додани ассотсиатсияҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии амалкунандаи назди МКД, тақвият бахшидани фаъолияти ситодҳои дастёрони ихтиёрӣ ва ҷалби бештари шаҳрвандон ба ҳамкорӣ бо милитсия дар ҳайати дастаҷамъӣ дар оянда ба таъсиси ассотсиатсияи ташкилоти давлатӣ-ҷамъиятии «Таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ» аз рӯйи таҷрибаи давлати Ҷопон оид ба ҳамкории политсия бо ҷомеа, заминаҳои ташкилӣ-ҳуқуқиро фароҳам меорад.

**18.** Роҳандозӣ намудани ҳамкории милитсияи ҶТ бо ҷомеа дар асоси моделҳои дахлдори таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз қабили политсияи ба ҳалли масоил нигаронидашуда (дар самти ҷалби ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ ба лоиҳаҳои ҳамкорӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ), политсияи ҳамсоягӣ (дар самти таъсир расонида тавонистани аъзоёни ҷомеа ба нақша ва афзалиятҳои политсия ва амалиёти муштараки полис бо шарикон ва ҷомеа), политсияи дастгирӣ (дар самти таҳияи Барномаи миллӣ оид ба баланд бардоштани боварии (эътимоди) шаҳрвандон ба фаъолияти политсия), политсияе, ки фаъолияташ ба шаҳрвандон нигаронида шудааст (дар самти таҳияи дастурамал оид ба принсипҳои кори корманди полис бо шабакаҳои иҷтимоӣ-интернетӣ) дар оянда ба татбиқи воқеии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ислоҳоти милитсия ва устуворгардонии пояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд мусоидат менамоянд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

**1.** Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади аз байн бурдани норасогии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими муносибатҳо дар соҳаи ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, мувофиқ гардонидан ва коркарди илмӣ-назариявии мухолифати байни онҳо, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешрафтаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар самти танзими муносибатҳои соҳавӣ, яъне, дар умум, оид ба такмили қонунгузории ҶТ таклифу пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, №258; «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, №41; «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 22 июни соли 2023, №1969; Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008, №455 ва Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ аз 13 феврали соли 2024, №60 манзур карда шудааст.

**2.** Пешниҳод мешавад, ки Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз 3 январи соли 2018, №1 амал мекунад, дар таҳрири нав қабул карда шавад. Дар таҳрири нав қабул намудани Консепсияи мазкур заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳоро оид ба шаклу усул ва механизми баамалбарории ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мустаҳкам намуда, муқаррароти он ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ мутобиқ карда мешавад.

**3.** Бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, бахусус, баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ оид ба муайян намудани мавқеъ ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳалли вазифаҳои мақомоти давлатӣ, кафолати иҷтимоӣ-ҳуқуқии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидаткунанда, тақвияти фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии айни замон фаъолияткунанда, дурнамои таъсиси шуроҳои ҷамъиятӣ дар самтҳои муайяни фаъолият, инчунин, ҷиҳати намояндагии манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷомеа дар муҳокима ва

қабули қарорҳо дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ, дар ҶТ қабул намудани Қонун «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти давлатӣ» (замимаи №5) ва «Низомнома дар бораи тартиби суғуртаи шахсии хатмии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ ва ҷуброни зарари ба саломатӣ ва молу мулки онҳо расонидашуда» (замимаи №6) ба мақсад мувофиқ дониста мешаванд.

**4.** Бо мақсади тақвияти фаъолияти ҳамкорӣ байни МКД ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дар ин замина, ҳар чи бештар дастрас намудани маълумот оид ба фаъолияти мутақобилаи ҳамкорӣ, дар сомонаи расмии ВКД ҶТ ҷойгир кардани равзанаи алоҳида оид ба ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дар сомонаи расмии Вазорати адлияи ҶТ оид ба номгӯи пурраи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳисоботи муфассали фаъолияти онҳо, ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

# РУЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.04.2023).

[2] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 08.10.2023).

[3] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 08.10.2023).

[4] Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Узбекистон» аз 15 феврали соли 1992, №223-XII. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30547267. (санаи муроҷиат: 13.07.2023).

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо» аз 12 марти соли 1992, №576. (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1992, № 7, мод. 101; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 9, мод. 117).

[6] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милиса» аз 2 майи соли 1992, №651. (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1992, №12, мод. 208; соли 1993 №9-10, мод. 139; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, №23-23, мод. 333; соли 1998, №10, мод.

129; соли 2001, №4, мод. 164; соли 2002, №4, қ. 1, мод. 233; соли 2003, №4, мод. 145; №12, мод. 688).

[7] Қонуни Ҷумҳурии мардумии Чин «Дар бораи политсияи мардумӣ» аз 28 феврали соли 1995, №40 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://asia-business.ru/law/law1/lawsystem/police/ (санаи муроҷиат: 24.07.2023).

[8] Қонуни Федералии ФР «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 19 майи соли 1995, №82-ФЗ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.kremlin.ru/acts/bank/7877. (санаи муроҷиат: 23.08.2023).

[9] Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 31 майи соли 1996, №3-1. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=1005615. (санаи муроҷиат: 23.08.2023).

[10] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 21 майи соли 1998, №644 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2023).

[11] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2023).

[12] Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» аз 15 октябри соли 1999, №111. [Захираи электронї]. – Манбаи дастрасӣ: https:cbd.minjust/gov/kg/274/edition/6030/ru/ (санаи мурољиат: 12.02.2023).

[13] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, №41 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.03.2023).

[14] Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 9 июли соли 2004,

№590-II. [Захираи электронї]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=1049312. (санаи муроҷиат: 12.07.2023).

[15] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, №258 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.03.2023).

[16] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, №362 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.09.2023).

[17] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.10.2023).

[18] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 3 декабри соли 2009, №566 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.03.2023).

[19] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010, №566 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 14.09.2023).

[20] Қонуни Федералии Федератсияи Росия «Дар бораи политсия», аз 7 феврали соли 2011, №3-ҚФ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: kodeks.karelia.ru›api/show/902260215. (санаи муроҷиат: 24.10.2024).

[21] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, №721 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ

«Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.11.2023).

[22] Қонуни Украина «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 22 марти соли 2012, №4572-VI. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://kodeksy.com.ua/ka/ob_obwestvennyh_ob_edineniyah.htm. (санаи муроҷиат: 24.11.2023).

[23] Қонуни федералии ФР «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ» аз 2 апрели соли 2014, №44-ҚФ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.kremlin.ru/acts/bank/38272. (санаи муроҷиат: 13.12.2023).

[24] Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Қазоқистон» аз 23 апрели соли 2014, №99-V. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: kodeksy-kz.com›ka/ob_organah_vnutrennih_del.htm. (санаи муроҷиат: 27.12.2023).

[25] Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятии мақомоти давлатӣ» аз 24 майи соли 2014, №74. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cbd.minjust.gov.kg/4-5065/edition/1358/ru. (санаи муроҷиат: 27.12.2023).

[26] Қонуни Украина «Дар бораи политсияи миллӣ» аз 2 июли соли 2015, №580-VIII. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=38962211. (санаи муроҷиат: 07.01.2024).

[27] Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ» аз 2 ноябри соли 2015, №383- V ҚҶҚ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=36800092. (санаи муроҷиат: 11.02.2024).

[28] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 2 январи соли 2020, №1658 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 08.03.2024).

[29] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 22 июни соли 2023, №1969 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

[30] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» аз 22 июни соли 2023, №1970 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.06.2024).

[31] Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 15.07.2025).

[32] Қарори Кумитаи марказии ҳизби комунистии шурои сотсиалистӣ ва Шурои Вазирони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ «Дар бораи иштироки меҳнаткашон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар кишвар» аз 2 марти соли 1959, №218. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://docs.cntd.ru/document/901810390. (санаи муроҷиат: 24.08.2023).

[33] Указ Президиума ВС СССР от 20.05.1974 г, № 6007-VIII «Об основных обязанностях и правах добровольных народных дружин по охране общественного порядка» // Ведомости ВС СССР. 1974 г. № 22. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://base.garant.ru/6593949/ (дата обращения: 24.08.2023).

[34] Постановление ЦК КПСС, Совмина СССР от 20.05.1974 г. № 379 «О дальнейшем совершенствовании деятельности добровольных народных дружин по охране общественного порядка» // СП СССР. 1974 г, №12. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://docs.historyrussia.org/ru/nodes/446579. (дата обращения: 28.08.2023).

[35] Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 апрели соли 1997, №691 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.07.2023).

[36] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» аз 3 январи соли 2011, №976 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2023).

[37] Фармони Президенти ФР аз 23 майи соли 2011, №668 «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятии назди Вазорати корҳои дохилии ФР ва мақомотҳои ҳудудии он». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.kremlin.ru/acts/bank/39971. (санаи муроҷиат: 12.03.2023).

[38] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №1291 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани нақши нозирони минтақавии милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва тавсеаи ҳамкории онҳо бо аҳолӣ» // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 22.08.2023).

[39] Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013, №1438 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.03.2023).

[40] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 «Дар бораи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.11.2023).

[41] Низомномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №592 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2008, таҳти №283, аз 29.04.2009, таҳти №274, аз 30.12.2011, таҳти №673, аз 30.12.2015, таҳти №819) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2024).

[42] Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №296 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.03.2023).

[43] Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №296 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.03.2023).

[44] Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021–2025, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №211 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2023).

[45] Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №211 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2023).

[46] Низомнома «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ», бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2024, №59 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 22.05.2024).

[47] Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2024, №60 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 14.07.2024).

[48] Низомнома дар бораи Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо фармони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2007, №693. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: vkd.tj›index.php/tj/sanad-o/farmon-o/14496. (санаи муроҷиат: 28.09.2024).

[49] Низомномаи нозирони минтақавии милитсия, бо фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 феврали соли 2013, №10 б/з // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 06.12.2023).

[50] Фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба ташкили фаъолияти кормандони ғайриштатии милитсия дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 январи соли 2014, №2 б/з // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 21.04.2025).

[51] Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ислоҳоти милитсия дар назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2014, №841 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 21.06.2023).

[52] Кодекси одоби касбии корманди милитсия, бо фармоиши Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2017, №19 б/з // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// www. vkd.tj (санаи муроҷиат: 29.06.2024).

[53] Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ оид ба мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар назди мақомоти милитсия, бо фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2017,

№256 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 21.06.2023).

[54] Фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2018, №1 б/з оид ба тасдиқи Консепсияи ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 14.08.2025).

[55] Фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хушмуомилагӣ ва муносибати боэҳтиромонаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, хизматчиёни ҳарбии қушунҳои дохилӣ бо ҳамкасбон ва шаҳрвандон» аз 10 октябри соли 2024, №766 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2025).

## II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ

[56] Алексеев, С.С. Общая теория права [Текст]: учебник / С.С. Алексеев. – Москва: Проспект, 2009. – 565 с.

[57] Алексеев, С.С. Право. Азбука. Теория. Философия: Опыт комплексного исследования [Текст]: / С.С. Алексеев. Издательская группа НОРМА-ИНФРА. – М., 1998. – 958 с.

[58] Амрудинзода, М.А., Ваⅼизода, Н.Д., Ғафурзода, Д.А ва дигар ҳайати муаллифон. Зери роҳбарии Шарифзода Ф.Р. Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Қисмҳои умумӣ ва махсус: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Контраст», 2024. – 836 с.

[59] Анисимов, А.П., Рыженков, А.Я., Осетрова, А.Ю., Попова, О.В. Правоведение. [Текст]: учебник и практикум для вузов / А.П. Анисимов, А.Я. Рыженков, А.Ю.Осетрова, О.В. Попова. под редакцией А.Я. Рыженкова. – 6-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2025. – 344 с.

[60] Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Китоби дарсӣ / Дар зери тахрири узви вобастаи АУ Ҷумҳурии

Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Усмонов О.У. – Душанбе, «Маориф». 1999. – 290 с.

[61] Бахрах, Д.Н. Административное право России [Текст]: учебник для вузов / Д.Н. Бахрах. –М.: Эксмо, 2011. – 701 с.

[62] Бойченко, В.В. Емельянова, Е.Д. Взаимодействие полиции и населения: зарубежный опыт [Текст]: / В.В. Бойченко, Е.Д. Емельянова. – Волгоград: Изд-во ВЮИ МВД РФ, 2000. – 165 с.

[63] Васильев, С.А. Конституционно-правовые основы взаимодействия общественных объединений с правоохранительными органами России в сфере защиты прав и свобод человека и гражданина [Текст]: монография / С.А. Васильев. М.: Вузовский учебник, 2016. – 116 с.

[64] Венгеров, А.Б. Теория государства и права [Текст]: Учебник для юридических вузов. 3-е изд. / А.Б. Венгеров. – М.: Юриспруденция, 2000. – 528 с.

[65] Взаимодействие милиции / полиции и населения: отечественный и зарубежный опыт. Ч. 3: Концептуальные основы и содержание подготовки сотрудников ОВД к взаимодействию с населением [Текст]: учебное пособие / Под ред. С.А. Дербичевой, И.Ч. Шушкевича. – Смоленск: Смоленский регион IPA, 2001. – 132 с.

[66] Взаимодействие милиции и населения: к итогам харьковского эксперимента [Текст]: науч.-практич. пособие. – Харьков: Нац. ун-т внутр. дел, 2003. – 285 с.

[67] Гончаров, А.А. Гражданский контроль над органами власти [Текст] / А.А. Гончаров. – М.: Издательство «Весь Мир», 2010. – 224 с.

[68] Граждан, В.Д. Социология управления [Текст]: учебник / В.Д. Граждан. – Москва.: Издательство Юрайт, 2022. – 604 с.

[69] Долгополов, А.Н. Организационно-правовые вопросы деятельности общественных формирований по охране общественного порядка и государственной границы в Украине [Текст] дис. Каб. Министров Украины, Нац. аудит. ун-т. – М., 2008. – 268 с.

[70] Зивс, С.Л. Источники права [Текст] / С.Л. Зивс. Отв. ред.: Казимирчук В.П. – М.: Наука, 1981. – 239 с.

[71] Иванов, А.И. Народные дружины [Текст] / А.И. Иванов. Чебоксары, 1976. – 160 с.

[72] Каблов, Д.С. Административно-правовой статус членов общественных формирований по охране общественного порядка и государственной границы [Текст]: монография / Д.С. Каблов. – Донец. юрид. ин-т Луган. гос. ун-та внутр. дел им. Дидоренко. – М.: Ноулидж, Донец. изд., 2010. – 170 с.

[73] Калюжный, С.М. Правоохранительная деятельность в зарубежных странах [Текст] / С.М. Калюжный. – М.: ИНИОН, 1991. – 345 с.

[74] Козлов, Ю.М. Административное право [Текст]: Учебник / Ю.М. Козлов. – М.: Юристъ, 2005. – 760 с.

[75] Колпаков, В.К. Взаимодействие участкового инспектора милиции с формированиями общественности [Текст]: учебное пособие / В.К. Колпаков. – Киев: НИ и РИО Киевской высшей школы МВД СССР им. Ф.Э. Джерзинского, 1990. – 100 с.

[76] Колпаков, В.К. Взаимодействие милиции и общественности в сфере правопорядка [Текст] / В.К. Колпаков. – М.: Изд-во УАВД, 1993. – 80 с.

[77] Крылов, А.В. Взаимодействие органов прокуратуры со средствами массовой информации в досудебном производстве: организационно-правовые и криминалистические аспекты [Текст] /А.В. Крылов. – М.: Юрлитинформ, 2006. – 216 с.

[78] Кутафин, О.Е. Предмет конституционного права [Текст] / О.Е. Кутафин. – М.: Юрист, 2001. – 444 с.

[79] Малышева, И.В. Правотворчество в современном мире [Текст]: учебное пособие / И.В. Малышева. – Новокузнецк: ФКОУ ВО Кузбасский институт ФСИН России, 2018. – 44 с.

[80] Морозова, Л.А. Теория государства и права [Текст]: учебник / Л.А. Морозова. 5-е изд., перераб. и доп. – М.: Норма, 2013. – 464 с.

[81] Муҳаммад, А.Н., Хидирзода, М.У., Сафарализода, Х.Қ. Сиёсатшиносӣ [Матн]: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайриихтисоси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / А.Н. Муҳаммад., М.У. Хидирзода., Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: Паёми ошно, 2018. – 414 с.

[82] Назаров Н.Д. Совершенствование организации и деятельности Таджикской милиции (1945-1991 гг.). [Текст]: монография. Книга 2 / Н.Д. Назаров; ред. Р. С. Мулукаев. – Душанбе: Эр – Граф, 2012. – 215 с.

[83] Насриддинзода, Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ [Матн] / Э.С. Насриддинзода. – Душанбе: Эр – граф, 2016. – 316 с.

[84] Насриддинзода, Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ [Матн]: (воситаи таълимӣ) / Э.С. Насриддинзода – Душанбе: Меҳрона-2017, 2019. – 204 с.

[85] Недбайло, П.Е., Шебанов А.Ф. Форма советского права [Текст] / П.Е. Недбайло., А.Ф. Шебанов. – М.: Юрид. лит., 1968. – 216 с.

[86] Нижник, Н.С., Меньшикова, Н.С. Полиция и гражданское общество в России: взаимодействие и сотрудничество [Текст] / Н.С. Нижник., Н.С. Меньшикова. СПб.: Изд-во СПб ун-та МВД России, 2016. – 202 с.

[87] Осипов, Г.В. Социология [Текст]: монография / Г.В. Осипов. – Изд. 2-е. – М.: URSS, 2008. – 480 с.

[88] Петражицкий, Л.И. Теория права и государства в связи с теорией нравственности [Текст] / Л.И. Петражицкий. Т. 2. – Изд. 2-е, испр. и доп. – Санкт-Петербург: Тип. Т-ва «Екатерингофское печатное дело», 1909-1910, 1910. – 758 с.

[89] Потапенкова, И.В. Административно-правовой статус подразделений и служб полиции по охране общественного порядка и обеспечению общественной безопасности [Текст]: монография / И.В. Потапенкова. – М.: Юрайт, 2014. – 233 с.

[90] Раҷабзода Р.М. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ [Матн]: Монография / Зери таҳрири профессор Р.Ш. Шарофзода. – Душанбе, «Полиграф групп», 2020. – 224 с.

[91] Римское частное право [Текст]: учебник для бакалавров и магистров / под ред. И.Б. Новицкого, И.С. Перетерского. – М.: Издательство Юрайт, 2015. — 607 с.

[92] Современный словарь иностранных слов. – Москва, издательство «Русский язык», 1992 год. – 740 с.

[93] Солиев, К.Х., Мансурзода, А.М., Абдулаҳадзода, А.А., Нуридинзода, С.Н., Мирзорустамов, М.М. Раҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа [Матн] / К.Х. Солиев, А.М. Мансурзода, А.А. Абдулаҳадзода, С.Н. Нуридинзода, М.М. Мирзорустамов. зери назари сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 84 с.

[94] Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат [Матн]: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2005. – 524 с.

[95] Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ [Матн]: китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Сино, 2018. – 784 с.

[96] Социологический энциклопедический словарь [Текст]: На русском, английском, немецком, французском и чешском языках. Редактор-координатор – академик РАН Г.В. Осипов. – М.: Издательская группа ИНФРА М – НОРМА, 1998. – 488 с.

[97] Старилов, Ю.Н. Курс общего административного права: В 3 т. / Ю.Н. Старилов. [Текст]: Государственная служба. Управленческие действия. Правовые акты управления. Административная юстиция. М.: Изд-во НОРМА, 2002. – 585 с.

[98] Тарановский, Ф.В. Учебник энтсиклопедии права [Текст] / Ф.В. Тарановский. – Юрьев: Типография К. Матиссена, 1917. – [4], – 534 с.

[99] Теория юридического взаимодействия: конвергенция и дивергенция в праве [Текст]: курс лекций / О.Д. Третьякова [и др.]; Владим. гос. ун-т им. А.Г. Столетовых. – Владимир: Изд-во ВлГУ, 2019. – 320 с.

[100] Фарҳанги ислоҳоти ҳуқуқ [Матн]: зери таҳрири академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор, М.А. Маҳмудов. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – 275 с.

[101] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ [Матн]: зери таҳрири н.и.ҳ Имомов А.И. ва Диноршоев А.М. – Душанбе, 2013. – 370 с.

[102] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 [Матн]: зери таҳрири С. Назарзода (раис), А. Сангинов, С. Каримов, Мирзо Ҳ.С. – Душанбе, 2008. – 949 с.

[103] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 [Матн]: зери таҳрири С. Назарзода (раис), А. Сангинов, С. Каримов, Мирзо Ҳ.С. – Душанбе, 2008. – 944 с.

[104] Философский энциклопедический словарь. Изд-во: Сов. энциклопедия. – М, 1983. – 840 с.

[105] Философский энциклопедический словарь / Ред. кол.: С.С. Аверинцев, Э.А. Араб-Оглы, Л.Ф. Ильичев и др. 2-е изд. – М.: Советская энциклопедия, 1989. – 815 с.

[106] Ҳабибов, С.Ҳ., Фақеров, Ҳ.Н., Ҷамшедов, М.Ҷ. Луғати истилоҳоти иқтисодӣ (русӣ-тоҷикӣ) [Матн] / С.Ҳ. Ҳабибов., Ҳ.Н. Фақеров., М.Ҷ. Ҷамшедов. – Душанбе: «Ирфон», 2010. – 323 с.

[107] Ҳамидов, Х. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷӣ [Матн]: Қисми умумӣ. Ҷилди I / Х. Ҳамидов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – 404 с.

[108] Шаповалова, Л.Д. Государство и общественные объединения России в XX – начале XXI в. [Текст]: учеб. пособие / Л.Д. Шаповалова. – М.: Инфра-М, 2016. – 160 с.

[109] Шарифзода, Ф.Р. Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти миллии давлат [Матн]: монография / Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Империал-Групп, 2023. – 302 с.

[110] Шарофзода, Р.Ш. Назарияи идоракунӣ [Матн]: китоби дарсӣ барои шунавандагони факултети кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р.Ш. Шарофзода. – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2021. – 292 с.

[111] Шершеневич, Г.Ф. Общая теория права [Текст] / Г.Ф. Шершеневич. – М.: Изд. Бр. Башмаковых, 1911. – 698 с.

[112] Энсиклопедияи мақомоти корҳои дохилӣ [Матн]: зери назари Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 592 с.

## III. Мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо

[113] Абдулло, А.Р. Милиция Республики Таджикистан в условиях реформирования: борьба за доверие населения / А.Р. Абдулло // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2018. – №4 (40). – С. 119-128.

[114] Бучакова, М.А., Дизер, О.А. Взаимодействие полиции и общества / М.А. Бучакова, О.А. Дизер // Вестник Омского университета. серия «право». – 2015. – № 2. – С. 58-63.

[115] Важенина, И.В. Модели организации деятельности полиции зарубежных государств в сфере взаимодействия с гражданским обществом / И.А. Важенина // Вестник Санкт-Петербурского университета МВД России. – 2024. – № 1 (101). – С. 20-32.

[116] Гончаров, И.В. Общественное мнение как форма гражданского контроля за деятельностью органов внутренних дел / И.В. Гончаров // Органы внутренних дел в механизме Российского

государства: материалы межвузовского научного семинара. – М.: Академия управления МВД России, 2003. – С. 143-146.

[117] Гришковец, А.А. К вопросу о так называемом «административно-деликтном праве» / А.А. Гришковец // Вестник Всероссийского института повышения квалификации сотрудников Министерства внутренних дел Российской Федерации. – 2020. – № 1 (53). – С. 54-61.

[118] Грунин, А.Г. Некоторые аспекты заглаживания вреда при примирении сторон / А.Г. Грунин // Вестник общественной научно-исследовательской лаборатории «Взаимодействие уголовно-исполнительной системы с институтами гражданского общества: историко-правовые и теоретико-методологические аспекты». – 2019. – № 16. – С.65-68.

[119] Дунаева, О.Н. Зарубежный опыт формирования взаимодействия полиции и общества (на примере Китайской Народной Республики) / О.Н. Дунаева // Вестник Сибирского юридического института МВД России. – 2020. – № 4 (41). – С. 110–115.

[120] Егорышев, С.В. Правовые основы взаимодействия органов внутренних дел с гражданским обществом как условие социально-правовой эффективности правоохранительной деятельности / С.В. Егорышев // Вестник ВЭГУ. – 2016. – № 1 (81). – С. 49-58.

[121] Жерновой, М.В., Глухов, В.В. Взаимодействие граждан и полиции: состояние и перспективы / М.В. Жерновой, В.В. Глухов // Социологические исследования. – 2013. - № 7. – С. 110-114.

[122] Зайцев, И.А., Репьев, А.Г. О некоторых проблемах совершенствования законодательства в сфере участия граждан в охране общественного порядка / И.А. Зайцев, А.Г. Репьев // Административное право и процесс. – 2015. – №3. – С. 42-45.

[123] Зайцев, И.А., Фирсова, Е.А. Участие граждан в охране общественного порядка: перспективные формы взаимодействия, проблемы и предложения по совершенствованию / И.А. Зайцев, Е.А.

Фирсова // Вестник Барнаульского юридического института МВД России. – 2017. – № 1 (32). – С. 119-122.

[124] Калинин, А. Ю., Комаров, С. А. Форма (источник) права как категория в теории государства и права / А.Ю. Калинин, С.А. Камаров // Изв. вузов. Правоведение. – 2000. – № 6. – С. 3-10.

[125] Кечекьян, С.Ф. О понятии источников права / С.Ф. Кечекьян // Ученые записки: Труды юридического факультета. Ученые записки МГУ. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1946, Вып. 116: Кн 2. – С. 3-25.

[126] Киричёк, Е.В. Совершенствование деятельности полиции по обеспечению конституционных прав и свобод человека и гражданина и взаимодействию с институтами гражданского общества: комплексные меры / Е.В. Киричёк // Юридическая наука и правоохранительная практика. – 2014. – № 4 (30). – С. 40 - 49.

[127] Клеймёнов, М.П., Седельцев, М.В. Легитимность полиции / М.П. Клеймёнов, М.В. Седельцев // Правоприменение. – 2021. – № 3. – С. 34-44.

[128] Князев, Р.М. Муниципальный Интернет-ресурс как форма эффективного взаимодействия муниципальной власти и населения / Р.М. Князев // Проблемы современной экономики: мат. междунар. научн. конф. (Челябинск, декабрь 2011 г.). – Челябинск: Два комсомольца, 2011. – С. 36-42.

[129] Кобец, П.Н. Опыт полиции Республики Индии по взаимодействию с гражданским обществом в сфере поддержание правопорядка / П.Н. Кобец // Государственная власть и местное самоуправление. – 2019. – №1. – С. 59-63.

[130] Кобец, П.Н. Опыт Республики Польща по взаимодействию с гражданским обществом в сфере охраны правопорядка и поддержания безопасности / П.Н. Кобец // Гражданское общество в России и за рубежом. – 2019. – №1. – С. 32-35.

[131] Кокорев, В.Ю., Яковлев, О.В. Перспективы взаимодействия полиции с институтами гражданского общества в сфере охраны

общественного порядка, обеспечения общественной безопасности и противодействия преступности / В.Ю. Кокорев, О.В. Яковлев // Вестник Краснодарского университета МВД России. – 2018. – № 4. – С. 15-20.

[132] Колеско, С.С. Положительный опыт участия населения Нидерландов в охране общественного порядка / С.С. Колеско // Известия Гомельского государственного университета имени Ф. Скорины. Сер.: Социально-экономические и общественные науки. – 2021. – № 2 (125). – С. 92-96.

[133] Конин, Н.М. Понятие и сущность общественной безопасности / Н.М. Конин // Право и практика. – 2010. – № 1. – С. 51-59.

[134] Кораблев, С.Е. Социально-ориентированная стратегия деятельности полиции как фактор ее профессиональной эффективности / С.Е. Кораблев // Вестник Воронежского института МВД России. 2013. № 1. – С. 148-155.

[135] Қодирзода, Ғ.Н. Аҳаммияти шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони МКД дар эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд / Ғ.Н. Қодирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалии Донишгохи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ. – 2022. – №4 (28). – С. 69-78.

[136] Лавринович, К.И. Общественно ориентированная деятельность полиции – характеристика современного правового государства / К.И. Лавринович // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2019. – № 4 (84). – С. 26–36.

[137] Майоров, В.И., Дунаева, О.Н., Пряников, А.М. Опыт Китайской народной Республики по организации взаимодействия полиции и общества в охране общественного порядка / В.И. Майоров, О.Н. Дунаева, А.М. Пряников // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2021. – №3. – С. 107-112.

[138] Майоров, В.И., Севрюгин, В.Е. Противодействие преступности на основе современных концепции взаимодействия полиции и общества: опыт зарубежных стран и России / В.И. Майоров,

В.Е. Севрюгин // Вестник Пермского университета. Юридические науки. – 2017. – №35. – С. 95-106.

[139] Майорова, С.А. Основные принципы и формы взаимодействия полиции с государственными органами в сфере охраны общественного порядка и обеспечения общественной безопасности / С.А. Майорова // Вестник Владимирского юридического института. – 2016. – №1 (38). – С. 84-89.

[140] Манцуров, А.Ю. Особенности тактики деятельности Народной полиции Китайской Народной Республики при несении службы / А.Ю. Манцуров // Вестник Московского университета МВД России. – 2009. – № 11. – С. 105–108.

[141] Мирзорустамов, М.М. Роль общественных формирований в работе с личным составом органов внутренних дел / М.М. Мирзорустамов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2019. – № 3(43). – С. 67-70.

[142] Мирзоҳофизиён, М.М. Взаимодействие правоохранительных органов Республики Таджикистан с населением по обеспечению общественного порядка / М.М. Мирзоҳофизиён // Государственная служба и кадры. – 2019. – №4. – С. 229-231.

[143] Немцев, А.В. «Взаимодействие» как категория политической науки и предмет политологического исследования / А.В. Немцев // Среднерусский вестник общественных наук. – 2016. – №4. – С. 77-84.

[144] Нечевин, Н.Д. Правовое регулирование участия граждан в обеспечении правопорядка в современный период / Н.Д. Нечевин // Российский следователь. – 2005. – №7. – С. 42- 45.

[145] Нижник, Н.С. Полиция и гражданское общество: поиск вектора взаимодействия / Н.С. Нижник // Полицейская деятельность. – 2018. – № 5. – С. 52–66.

[146] Саетгараев, В.Ф. Политика содействия гражданского общества в деятельности полиции США / В.Ф. Саетгараев // Вестник

Восточно-Сибирского института МВД России. – 2022. – № 1 (100). – С. 197-213.

[147] Сативалдыев, Р.Ш. Взаимодействие правоохранительной системы с социальной средой / Р.Ш. Сотивалдыев // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2018. – № 4 (40). – С. 81-89.

[148] Сергиенко, А.М. Правовое регулирование форм общественного контроля в системе местного самоуправления: вопросы теории и практики / А.М. Сергиенко // В сборнике: Актуальные вопросы развития российской государственности и публичного права. Материалы III всероссийской научно-практической конференции. Ответственный редактор Е.В. Трофимов. – Санкт-Петербург, – 2017. – С. 89-95.

[149] Сигрейв, Дж. Что означает термин? Полицейская охрана общественного порядка с участием граждан общества в Великобритании, США и Канаде / Дж. Сигрейв // Полис Джорнел. – Англия, 1996. – С. 1-22.

[150] Слободнюк, С.Л. Правовая реальность и правосознание в методологическом дискурсе / С.Л. Слободнюк // Теория и практика общественного развития. – 2012. – № 11. – С. 345-347.

[151] Случевская, Ю. Зарубежный опыт партнерских отношений между полицией и населением / Ю. Случевская // Профессионал. – 2011. – № 3. – С. 17 - 20.

[152] Степанян, А.И. Демократическая полиция – субъект правоохранительной системы современного государства / А.И. Степанян // Пробелы в российском законодательстве. – 2020. – Т. 13. – № 3. – С. 37-41.

[153] Трубицына, Т.И. Категория «Взаимодействие» в системе экономического знания / Т.И. Трубицына // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия Экономика. Управление. Право. – 2007. – №1. – С. 3-10.

[154] Шарифзода, Ф.Р., Одиназода, А.Ш. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Р.

Шарифзода, А.Ш. Одиназода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ «Нақши қонунгузорӣ дарислоҳоти милитсия: муваффақият ва норасогиҳо». – Душанбе, 2023. – С. 5-7.

[155] Шарофзода, Р.Ш. Международные стандарты профессиональной этики полицейской службы / Р.Ш. Шарофзода // Труды Академии МВД РТ. – 2022. – №3 (55). – С. 66-75.

## IV. Диссертатсия ва авторефератҳо

[156] Абдуллаев, У.И. Внутрисистемный контроль в деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Абдуллаев Умарджон Икрамович. – М., 2009. – 24 с.

[157] Абдуллоев, А.Л. Правовые и организационные основы отбора и расстановки кадров государственной службы в органах внутренних дел Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.11 / Абдуллоев Абубакр Лутфуллоевич. – М., 2021. – 195 с.

[158] Аксенов, А.А. Проблемы управления в уголовно-исполнительной системе России: состояние и перспективы (организационно-правовой аспект) [Текст]: авторсф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.11 / Аксенов Аркадий Аркадьевич. – М., 1995. – 43 с.

[159] Алиев, А.А. Защита права на объединение в Конституционном Суде Российской Федерации [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Алиев Абумуслим Алиевич. – Москва, 2000. – 34 с.

[160] Алимзода, Ш.А., Нормативный договор как источник права Таджикистана: теоретико–правовое исследование [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Алимзода Шаҳлохон Абдусалом. – Душанбе, 2022. – 203 с.

[161] Батурина, Ю.Б. Правовая форма и правовое средство в системе понятий теории права [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Батурина Юлия Борисовна. – Москва, 2001. – 149 с.

[162] Валиев, Н.Д. Административно-правовое регулирование взаимодействия органов внутренних дел Республики Таджикистан с общественными объединениями [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Валиев Навруз Дустмуродович. – Москва, 2019. – 192 с.

[163] Галоян, К.О. Опыт взаимодействия добровольных народных дружин и милиции Армянской ССР в 1959-1986 гг.: организационно-правовой аспект [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Галоян Карлен Оганесович. Акад. М-ва внутренних дел СССР. Ереван, 1990. – 177 с.

[164] Гулназарова, Ж.Б. Семантика глагола в таджикском литературном языке (на примере художественного наследия Абдурахмона Джоми) [Текст]: автореф. дис. … д-ра. фил. наук: 10.02.22 / Гулназарова Жилло Буриевна. – Душанбе, 2020. – 48 с.

[165] Десятых, П.В. Организация и правовое обеспечение общественного контроля за деятельностью органов внутренних дел [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Десятых Павел Владимирович. – М., 2009. – 239 с.

[166] Желтова, Н.В. Правовые и организационные основы взаимодействия уголовно-исполнительной системы со средствами массовой информации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Желтова Наталья Викторовна. — Рязань, 2004. – 200 с.

[167] Кахаров А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР (1924–1929 гг.) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Кахаров Абдураҳим Абдулаҳадович. – Душанбе, 1999. – 194 с.

[168] Ковалева, И.В. Ценности правовой культуры в представлениях российского общества конца XIX – начала XX веков [Текст]: дис. ... канд. филос. наук: 24.00.01 / Ковалева Инна Владимировна. – Великий Новгород, 2001. – 192 с.

[169] Колодин, Р.В. Правовые и организационные аспекты общественного контроля за деятельностью воспитательных колоний [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Колодин Руслан Владимирович. – Вологда, 2010. – 194 с.

[170] Кудратов, М.О. Правовое регулирование, организация подготовки кадров и прохождения службы в органах внутренних дел Республики Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Кудратов Муминбой Очилович. – М., 2013. – 249 с.

[171] Лащёнов, М.С. Формирование социального партнёрства в правоохранительной сфере. [Текст]: дис. ... канд. социол. наук: 22.00.08 / Латшёнов Михаил Сергеевич. – Москва, 2018. – 225 с.

[172] Лещина, Э.Л. Правовые и организационные основы реализации милицией правоохранительной функции государства [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: / Лещина Эдуард Леонидович. – Санкт-Петербург, 2008. – 205 с.

[173] Малый, Д.А. Конституционное право на объединение в Российской Федерации [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Малый Денис Александрович. – Казань, 2002. – 21 с.

[174] Маркитантов, А.В. Негосударственные объединения в Российской Федерации: Теория и практика конституционно-правового регулирования. [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Маркитантов Алексей Валерьевич. – Екатеринбург, 2002. – 195 с.

[175] Маркитантов, А.В. Негосударственные объединения в Российской Федерации: теория и практика конституционно-правового регулирования [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Маркитантов Алексей Валерьевич. – Екатеринбург, 2002. – 29 с.

[176] Матвеев, А.П. Теоретические и организационно-правовые аспекты взаимодействия уголовно-исполнительной системы с общественными объединениями [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Матвеев Андрей Павлович. – Рязань, 2005. – 211 с.

[177] Махмудов, И.Т. Теоретические основы и научно-практические проблемы прокурорского надзора за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности (по материалам Республики Таджикистан) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Махмудов Изатулло Тешаевич. – М., 2008. – 250 с.

[178] Мирзорустамов, М.М. Деятельность руководителя территориального органа МВД Республики Таджикистана по предупреждению дисциплинарных правонарушений и преступлений среди личного состава [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Мирзорустамов Мирзоалишер Мирзокосимович. – М., 2018. – 214 с.

[179] Мирзохофизиён, М.М. Механизм административно-правового регулирования участия граждан Республики Таджикистан в обеспечении общественного порядка. [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Мирзохофизиён Мирзоали Мирзохофиз. – Москва, 2022. – 204 с.

[180] Музычук, О.М. Организационно-правовые основы участия граждан в охране общественного порядка и борьбе с правонарушениями [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.07 / Музичук Олександр Миколайович. – Харьков, 2003. – 193 с.

[181] Нажбудинов, М.А. Правовые и организационные основы взаимодействия органов внутренних дел с институтами гражданского общества в Республике Таджикистан в сфере противодействия наркотизации населения. [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Нажбудинов Мухридин Амрудинович. – Москва, 2015. – 254 с.

[182] Науменко, Е.С. Организационно-правовые способы взаимодействия органов исполнительной власти и институтов гражданского общества [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / Науменко Евгений Сергеевич – Саратов, 2010. – 31 с.

[183] Нуралиев, С.Ш. Административно-правовой статус сотрудника органов внутренних дел Республики Таджикистан

(сравнительно-правовой анализ). [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Нуралиев Содикджон Шарифович. – Москва, 2018. – 174 с.

[184] Нуралиев, С.Ш. Административно-правовой статус сотрудника органов внутренних дел Республики Таджикистан (сравнительно-правовой анализ) [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / Нуралиев Содикджон Шарифович. – Москва, 2018. – 23 с.

[185] Одинаев, А.Ш. Теоретико-правовые аспекты формирования гражданского общества: на примере Республики Таджикистан. [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Одинаев Абдугафор Шерович. – Москва, 2008. – 158 с.

[186] Павлов, А.А. Участие общественности в деятельности уголовно-исполнительной системы на современном этапе [Текст]: дис. ... канд. юрид. паук: 12.00.08 / Павлов Альберт Александрович. – Вологда, 2009. – 222 с.

[187] Попов, О.В. Теоретико-правовые вопросы судебного правотворчества в РФ [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Попов Олег Валериевич. – Казань, 2004 – 17 с.

[188] Сангинов, Х.С. Теория и практика прокурорского надзора за исполнением законов об укреплении государственной дисциплины в народном хозяйстве (по материалам Ленинабадской области Таджикской ССР) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Сангинов Хаким Сангинович. – Душанбе, 1975. – 194 с.

[189] Семьянов, Е.В. Судебное правотворчество: Вопросы общей теории права Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Семьянов Евгений Викторович. – Москва, 2005 – 22 с.

[190] Терентьев, С.А. Правовые и организационные основы участия граждан в охране общественного порядка. [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Терентьев Сергей Анатольевич. – Москва, 2009. – 172 с.

[191] Усенов, К.И. Организация взаимодействия органов внутренних дел с общественными объединениями Кыргызской республики в сфере обеспечения правопорядка [Текст]: дис. ... канд.

юрид. наук: 12.00.11 / Усенов Каныбек Ибраимович. – Москва, 2014. – 207 с.

[192] Федосеев, А.А. Принцип сотрудничества субъектов гражданского права. [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Федосеев Александр Андреевич. – Ульяновск, 2021. – 184 с.

[193] Федосеев, А.А. Принцип сотрудничества субъектов гражданского права [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Федосеев Александр Андреевич. – Ульяновск, 2021. – 31 с.

[194] Хабибов, С.А. Организация взаимодействия органов внутренних дел Республики Таджикистан и Российской Федерации в сфере оперативно-розыскной деятельности по борьбе с преступлениями террористического характера [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.12 / Хабибов Сайфулло Абдуллоевич. – Москва, 2020. – 30 с.

[195] Хайдарзода, З.П. Правовые и организационные основы деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан по противодействию торговле людьми [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Хайдарзода Зафар Пирмахмад. – Москва, 2019. – 29 с.

[196] Шарифзода, П.Р. Административно-правовое регулирование деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в сфере профилактики насилия в семье [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 5.1.2 / Шарифзода Парвини Раҳмулло. – Москва, 2023. – 276 с.

[197] Шарифзода, Ф.Р. Теоретико-правовые основы организации деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в системе обеспечения национальной безопасности государства [Текст]: дис. … д-ра. юрид. наук: 12.00.11 / Шарифзода Файзали Рахмонали. – М., 2022. – 556 с.

[198] Ширинов, Р.К. Взаимодействие и сотрудничество в сфере обеспечения экономической безопасности Российской Федерации и Республики Таджикистан. [Текст]: дис. … канд. экон. наук: 08.00.05 / Ширинов Раджабали Камолович. – Москва, 2008. – 173 с.

## V. Захираҳои электронӣ


[199] Вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳайати роҳбарикунандаи сохтори қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти тартиботи ҳуқуқӣ, аз 9-уми феврали соли 2020 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj (санаи муроҷиат: 05.09.2024).

[200] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23 апрели соли 2014 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj (санаи муроҷиат: 04.03.2023 с.).

[201] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26-уми декабри соли 2018 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj (санаи муроҷиат: 17.03.2023).

[202] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 декабри соли 2019 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj (санаи муроҷиат: 08.07.2023).

[203] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 январи соли 2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj (санаи муроҷиат: 08.07.2023).

[204] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик, аз 10 ноябри соли 2012 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2023).

[205] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, аз 9 марти соли 2024 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj ( санаи муроҷиат: 27.10.2024).

[206] Захираи электронии хориҷӣ: – URL: https://www.uscp.gov/the-department/bureaus-and-offices (санаи муроҷиат: 26.03.2025).

[207] Захираи электронии хориҷӣ: – URL: https://www.ohchr.org/ru/publications/professional-training-series/training-package-human-rights-and-law-enforcement-human (санаи муроҷиат: 26.03.2025).

[208] Захираи электронии хориҷӣ: – URL: https://www. osce.org/files/f/documents/8/4/32547.pdf (санаи муроҷиат: 17.04.2025).

[209] Захираи электронии хориҷӣ: – URL: https://popcenter.asu.edu/ all-problems (санаи муроҷиат: 21.05.2025).

[210] Захираи электронии хориҷӣ: – URL: https://www.hss.de/fileadmin/ media/downloads/ Publikationen/110323_Good-Policing.pdf (санаи муроҷиат: 26.06.2025).

[211] Захираи электронии хориҷӣ: – URL: site. http://www.npiadocuments.co.uk/ localpolicingandconfidence.pdf (санаи муроҷиат: 11.03.2025).

[212] Захираи электронии хориҷӣ: – URL: http://emotionalsurvival.com/ethics_based_ policing.htm (санаи муроҷиат: 23.07.2025).

## VI. Адабиёт бо забони хориҷӣ

[213] Fielding N., Innes M.  Reassurance Policing, community policing and measuring police performance // Policing and Society. – № 16 (2). – 2006. – P. 127–145.

[214] Huang Bin. Public activities of the Chinese Police // In: The activities of law enforcement agencies in modern conditions / Huang Bin. Materials of the MNPC. Irkutsk, 2012. – Pp. 369.

[215] Krishnamurthy Sastry. Trends in Community Policing and the option to innovate as well as internationalize new ideas in people's

participation in building safe societies // The 3rd Annual Meeting Asian Association of Police Studies Paper collections, July 2002. – P. 41–74.

[216] Lau Raymond W. K. Community Policing in Hong Kong: Limits to Realizing a Vision // Asian Policing. – Vol. 1. – № 1, January 2003. – P. 115.

[217] Martin Innes, Colin Roberts, Trudy Lowe, Helen Innes. Neighborhood Policing: The Rise and Fall of a Policing Model. – Oxford: Oxford University Press, 2020. – 288 p.

[218] Pyo Changwon. The Public Perception of the Police and various Police Reform Initiatives in Korea: 1999–2001 // Asian Policing. – Vol. 1. № 1 – January 2003. – P. 157–174.

[219] Sarmniento Lina C. Police Senior Superintendent Lina C. Sarmiento, Police and Community Partnership: Philippine Experience // Workshop Papers: Asia – Europe Democratization and Justice Series Improving the Role of the Police in Asia and Europe, Delhi, India. – 3–4 December 2008. – P. 82–93.

[220] Shinawatra Taksin, and Pongsapat Pongcharoen. Reforming the Police in Thailand // Bangkok, Royal Police Cadet Academy, 2006. – P. 89.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Нуриддинзода, С.Н. Асоснокии ҳамкории шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва баъзе аз проблемаҳои танзими ҳуқуқии он [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №2 (54). – С. 204-212. – ISSN 2410-2903.

**[2-М].** Нуриддинзода, С.Н. Танзими ҳуқуқӣ ва дурнамои назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави ислоҳот [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №8. – С. 252-259. – ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Нуриддинзода, С.Н. Баъзе аз проблемаҳои ҷойдошта оид ба нақши мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – №4. – С. 246-254. – ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Ализода, Н.Д., Нуриддинзода, С.Н. Ҳолати муосири назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Н. Ализода, С.Н. Нуриддинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – №5. – С. 264-270. – ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Нуриддинзода С.Н. Баъзе масъалаҳо оид ба тарбия ва такмили тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави ислоҳоти милитсия [Матн] / С.Н Нуриддинзода // Қонунгузорӣ. – 2025. – №2 (58). – С. 44-53. – ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Нуриддинзода, С.Н. Тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсия ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ислоҳоти милитсия [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити дигаргуншавии ҷомеаи Тоҷикистон: мушкилот ва стратегияи рушд. – Душанбе, Нашриёти РТМТ ва Н-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – С. 68-85.

**[7-М].** Нуриддинзода, С.Н. Баъзе аз проблемаҳои амалӣ ва норасогии қонунгузорӣ оид ба баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши қонунгузорӣ дар ислоҳоти милитсия: муваффақият ва норасогиҳо» – Душанбе: «Контраст», 2023. – С. 55-57.

**[8-М].** Нуриддинзода, С.Н. Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Маводи IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 18 апрели соли 2025). – С. 413-416.

**III. Китобҳои дарсӣ ва дастури таълимӣ-методӣ:**

**[9-М].** Солиев, К.Х., Мансурзода, А.М., Абдулаҳадзода, А.А., Нуридинзода, С.Н., Мирзорустамов, М.М. Раҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа [Матн] / К.Х. Солиев, А.М. Мансурзода, А.А. Абдулаҳадзода, С.Н. Нуридинзода, М.М. Мирзорустамов. Зери назари сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 84 с.; ISBN 978-99975-906-9-5.

**[10-М].** Нуриддинзода, С.Н. Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисмҳои умумӣ ва махсус [Матн]: китоби дарсӣ / С.Н. Нуриддинзода [ва диг.]. (Муал. Боби 4. – С 69-88; Боби 5. – С 92-98; Боби 6. – С 105-119; Боби 23. – С 459-480). – Душанбе: «Контраст», 2024. – 836 с.; ISBN 978-99985-875-9-5.

# ЗАМИМАҲО (НАТИҶАИ НАЗАРСАНҶӢ)

**Замимаи 1**

## Пурсишнома

Аз ҷониби кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1-и Академияи ВКД ҶТ оид ба асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таҳқиқоти илмӣ гузаронида шуда истодааст. Мо ба кумаки Шумо барои посух додан ба саволҳои ин пурсишнома ниёз дорем. Маълумоти бадастоварда танҳо ба мақсади таҳқиқотӣ истифода мешавад. Пас аз интихоби ҷавобе, ки Шумо мехоҳед, онро доира гузоред (ё дар зери он хат кашед).

**1. Аз раванди ислоҳоти милитсия дар ҶТ хабар доред ё не?**

а) бале;

б) начандон хуб;

в) не;

г) дигар________________________________________________________

**2. Фаъолияти милитсияро айни замон чи тавр баҳогузорӣ мекунед?**

а) ба таври мусбат тағйир ёфтааст;

б) ба таври манфӣ тағйир ёфтааст;

в) ҳеҷ тағйирот намебинам;

г) дигар________________________________________________________

**3. Мақсад ва зарурати ислоҳоти милитсияро Шумо дар чӣ мебинед?**

а) мутобиқ кардани фаъолияти милитсия ба стандартҳои байналмилалӣ;

б) барои гузаштан аз милитсия ба политсия;

в) баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва маҳорати касбии кормандони милитсия;

г) дигар________________________________________________________

**4. Ба фикри Шумо, шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба милитсия бо кадом роҳҳо ёрӣ мерасонанд?**

а) дар якҷоягӣ бо милитсия иштирок кардан дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

б) бевосита муроҷиат намудан оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо;

в) бетараф набудан ба кирдори ношоями шаҳрвандон ва пешгирӣ намудани онҳо;

г) дигар________________________________________________________

**5. Ба фикри Шумо, фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аъзоёни онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ зарурат дорад?**

а) бале;

б) зарурат надорад;

в) нақш ва мавқеи муҳим доранд онҳо;

г) дигар________________________________________________

**6. Ба фикри Шумо, ҳамкории ҷомеа бо милитсия ихтиёрӣ аст ё ҳатмӣ?**

а) ҳатмӣ;

б) ихтиёрӣ;

в) дигар________________________________________________

**7. Оё Шумо тайёред, ки ба кормандони МКД дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирӣ аз ҳуқуқвайронкунӣ ёрӣ расонед?**

а) бале;

б) намехоҳам;

в) ҳамкорӣ бо онҳо эътимоднок нест ва дигар мушкилиҳоро эҷод менамояд;

г) дигар________________________________________________

**8. Барои ҳамкориятон бо кормандони МКД дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кадом омил халал ворид месозад?**

а) маълумоти гирифтаашонро ба манфиати ҷамъиятӣ истифода намебаранд;

б) худамонро дар ташвиш мегузоранд;

в) ҳеҷ мушкилӣ ҷой надорад;

г) дигар________________________________________________

**9. Шумо нозири минтақавии милитсияи маҳалли истиқомати худро мешиносед?**

а) ҳа, мешиносам;

б) не, намешиносам;

в) ғоибона, тавассути маълумоти дигарон ва эълонҳои насбшуда;

г) дигар________________________________________________

**10. Ба фикри Шумо, кадоме аз ин омилҳо ба ҳамкории байни милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсири манфии бештар мерасонанд?**

а) муносибати дағалонаи кормандони милитсия;

б) камҳафсалагии кормандони милитсия оиди ҳамкорӣ бо шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо;

в) маоши пасти кормандон;

г) дигар________________________________________________

**11. Ба фикри Шумо, иштироки шаҳрвандон дар иҷрои вазифаҳои мақомоти давлатӣ бо кадом роҳ бояд таъмин карда шавад?**

а) ҳамкории мутақобилаи судманди ниҳоди алоҳидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо кормандони мақомоти давлатӣ;
б) иштироки шаҳрвандон дар иҷрои вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ҳамкорӣ бо онҳо зарурат надорад;
в) бо таъсиси комиссияҳои ҷамъиятии назораткунандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ;
г) дигар________________________________________________________

**12. Оё Шумо боре дар ҳисоботдиҳии нозири минтақавии милитсия дар назди аҳолӣ иштирок намудаед?**

а) бале;
б) не, ягон маротиба иштирок накардаам;
в) нозири минтақавии милитсияи маҳалли зисти мо ягон маротиба дар назди аҳолӣ ҳисобот надодааст;
г) дигар________________________________________________________

**13. Ба фикри Шумо, дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кадом мақомоти давлатӣ нақши калон ва саҳми бештар дорад?**

а) мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
б) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
в) мақомоти корҳои дохилӣ (милитсия);
г) дигар_________________________________________________________

«___» ______________соли 2025

Вазифа ва собиқаи корӣ______________________________________________

**Замимаи 2**

# НАТИҶАИ НАЗАРСАНҶӢ

Аз рӯйи масъалаҳои мубрами дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасишуда дар маҷмуъ дар байни 220 нафар назарсанҷӣ гузаронида шуд. Бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои зарурӣ пурсиш дар байни сокинони шаҳру ноҳияҳои ҶТ ба роҳ монда шуд: дар маҷмуъ 54, 54% сокинони шаҳри Душанбе, 13, 64% вилояти Суғд, 18,19% вилояти Хатлон ва 13, 63% сокинони ВМКБ иштирок намуданд. Дар ин назарсанҷӣ аз тамоми қишри ҷомеа, аз ҷумла, хизматчиёни давлатӣ, шаҳрвандони дорои касбу кори гуногун ва ғайра пурсида шудаанд.

| № | Саволҳо | Натиҷа бо рақам | Натиҷа бо % |
|---|---|---|---|
| 1. | **Аз раванди ислоҳоти милитсия дар ҶТ хабар доред ё не?** | | |
| | а) бале; | 114 | 51,82% |
| | б) на чандон хуб; | 74 | 33,64% |
| | в) не; | 20 | 9,09% |
| | г) дигар | 12 | 5,45% |
| 2. | **Фаъолияти милитсияро айни замон чӣ тавр баҳогузорӣ мекунед?** | | |
| | а) ба таври мусбат тағйир ёфтааст; | 101 | 45,91% |
| | б) ба таври манфӣ тағйир ёфтааст; | 24 | 10,91% |
| | в) ҳеҷ тағйирот намебинам; | 82 | 37,27% |
| | г) дигар | 13 | 5,91% |
| 3. | **Мақсад ва зарурати ислоҳоти милитсияро Шумо дар чӣ мебинед?** | | |
| | а) мутобиқ кардани фаъолияти милитсия ба стандартҳои байналмилалӣ; | 96 | 43,64% |
| | | 27 | 12,27% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | б) барои гузаштан аз милитсия ба политсия;<br>в) баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва маҳорати касбии кормандони милитсия;<br>г) дигар | 83<br><br>14 | 37,72%<br><br>6,37% |
| 4. | **Ба фикри Шумо, шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба милитсия бо кадом роҳҳо ёрӣ мерасонанд?**<br>а) дар якҷоягӣ бо милитсия иштирок кардан дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;<br>б) бевосита мурочиат намудан оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо;<br>в) бетараф набудан ба кирдори ношоями шаҳрвандон ва пешгирӣ намудани онҳо;<br>г) дигар | 78<br>84<br>42<br>16 | 35,45%<br>38,19%<br>19,09%<br>7,27% |
| 5. | **Ба фикри Шумо, фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аъзоёни онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ зарурат дорад?**<br>а) бале;<br>б) зарурат надорад;<br>в) нақш ва мавқеи муҳим доранд онҳо;<br>г) дигар | 127<br>21<br>63<br>9 | 57,73%<br>9,55%<br>28,63%<br>4,09% |
| 6. | **Ба фикри Шумо, ҳамкории ҷомеа бо милитсия ихтиёрӣ аст ё ҳатмӣ?**<br>а) ҳатмӣ;<br>б) ихтиёрӣ;<br>в) дигар | 62<br>142<br>16 | 28,18%<br>64,55%<br>7,27% |
| 7. | **Оё Шумо тайёред, ки ба кормандони МКД дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирӣ аз ҳуқуқвайронкунӣ ёрӣ расонед?**<br>а) бале;<br>б) намехоҳам;<br>в) ҳамкорӣ бо онҳо эътимоднок нест ва дигар | 153<br>13 | 69,54%<br>5,9% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мушкилиҳоро эҷод менамояд;<br>г) дигар | 37<br>17 | 16,83%<br>7,73% |
| 8. | **Барои ҳамкориятон бо кормандони МКД дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кадом омил халал ворид месозад?**<br>а) маълумоти гирифтаашонро ба манфиати ҷамъиятӣ истифода намебаранд;<br>б) худамонро дар ташвиш мегузоранд;<br>в) ҳеҷ мушкилӣ ҷой надорад;<br>г) дигар | 49<br>48<br>114<br>9 | 22,27%<br>21,82%<br>51,82%<br>4,09% |
| 9. | **Шумо нозири минтақавии милитсияи маҳалли истиқомати худро мешиносед?**<br>а) ҳа, мешиносам;<br>б) не, намешиносам;<br>в) ғоибона, тавассути маълумоти дигарон ва эълонҳои насбшуда;<br>г) дигар | 104<br>98<br>14<br>4 | 47,27%<br>44,55%<br>6,36%<br>1,82% |
| 10. | **Ба фикри Шумо, кадоме аз ин омилҳо ба ҳамкории байни милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсири манфии бештар мерасонанд?**<br>а) муносибати дағалонаи кормандони милитсия;<br>б) камҳафсалагии кормандони милитсия оиди ҳамкорӣ бо шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо;<br>в) маоши пасти кормандон;<br>г) дигар | 95<br>67<br>51<br>7 | 43,19%<br>30,45%<br>23,18%<br>3,18% |
| 11. | **Ба фикри Шумо, иштироки шаҳрвандон дар иҷрои вазифаҳои мақомоти давлатӣ бо кадом роҳ бояд таъмин карда шавад?**<br>а) ҳамкории мутақобилаи судманди ниҳоди алоҳидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо кормандони мақомоти давлатӣ;<br>б) иштироки шаҳрвандон дар иҷрои вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ҳамкорӣ бо онҳо зарурат | 146<br>11 | 66,36%<br>5% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | надорад;<br>в) бо таъсиси комиссияҳои ҷамъиятии назораткунандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ;<br>г) дигар | 63<br><br>0 | 28,64%<br><br>0% |
| 12. | **Оё Шумо боре дар ҳисоботдиҳии нозири минтақавии милитсия дар назди аҳолӣ иштирок намудаед?**<br>а) бале;<br>б) не, ягон маротиба иштирок накардаам;<br>в) нозири минтақавии милитсияи маҳалли зисти мо ягон маротиба дар назди аҳолӣ ҳисобот надодааст;<br>г) дигар | 72<br>108<br>35<br><br>5 | 32,73%<br>49,09%<br>15,91%<br><br>2,27% |
| 13. | **Ба фикри Шумо, дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кадом мақомоти давлатӣ нақши калон ва саҳми бештар дорад?**<br>а) мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;<br>б) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;<br>в) мақомоти корҳои дохилӣ (милитсия);<br>г) дигар | 62<br>21<br>135<br>2 | 28,18%<br>9,55%<br>61,36%<br>0,91% |

**Замимаи 3**

**Пурсишнома**

Кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1-и Академияи ВКД ҶТ оид ба асосҳои назариявӣ, ҳуқуқи ва ташкилии ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ тадқиқот мегузаронад. Мо боварӣ дорем, ки омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, назариявӣ ва амалии ин масъала ба таҳияи пешниҳодҳои асоснок ҷиҳати такмили фаъолият ва ноил шудан ба фаъолияти самараноки ҳамкории МКД ҶТ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амалишавии мақсадҳои барномавииислоҳоти милитсияи ҶТ мусоидат мекунад. Мо ба кумаки Шумо барои посух додан ба саволҳои ин пурсишнома ниёз дорем. Маълумоти бадастомада дар шакли умумӣ барои мақсадҳои таҳқиқотӣ истифода мешавад. Пас аз интихоби ҷавобе, ки шумо мехоҳед, онро доира гузоред (ё дар зери он хат кашед).

**1. Ислоҳоти расмии милитсияи давраи соҳибистиқлолӣ аз кадом сол оғоз гардид?**

а) аз давраи оғози истиқлолият (соли 1991);

б) аз давраи қабули Ёддошти тафоҳум байни САҲА ва Ҳукумати ҶТ;

в) аз давраи қабули Стратегияи ислоҳоти милитсия;

г) дигар________________________________________________

**2. Ба инобат гирифтани афкори ҷомеа дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба мазмуни сохтории кадоме аз ин иборахо (падидаҳо) дохил мешавад?**

а) самти асосии фаъолияти милитсия;

б) уҳдадории корманди милитсия;

в) принсипи фаъолияти милитсия;

г) дигар________________________________________________

**3. Мақсад аз ислоҳот гузаронидан дар МКД аз чӣ иборат аст?**

а) ҷалби шаҳрвандон ба ҳамкорӣ ва рушди эътимоди тарафайн;

б) аз милитсия ба политсия гузаштан;

в) баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва малакаи касбии кормандон ва мутобиқ гардонидани фаъолияти милитсия ба стандартҳои байналмилалӣ;

г) дигар ________________________________________________

**4. Шаҳрвандон дар кадом шаклҳо ба милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ёрӣ мерасонанд?**

а) хабар расонидан дар бораи ҳодисаҳои ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо;

б) инфиродӣ ва дастаҷамъона;
в) иштирок дар шуроҳои ҷамъиятии назди милитсия;
г) дигар________________________________________________________________

**5. Зери ибораи иттиҳодияи ҷамъиятӣ чиро мефаҳмед?**

а) гурӯҳи одамон барои иҷрои мақсад ва вазифаҳои хеш;
б) сохтори ҷамъиятии корхона, муассиса ва ташкилот;
в) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ин ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд;
в) дигар________________________________________________________________

**6. Ҳамкорӣ бо ҷомеа барои корманди милитсия ихтиёрӣ аст ё ҳатмӣ?**

а) ҳатмӣ;
б) ихтиёрӣ;
в) ҳатмӣ, агар дар доираи нақша-чорабиниҳо ташкил карда шавад;
г) дигар________________________________________________________________

**7. Ба фикри Шумо, кадоме аз ин омилҳо ба ҳамкории байни милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсири манфии бештар мерасонанд?**

а) ихтиёрӣ будани ҳамкории иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо милитсия;
б) завқ надоштани аъзоёни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои ҳамкорӣ;
в) аз ҷониби кормандони милитсия хуб напазируфтани ҳамкорӣ бо онҳо;
г) дигар________________________________________________________________

**8. Дар назди МКД кадом шуроҳои ҷамъиятӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамоянд?**

а) дастёрони ихтиёрӣ;
б) шуроҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва оид ба ислоҳоти милитсия;
в) барои посух додан душворӣ мекашам;
г) дигар________________________________________________________________

**9. Оид ба фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ (пештар дружиначиёни ихтиёрӣ) чӣ медонед?**

а) барои ёрӣ додан ба кори милитсия таъсис дода мешаванд;
б) барои ёрӣ додан ба кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсис дода мешаванд;
в) аъзоёни он бояд қобилияти пурраи амалкунӣ дошта бошанд, аз ҷумла, шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд;
г) дигар________________________________________________________________

**10. Ба фикри Шумо, назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия бо кадом мақсад амалӣ карда мешавад?**

а) риояи қонуният ва интизоми хизматӣ аз ҷониби кормандони милитсия;
б) ҳамкории самараноки ҷомеа бо милитсия дар пешгирии ҷиноятҳо;
в) аз болои фаъолияти милитсия назорати ҷамъиятӣ бурдан мумкин нест;

г) дигар________________________________________________________

**11. Ба фикри Шумо, таъсис додани сохторе, ки ҳайати он аз ҳисоби намояндагони ҷомеа ва кормандони милитсия пурра гардонида шавад, зарурат вуҷуд дорад ё не?**

а) не, чунки метавонад сирри хизматӣ ошкор гардад;

б) бале;

в) танҳо дар доираи салоҳияти милитсия;

г) дигар________________________________________________________

**12. Оид ба ҳисоботдиҳии милитсия дар назди аҳолӣ маълумот доред ё не?**

а) бале, фақат нозирони минтақавии милитсия дар минтақаи хизматӣ дар назди аҳолӣ ҳисобот медиҳанд;

б) дар назди аҳолӣ аз номи мақомот роҳбарияти ҷузъу томи мақомот ҳисобот медиҳанд;

в) корманди милитсия дар назди аҳолии минтақаи хизматӣ бояд ҳисобот диҳад, аммо кор дар ин самти фаъолият суст ва рӯякӣ ба роҳ монда шудааст;

в) дигар________________________________________________________

**13. Дар оянда ба нақши ҳамкории самараноки милитсия бо ҷомеа чӣ тавр баҳогузорӣ менамоед?**

а) ба коҳишёбии сатҳи содиршавии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ мусоидат менамояд;

б) мушкилоти ҷойдошта бо дарназардошти афкори ҷомеа ва умедвории он ҳал карда мешавад;

в) бояд, ки мушкилот доимо бо салоҳдиди милитсия ҳалли худро ёбанд;

г) дигар________________________________________________________

**14. Оид ба ҳавасмандгардонии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ, ки ҳангоми мусоидат намудан дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ зарар дидаанд, маълумот доред ё не?**

а) бале, онҳо бояд ҳавасманд гардонида шуда, зарари бардоштаашон ҷуброн карда шавад;

б) не, чунки тартиб ва аз кадом воситаҳои молиявӣ ҳавасманд гардонидани аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ муайян нагардидааст;

в) аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ шаҳрвандоне мебошанд, ки қарзи ҷамъиятии худро адо менамоянд, бинобар ин, ба онҳо барои ёрӣ расонидан дар кори мақомот аз ягон сарчашма ҳавасмандгардонӣ муқаррар намегардад;

г) дигар________________________________________________________

**15. Ба фикри Шумо, милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ чӣ нақш дорад?**

а) таъмини тартиботи ҷамъиятӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти милитсия мебошад;
б) бояд фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятиро ҳангоми амалигардонии хизмати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ҳамоҳанг созад;
в) тартиботи ҷамъиятиро дар ҳудуди ҶТ танҳо милитсия таъмин менамояд;
г) дигар_________________________________________________________

«___» _____________соли 2025

Вазифа ва собиқаи корӣ____________________________________________

**Замимаи 4**

## НАТИҶАИ НАЗАРСАНҶӢ

Назарсанҷии дигаре, ки аз рӯйи масъалаҳои мубрами дар доираи таҳқиқоти диссертатсия баррасишуда ба роҳ монда шуд, ин бевосита дар байни ҳайати шахсии кормандони МКД мебошад. Дар маҷмуъ 284 нафар кормандони МКД, алалхусус, кормандони ҷузъу томҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ (Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, шуъбаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва шуъбачаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ) дар назарсанҷӣ иштирок намуданд. Бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои зарурӣ пурсиш дар байни ҳамаи сохторҳои МКД анҷом дода шуд.

| № | Саволҳо | Натиҷа бо рақам | Натиҷа бо % |
|---|---|---|---|
| 1. | **Ислоҳоти расмии милитсияи давраи соҳибистиқлолӣ аз кадом сол оғоз гардид?** | | |
| | а) аз давраи оғози истиқлолият (соли 1991); | 92 | 32,39% |
| | б) аз давраи қабули Ёддошти тафоҳум байни САҲА ва Ҳукумати ҶТ; | 52 | 18,31% |
| | в) аз давраи қабули Стратегияи ислоҳоти милитсия; | 123 | 43,31% |
| | г) дигар | 17 | 5,99% |
| 2. | **Ба инобат гирифтани афкори ҷомеа дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба мазмуни сохтории кадоме аз ин иборахо (падидаҳо) дохил мешавад?** | | |
| | а) самти асосии фаъолияти милитсия; | 135 | 47,54% |
| | б) уҳдадории корманди милитсия; | 59 | 20,77% |
| | в) принсипи фаъолияти милитсия; | 79 | 27,82% |
| | г) дигар | 11 | 3,87% |
| 3. | **Мақсад аз ислоҳот гузаронидан дар МКД аз чӣ иборат аст?** | | |
| | а) ҷалби шаҳрвандон ба ҳамкорӣ ва рушди эътимоди тарафайн; | 57 | 20,07 % |
| | б) аз милитсия ба политсия гузаштан; | 73 | 25,70% |
| | в) баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва малакаи касбии кормандон ва мутобиқ | 146 | 51,41% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | гардонидани фаъолияти милитсия ба стандартҳои байналмилалӣ;<br>г) дигар | 8 | 2,82% |
| 4. | **Шаҳрвандон дар кадом шаклҳо ба милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ёрӣ мерасонанд?**<br>а) хабар расонидан дар бораи ҳодисаҳои ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо;<br>б) инфиродӣ ва дастаҷамъона;<br>в) иштирок дар шуроҳои ҷамъиятии назди милитсия;<br>г) дигар | 163<br>67<br>48<br>6 | 57,39%<br>23,59%<br>16,91%<br>2,11% |
| 5. | **Зери ибораи иттиҳодияи ҷамъиятӣ чиро мефаҳмед**?<br>а) гурӯҳи одамон барои иҷрои мақсад ва вазифаҳои хеш;<br>б) сохторҳои ҷамъиятии корхона, муассиса ва ташкилот;<br>в) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ин ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд;<br>г) дигар | 121<br>58<br>96<br>9 | 42,61%<br>20,42%<br>33,80%<br>3,17% |
| 6. | **Ҳамкорӣ бо ҷомеа барои корманди милитсия ихтиёрӣ аст ё ҳатмӣ?**<br>а) ҳатмӣ;<br>б) ихтиёрӣ;<br>в) ҳатмӣ, агар дар доираи нақша-чорабиниҳо ташкил карда шавад;<br>г) дигар | 124<br>74<br>69<br>17 | 43,67%<br>26,05%<br>24,29%<br>5,99% |
| 7. | **Ба фикри Шумо, кадоме аз ин омилҳо ба ҳамкории байни милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсири манфии бештар мерасонанд?**<br>а) ихтиёрӣ будани ҳамкории иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо милитсия;<br>б) завқ надоштани аъзоёни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои ҳамкорӣ; | 126<br>87 | 44,37%<br>30,63% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | в) аз ҷониби кормандони милитсия хуб напазируфтани ҳамкорӣ бо онҳо;<br>г) дигар | 64<br><br>7 | 22,54%<br><br>2,46% |
| 8. | **Дар назди МКД кадом шуроҳои ҷамъиятӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамоянд?**<br>а) дастёрони ихтиёрӣ;<br>б) шуроҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва оид ба ислоҳоти милитсия;<br>в) барои посух додан душворӣ мекашам;<br>г) дигар | <br>123<br>104<br>39<br>18 | <br>43,31%<br>36,62%<br>13,73%<br>6,34% |
| 9. | **Оид ба фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ (пештар дружиначиёни ихтиёрӣ) чӣ медонед?**<br>а) барои ёрӣ додан ба кори милитсия таъсис дода мешаванд;<br>б) барои ёрӣ додан ба кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсис дода мешаванд;<br>в) аъзоёни он бояд қобилияти пурраи амалкунӣ дошта бошанд, аз ҷумла, шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд;<br>г) дигар | <br>119<br>89<br>71<br>5 | <br>41,90%<br>31,34%<br>25%<br>1,76% |
| 10. | **Ба фикри Шумо, назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия бо кадом мақсад амалӣ карда мешавад?**<br>а) риояи қонуният ва интизоми хизматӣ аз ҷониби кормандони милитсия;<br>б) ҳамкории самараноки ҷомеа бо милитсия дар пешгирии ҷиноятҳо;<br>в) аз болои фаъолияти милитсия назорати ҷамъиятӣ бурдан мумкин нест;<br>г) дигар | <br>95<br>137<br>48<br>4 | <br>33,45%<br>48,24%<br>16,90%<br>1,41% |
| 11. | **Ба фикри Шумо, таъсис додани сохторе, ки ҳайати он аз ҳисоби намояндагони ҷомеа ва кормандони милитсия пурра гардонида шавад, зарурат вуҷуд дорад ё не?** | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | а) не, чунки метавонад сирри хизматӣ ошкор гардад;<br>б) бале;<br>в) танҳо дар доираи салоҳияти милитсия;<br>г) дигар | 89<br>107<br>78<br>10 | 31,34%<br>37,68%<br>27,46%<br>3,52% |
| 12. | **Оид ба ҳисоботдиҳии милитсия дар назди аҳолӣ маълумот доред ё не?**<br>а) бале, фақат нозирони минтақавии милитсия дар минтақаи хизматӣ дар назди аҳолӣ ҳисобот медиҳанд;<br>б) дар назди аҳолӣ аз номи мақомот роҳбарияти ҷузъу томи мақомот ҳисобот медиҳанд;<br>в) корманди милитсия дар назди аҳолии минтақаи хизматӣ бояд ҳисобот диҳад, аммо кор дар ин самти фаъолият суст ва рӯякӣ ба роҳ монда шудааст;<br>в) дигар | 138<br>81<br>60<br>5 | 48,59%<br>28,52%<br>21,13%<br>1,76% |
| 13. | **Дар оянда ба нақши ҳамкории самараноки милитсия бо ҷомеа чӣ тавр баҳогузорӣ менамоед?**<br>а) ба коҳишёбии сатҳи содиршавии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ мусоидат менамояд;<br>б) мушкилоти ҷойдошта бо дарназардошти афкори ҷомеа ва умедвории он ҳал карда мешавад;<br>в) бояд, ки мушкилот доимо бо салоҳдиди милитсия ҳалли худро ёбанд;<br>г) дигар | 134<br>93<br>55<br>2 | 47,18%<br>32,75%<br>19,37%<br>0,7% |
| 14. | **Оид ба ҳавасмандгардонии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ, ки ҳангоми мусоидат намудан дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ зарар дидаанд,** | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **маълумот доред ё не?**<br>а) бале, онҳо бояд ҳавасманд гардонида шуда, зарари бардоштаашон ҷуброн карда шавад;<br>б) не, чунки тартиб ва аз кадом воситаҳои молиявӣ ҳавасманд гардонидани аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ муайян нагардидааст;<br>в) аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ шаҳрвандоне мебошанд, ки қарзи ҷамъиятии худро адо менамоянд, бинобар ин, ба онҳо барои ёрӣ расонидан дар кори мақомот аз ягон сарчашма ҳавасмандгардонӣ муқаррар намегардад;<br>г) дигар | 86<br>158<br>40<br>0 | 30,28%<br>55,63%<br>14,09%<br>0% |
| 15. | **Ба фикри Шумо, милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ чӣ нақш дорад?**<br>а) таъмини тартиботи ҷамъиятӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти милитсия мебошад;<br>б) бояд фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятиро ҳангоми амалигардонии хизмати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ҳамоҳанг созад;<br>в) тартиботи ҷамъиятиро дар ҳудуди ҶТ танҳо милитсия таъмин менамояд;<br>г) дигар | 165<br>95<br>24<br>0 | 58,1%<br>33,45%<br>8,45%<br>0% |

**Замимаи 5**

**Лоиҳа**

**Қонуни**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти давлатӣ»**

Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқӣ, тартиби ташкил ва фаъолияти шуроҳои ҷамъиятиро, ки ба татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ташаккули давлати ба аҳолӣ ҳисоботдиҳанда, таъмини иштироки васеи шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ дар ҳама сатҳҳо нигаронида шудаанд, муайян мекунад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Вазъи ҳуқуқии шуроҳои ҷамъиятӣ

1. Шуроҳои ҷамъиятӣ мақоми намояндагӣ, машваратӣ-мушоҳидавӣ ва назоратӣ мебошанд, ки аз ҷониби вазоратҳо, кумита, хадамот ва идораҳои давлатӣ, мақомоти бевосита тобеъ ва ҳисоботдиҳанда ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, якҷоя бо шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил карда мешаванд.

Ташкили шуроҳои ҷамъиятӣ бо иштироки Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олӣ ва Суди конститутсионӣ, мақомоти амният, прокуратура, Вазорати мудофиа, Бонки миллӣ, Палатаи ҳисоб, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, Кумитаи идораи амволи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ваколатдор оид ба танзим ва назорати молиявӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва дигар мақомоти муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст.

2. Мақомоти машваратӣ, мушоҳидавӣ ва назоратии назди мақомоти давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешаванд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ наметавонанд, ки номи «шурои ҷамъиятӣ»-ро дошта бошанд ва ваколатҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ба таври пурра ба фаъолияти онҳо паҳн намегардад.

3. Шуроҳои ҷамъиятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ташкил карда мешаванд.

4. Шуроҳои ҷамъиятӣ дар ду зина – ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ташкил карда шуда, дар фаъолияти худ худмухтор ва мустақиланд. Ҳамкории байни шуроҳои ҷамъиятӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур амалӣ карда мешавад.

5. Ба шуроҳои ҷамъиятии сатҳи ҷумҳуриявӣ шуроҳои ҷамъиятие, ки дар вазоратҳо, кумита, хадамот ва идораҳои давлатӣ, мақомоти бевосита тобеъ ва ҳисоботдиҳанда ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхона, муассиса ва ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, якҷоя бо шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил карда мешаванд, дохил мегарданд.

6. Ба шуроҳои ҷамъиятии сатҳи маҳаллӣ шуроҳои ҷамъиятие, ки дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо, корхона, муассиса ва ташкилотҳои сатҳи маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, якҷоя бо шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил карда мешаванд, дохил мегарданд.

7. Шумораи намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Шурои ҷамъиятӣ бояд на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои онро ташкил диҳад.

8. Тавсияҳои шуроҳои ҷамъиятӣ барои баррасӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ хусусияти ҳатмӣ дошта, дар қабули қарорҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта мешаванд ва оид ба натиҷаи онҳо ба Шурои ҷамъиятии дахлдор ҷавобҳои асоснок пешниҳод мекунад.

9. Масъулият барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва вазъи кор дар минтақа ё соҳаи дахлдор на бардӯши шуроҳои ҷамъиятӣ, балки бардӯши мақомоти давлатӣ гузошта мешавад.

10. Барои таъмини ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони ӯ дар вилоят, шаҳри Душанбе ва минтақаҳо ё кормандони сохторҳои дигари миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар ҷаласаҳои шурои ҷамъиятие, ки ба салоҳияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд, иштирок мекунанд.

**Моддаи 2. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ**

Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти шуроҳои ҷамъиятиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ташкил медиҳанд.

**Моддаи 3. Мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ**

1. Мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия мебошад, ки дар соҳаи фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ роҳбарӣ, инчунин, ҳамоҳангсозии байнисоҳаро дар соҳаи ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мекунад.

2. Мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ дорои салоҳияти зерин мебошад:

1) дар асос ва амалӣ намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст ва самтҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат, қобилияти мудофиавии он, амният, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд, инчунин, сиёсати давлатиро дар соҳаи фаъолияти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва амалӣ мекунад;

2) ҳамоҳангсозӣ ва таъмини методии фаъолияти шуроҳои ҷамъиятиро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ амалӣ мекунад;

3) қоидаҳои ташкил ва гузаронидани назорати ҷамъиятиро тартиб медиҳад ва тасдиқ мекунад;

4) дар се сол на камтар аз як маротиба то 25 декабри соли ҷорӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди минбаъда ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи миллӣ оид ба фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва пешниҳод мекунад;

5) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ таҳия ва тасдиқ мекунад;

6) ваколати дигареро, ки қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, амалӣ мекунад.

**Моддаи 4. Мақсад ва вазифаҳои шуроҳои ҷамъиятӣ**

1. Мақсади фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ изҳори андешаи ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ мебошад.

2. Вазифаҳои шуроҳои ҷамъиятӣ аз инҳо иборатанд:

1) намояндагии манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷомеа ҳангоми муҳокима ва қабули қарорҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;

2) рушди ҳамкории мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;

3) ташкили назорати ҷамъиятӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.

**5. Принсипҳои фаъолияти шуроҳои ҷамъиятӣ**

Шуроҳои ҷамъиятӣ фаъолияти худро дар асоси принсипҳои зерин амалӣ месозанд:

1) қонуният;
2) афзалияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
3) адолати иҷтимоӣ ва инсондӯстӣ;
4) ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ
5) вобастагӣ надоштан;
6) фаъолияти аъзоёни он дар асоси ихтиёрӣ;
7) мухторият;
8) мустақилият;
9) ошкорбаёнӣ;
10) мубодилаи иттилоот.

**6. Салоҳияти шуроҳои ҷамъиятӣ**

1. Ба салоҳияти шуроҳои ҷамъиятӣ инҳо дохил мешаванд:

1) муҳокимаи лоиҳаҳои барномаҳои буҷетии буҷети барномаҳои маъмурӣ, лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои Низоми давлатии банақшагирии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) муҳокимаи раванди иҷрои барномаҳои буҷетии буҷети барномаҳои маъмурӣ, баррасии натиҷаҳои мониторинги раванди иҷрои ҳуҷҷатҳои Низоми давлатии банақшагирии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) муҳокимаи ҳисоботи мақомоти ҳокимияти иҷроия дар бораи ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсаднок;

4) муҳокимаи ҳисоботи маъмурии барномаҳои буҷетӣ дар бораи иҷрои барномаҳои буҷетӣ, иҷрои нақшаҳои воридот ва хароҷоти пул аз

фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ), дар бораи воридот ва хароҷоти пул аз хайрия;

5) муҳокимаи ҳисобот оид ба натиҷаи мониторинги иҷрои нақшаҳои рушди корхона, муассиса ва ташкилотҳои давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ширкатҳои дорои масъулияти маҳдуд;

6) иштирок дар таҳия ва муҳокимаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон;

7) баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои аҳаммияти иҷтимоии соҳаи дахлдори фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, масъалаҳои такмили идоракунии давлатӣ ва ташкили кори шаффоф дар мақомоти давлатӣ, риояи меъёрҳои одоби касбии хизматии хизматчиёни давлатӣ тибқи Низомномаи намунавии Шурои ҷамъиятӣ;

8) таҳия ва пешниҳод намудани таклифҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

9) тасдиқи низомномаи Шурои ҷамъиятӣ;

10) тибқи шаклҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур амалӣ кардани назорати ҷамъиятӣ;

11) ташкил намудани комиссияҳо оид ба соҳаҳои фаъолият;

12) иштирок дар кори мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ оид ба масъалаҳои танзими муносибатҳои замин тибқи қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон;

13) баррасии лоиҳаи қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи таъсиси минтақаи саноатии дорои аҳаммияти минтақавӣ;

14) дар сатҳи маҳаллӣ шунидани ахбори роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи воҳиди дахлдори марзию маъмурӣ оид ба масъалаҳои таъмини волоияти қонун ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, ба истиснои маълумоте, ки сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшавандаро доро мебошанд.

2. Шурои ҷамъиятӣ аз рӯи натиҷаҳои иҷрои ваколатҳои дар сархатҳои 1), 2), 3), 4), 5), 7), 10), 13) ва 14) қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда ба мақомот ва субъекти дигари дахлдори давлатӣ тавсияҳо пешниҳод менамояд, ки оид ба он аз ҷониби мақомот ва субъекти дигари дахлдори давлатӣ дар давоми як моҳ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб гардонида мешавад.

**Моддаи 7. Ваколати маҷлиси мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба иҷрои вазифаҳои Шурои ҷамъиятӣ**

Вазифаҳои Шурои ҷамъиятиро маҷлиси мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тибқи ваколатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва Қонуни мазкур амалӣ мекунад.

**Моддаи 8. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шуроҳои ҷамъиятӣ ва аъзоёни онҳо**

1. Аъзои шуроҳои ҷамъиятӣ бо мақсади амалӣ кардани ваколатҳои худ ҳуқуқ доранд:

1) дастрасӣ ба мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба масъалаҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 6 Қонуни мазкур;

2) дар чорабиниҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 6 Қонуни мазкур ташкил карда мешаванд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунанд;

3) ба мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои дорои аҳаммияти иҷтимоӣ бо мақсади амалӣ намудани ваколати муқаррарнамудаи Қонуни мазкур муроҷиат кунад;

4) оид ба муайян намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон аз ҷониби Шурои ҷамъиятӣ, ки тартиби он бо Низомномаи намунавӣ дар бораи Шурои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад, таклифҳо пешниҳод кунад;

5) аз мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳуҷҷати тасдиққунандаи вазъи ҳуқуқии аъзои Шурои ҷамъиятиро дастрас намояд;

6) намояндагони мақомоти давлатиро ба ҷаласаҳои Шурои ҷамъиятӣ барои баррасии масъалаҳое, ки ба салоҳияти мақомоти дахлдори давлатӣ тааллуқ доранд, даъват кунад;

7) дар ҳолатҳои зарурӣ мақомоти доимӣ, муваққатӣ ва гурӯҳҳои экспертиро, ки тартиби ташкил ва фаъолияти онҳоро Низомномаи намунавӣ дар бораи Шурои ҷамъиятӣ муайян менамояд, таъсис медиҳад;

8) дар комиссияҳои озмунӣ (тендер ва музояда) оид ба хариди давлатии мақомоти дахлдори давлатӣ, ба истиснои хариди давлатие, ки бо тартиби махсус анҷом дода мешавад, иштирок кунад;

2. Шурои ҷамъиятӣ ва аъзои он дар фаъолияти худ уҳдадоранд:

1) муқаррароти Конститутсия, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Ҳукумат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомнома дар бораи Шурои ҷамъиятиро риоя кунанд;

2) фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо аҳолӣ пеш баранд;

3) дар давоми як сол на камтар аз ду маротиба тавассути ВАО ва ё шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ба аҳолӣ аз фаъолияти Шурои ҷамъиятӣ маълумот диҳанд;

4) ҳисоботи солонаи фаъолияти Шурои ҷамъиятиро дар ВАО интишор намуда, онро дар саҳифаи интернетии фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ҷойгир кунанд;

5) маълумоти шахсиро бе розигии субъекти маълумоти шахсӣ паҳн накунад ва маълумоти аз мақомоти давлатӣ гирифташудае, ки сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшавандаро ташкил медиҳад, ифшо накунад, ба истисноИ маълумоте, ки дастрасии онҳо тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» ва «Дар бораи ҳифзи иттилоот» маҳдуд карда намешавад.

## БОБИ 2. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ ШУРОҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИЯВӢ ВА МАҲАЛЛӢ

**Моддаи 9. Тартиби таъсиси гурӯҳи корӣ оид ба ташкили Шурои ҷамъиятӣ**

1. Шуроҳои ҷамъиятии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ва ҳайати онҳо аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ, ки роҳбарони онҳо аз ҳисоби аъзои гурӯҳҳои корӣ, ки намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд, бо роҳи овоздиҳии кушод тибқи Низомномаи намунавӣ дар бораи Шурои ҷамъиятӣ интихоб карда мешаванд.

2. Намояндагии мақомоти давлатӣ дар гурӯҳи корӣ наметавонад аз се як ҳиссаи шумораи умумии аъзои гурӯҳи корӣ зиёд бошад. Ҳайати шахсии ин намояндагиро роҳбари мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилоти давлатӣ мустақилона муайян менамояд.

3. Намояндагӣ аз ҷомеаи шаҳрвандӣ на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои гурӯҳи кориро ташкил дода, дар асоси пешниҳоди шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тибқи Низомномаи намунавӣ дар бораи Шурои ҷамъиятӣ ташкил карда мешавад.

4. Ҳайати гурӯҳи корӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ аз ҷониби роҳбари мақомоти дахлдори давлатӣ ва дар сатҳи маҳаллӣ аз ҷониби раиси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

5. Тартиби интихоби аъзои гурӯҳи корӣ аз ҷомеаи шаҳрвандӣ, муҳлати баргузории маҷлисҳо, номгӯи ҳуҷҷатҳо, ваколатҳо ва дигар масъалаҳои фаъолияти гурӯҳи корӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи Шурои ҷамъиятӣ ё низомнома дар бораи Шурои ҷамъиятии Фонд муайян карда мешавад.

6. Гурӯҳи корӣ дар асоси Низомномаи намунавӣ дар бораи Шурои ҷамъиятӣ лоиҳаи Низомномаи Шурои ҷамъиятиро таҳия менамояд.

Ҳангоми таҳияи Низомнома дар бораи Шурои ҷамъиятии Фонд талаботи ҳамин қисми модда татбиқ намегардад.

**10. Тартиби ташкили шуроҳои ҷамъиятӣ**

1. Ҳайати шуроҳои ҷамъиятиро гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилоти давлатӣ ва дар асоси озмун аз ҳисоби намояндагони шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тибқи Низомномаи намунавӣ дар бораи Шурои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.

2. Тартиби ташкили ҳайати нави шуроҳои ҷамъиятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин боб ду моҳ пеш аз ба охир расидани муҳлати ваколати ҳайати амалкунандаи шуроҳои ҷамъиятӣ оғоз мегардад.

Аъзои амалкунандаи шуроҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд барои иштирок дар озмун аризаҳои худро бо асосҳои умумии пешбининамудаи моддаи 11 Қонуни мазкур пешниҳод намоянд.

3. Шумораи аъзои Шурои ҷамъиятиро гурӯҳи корӣ муайян менамояд, ки чунин ҳайатро бояд дар бар гиранд:

- дар шуроҳои ҷамъиятии сатҳи ҷумҳуриявӣ – аз понздаҳ то сӣ нафар;
- дар шуроҳои ҷамъиятии сатҳи маҳаллӣ – аз даҳ то понздаҳ нафар.

4. Ба Шурои ҷамъиятӣ аз як шахси ҳуқуқӣ, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошад, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, танҳо як намоянда интихоб шуда метавонад.

5. Як шахс метавонад на бештар аз ду маротиба, пай дар пай узви Шурои ҷамъиятӣ интихоб шавад, аммо дар як вақт аъзои ду ва зиёда Шурои ҷамъиятӣ интихоб гардидани ӯ иҷозат дода намешавад.

6. Эълони озмун аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ ва (ё) маҳаллӣ нашр карда мешавад ва (ё) дар саҳифаҳои интернетии мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо зикри ном, суроға, муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, суроғаи почтаи электронӣ, ки мутобиқи моддаи 11 Қонуни мазкур ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумот барои иштирок дар озмун фиристода мешаванд, ҷойгир карда мешаванд.

7. Гурӯҳи корӣ мутобиқи Низомномаи намунавӣ дар бораи Шурои ҷамъиятӣ ё Низомнома дар бораи Шурои ҷамъиятии Фонд озмунро гузаронида, ҳайати Шурои ҷамъиятиро ташкил мекунад, инчунин, рӯйхати захиравии номзадҳоро ба узвияти Шурои ҷамъиятӣ дар сурати аз ҳайати Шурои ҷамъиятӣ баромадан ё хориҷ шудани аъзои ин ниҳод муайян мекунад.

8. Ҳайати Шурои ҷамъиятиро, ки аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ таъсис дода мешавад, роҳбари мақомот, корхона, муассиса ва ташкилоти дахлдори давлатӣ ва дар сатҳи маҳаллӣ, раиси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ менамоянд ва маълумот оид ба он дар ВАО ва (ё) интишори бахши дахлдори интернетӣ нашр карда мешаванд.

Муҳлати ваколати аъзои интихобшудаи Шурои ҷамъиятӣ се сол мебошад.

9. Шурои ҷамъиятӣ дар бораи интихоби номзадҳо ба аъзогии худ аз рӯйхати эҳтиётии номзадҳо ба узвияти Шурои ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои зерин қарор қабул мекунад:

1) қатъ гардидани ваколати узви Шурои ҷамъиятӣ, ки ҷомеаи шаҳрвандиро намояндагӣ мекунад;

2) зарурати зиёд намудани шумораи аъзои Шурои ҷамъиятӣ бо назардошти ҳайати шуморавие, ки мутобиқи қисми 3 ҳамин модда тавсия шудааст.

Дар ҳолатҳое, ки номзад аз рӯйхати захиравии номзадҳо ба узвияти Шурои ҷамъиятӣ аз аъзо гардидан ба Шурои ҷамъиятӣ саркашӣ намуда, дар рӯйхати захиравии номзадҳо ба узвияти Шурои ҷамъиятӣ номзадҳои дигар вуҷуд надошта бошанд, Шурои ҷамъиятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи намунавӣ дар бораи Шурои ҷамъиятӣ ё Низомномаи Шурои ҷамъиятии Фонд дар бораи гузаронидани озмуни иловагӣ барои интихоби номзадҳо ба узвияти Шурои ҷамъиятӣ қарор қабул мекунад.

10. Ҳангоми қатъ гардидани ваколати узви Шурои ҷамъиятӣ, ки мақомоти давлатиро намояндагӣ мекунад, қарор дар бораи ба ҷойи узви Шурои ҷамъиятӣ, ки ваколаташ қатъ гардидааст, дохил намудани аъзои нави Шурои ҷамъиятӣ аз ҷониби роҳбари мақомот, корхона, муассиса ва ташкилоти дахлдори давлатӣ ва раиси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қабул карда мешавад.

**Моддаи 11. Талабот нисбат ба номзадҳо ба аъзогии гурӯҳи корӣ ва Шурои ҷамъиятӣ**

1. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни ҳаждаҳсола расидааст, инчунин, дар сатҳи маҳаллӣ сокини доимии воҳиди марзию маъмурии дахлдор мебошад, номзад ба аъзогии гурӯҳи корӣ ва Шурои ҷамъиятӣ шуда метавонад.

Номзад ба аъзогии гурӯҳи корӣ ва Шурои ҷамъиятӣ набояд:

1) доғи судӣ дошта бошад ё барои содир намудани ҷиноят қаблан маҳкум гардида, доғи судии ӯ бардошта шудааст ё барҳам хурдааст (ба истиснои ҳолати тибқи қонунгузорӣ аз ҷониби суд баромадани ҳукми сафедкунанда нисбати шахс);

2) дар содир намудани ҷиноят гумонбар ё айбдоршаванда дониста шуда, нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, дар пешбурд қарор дошта бошад;

3) барои содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурии хусусияти коррупсионидошта тибқи тартиби қонунгузорӣ гунаҳгор дониста шуда бошад;

4) дар қайди марказҳои тиббии бемориҳои руҳӣ ва наркологӣ бошад;

5) шаҳрвандии дигар давлатро дошта бошад.

2. Барои иштирок кардан дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) аризаи шаҳрванд ва ё пешниҳоди хаттии ташкилоти ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё дигар ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бораи пешбарии номзад ба узвияти гурӯҳи корӣ ва Шурои ҷамъиятӣ;

2) нусхаи шиноснома;

3) нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи хатми муассисаи таълимии умумии ҳамагонӣ ё муассисаи таҳсилоти олиии касбӣ ва ё миёнаи махсус;

4) маълумот дар бораи фаъолияти касбӣ ва (ё) ҷамъиятии номзад бо нишон додани маълумоти тарҷумаиҳолӣ;

5) маълумотнома дар бораи мавҷуд будан ё набудани доғи судӣ;

6) маълумотнома дар бораи мавҷуд будан ё набудани бемориҳои руҳӣ ё алоқаманд ба истифодаи воситаҳои нашъадор ва модаҳои психотропӣ;

7) розигии номзад ҷиҳати ҷамъоварӣ, коркард, паҳн ва интишори маълумоти шахсӣ нисбати ӯ, ки дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Номзад ба узвият дар гурӯҳи корӣ ва Шурои ҷамъиятӣ маълумотномаҳои дар бандҳои 5) ва 6) қисми дуюми ҳамин модда пешбинишударо мустақилона ё бо розигии хаттӣ ба дархости мақомот,

корхона, муассиса ва ташкилоти дахлдори давлатӣ, ки Шурои ҷамъиятӣ бо иштироки онҳо таъсис дода мешавад, аз системаҳои иттилоотӣ-таҳлилии давлатӣ пешниҳод менамояд.

Аъзои гурӯҳи корӣ оид ба ташкили Шурои ҷамъиятӣ ба озмун барои интихоб ба узвияти Шурои ҷамъиятӣ роҳ дода намешавад.

3. Номзадҳо ба озмун барои интихобот роҳ дода намешаванд, агар яке аз ҳолатҳои зерин ба вуҷуд оянд:

1) ҳолатҳои муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда;

2) пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ва (ё) маълумоти дар қисми 2 ҳамин модда пешбинишуда;

3) пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва (ё) маълумоти дорои иттилооти бардуруғ.

4. Низомнома дар бораи Шурои ҷамъиятии Фонд метавонад талаботи иловагиро нисбат ба номзадҳо ба узвияти Шурои ҷамъиятии Фонд пешбинӣ намояд.

## БОБИ 3. ТАРТИБИ БААМАЛБАРОРИИ ФАЪОЛИЯТИ ШУРОҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

**Моддаи 12. Сохтори ташкилии Шурои ҷамъиятӣ ва ваколатҳои Раёсати он**

1. Мақомоти олии Шурои ҷамъиятӣ маҷлис мебошад.

2. Барои таъмини идоракунии фаврии фаъолияти Шурои ҷамъиятӣ дар давраи ҷаласаҳои он Раёсати Шурои ҷамъиятӣ интихоб карда мешавад. Ба ҳайати Раёсати Шурои ҷамъиятӣ Раиси Шурои ҷамъиятӣ, намояндаи ваколатдори мақомот, корхона, муассиса ва ташкилоти давлатӣ, раисони комиссияҳо ва аъзои алоҳидаи Шурои ҷамъиятӣ дохил мешаванд.

3. Дар ҷаласаҳои Раёсати Шурои ҷамъиятӣ вакилони мақомоти қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви ин Шурои ҷамъиятӣ нестанд, метавонанд иштирок намоянд.

4. Раёсати Шурои ҷамъиятӣ:

1) кори комиссияҳои Шурои ҷамъиятиро ҳамоҳанг месозад;

2) тайёриро ба гузаронидани ҷаласаҳои Шурои ҷамъиятӣ ташкил менамояд;

3) фаъолияти Шурои ҷамъиятиро аз ҷиҳати ташкилӣ ва иттилоотӣ таъмин менамояд;

4) рафти иҷрои тавсияҳои Шурои ҷамъиятиро назорат мекунад.

**Моддаи 13. Ваколати раис ва котиби Шурои ҷамъиятӣ**

1. Раиси Шурои ҷамъиятӣ:

1) фаъолияти Шурои ҷамъиятиро ташкил мекунад;

2) дар маҷлисҳо раисӣ мекунад;

3) аз номи Шурои ҷамъиятӣ ҳуҷҷатҳоро имзо мекунад;

4) фаъолиятро оид ба татбиқи қарорҳои Шурои ҷамъиятӣ ҳамоҳанг месозад;

5) дар маҷлисҳои мақомоти ҷумҳуриявии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо ҳуқуқи овози машваратӣ иштирок мекунад.

Ҳангоми набудани раиси Шурои ҷамъиятӣ иҷрои вазифаҳои ӯ ба яке аз аъзоёни Раёсати Шурои ҷамъиятӣ дода мешавад.

Дар сурати қатъ гардидани ваколати раиси Шурои ҷамъиятӣ то интихоби раиси нав ваколати ӯ бо қарори Шурои ҷамъиятӣ ба яке аз аъзои Раёсат мегузарад.

2. Котиби Шурои ҷамъиятӣ:

1) ҳалли масъалаҳои ташкилии вобаста ба омодагӣ ва гузаронидани ҷаласаҳои Шурои ҷамъиятиро таъмин мекунад;

2) дар Шурои ҷамъиятӣ корҳоро ташкил ва пеш бурда, муҳлатҳои иҷрои қарорҳои Шурои ҷамъиятиро назорат мекунад.

3. Котиби Шурои ҷамъиятӣ узви Шурои ҷамъиятӣ нест.

**Моддаи 14. Ташкили фаъолияти Шурои ҷамъиятӣ**

1. Ҷаласаи якуми Шурои ҷамъиятиро роҳбари гурӯҳи корӣ мекушояд.

Дар ин ҷаласа раиси Шурои ҷамъиятӣ, аъзои Раёсат ва ҳайати комиссияи Шурои ҷамъиятӣ бо овоздиҳии кушод ва бо аксарияти овозҳо интихоб карда мешаванд.

Раиси Шурои ҷамъиятӣ аз ҳисоби аъзои он – ходимони маъруфи ҷамъиятӣ, ки дар хизмати давлатӣ нестанд, интихоб карда мешавад.

2. Шакли асосии кори Шурои ҷамъиятӣ маҷлис мебошад. Ҷаласаи Шурои ҷамъиятӣ дар сурате босалоҳият ҳисобида мешавад, ки дар он на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои он иштирок кунанд.

3. Ҷаласаҳои Шурои ҷамъиятӣ кушода мебошанд. Шарт ва тартиби гузаронидани ҷаласаҳои Шурои ҷамъиятӣ, инчунин, тартиби қабули қарорро низомномаи Шурои ҷамъиятӣ муайян менамояд.

Шарт, муҳлат ва тартиби гузаронидани ҷаласаҳои Шурои ҷамъиятӣ, рӯзномаи ҷаласаҳо, тартиби қабули қарорҳо ва дигар масъалаҳои вобаста ба гузаронидани ҷаласаҳоро Низомномаи намунавии Шурои ҷамъиятӣ муайян менамояд.

4. Шуроҳои ҷамъиятӣ ҳангоми пешбурди фаъолияти худ бо ҳамдигар дар асоси баробарӣ ва шарикӣ амал мекунанд.

5. Аъзои шуроҳои ҷамъиятӣ бо ҳуқуқи овози машваратӣ дар доираи ваколатҳои худ метавонанд дар фаъолияти дигар шуроҳои ҷамъиятӣ иштирок намоянд.

6. Таъмини ташкили фаъолияти Шурои ҷамъиятӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ аз ҷониби мақомот, корхона, муассиса ва ташкилоти дахлдори давлатӣ, ки бо иштироки он Шурои ҷамъиятӣ таъсис дода шудааст, сурат мегирад.

Дар маҳалҳо таъминоти ташкилии фаъолияти Шурои ҷамъиятиро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилоти сатҳи маҳаллӣ, ки Шурои ҷамъиятӣ бо иштироки онҳо таъсис дода шудааст, инчунин, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба амал мебароранд.

Роҳбарони субъектҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ки бо иштироки онҳо Шурои ҷамъиятӣ таъсис дода шудааст, дар мувофиқа ба раиси Шурои ҷамъиятӣ вазифаҳои котиби Шурои ҷамъиятиро тибқи шартномаи меҳнатӣ ба зиммаи корманди Шурои ҷамъиятӣ вогузор карда метавонанд.

**Моддаи 15. Ошкорбаёнии фаъолияти Шурои ҷамъиятӣ**

1. Шурои ҷамъиятӣ ба аҳоли хабар медиҳад, дар бораи:

1) натиҷаҳои ҳамкории он бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ;

2) ҳайати Шурои ҷамъиятӣ;

3) рӯзномаи ҷаласаҳо;

4) қарорҳои қабулгардида;

5) дигар масъалаҳои дорои аҳаммияти ҷамъиятӣ.

2. Маълумот дар воситаҳои ахбори омма интишор карда мешавад ва (ё) дар шабакаҳои дахлдори интернетӣ ҷойгир карда мешавад.

**Моддаи 16. Қатъ гардидани ваколати аъзои Шурои ҷамъиятӣ**

1. Узви Шурои ҷамъиятӣ метавонад бо дархости худ бо пешниҳоди аризаи хаттӣ аз ҳайати он хориҷ шавад.

2. Узви Шурои ҷамъиятӣ метавонад бо қарори Шурои ҷамъиятӣ пеш аз мухлат аз ҳайати он дар ҳолате ки ӯ бо сабаби вазъи саломатӣ ё бо сабабҳои зерин дар кори он иштирок карда натавонистааст, хориҷ карда шавад:

1) дар ҳолати марги ӯ;

2) аз ҷониби суд бедарак ғоиб эътироф гардидан;

3) аз ҷониби суд фавтида эълон гардидан;

4) аз ҷониби суд ғайриқобили амал ё қобилияти маҳдуди амал эътироф гардидан;

5) дар давоми як сол бо сабабҳои беасос зиёда аз се маротиба дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятӣ иштирок накардан;

6) ба хизмати давлатӣ қабул намудани узви Шурои ҷамъиятӣ, ки аз ҷомеаи шаҳрвандӣ интихоб шудааст;

7) дар сурати барҳам хӯрдани ташкилоти ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё дигар ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз он ба Шурои ҷамъиятӣ намоянда интихоб шудааст;

8) дар сурати барҳам хӯрдани мақомот, корхона, муассиса ва ташкилоти давлатии сатҳи ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ, ки аз он ба Шурои ҷамъиятӣ намоянда интихоб шудааст;

9) аз даст додани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10) дар ҳолати ба вуҷуд омадани асосҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 11 Қонуни мазкур.

3. Шурои ҷамъиятӣ дар бораи ба ҳайати Шурои ҷамъиятӣ шомил намудани аъзои нав ба ҷойи шахсе, ки пеш аз қатъ шудани ваколаташ рафтааст ё хориҷ шудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи бандҳои 9 ва 10 моддаи 10 Қонуни мазкур қарор қабул мекунад.

**Моддаи 17. Қатъ гардидани фаъолияти Шурои ҷамъиятӣ**

1. Шурои ҷамъиятӣ фаъолияти худро баъди ба охир расидани муҳлати ваколати дар қисми дуюми банди 8 моддаи 10 Қонуни мазкур пешбинишуда ё дар ҳолати барҳам додани мақоми давлатӣ ё субъекти бахши ғайридавлатие, ки бо иштироки он таъсис ёфтааст, қатъ менамояд.

Ҳангоми азнавташкилдиҳии мақомоти давлатӣ ё субъекти бахши ғайридавлатие, ки Шурои ҷамъиятӣ бо иштироки он таъсис ёфтааст, то тасдиқи ҳайати нави Шурои ҷамъиятии мақомоти давлатӣ ё субъекти бахши ғайридавлатӣ, Шурои ҷамъиятӣ фаъолияти худро идома медиҳад.

2. Ташкили Шурои ҷамъиятӣ дар мақомоти давлатӣ ва субъекти бахши ғайридавлатӣ, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ ташкил шудаанд, мутобиқи Қонуни мазкур амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 4. ТАРТИБИ ИҶРОИ ВАКОЛАТҲОИ ШУРОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР СОҲАИ НАЗОРАТИ ҶАМЪИЯТӢ

**Моддаи 18. Мақсад ва вазифаҳои Шурои ҷамъиятӣ дар соҳаи назорати ҷамъиятӣ**

1. Назорати ҷамъиятиро Шурои ҷамъиятӣ бо мақсади васеъ намудани имконияти иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ амалӣ менамояд.

2. Вазифаҳои назорати ҷамъиятӣ:

1) баланд бардоштани самаранокӣ, ошкорбаёнӣ ва шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

2) татбиқи ташаббусҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба ҳифзи манфиатҳои ҷамъият нигаронида шудаанд;

3) баланд бардоштани сатҳи боварии шаҳрвандон ба фаъолияти давлат ва мақомоти он, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, таъмини робита ва ҳамкории байни ҷомеа ва давлат, пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ;

4) дар раванди муқовимат бар зидди коррупсия ҷалб намудани аҳолӣ.

**Моддаи 19. Мафҳум, объект ва субъекти назорати ҷамъиятӣ**

1. Назорати ҷамъиятӣ фаъолияти субъектҳои назорати ҷамъиятӣ мебошад, ки дар шаклҳои мониторинги ҷамъиятӣ, муҳокимаи ҷамъиятӣ, экспертизаи ҷамъиятӣ ва шунидани ҳисобот оид ба натиҷаҳои кори мақомоти давлатӣ ё субъекти бахши ғайридавлатӣ амалӣ карда мешавад ва ба ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст.

2. Объекти назорати ҷамъиятӣ фаъолияти мақомот, корхона, муассиса ва ташкилоти давлатӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин, фаъолияти субъектони бахши ғайридавлатӣ мебошад.

3. Субъектҳои назорати ҷамъиятӣ шуроҳои ҷамъиятӣ, инчунин, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд, ки аз номи Шурои ҷамъиятӣ баромад менамоянд.

**Моддаи 20. Шаклҳои назорати ҷамъиятӣ**

1. Мониторинги ҷамъиятӣ тартиби назорати ҷамъиятӣ мебошад, ки тибқи он субъектҳои назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти объектҳои назорати ҷамъиятӣ мушоҳида менамоянд.

2. Муҳокимаи ҷамъиятӣ тартиби назорати ҷамъиятӣදониста мешавад, ки бо роҳи гузаронидани маҷлис барои муҳокимаи умумии масъалаҳои дар бандҳои 1), 2), 3), 4) ва 5) қисми 1 моддаи 6 Қонуни мазкур, инчунин, қарорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммияти мақомоти давлатӣ ва масъалаҳои марбут ба соҳаи ҷамъиятӣ нигаронидашуда сурат мегирад.

3. Экспертизаи ҷамъиятӣ тартиби назорати ҷамъиятӣ дониста мешавад, ки дар асоси истифодаи дониш ва (ё) таҷрибаи махсус аз ҷониби субъектҳои назорати ҷамъиятӣ барои тадқиқот, таҳлил ва арзёбии мувофиқати манфиатҳои ҷамъиятӣ дар ҳифзи муҳити зисти барои ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон мусоид, инчунин, рафъи омилҳое, ки ба таъмини амнияти шаҳрвандон, маҳалҳои аҳолинишин ва иншооти истеҳсолӣ таъсири манфӣ мерасонанд, амалӣ карда мешавад.

4. Шунидани ҳисобот дар бораи натиҷаи кори мақомот, корхона, муассиса ва ташкилоти давлатӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин, фаъолияти субъектони бахши ғайридавлатӣ, тартиби назорати ҷамъиятӣ дониста мешавад, ки дар ҷаласаи Шурои ҷамъиятӣ натиҷаҳои фаъолияти субъектони зикршуда оид ба муҳокимаи масъалаҳои дар моддаи 6 Қонуни мазкур пешбинишуда шунида ва муҳокима карда мешавад.

**Моддаи 21. Механизмҳои амалигардонии назорати ҷамъиятӣ**

1. Назорати ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад, тавассути:

1) дастрасӣ ба маълумот дар бораи фаъолияти объекти назорати ҷамъиятӣ мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дастрасӣ ба иттилоот;

2) иштироки аъзои Шурои ҷамъиятӣ ва субъектҳои назорати ҷамъиятӣ дар ҷаласаҳои объектҳои назорати ҷамъиятӣ;

3) ба ҳайати комиссияҳои давлатӣ дохил намудани аъзоёни шуроҳои ҷамъиятӣ;

4) пешниҳоди муроҷиатҳои инфиродӣ ё дастаҷамъии шаҳрвандон, аз ҷумла, дар шакли ҳуҷҷати электронӣ;

5) пешниҳоди дархостҳо;

6) усулҳои дигари аз ҷониби Шурои ҷамъиятӣ муайянгардида, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

**Моддаи 22. Тартиби ташкил ва гузаронидани мониторинги ҷамъиятӣ**

1. Тартиби ташкил ва гузаронидани мониторинги ҷамъиятиро Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд.

2. Мониторинги ҷамъиятӣ бо мақсади муайян намудани оқибатҳои манфӣ барои шаҳрвандон ва поймол кардани манфиатҳои ҷамъият дар натиҷаи аз ҷониби мақомот, корхона, муассиса ва ташкилоти давлатӣ пешниҳод намудани хизматрасониҳои давлатӣ, иҷрои барномаҳои давлатӣ, нақшаҳои стратегӣ ва барномаҳои буҷетӣ, барномаҳои рушди ҳудудҳо, нақша ва барномаҳои рушди корхонаҳои миллии идоракунии давлатӣ ва татбиқи нақшаҳои чорабиниҳои давлатӣ, инчунин, риоя ва иҷрои меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ карда мешавад.

3. Мониторинги ҷамъиятиро аъзои Шурои ҷамъиятӣ, инчунин, намояндагони ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз номи Шурои ҷамъиятӣ анҷом медиҳанд.

4. Ҳангоми гузаронидани мониторинги ҷамъиятӣ аъзои Шурои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд аз мақомот, корхона, муассиса ва ташкилоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин, аз субъектони бахши ғайридавлатӣ, ки объекти назорати ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравcovered, бо тартиб ва асосҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дастрасӣ ба иттилоот маълумоти зарурии марбут ба мавзуи мониторингро талаб намоянд.

5. Аз рӯи натиҷаҳои мониторинги ҷамъиятӣ шахсоне, ки онро гузаронидаанд, хулоса мебароранд, ки он чунин маълумотро дар бар мегирад:

1) маълумот дар бораи оқибатҳои манфӣ барои шаҳрвандон ва поймол кардани манфиатҳои ҷамъият дар натиҷаи пешниҳод намудани хизматрасониҳои давлатӣ:

2) тавсияҳо оид ба рафъи сабабҳо ва шароитҳое, ки ба вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, ҳангоми гузаронидани мониторинги ҷамъиятӣ муайян шудаанд;

3) таклифҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти объектҳои назоратшаванда;

4) таклифҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои дохилиидоравию ҳуҷҷатҳои дохилии объектҳои назоратшаванда.

6. Шурои ҷамъиятӣ дар асоси хулосаи мониторинги ҷамъиятӣ тавсияҳоро қабул намуда, ба мақомот, корхона, муассиса ва ташкилоти дахлдори давлатӣ ва субъектҳои бахши ғайритиҷоратӣ мефиристад.

**Моддаи 23. Тартиби ташкил ва гузаронидани муҳокимаи ҷамъиятӣ**

1. Тартиби ташкил ва гузаронидани муҳокимаи ҷамъиятиро Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд.

Муҳокимаи ҷамъиятиро Шурои ҷамъиятӣ дар муҳлатҳои мувофиқашуда бо объектҳои назорати ҷамъиятие, ки бо иштироки онҳо Шурои ҷамъиятӣ таъсис дода шуда, дар бандҳои 5 ва 6 моддаи 1 Қонуни мазкур пешбинӣ гардидаанд, мегузаронад.

2. Тартиби ташкил ва гузаронидани муҳокимаи ҷамъиятӣ бояд инҳоро дар бар гирад:

1) дар бораи вақт ва ҷойи баргузории муҳокима тавассути воситаҳои ахбори омма ва (ё) даъватномаҳои хаттӣ на дертар аз даҳ рӯзи тақвимӣ то рӯзи баргузории он ба иштирокчиёни муҳокимаи ҷамъиятӣ хабар дода мешавад;

2) Шурои ҷамъиятӣ бо лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои ба муҳокимаи ҷамъиятӣ пешниҳодшаванда на дертар аз даҳ рӯзи тақвимӣ то рӯзи баргузории муҳокима шинос мешавад;

3) чораҳои дигари таъмини иштирок дар муҳокимаи ҷамъиятӣ андешида мешаванд;

4) протоколи ниҳоии муҳокимаи ҷамъиятӣ, аз ҷумла, асосноккунии қарорҳои қабулшуда интишор карда мешаванд.

4. Муҳокимаи ҷамъиятӣ бо ташаббуси аъзои Шурои ҷамъиятӣ гузаронида мешавад.

5. Дар рафти муҳокимаи ҷамъиятӣ протокол тартиб дода мешавад, ки дар он қайд карда мешавад:

1) вақт ва ҷойи гузаронидани муҳокимаи ҷамъиятӣ;

2) шумораи ҳозирин;

3) насаб, ном ва номи падари раис ва котиби муҳокимаи ҷамъиятӣ;

4) рӯзномаи муҳокима ва мазмуни баромадҳо.

6. Аз рӯи натиҷаи муҳокимаи ҷамъиятӣ протоколи ҷамъбастӣ қабул карда мешавад, ки ба он раис ва котиби муҳокимаи ҷамъиятӣ имзо мегузоранд.

7. Протоколи ҷамъбастӣ дар ҳолате қабулшуда ҳисобида мешавад, ки ба тарафдории он зиёда аз нисфи аъзои Шурои ҷамъиятӣ овоз дода бошанд.

8. Протоколи ниҳоии муҳокимаи ҷамъиятӣ бояд чунин мазмунро дар бар гирад:

1) маълумот дар бораи вазъи риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомот, корхона, муассиса, ташкилоти давлатӣ, шахсони мансабдори онҳо ва субъектони бахши ғайритиҷоратӣ;

2) тавсияҳо оид ба рафъи сабаб ва омилҳое, ки ба поймолкунӣ ё маҳдудкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд ва дар рафти муҳокимаи ҷамъиятӣ муайян шудаанд;

3) таклифҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои дохилиидоравию ҳуҷҷатҳои дохилии объектҳои назоратшаванда.

9. Тавсияҳое, ки дар асоси протоколи ҷамъбастӣ қабул шудаанд аз ҷониби раиси Шурои ҷамъиятӣ ба субъектҳои зерин ирсол карда мешаванд:

1) мақомоти давлатӣ, субъектҳои бахши ғайритиҷоратӣ ва субъектҳои дигаре, ки фаъолияти онҳо мавриди муҳокимаи ҷамъиятӣ қарор дода шудааст;

2) субъектҳои назорати ҷамъиятӣ;

3) мақомоти давлатӣ ва субъектҳои дигари ҳуқуқ, ки ваколати назорати фаъолияти объекти назоратшавандаро ҷиҳати андешидани тадбирҳо доро мебошанд;

4) воситаҳои ахбори омма.

10. Талаботи ҳамин модда нисбат ба муносибатҳои марбут ба фаъолияти Шурои ҷамъиятии Фонд татбиқ намегардад.

**Моддаи 24. Тартиби ташкил ва гузаронидани экспертизаи ҷамъиятӣ**

1. Экспертизаи ҷамъиятӣ бо супориши Шурои ҷамъиятӣ, ки дар ҷаласаи он бо қарори дахлдор қабул шудааст, аз ҷониби комиссияҳои экспертии аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсисёфта гузаронида мешавад.

Лоиҳаҳои қарорҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҳифзи муҳити зист барои ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, рафъи омилҳое, ки ба таъмини амнияти шаҳрвандон, маҳалҳои аҳолинишин ва иншооти истеҳсоли таъсири манфӣ мерасонанд, инчунин, лоиҳаҳои санадҳои дохилиидоравии танзими фаъолияти корхона, муассиса ва ташкилоти давлатӣ оид ба кор ва хизматрасонӣ ба шаҳрвандон, объектҳои экспертизаи ҷамъиятӣ мебошанд.

2. Ташаббускорони экспертизаи ҷамъиятӣ шахсони воқеӣ ва (ё) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои

ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд (ба истиснои воҳидҳои сохтории ташкилотҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ), ки ба Шурои ҷамъиятӣ дархости дахлдор пешниҳод мекунанд.

3. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дигар мавзуъҳо, асосҳо, тартиби ташкил ва гузаронидани экспертизаи ҷамъиятиро муайян кунанд.

4. Талаботи ҳамин модда нисбат ба муносибатҳои марбут ба фаъолияти Шурои ҷамъиятии Фонд татбиқ намегардад.

**Моддаи 25. Тартиби ташкил ва гузаронидани шунидани ҳисобот дар бораи натиҷаҳои кор**

1. Ба шунидани ҳисобот оид ба натиҷаҳои кор ҳисоботи роҳбари якуми мақомоти давлатии сатҳи ҷумҳуриявӣ, воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ дар сатҳи маҳалҳо, раиси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, роҳбари корхона, муассиса ва ташкилоти давлатӣ, раиси Шурои ҷамъиятӣ дар сатҳи вилоятҳо, шаҳри душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин, роҳбарони субъектҳои бахши ғайритиҷоратӣ дохил гардида, муҳокимаи масъалаҳои дар моддаи 6 Қонуни мазкур пешбинишударо дар бар мегирад.

2. Ҳангоми шунидани ҳисобот дар бораи натиҷаи кор протокол тартиб дода мешавад, ки дар он маълумоти зерин сабт карда мешаванд:

1) сана ва ҷойи шунидани ҳисобот;

2) ҳайат ва шумораи ҳозирин;

3) насаб, ном, номи падари шахсони мансабдоре, ки суханронӣ кардаанд;

4) рӯзномаи шунидани ҳисобот, мазмуни маърӯзаҳо ва нуқтаҳои асосии дигари иброзгардида.

3. Аз рӯи натиҷаҳои шунидани ҳисобот қарор қабул карда мешавад, ки мазмуни зеринро доро мебошад:

1) арзёбии фаъолияти мақомот ва субъектҳои дигари назоратшаванда (ҳисоботдиҳанда) ва шахсони мансабдори онҳо аз рӯи масъалаҳое, ки ба салоҳияташон дохил мешаванд;

2) тавсияҳо оид ба рафъи сабаб ва омилҳое, ки ба ба поймолкунӣ ё маҳдудкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд ва ҳангоми шунидани ҳисобот муайян шудаанд;

3) пешниҳодҳо оид ба такмили фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектҳои дигаре, ки ҳисоботи онҳо шунида шудааст.

4. Ҳисобот ҳангоме қабулшуда эътироф мегардад, ки агар ба тарафдории он зиёда аз нисфи иштироккунандагони маҷлис овоз дода бошанд.

**Моддаи 26. Назорат оид ба риояи талаботи муқаррарнамудаи қонуни мазкур**

Назорат оид ба риоя ва иҷрои талаботи Қонуни мазкур аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 27. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 28. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

**Замимаи 6**

**Лоиҳа**

# НИЗОММОМА

**дар бораи тартиби суғуртаи шахсии хатмии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ ва ҷуброни зарари ба саломатӣ ва молу мулки онҳо расонидашуда**

1. Низомномаи мазкур тартиби суғуртаи ҳатмии шахсии аъзоёни дастёрони ихтиёриро дар ҳолати марг (ҷароҳати марговар), маъюб шудан, захм бардоштан, беморӣ, контузия гирифтан, осеб дидан ва ҷуброни зарари ба молу мулки онҳо расидаро вобаста ба иҷрои вазифаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ муайян мекунад.

2. Суғуртаи ҳатмии шахсии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ аз ҳисоби буҷетҳои дахлдори маҳаллӣ ё аз ҳисоби шахсони ҳуқуқие, ки дастёрони ихтиёриро таъсис додаанд, амалӣ карда мешавад.

3. Ташкилоти давлатии суғуртавӣ маблағи суғуртаро барои суғуртаи ҳатмии шахсии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ ҳангоми ба амал омадани ҳодисаҳои суғуртавие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ба андозаи муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузорӣ пардохт менамояд.

4. Дар сурати ба ҳаёт ва саломатӣ ё молу мулки аъзои дастёри ихтиёрӣ расидани зарар, аз ҷумла, аз ҳаёт маҳрум гардидан, ба худкушӣ расонидан, ҷароҳат бардоштан, несту нобудшавии молу мулк, ки ба содир намудани кирдори ғайриқонунии ӯ ё вобаста ба ҳолати мастии ӯ аз натиҷаи истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор ё токсикӣ алоқамандӣ доранд, маблағи суғурта пардохт карда намешавад.

5. Пардохти маблағи суғурта дар асоси аризаи хаттии шахсе, ки ҳуқуқи гирифтани онро дорад амалӣ карда мешавад, ки бо ариза ҳуҷҷатҳои зерини бо тартиби муқарраршуда тасдиқгардида, замима карда мешавад:

5.1. нусхаи қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти роҳбарикунандаи шахси ҳуқуқӣ дар бораи таъсиси дастёрони ихтиёрӣ;

5.2. иқтибос аз қарори мақомоти роҳбарикунандаи дастёрони ихтиёрӣ дар бораи ба аъзогии дастёрони ихтиёрӣ қабул кардани шахси суғурташаванда;

5.3. хулосаи комиссияи экспертии ташхиси тиббӣ-тавонбахшӣ;

5.4. маълумотнома дар бораи фавт, (ҷароҳати марговар), маъюб шудан, захм бардоштан, беморӣ, контузия гирифтан, осеб дидан ва зарари молумулкӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои вобаста ба иштирок дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ки аз ҷониби намояндагони ваколатдори мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва шахси ҳуқуқӣ тартиб дода шудааст;

5.5. хулосаи (нусхаи хулосаи) экспертизаи давлатии тиббӣ-судӣ дар бораи марг, (ҷароҳати марговар), маъюб шудан, захм бардоштан, беморӣ, контузия гирифтан ва осеб дидан.

6. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки бо қарори онҳо дастёрони ихтиёрӣ таъсис дода мешаванд, вазифадоранд ба узви суғурташудаи дастёрони ихтиёрӣ ва аъзои оилаи суғурташудаи фавтида дар барасмиятдарорӣ ва гирифтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои пардохти маблағи суғурта ёрӣ расонанд.

7. Суғурташавандагон баъди ба амал омадани ҳодисаҳои суғурта дар давоми даҳ рӯз аз рӯзи ба ташкилоти давлатии суғуртавӣ пешниход кардани ҳисобнома-фактураҳо аз рӯи маблағи ҳисобшудаи пардохт бо дарназардошти хароҷоти гузаронидани суғурта ба андозаи шаш фоизи ин маблағҳо онҳоро ба суратҳисоби ҳамин ташкилоти суғурта мегузаронанд.

8. Дар сурати фаро расидани ҳодисаи суғурташаванда маблағи суғуртаро ташкилоти давлатии суғуртавӣ дар маҳалли истиқомати суғурташаванда ва дар сурати фавти суғурташуда - дар маҳалли истиқомати аъзои оилаи фавтида ё шахсони дар парастории ӯ

қарордошта бо роҳи гузаронидани маблағи суғурта ба пасандози бонкӣ ба номи қабулкунанда пардохт мекунад.

Пардохти маблағи суғуртавӣ ба ноболиғ ё шахси ғайри қобили амал будан (қисман ғайри қобили амал будан) танҳо бо роҳи гузаронидани маблағи суғурта ба бонки маҳалли иқомат ба пасандоз ба номи ӯ ва дар як вақт огоҳ намудани мақомоти васояту парасторӣ анҷом дода мешавад.

9. Ҳисоби маблағҳои суғуртавӣ тибқи талаботи банди 3 ҳамин Низомнома дар асоси арзиши маблағи асосие, ки дар рӯзи фаро расидани ҳодисаи суғурта амал мекард, сурат мегирад.

10. Пардохти маблағи суғурта аз тарафи ташкилоти давлатии суғуртавӣ дар давоми ҳафт рӯзи баъди гирифтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва аз ҷониби суғурташавандагон гузаронидани маблағ анҷом дода мешавад.

Барои сари вақт напардохтани маблағи суғурта бо гунаҳгории ташкилоти давлатии суғуртавӣ ба шахси суғурташуда ё ба аъзоёни оилаи ӯ барои ҳар як рӯзи таъхир ба андозаи муқаррарнамудаи Вазорати молия ҷарима супорида мешавад.

Дар сурати даст кашидан аз додани маблағи суғурта, ташкилоти давлатии суғуртавӣ дар мухлати ҳафт рӯз шахси суғурташуда ё аъзоёни оилаи ӯро бо нишон додани сабабҳои рад ба таври хаттӣ хабар медиҳад.

11. Даъво дар бораи додани маблағи суғурта ба шахси суғурташуда ё аъзои оилаи ӯ, ки пас аз се соли аз рӯзи фаро расидани ҳодисаи суғурта ба ташкилоти давлатии суғуртавӣ пешниҳод шудааст, қонеъ гардонида намешавад.

12. Зараре, ки ба молу мулки ба аъзои дастёрони ихтиёрӣ тааллуқдошта бо роҳи вайрон кардан ё несту нобуд кардани он вобаста ба иҷрои вазифаҳои иштирок дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ расонида шудааст, бояд ба шахсони мазкур аз ҳисоби буҷетҳои дахлдори маҳаллӣ ё буҷетҳои дахлдори шахсони ҳуқуқие, ки дастёрони ихтиёриро таъсис додаанд, бо шарти минбаъд гирифтани чунин маблағҳо аз шахсони гунаҳгор, пардохт карда шаванд.

**Замимаи №7**

**Лоиҳа**

**1.** Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, №258 тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад:

1.1. «**Моддаи 5 (1). Самтҳои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрвандон, ташаккули фаъолият ва ташаббусҳои онҳо; қонеъ гардонидани манфиатҳои касбӣ ва ҳаваскорон; инкишоф додани эҷодиёти илмию техникӣ ва бадеӣ; ҳифзи ҳаёт ва саломатии одамон, ҳифзи муҳити табиӣ; иштирок дар муқовимат бо ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ; иштирок дар корҳои хайриявӣ; гузаронидани корҳои фарҳангию маърифатӣ, варзишӣ ва солимгардонӣ; ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ; тарбияи ватандӯстӣ, ҳуқуқӣ ва инсонпарварӣ; вусъат ва мустаҳкам намудани ҳамкории байналмилалӣ, иҷрои дигар фаъолиятҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъсис дода шуда, фаъолият менамоянд.».

1.2. Мафҳуми «ташкилоти ҷамъиятӣ», ки дар моддаи 8 Қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст, дар таҳрири: «1. Ташкилоти ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки чун қоида, дар асоси узвияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ таъсис ёфта, барои фаъолияти якҷояи шаҳрвандони муттаҳидшуда ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ба даст овардани мақсадҳои оинномавӣ таъсис дода шудааст.».

1.3. Ба қисми якуми моддаи 24 Қонуни мазкур зербанди сездаҳум дар таҳрири: « - дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми баргузории чорабиниҳои оммавӣ иштирок намуда, оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ба мақомоти давлатӣ мусоидат намояд;».

1.4. «**Моддаи 24 (1). Кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

1. Кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва намояндагони он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба мақомоти давлатӣ дар иҷрои вазифаҳои давлатӣ, аз ҷумла, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ мусоидат намудаанд, метавонанд, ки бо намудҳои зерини ҳавасмандгардонӣ мушарраф ва қадрдонӣ карда шаванд:

- изҳор намудани миннатдорӣ;
- сарфароз намудан бо ифтихорнома;
- мукофоти пулӣ;
- тухфаи қиматнок;
- овехтани сурати шахсӣ дар лавҳаи фахрӣ;
- имтиёз барои қабул ба кор дар дар сафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таҳсил дар муассисаҳои таълимии тобеи онҳо;
- рухсатии меҳнатии иловагӣ ба муҳлати аз 3 то 5 шабонарӯз, нисбати шаҳрвандоне, ки дар ин ё он корхона, муассиса ва ташкилот кору фаъолият менамоянд;
- роҳхат барои истироҳат дар санатория ва ё дигар истироҳатгоҳҳо;
- кортҳои имтиёзноки истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ ҳангоми баамалбарории уҳдадории ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ;
- намудҳои дигари ҳавасмандгардонӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.».

**2.** Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, №41 тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад:

2.1. «**Моддаи 6. Иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, корхонаю ташкилотҳо ва шаҳрвандон дар иҷрои вазифаҳои милитсия**

Милитсия вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кормандони ғайриштатии милитсия ва шаҳрвандон иҷро мекунад.

Корхонаю муассиса ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон вазифадоранд ба милитсия ҳангоми муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат зидди ҷинояткорӣ кӯмак расонанд.

Бо мақсади пешгирӣ ва ошкор кардани ҷинояткорӣ шаҳрвандон метавонанд ба таври махфӣ бо мақомоти милитсия мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ кунанд.

Ҷалби маҷбурии шаҳрвандон барои ҳамкорӣ кардан бо милитсия манъ аст.

Маълумот дар бораи шаҳрвандоне, ки ба милитсия кумаки махфӣ мерасондаанд ё мерасонанд, танҳо бо розигии онҳо ошкор карда мешавад. Дар сурати мавҷудияти маълумоти кофӣ дар бораи таҳдиди хатар ба шахсони мазкур бинобар иштирок доштанашон дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин, ба аъзои оила ё хешовандони наздики онҳо мақомоти милитсия вазифадор аст барои ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф ва амволи ин шахсон, муайян намудани сарчашмаҳои таҳдид ва ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон тадбирҳои зарурӣ андешад.

2.2. **Моддаи 6 (1). Мақомоти давлатии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

Мақомоти давлатии таъмини тартиботи ҷамъиятиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия, Агентии назорати маводи нашъаовар, Гвардияи миллӣ, Хадамоти гумрук, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, Кумитаи андоз ва мақомоти дигари таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд, ки дар асоси қонун амал мекунанд.

Таъмини тартиботи ҷамъиятӣ барои тамоми мақомоти дигари давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи салоҳияти муқарраршудаи онҳо, ҳатмӣ мебошад.

Милитсия дар иҷрои вазифаҳои худ метавонад бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ бо тартиби дар Қонуни мазкур ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ҳамкорӣ кунад.

2.3. **Моддаи 6 (2). Ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

Фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектони дигари таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҷиҳати иштироки онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шароитҳои муқаррарӣ, ҳангоми баргузории чорабиниҳои оммавӣ ва шароитҳои махсуси хусусияти криминогенидошта аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ҳамоҳанг карда мешавад.

Ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ Нақша-чорабиниҳои якҷояи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таҳия карда шуда, аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ тасдиқ карда мешавад.».

**3.** Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 22 июни соли 2023, №1969 тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад:

3.1. Ба қисми сеюми моддаи 5 зербанди нав дар таҳрири: «1) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, иттиҳодияҳои ҷамъиятии дар самти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияткунанда;».

3.2. Ба моддаи 5 қисми 4 дар таҳрири: «4. Иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии зикршуда дар асоси барасмиятдарории ҳамкорӣ амалӣ гардида, қонун иштироки инфиродӣ ва дастаҷамъонаи шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бе барасмиятдарории ҳамкорӣ кафолат медиҳад».

3.3. Ба қисми якуми моддаи 25 зербандҳои 5), 6), ва 7) дар таҳрири: «5) рухсатии меҳнатии иловагӣ ба муҳлати аз 3 то 5 шабонарӯз, нисбати шаҳрвандоне, ки дар ин ё он корхона, муассиса ва ташкилот кору фаъолият менамоянд; 6) роҳхат барои истироҳат дар санатория ва ё дигар истироҳатгоҳҳо; 7) кортҳои имтиёзноки истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ ҳангоми баамалбарории уҳдадории ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ;».

**4.** Ба Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ аз 13 феврали соли 2024, №60 тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад:

4.1. Банди 55 дар таҳрири: «55. Мақомоти корҳои дохилӣ дар ташкили фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дорои вазифаҳои зерин мебошад:

- муҳайё намудани шароит барои ташкили дастёрони ихтиёрӣ, инкишофи ҳамкорӣ бо онҳо ва фаъол гардондани фаъолияти онҳо дар соҳаи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

- роҳнамоии методии кормандоне, ки барои амалисозии ҳамкорӣ бо дастёрони ихтиёрӣ масъул мебошанд;

- дар якҷоягӣ бо дастёрони ихтиёрӣ муайян намудани мушкилоти асосии минтақаи хизматӣ, ки ба вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат карданашон мумкин аст ва оид ба ҳалли онҳо ба таври ҳатмӣ ба инобат гирифтани фикри аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ;

- муайян намудани талаботи сокинони минтақаи аҳолинишин ва аз рӯи он ба роҳ мондани фаъолияти якҷоя бо дастёрони ихтиёрӣ ҷиҳати ҳалли масъала.».

**5.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 31 декабри соли 2008, №455 моддаи 482 (1) дар таҳрири зерин илова карда шавад:

**«Моддаи 482 (1). Мурочиат ва (ё) истифодабарӣ аз хизматрасонии сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин**

1. Барои мурочиат ва (ё) истифодабарии хизматрасонии сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин, инчунин, мурочиат тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, шабакаи интернет,

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ ва ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ, такроран содир намудани кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда,

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист ва ба шахсони мансабдор аз бист то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.».